Вазъи таълуму тарбияи насли наврас аз масъалаҳои муҳимму мубрами рӯз мебошад. Тазодҳои бешумори дунёи муосир ва ҷараёни ҷаҳонишавии тамаддунҳо ба мафкураи насли наврас бетаъсир намондааст ва мо- аҳли маорифро зарур аст, ки барои дар рӯҳияи арзишҳо ва ахлоқи ҳамидаи миллӣ ва дар рӯҳияи ватандӯстӣ тарбия намудани фарзандон тамоми малакаву маҳорат ва донишу маърифати худро равона намоем.

Дар кишвари мо илму маориф ба як рукни муҳимми иҷтимоӣ табдил ёфта, ҳамчун ҷавҳари ҳастии миллат эътироф гардидаанд, зеро ин падидаҳои бузурги башарӣ дар ташаккули маънавии ҷомеъа хизмат намуда, дар тарбияи насли наврас, шинохти асолати таърихӣ, густариши эҳсоси ватандорӣ ва худшиносию худогоҳии миллӣ таъсири амиқ мегузоранд.

Воқеан, аз баракати Истиқлоли давлатӣ имрӯз ҷаҳонбинии ҷавонон куллан тағийр ёфта, сатҳи одобу маърифат ва муносибати онҳо ба зиндагӣ, иштироки онҳо дар корҳои давлату ҷамъият зиёд шудааст.

Муҳаққиқони ҷавон барои ободии Ватан, рушду нумӯи соҳаҳои ҳаётан муҳим, суботу оромии кишвар ва ояндаи дурахшони Тоҷикистон сидқан хизмат намоянд.

Имрӯзҳо ҳазорҳо ҷавонони муваффақи кишвар дар соҳаҳои мухталифи илм дар риштаи бакалавр, магистр,  унвонҷӯ-муҳаққиқ, доктор PHD фаъолияти илмию таҳқиқотӣ намуда, масъалаҳои дархурӣ ҷомеаи имрӯзаро мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода истодаанд.

Бо  шарофати Истиқлоли давлатӣ дар кишвари мо барои баланд бардоштани маърифати бадеии шаҳрвандон ва махсусан ҷавонон бунёди осорхонаҳои типи муосир тармиму таъмир гардида, ҷойгоҳи тамошои ҳазорон нафар шаҳрвандони  ҷумҳурӣ ва меҳмонони дохил ва хориҷӣ  гардидааст.

Файласуфи барҷастаи фаронсавӣ Волтер гуфта буд: «Дилам ба ҳоли он миллате месӯзад, ки ба буҳрони маънавӣ гирифтор аст». Новобаста аз пешрафту дастовардҳо ва ихтирою кашфиёташ,  Ғарб  имрӯз аз косташавии ахлоқи  насли ҷавони худ  дар хатар аст. Костагии ахлоқ ҳама гуна давлати муқтадирро  ҳам ба завол мерасонад.

Дар замони  ҷаҳонишавӣ ҷавонони кишварро мебояд, ки ҳушёрию зиракиро аз даст надиҳанд. Қабл аз ҳама, насли наврасро бояд дар рӯҳияи худшиносию  худогоҳии миллӣ тарбият намоем. Ба он бояд муваффақ  гардем, ки хонандагони мактаб вақтҳои холигиашонро

ба варзиш, тамошои Осорхона ва театру филмҳои баландмазмуни хусусияти тарбиявидошта бахшанд. Ба ин васила, мо метавонем мафкураи насли нави худро аз таъсири фарҳангҳои бегона эмин нигоҳ дорем. Ҷавонон идомадиҳандаи суннатҳои таърихиву фарҳангии қадимии миллати худ, сарчашмаи ташаббусҳои бузург, манбаи ғояҳои наву эҷодии имрӯзуояндаи Тоҷикистони соҳибистиқолол мебошанд.

Аз ин рӯ, дар чунин вазъияту шароит ҳифз ва нигоҳдошти арзишҳои таърихию фарҳангии миллӣ аз вазифаҳои муҳим ва аввалиндараҷаи давлат ва ҷомеа маҳсуб миёбад. Ин аст, ки имрӯз ҷавонони тоҷик аз нуфузи арзишҳои пешқадами фарҳангию маънавӣ ва дастовардҳои беназири илмию техникии давлатҳои пешрафта, ба вижа, технологияи муосири коммуникатсионӣ ва амсоли ин истиқбол менамоянд, мекӯшанд, ки ҳарчи бештар аз дастовардҳои мамлакатҳои мутамаддин бархӯрдор бошанд ва худ низ дар ин ҷараён саҳмгузор бошанд.

Нақши осорхона дар рӯшан гардидани тафаккури солими насли даврони истиқлол хеле муассир аст.

Ҷавонон ва насли нав барои тақдири имрӯзуояндаи давлату миллат, рушду ободии миллат, дар арсаи ҷаҳон миёни давлатҳои мутамаддин мақоми баланд касб намудани Тоҷикистон масъулияти ҷиддиро ба дӯш доранд. Аз ин рӯ, барои хубу мукаммал дарк ва шинохти таърихи Ватану миллат, моро мебояд, соҳаи омӯзиши фарҳангро қавӣ гардонида, нақши миллатофарини ӯро дар андешаву афкори насли наврас бедор созем.

**АДАБИЁТ**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои Миллат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикстон 22.12.2016. Душанбе: «Шарқи Озод», 2016.- 63 с.
2. Мероси Ниёгон Душанбе «Дониш»- и АМИ Тоҷикистон №22 2020. 134-135 с.
3. Эмомали Раҳмон- Пешвои миллат- Душанбе: Маориф, 2016.- 414с
4. Эмомалӣ Раҳмон. Фарҳанг ҳасти миллат аст. – Душанбе: матбуот, 2001.- 37с.
5. Ҳисоботи омории Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе -2020.


УДК 802.0:677

## ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ МЕТОДЫ ПОДГОТОВКИ ИНЖЕНЕРОВ-ТЕХНОЛОГОВ ТЕКСТИЛЬНОЙ ПРОМЫШЛЕННОСТИ С УГЛУБЛЕННЫМ ИЗУЧЕНИЕМ АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА


***ГУЛМАДОВ Файз*** *– доктор педагогических наук, заведующий отделом педагогики и современного образования Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. А. Адхамов, 11/2.* ***E-mail:*** *gulmadov53@mail.ru,* ***тел.:*** *+ (992) 919 63 67 34*

***КУРБОНЗОДА Бобохон Давлат*** *– кандидат технологических наук, доцент кафедры технология легкой промышленности и дизайна Института технологий и инновационного менеджмента в городе Куляб, г. Куляб, ул. Борбад.* ***E-mail:*** *bobohon-k@mail.ru.*

***АБДУЛЛОЗОДА Хабибулло Абдулло*** *– старший преподаватель кафедры «Государственного языка и современных иностранных языков» Институт технологий и инновационного менеджмента в городе Куляб, г. Куляб, ул. Борбад.* ***E-mail:*** *habibullo-n@yandex.ru,* ***тел.:*** *(+992) 918 55 45 48*



В данной статье рассматриваются перспективы и стратегия государство в промышленной отрасли. Новые планы в будущем для решения проблемы подготовки будущих инженер-технологов текстильной промышленности средством углублённого изучения английского язык. Использование инновационные методы пути решения освоения учебного программы для специалистов инженер-технологов текстильной промышленности. Цель исследования заключается в том, чтобы выявить тонкости решения проблемы подготовки инженер-технологов текстильной промышленности. А также решение пути особенности связей вуза с ведущими предприятиями, организациями и органами

исполнительной власти обучения инженер-технологов текстильной промышленности. Это позволяет решать одну из важных задач вуза – трудоустройство выпускников. Исходя из этого развитие международного сотрудничества для целей повышение качества образования студентов, соискателей и докторантов.

***Ключевые слова:*** *инженер-технолог, образования, сотрудничество, специалист, иностранный язык, коммуникативность, текстиль, промышленность, инновация.*

## УСУЛҲОИ ПЕДАГОГИИ ОМОДА КАРДАНИ МУҲАНДИСОН-ТЕХНОЛОГҲОИ САНОАТИ БОФАНДАГӢ БО ОМӮЗИШИ АМИҚИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

***ГУЛМАДОВ Файз*** *– доктори илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи педагогика ва таҳсилоти муосири Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. А. Адҳамов, 11/2,* ***E-mail:*** *gulmadov53@mail.ru,* ***тел.:*** *+ (992) 919 63 67 34*

***ҚУРБОНЗОДА Бобохон Давлат*** *– номзади илмҳои технологӣ, дотсенти кафедраи технология, саноати сабук ва дизайни Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб, ш. Кӯлоб, махаллаи Борбад.* ***E-mail:*** *bobohon-k@mail.ru.*

***АБДУЛЛОЗОДА Ҳабибулло Абдулло*** *– омӯзгори калони кафедраи «Забони давлатӣ ва забонҳои муосири хориҷӣ»-и Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб, ш. Кӯлоб, махаллаи Борбад.* ***E-mail:*** *habibullo-n@yandex.ru,* ***тел.:*** *(+992) 918 55 45 48*

Ин мақола пешрафт ва дурнамои давлатро дар бахши саноат баррасӣ мекунад. Наққшаҳои нав дар оянда барои ҳалли мушкилиҳои тайёр намудани муҳандисониояндаи саноати нассоҷӣ бо роҳи амиқи омӯхтани забони англиеӣ. Истифодаи усулҳои инноватсионии ҳалли масъалаи таҳияи барномаи таълими мутахассиси муҳандис-технологҳои саноати нассоҷӣ. Мақсади тадқиқот муайян кардани нозукиҳои ҳалли масъалаи тайёр намудани муҳандисони равандҳои саноати нассоҷӣ мебошад. Ҳамчунин ҳалли роҳҳои дақиқи алоқаи донишгоҳ бо корхонаю ташкилотҳо ва мақомоти иҷроияи роҳбарикунанда оид ба тайёр кардани муҳандисҳои раванди саноати нассоҷиро таҳлилу баррасӣ менамояд. Ин ба мо имконият медиҳад, ки яке аз вазифаҳои муҳими донишгоҳ — бо кор таъмин намудани хатмкунандагонро ҳал намоем. Дар асоси ин, рушд додани ҳамкориҳои байналмилалӣ бо мақсади баланд бардоштани сифати таълими донишҷӯён, довталабон ва докторантҳо.

***Вожаҳои асосӣ:*** *муҳандиси саноат, маориф, кооператсия, мутахассис, забони хориҷӣ, коммуникатсия, нассоҷӣ, саноат, инноватсия.*

## PEDAGOGICAL METHODS OF TRAINING ENGINEERS-TECHNOLOGISTS OF THE TEXTILE INDUSTRY WITH IN-DEPTH STUDY OF THE ENGLISH LANGUAGE

***GULMADOV Faiz*** *– Doctor of Pedagogical Sciences, Head of the Department of Pedagogy and Modern Education of the Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe, A. Adhamov Str. 11/2.* ***E-mail:*** *gulmadov53@mail.ru,* ***phone:*** *(+992) 919 63 67 34*

***QURBONZODA Bobokhon Davlat*** *- candidate of Technical Sciences, Associate Professor of the Department of Technology of Light Industry and Design of the Kulob Institute of Technology and Innovation Management. Kulyab, st. Borbad.* ***E-mail:*** *bobohon-k@mail.ru*

***ABDULLOZODA Habibullo Abdullo*** *– Senior teacher of the Department "State language and modern foreign languages" of the Kulob Institute of Technology and Innovation Management, Republic of Tajikistan, Kulyab, st. Borbad.* ***E-mail:*** *habibullo-n@yandex.ru,* ***phone:*** *(+992) 918 55 45 48*

This article discusses the prospects and strategy of the state in the industrial sector. New plans in the future to solve the problem of training future textile industry engineers through in-depth study

of the English language. Using innovative methods for solving the development of a training program for specialist engineer-technologists of the textile industry. The purpose of the study is to identify the subtleties of solving the problem of training process engineers in the textile industry. As well as solving the specific ways of connecting the university with leading enterprises, organizations and executive authorities for training process engineers in the textile industry. This allows us to solve one of the important tasks of the university - employment of graduates. Based on this, the development of international cooperation for the purpose of improving the quality of education of students, applicants and doctoral students.

***Keywords:*** *industrial engineer, education, cooperation, specialist, foreign language, communication, textiles, industry, innovation.*

Современная экономика Таджикистана характеризуется процессами трансформации и инновационного развития промышленности с учетом особенностей и системных признаков цифровизации. В Республике Таджикистан на данном этапе модернизации экономики реализуется «Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года»[1] важной целю которой, является повышение уровня жизни населения страны на основе обеспечения устойчивого экономического развития.

Президент Республики Таджикистан, уважаемый Эмомали Рахмон в своем Послании Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 26.12.2018 года отметил, что « … с учетом важности сферы промышленности в решении социально-экономических вопросов, и создании рабочих мест, предлагаю ускоренную индустриализацию страны объявить четвертой национальной целью»[2].

Социально-экономическая развитие Таджикистана тесно связано с уровнем развития промышленности, которая объективно отражает вклад отраслей в обеспечении инновационного экономического роста. С целью обеспечения диверсификации экономики, развития её инновационного потенциала и развития перерабатывающих и высокотехнологических производств, коммерциализации научных разработок, конкурентоспособных на внутреннем и внешнем рынках, была разработана Стратегия промышленности Республики Таджикистан на период до 2030 года.

В Республике Таджикистан в соответствии с Законом Республики Таджикистан «О свободных экономических зонах» созданы комфортные условия для привлечения капиталов и формирования инновационно-активных территорий. Во исполнении данного Закона в настоящее время на территории страны действуют пять свободных экономических зон.

За годы государственной независимости страны в развитии национальной промышленности произошли коренные структурные преобразования, которых можно наблюдать на основе их анализа.

За 30 лет государственной независимости в отраслях лёгкой промышленности создано более 50 крупных предприятий, создано 9 500 рабочих мест в легкой промышленности. Из них 17 предприятий с 2225 рабочими местами в Хатлонской области, 15 предприятий с 3305 рабочими местами в Согдийской области, 10 предприятий с 2760 рабочими местами в Душанбе, 4 предприятия с 1000 рабочих мест в городах и районах республиканского подчинения и 3 предприятия с 300 рабочими местами. в Горно-Бадахшанской автономной области.

В основном новые производственные мощности были созданы и введены в эксплуатацию в отраслях по переработке хлопка и хлопкового волокна, кожи, медицинского хлопка, швейных изделий, носков, мебели и мешков. Таким образом, количество предприятий легкой промышленности увеличилось с 63 в 1991 году до более 486 в 2020 году.

Нужно отметит, что в рамках реализации подписанных договор о сотрудничестве между Институтом технологий и инновационного менеджмента в городе Куляб и Вузами зарубежных стран как Российская Федерация, Узбекистан, Китай подписано ряд договор о сотрудничестве между для подготовки студентов в текстильной промышленности:

1. Российский государственный университет имени А. Н. Косыгина;
2. Наманганский инженерно-технологический институт;
3. Университет Донхуа.

Исходя из этого проводится совместные научно-практические конференции, круглые столы и повышение квалификации преподавателей для этой отрасли. А также проводится онлайн лекции со стороны профессоров для студентов текстильной промышленности.

Подготовка инженеров технологов в текстильной промышленности обучением английскому языку имеет несколько путей решения. Вот некоторые из них:

1. Введение специализированных курсов английского языка в учебные планы: Университеты и колледжи могут включить специальные курсы английского языка в программы обучения инженеров текстильной промышленности. Эти курсы должны быть разработаны с учетом специфики отрасли, включать терминологию, процессы и методы, применяемые в текстильной промышленности.

2. Привлечение опытных преподавателей иных стран: Университеты и колледжи должны стремиться нанимать профессоров и преподавателей из англоговорящих стран, которые имеют опыт работы в текстильной промышленности.

Это позволит студентам получить не только языковую практику, но и обмен опытом и знаниями в отрасли.

3. Использование современных технологий в обучении:
Современные технологии, такие как онлайн-курсы, мобильные приложения и вебинары, могут быть использованы для обучения английскому языку для студентов текстильной промышленности. Это позволит студентам учиться в удобное для них время и место, а также и спользовать интерактивные методы обучения.

4.Организация обменов и стажировок:

Организация стажировок и обменов для студентов с компаниями и учебными заведениями в англоговорящих странах позволит им получить практический опыт работы на английском языке.

Это улучшит их навыки коммуникации, способствует погружению в английскую языковую среду и повысит уверенность в общении на английском языке.

5. Организация специальных курсов и тренингов: Учебные заведения и компании могут организовывать специализированные курсы и тренинги по английскому языку для инженеров текстильной промышленности. Это может включать обучение специфической терминологии, коммуникационных навыков, письменного и устного делового общения. В целом, эти пути решения могут помочь студентам текстильной промышленности достичь высокого уровня владения английским языком, который будет полезен им в карьере, поможет продвижению по службе и расширению деловых возможностей. Комбинирование этих подходов может быть эффективным способом подготовки инженеров технологов в текстильной промышленности к общению на международном уровне.

Обучение английскому языку играет важную роль в успешной карьере студентов текстильной промышленности. В данной статье рассмотрим, почему изучение английского языка является неотъемлемой частью образования для студентов, связанных с текстильной промышленностью. Первое и самое важное преимущество изучения английского языка для студентов текстильной промышленности - это возможность расширить географию своих деловых контактов. Английский является международным языком делового общения, и владение им открывает студентам свежие перспективы. Компании, связанные с текстильной отраслью, часто имеют деловые отношения с иностранными партнерами и клиентами. Будучи способным свободно общаться на английском языке, студенты смогут легче строить профессиональные отношения и развивать международное взаимодействие. Второе преимущество изучения английского языка для студентов текстильной промышленности - это повышение конкурентоспособности на рынке труда. Знание английского языка считается ценным навыком при поиске работы в текстильной индустрии. Работодатели в этой области, особенно те, имеющие деловые связи с иностранными компаниями, часто ожидают, что их сотрудники смогут эффективно общаться на английском языке. Студенты, обладающие этим навыком, получают преимущество при поиске работы и повышают свои шансы на успешную карьеру в текстильной отрасли. Третьим преимуществом изучения английского языка для студентов текстильной промышленности является доступ к международным источникам знаний и технологий. Английский язык является основным языком научных и технических публикаций, а также международных конференций и семинаров. При наличии навыков чтения и понимания научной и технической литературы на английском языке, студенты из

текстильной промышленности смогут быть в курсе последних тенденций в отрасли и применять передовые технологии в своей работе. В заключение, обучение английскому языку является важной составляющей образования для студентов текстильной промышленности. Владение английским языком предоставляет студентам новые возможности для деловых контактов, повышает их конкурентоспособность на рынке труда и дает доступ к международным источникам знаний и технологий. Таким образом, изучение английского языка для студентов текстильной промышленности является инвестицией в их будущую успешную карьеру.

Обучение английскому языку студентам текстильной промышленности может быть осуществлено с использованием следующих подходов: 1. Профессиональные тематические уроки: Разработайте курсы английского языка, специально ориентированные на студентов текстильной промышленности. Включите специфическую лексику, фразы и термины, связанные с этой отраслью, такие как "ткань", "шитье", "вязание" и т. д. Это поможет студентам овладеть языком, необходимым для работы в отрасли. 2. Чтение и обсуждение профессиональных материалов: Предоставьте студентам текстильной промышленности разнообразные тексты, связанные с их будущей профессией, например, научные статьи, инструкции по обработке материалов, технические спецификации и т. д. Затем проведите групповые обсуждения этих материалов, чтобы студенты могли практиковать язык и обсудить вопросы, возникающие в их области работы. 3. Ролевые игры: Организуйте ролевые игры, в которых студентам нужно будет исполнять роли различных участников производства текстильной промышленности, таких как дизайнеры, инженеры, рабочие на производстве и т. д. Это поможет им не только практиковать английский язык, но и лучше понять свою профессию и ее специфику. 4. Практика коммуникации: Сделайте акцент на развитие навыков общения на английском языке. Проведите упражнения, направленные на развитие навыков устной и письменной коммуникации, такие как игры, обмен мнениями, самостоятельное написание отчетов и презентаций на английском языке. Также можно организовать совместные проекты, в которых студенты будут выступать в роли команды и работать вместе на английском языке. 5. Использование технологий: Вовлеките студентов в использование современных технологий для улучшения их навыков владения английским языком. Используйте приложения для изучения языка, онлайн-ресурсы и интерактивные задания, которые помогут им практиковать язык в интерактивной и захватывающей форме. В целом, важно создать разнообразную и интерактивную учебную среду, в которой студенты получат возможность применять английский язык на практике и развивать навыки, необходимые для работы в текстильной промышленности.

В свою очередь, только организовывая серьезную научную подготовку через магистратуру, можно подготовить элитных инженеров, высококвалифицированных технологов и управленцев, культивируя и стимулируя подготовку научно-педагогических кадров через аспирантуру и докторантуру [4]. Но здесь встает другая проблема: региональные вузы и города зачастую остаются без талантливых студентов, которые предпочитают учиться и жить в центре. Поэтому провинциальные вузы продолжают набирать абитуриентов по остаточному принципу и выучивать не всегда мотивированных студентов. Это означает неравные предпочтения, в т.ч. финансовые, для высших школ в городах Таджикистана. Качество высшего образования падает также из-за нехватки квалифицированных кадров и финансовых ресурсов. Тяжело и медленно происходят перемены преподавательских позиций сотрудников вуза. Традиционные подходы к лекционно-семинарским занятиям препятствуют внедрению современных технологий в обучение, доминируют репродуктивные технологии, которые не формируют требуемых компетенций. Обучение в техническом вузе обходится дорого, потому что требует дорогостоящего лабораторного оборудования и приборов, лицензионного программного обеспечения, расходных материалов. Их приобретение происходит за счет бюджета вуза и внебюджетных средств, которые вуз зарабатывает сам, выполняя хоздоговорные, научно-исследовательские и опытно-конструкторские работы, участвуя в грантах, осуществляя 82| Материалы международной научно-практической конференции платное обучение. Конечным же результатом научной деятельности является создание высокоэффективной, конкурентной и высокотехнологичной продукции. При этом создаются эффективные механизмы взаимодействия с академической наукой и реальным сектором экономики региона. Научные исследования должны стать платформой для генерации новых знаний и их трансфера в образовательный процесс, а также в экономику

региона через инновационную деятельность. На сегодняшний день научные исследования зачастую направлены на формальное повышение академических и аккредитационных показателей университета, в первую очередь, на количество защит диссертаций и публикации [4].

Одной из отличительных особенностей инженерного образования является тесная связь вуза с ведущими предприятиями, организациями и органами исполнительной власти. Это позволяет решать одну из важных задач вуза – трудоустройство выпускников. Практика показывает, что наименьшие сложности с трудоустройством в любые времена имеют те вузы, у которых сложились устойчивые и многолетние связи с работодателями и производством. Но есть другая сторона медали, например, повышение квалификации преподавателей образовательного учреждения или производственной практики студентов путем их стажировки на предприятиях стройиндустрии, позволяющей им на месте определиться с требованиями работодателей, и, казалось бы, возможностью познакомиться с новым оборудованием и механизмами, на котором предстоит работать нашим выпускникам. Но практически вся материально-техническая база строительной индустрии находится в стагнации и сама требует существенной модернизации и адаптации к современному рынку экономики и новых технологий [4]. Отсюда некоторые эксперты делают парадоксальный вывод: надо сокращать прием в технические вузы, чтобы не выпускать слабых инженеров. Такой тезис вдвойне ошибочен. Во-первых, связь между качеством приема и выпуска есть, но она неочевидна, здесь очень многое зависит от вуза. Во-вторых, предлагается система с положительной обратной связью, которая, как известно, в принципе неустойчива. То есть, последовательно сокращая прием, мы можем вообще свести к нулю выпуск инженеров [5].

Между тем практика и результаты научных исследований свидетельствуют о том, что уровень готовности выпускников неязыковых факультетов к деловому иноязычному общению не соответствует современным требованиям. У студентов выпускных курсов неязыковых факультетов наблюдается недостаточность проектных знаний ведения деловых бесед, встреч, переговоров, знаний о национально-культурных особенностях делового общения стран-партнеров, слабая сформированность умений моделировать свою позицию и отношение к ней партнеров, умений устанавливать и поддерживать межличностные деловые контакты, но более всего у них «западает» практическое владение иноязычной речевой деятельностью. Поэтому значительная часть выпускников неязыковых факультетов испытывает затруднения в осуществлении делового иноязычного общения. Эти трудности обусловлены недостаточным уровнем их теоретической и практической подготовки, несформированностью мотивационно-ценностного отношения к деловому иноязычному общению как важному аспекту профессиональной деятельности.

Таким образом, на основании анализа психолого-педагогической литературы, изучения опыта работы высшей школы, собственной педагогической деятельности в вузе была выявлена и сформулирована проблема исследования, которая определяется наличием противоречия между объективной потребностью общества в специалистах, способных осуществлять деловое иноязычное общение, и недостаточной теоретической и практической разработанностью совокупности условий, обеспечивающих формирование у студентов неязыковых факультетов готовности к данному аспекту профессиональной деятельности.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Архангельская, Е.А. Современное состояние инженерного образования. Взгляд из региона / Е.А. Архангельская, С.Г. Анцупова // Инженерное образование (проблемы в организации инженерного образования). 2012. – № 9. – С. 110-115.

2. Дементьева, М. В. Педагогические условия готовности к деловому иноязычному общению у студентов неязыковых факультетов вузов : автореф. дис. …канд. пед. наук [Текст] : 13.00.08 / М. В. Дементьева. – Челябинск, 2001. – 22 с.

3. Национальная стратегия развития статистики Республики Таджикистан на период до 2030 года, утверждена постановлением Правительства Республики Таджикистан от27 ноября 2019 года, № 585

4. Послание Президента Республики Таджикистан Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 26.12.2018 г. // www.president.tj

5. Федоров, И.Б. Проблемы отечественной системы высшего технического образования / И.Б. Федоров. Вузы России – будущее страны. – С. 137-140;

## ФАРОҲАМ ОВАРДАНИ МУҲИТИ ЭҶОДӢ ДАР НИЗОМИ ТАҲСИЛОТИ ИЛОВАГИИ КӮДАКОН ВА НАВРАСОН

***КАРИМЗОДА Мирзо Бадал*** *– доктори илмҳои педагогӣ, саркотиби илмии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. С. Айнӣ, 126.* ***E-mail:*** *takmil-bbk@mail.ru,* ***тел.:*** *+ (992) 900 85 35 35*

***РАҲИМӢКомил Маҳмадраҳим*** *– директори Муассисаи давлатии "Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе", унвонҷӯйи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Шотемур, 54.* ***E-mail:*** *komiljon_83@mail.ru,* ***тел.:*** *+(992) 938 51 11 11*

Дар шароити доимо тағирёбандаи замони муосир вазифаи низоми маориф на танҳо аз таъмини дастрасӣ ба таҳсилоти умумӣ, балки аз дарёфт ва рушди қобилиятҳои эҷодии кӯдакону наврасон низ иборат мебошад. Дар ин самт соҳаи таҳсилоти иловагӣ нақши муҳим дошта, фаъолияти самарбахши он ба кӯдакон имконият медиҳад, ки қобиляитҳои эҷодии худро берун аз барномаҳои умумии таҳсилотӣ ташаккул диҳанд.

Бояд қайд намуд, ки муҳити созгори таълимии муассисаи таҳсилоти иловагии кӯдакон муҳимтарин омили рушди эҷодкорӣ ва шарти худшиносии эҷодии кӯдакон ва наврасон буда, ҳамчун системаи таъсирот ва шароити ташаккули шахсият, инчунин имконоти рушди он, ки дар муҳити иҷтимоӣ ва фазоию субъектӣ иҳота гардидааст, вазифаи барои шахс муҳайё намудани имкониятҳои таълим ва азхуд кардани таҷрибаи ҷамъиятиро доро мебошад.

Вобаста ба ин, фароҳам овардани муҳити эҷодӣ дар низоми таҳсилоти иловагии кӯдакону наврасон як ҷанбаи муҳими рушди ин соҳаи тарбия буда, омӯзгорон ва масъулини муассисаҳои он бояд ба ташаккули чунин муҳит бо истифода аз усулҳо ва равишҳои гуногун, ки ба инкишфои қобиялият ва салоҳиятҳои эҷоди насли наврас равона гардидаанд, диққати махсус диҳанд.

Дар мақола оид ба низоми таҳсилоти иловагӣ, соҳаҳо ва равияҳои маъмули он, шаклу усул ва талаботҳо барои фароҳам овардани муҳити эҷодӣ дар низоми таҳсилоти иловагии кӯдакону наврасон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.

***Вожаҳои асосӣ:*** *таҳсилоти иловагӣ, муассисаҳои таҳсилоти иловагии кӯдакон ва наврасон, рушди қобилиятҳои эҷодӣ, салоҳиятҳои эҷодкорӣ, тарбия, рушди истеъдодҳо, иттиҳодияҳои таълимӣ, фаъолияти эҷодӣ, муҳити эҷодӣ, ташаккули шахсияти кӯдакон.*

## СОЗДАНИЕ КРЕАТИВНОЙ СРЕДЫ В СИСТЕМЕ ДОПОЛНИТЕЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ ДЕТЕЙ И ПОДРОСТКОВ

***КАРИМЗОДА Мирзо Бадал*** *– доктор педагогических наук, главный учёный секретарь Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. С. Айни, 126.* ***E-mail:*** *takmil-bbk@mail.ru,* ***тел.:*** *+ (992) 900 85 35 35*

***РАХИМИ Комил Махмадрахим*** *– директор Государственного учреждения "Детско-юношеский центр города Душанбе", соискатель Института развития образования им. Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. Шотемур, 54.* ***E-mail:*** *komiljon_83@mail.ru,* ***тел.:*** *+(992) 938 51 11 11*

В постоянно меняющихся условиях современности задача системы образования заключается не только в обеспечении доступа к общему образованию, но и в приобретении и развитии кративных копетенций детей и подростков. Важную роль в этом направлении играет сфера дополнительного образования, а ее плодотворная деятельность позволяет детям развивать свои творческие способности вне общеобразовательных программ.

Следует отметить, что гармоничная образовательная среда учреждения дополнительного образования детей является важнейшим фактором развития креативности и творческой самореализации детей и подростков, а также системой влияний и условий формирования личности, что дает возможность их развития, окруженными социальной и пространственно-субъектной средой, имея функцию обучения и усвоения общественного опыта.

Создание креативной среды в системе дополнительного образования детей и подростков является важным аспектом развития этой сферы воспитания. Изходя из этого педагоги и администрация данных учреждений должны уделять особое внимание созданию и формированию креативной среды дополнительного образования с использованием различных методов и подходов, что необходима для развития навыков и творчских способностей подрастающего поколения.

В статье рассматриваются проблемы формирования креативной среды в системе дополнительного образования, а так же предлагаются формы, методы и основные требования по её созданию в деятельности существующих направлений данной отрасли.

***Ключевые слова:*** *дополнительное образование, учреждения дополнительного образования детей и подростков, развитие творческих способностей, креативные комптенции, воспитание, развития одарённости, образовательные объденния, творческая деятельность, креативня среда, формирования личности детей.*

## CREATING A CREATIVE ENVIRONMENT IN THE SYSTEM OF ADDITIONAL EDUCATION FOR CHILDREN AND ADOLESCENTS

***KARIMZODA Mirzo Badal*** *– Doctor of Pedagogical Sciences, Chief Scientific Secretary of the Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe, st. S. Ayni, 126.* ***E-mail:*** *takmil-bbk@mail.ru,* ***Phone:*** *+ (992) 900 85 35 35*

***RAKHIMI Komil Mahmadrahim*** *– Director of the State Institution "Children's and Youth Center of the City of Dushanbe", applicant for the Institute for the Development of Education named after Abdurahmoni Jomi of the Academy of Education Republic of Tajikistan, Dushanbe, Shotemur st. 54.* ***E-mail:*** *komiljon_83@mail.ru,* ***phone:*** *+(992) 938 51 11 11*

In the constantly changing conditions of our time, the task of the education system is not only to ensure access to general education, but also to acquire and develop the creative abilities of children and adolescents. The field of additional education plays an important role in this direction, and its fruitful activity allows children to develop their creative abilities outside of general education programs.

It should be noted that the harmonious educational environment of the institution of additional education for children is an important factor in the development of creativity and creative self-realization of children and adolescents, as well as a system of influences and conditions for personality formation, which makes it possible for their development surrounded by a social and spatial-subjective environment, having the function of learning and assimilation of social experience.

The creation of a creative environment in the system of additional education for children and adolescents is an important aspect of the development of this sphere of education. Based on this, teachers and the administration of these institutions should pay special attention to the creation and formation of a creative environment for additional education using various methods and approaches, which is necessary for the development of skills and creative abilities of the younger generation.

The article examines the problems of forming a creative environment in the system of additional education, and also suggests forms, methods and basic requirements for its creation in the activities of existing areas of this industry.

***Key words:*** *additional education, institutions of additional education for children and adolescents, development of creative abilities, creative competencies, upbringing, development of giftedness, educational efforts, creative activity, creative environment, formation of children's personality.*

Раванди тарбия, ки рисолати мавқеъпазирӣ, шахсиятсозии комил ва дар ниҳоят ба даст оварадани нуктаҳои олии хислатҳои Инсониро аз ҷониби одамон талқин менамояд, табиист, ки ташаккули башариятро ба рушди ҳамаҷонибаи кӯдакон вобаста дониста, тақозо мекунад, ки ҳар як кӯдак ба сифати шахсияти комили аз дигарон фарққунанда, дорои хусусиятҳои фардӣ, ташаббускорӣ ва худфаъолиятиву худтакмилдиҳӣ ба воя расад [2, 48].

Дар шароити доимо тағирёбандаи замони муосир вазифаи низоми маориф на танҳо аз таъмини дастрасӣ ба таҳсилоти умумӣ, балки аз дарёфт ва рушди қобилиятҳои эҷодии кӯдакону наврасон низ иборат мебошад. Дар ин самт соҳаи таҳсилоти иловагӣ нақши муҳим дошта, фаъолияти самарбахши он ба кӯдакон имконият медиҳад, ки қобиляитҳои эҷодии худро берун аз барномаҳои умумии таҳсилотӣ ташаккул диҳанд.

Таҳсилоти иловагӣ дорои имкониятхои фаррохи фароҳамоварии шароитҳо барои худтакмилдиҳӣ ва ошкорсозии қобилиятҳои кӯдакон мебошад. Низоми таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ бо дарназардошти сарбории зиёди вобаста ба иҷроиши барномаҳои таълимӣ имконияти амалӣ ва реалии дарёфт ва инкишофи зарфиятҳоии эҷодии кӯдаконро надоранд. Аз ин ҷо, аксаран, кӯдакон дар раванди таҳсил дар муассисаҳои томактабӣ ва миёнаи умумӣ пойбанди барномаҳои таълимӣ гардида, имкони ошкор намудани қобилиятҳои худро намеёбанд, аммо онҳоро ба таври васеъ дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ амалӣ месозанд [6].

Таҳсилоти иловагии кӯдакон падидаи беназири педагогӣ мебошад, ки ба «...нигоҳ доштан ва инкишоф додани хусусияти инфиродии ҳар як кӯдак дар ҷомеаи доимо тағйирёбанда, қонеъ гардонидани талаботи табиии инкишофи шахсият ҳангоми дарк кардани хеш дар олами атроф, ташкили фаъолияти эҷодии кӯдакон, фароҳам овардан ва инкишоф додани фазои некӯаҳволии онҳо нигаронида шудааст» [7, 3].

Дар моддаи 3 – и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ» таъкид гардидааст, ки «Тахсилоти иловагӣ ҷузъи таркибии низоми таҳсилот дар Ҷумхурии Тоҷикистон буда, мақсади он инкишофи қобилияти зеҳнию эчодӣ ва истеъдоди таълимгирандагон, қонеъ гардонидани рағбат, эхҳиёҷоти маънавӣ ва талаботи онҳо ба интихоб ва гирифтани касб ҳангоми фориғ будан аз таълим дар муассисаҳои таълимӣ мебошад» [4].

Бояд қайд намуд, ки муҳити созгори таълимии муассисаи таҳсилоти иловагии кӯдакон муҳимтарин омили рушди эҷодкорӣ ва шарти худшиносии эҷодии кӯдакон ва наврасон буда, ҳамчун системаи таъсирот ва шароити ташаккули шахсият, инчунин имконоти рушди он, ки дар муҳити иҷтимоӣ ва фазоию субъектӣ иҳота гардидааст, вазифаи барои шахс муҳайё намудани имкониятҳои таълим ва азхуд кардани таҷрибаи ҷамъиятиро доро мебошад.

Муҳаққиқони соҳаи педагогика хусусиятҳои зерини муҳити таълимии муассисаи таҳсилоти иловагии кӯдаконро қайд мекунад:

-тағйирпазирӣ;
-чандирӣ;
-таваҷҷӯҳ ба рушди фаъолият ва иқтидори эҷодии ҳар як кӯдак;
-эҷодкорӣ;
-табиати эвристикӣ;
-ҳалли мушкилот;
-мақсаднокӣ;
-мураккабӣ;
-бисёромилӣ ва бисёрфунксиягӣ;
-сермаҳсулӣ;
-идорашаванда [1, 145].

Эҷодкорӣ муҳимтарин хусусияти муҳити таълимии муассисаи таҳсилоти иловагии кӯдакон буда, он синтези соҳаҳои фаъолият, муошират ва худшиносиро, ки дар ташаккули қобилият ва салоҳиятҳои эҷодии кӯдакон хеле самаранок мебошад, бо дарназардошти шавқу рағбат, эҳтиёҷоти иҷтимоӣ, суръат, сатҳ, ҳаҷми дарк ва азхудкунии дониш, малакаҳои зарурӣ ва тарзи тафаккуру амал бояд ташкил карда шуда, дар ин раванд бояд имкони ба ҳадди аксар расонидани қобилияти шахс барои худшиносии эҷодӣ имконпазир бошад.

Дар робита ба ин, истифодаи истилоҳи «муҳити эҷодии таҳсил» дар низоми таҳсилоти иловагӣ бамаврид дониста мешавад.

Таҳсилоти иловагии таълимгирандагон бо дар назар доштани майлу рағбати онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва ибтидоӣ, касбӣ ё дар муасссисаҳои таълимии таҳсилоти

иловагӣ, ки дар шакли академияи хурди илмҳо, марказҳо, аз ҷумла марказҳои эҷодии кӯдакон ва наврасон, қасрҳо, хонаҳои эҷодии кӯдакон ва наврасон, стансияҳо, студияҳо, мактабҳои санъат, муассисаҳои таълимии ибтидоии махсуси ибтидоӣ, мактабҳои касбии варзишӣ, ҳунарӣ, мусиқӣ, мактабҳои варзишии кӯдакон ва наврасон, мактабҳои махсуси варзишии захираҳои олимпии кӯдакону наврасон, клубҳо, аз ҷумла клубҳои тарбияи ҷисмонию варзишии маҳалли зист, клубҳои тарбияи ҷисмонию варзишии маъюбон, варзишҳои кӯдакона, муассисаҳои солимгардонӣ фаъолият менамоянд, дар асоси барномаҳои таҳсилоти иловагӣ амалӣ мегардад [5].

Аз рӯйи ин таҷзия таҳсилоти иловагии кӯдакон аз як қатор соҳаҳои фаъолияти эҷодӣ иборат аст, ки ҳар яки онҳо хусусиятҳои худро доранд, ки бешубҳа ҳангоми фароҳам овардани муҳити эҷодӣ бояд ба назар гирифта шаванд. Соҳаҳои маъмули таҳсилоти иловагии кӯдакону наврасон тарбияи эҷодиву бадеӣ, техникӣ, табиатшиносӣ, сайёҳӣ – кишваршиносӣ, варзишӣ буда, инчунин тавассути фаъолият дар иттиҳодияҳои ҷамъиятии кӯдакону наврасон ва лагерҳои истироҳативу маърифатӣ амалӣ карда мешаванд.

Бояд гуфт, ки дар низоми таҳсилоти иловагии кӯдакон фаъолияти иттиҳодияҳои таълимӣ ва маҳфилҳои ***равияи бадеӣ – эҷодӣ*** маъмулу дастрас буда, маҳз тавассути онҳо кӯдакон бо фаъолиятҳои вобаста ба санъат ва эҷодиёти бадеӣ ошно мегарданд. Ба чунин намуди таҳсилоти иловагӣ марказҳои эҷодии кӯдакону наврасон, мактабҳои санъат ва мусиқӣ, марказҳои ҳунарҳои мардумӣ, студияҳо, мактабҳои рассомӣ ва амсоли инҳо дохил мешаванд.

Фаъолият дар маҳфилҳои ***равияи техникии*** таҳсилоти иловагӣ дар шароити кунунӣ барои кӯдакон хеле ҷолиб ва серталабот буда, онҳо қодиранд ба инкишофи эҷодиёти техникии таълимгирандагон барои пешрафти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, илмӣ-техникӣ ва мудофиавии ҷамъият ва давлат мусоидат намоянд. Мутаасифона дар кишвари мо муассисаҳои махсусгардонидашудаи тарбияи техникии наврасон ташаккул наёфта, онҳо аслан дар шакли маҳфилу иттиҳодияҳои таълимии конструкторӣ, робототехника, радиоэлектроника, ихтироъкорӣ, лабораторияҳои инноватсионӣ ва ғайраҳо дар назди марказҳои кӯдакону наврасон, марказҳои рушди истеъдодҳо, литсею гимназиҳо ва клубу марказҳои хусусӣ ба таври аҳён – аҳён амал намуда, фаъолияти кӯдакон дар ин самт аслан ба таври мустақилона тавассути иштирок дар озмунҳои ба ин равия бахшидашуда таъмин мегардад. Ҳол он, ки дар доираи эълон гардидани Бистсолаи омӯзиши фанҳои дақиқу риёзӣ ва табиатшиносӣ эҳёи стансияҳои техникони наврас, ташкили технопаркҳои кӯдакона ва бюроҳои таҷрибавии конструкторӣ мувофиқи мақсад дониста мешавад.

Дар низоми таҷрибашудаи таҳсилоти иловагӣ ***равияи табиатшиносӣ ва сайёҳиву кишваршиносӣ*** низ барои фаъолияти эҷодии кӯдакону наврасон ҷойгоҳи махсус доранд. Зеро ташаккули таваҷҷуҳи кӯакон ба омӯзиш ва ҳифзи табиат, биология, ҷуғрофия, экология ва дигар илмҳои дар бораи замин, таъриху фарҳанг, омӯзишу арҷгузорӣ ба корнамоиҳои сиёсиву ҳарбии шуҷоатмандонаи давлатмардон, сарбозону афсарон, омӯзиши имкониятҳои сайёҳии мамлакат, сохтани харитаҳои туристӣ ва амсоли инҳо дар баробари рушди фаъолияти илмиву тадқиқотии наврасон, метавонад ба сифати сарчашмаи рушди иҷтимоӣ ва шахсияти онҳо таъсиргузор бошад. Ҳоло дар ин самтҳо фаъолияти маҳфилҳои алоҳидаи марказҳои эҷодии кӯдакон, академияи хурди илмҳо, чорабиниҳои берунамактабии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва озмуну олипиадаҳоро мисол овардан мумкин аст. Аммо онҳо ба таври фарогир наметавонанд талаботи кӯдакони завқмандро ба ин равия қонеъ гардонанд. Дар ин самт эҳёи стансияҳои натуралистони наврас, сайёҳӣ –кишваршиносӣ, планетарийҳо, марказҳои тарбияи экологӣ, табиатдӯстони ҷавон, экспедитсияҳо, базаҳои туристиву кишваршиносӣ ва тақвияти кори осорхонаҳо дар назди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва иловагӣ ногузир мебошад.

Фаъолият дар ***равияи варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ*** дар низоми таҳсилоти иловагӣ бо мақсади ташаккули ҷисмонии кӯдак, омӯзонидани фарҳанги тарзи ҳаёти солим ва тарбияи захираҳои варзишиву олимпӣ нигаронида шудааст. Дар ин самт фаъолияти самарабахши мактабҳои варзишӣ ва захираҳои олимӣ, марказҳои омӯзишии федератсияҳои намудҳои гуногуни варзиш, майдончахои варзишӣ ва бозии кӯдакону наврасон, иттиҳодияҳои таълимӣ ва маҳфилҳои варзишии марказҳои кӯдакону наврасон ва баргузории мусобиқаҳои мунтазам дар ин самт доиршавандаро метавон мисол овард.

Мутобиқ намудан ва инкишоф додани хусусиятҳои равонии шахсият, қобилиятҳои муоширатӣ, зеҳнӣ ва эҷодии таълимгирандагон, ташаккули сифатҳои роҳбарӣ ва ташкили фароғати иҷтимоии кӯдакон низ аз самтҳои асосии таҳсилоти иловагӣ дониста шуда, он

тавассути ҷалби кӯдакон ба ***иттиҳодияҳои ҷамъиятию педагогӣ*** амалӣ карда мешавад. Дар ин самт фаъолияти кӯдакону наврасонро дар зиннаҳои Созмони хонандагони муассисаҳои таҷхсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Исмоили Сомонӣ, ки дастаҳои он дар назди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва шуроҳои он дар назди муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ амал мекунанд, мисол овардан мумкин аст.

Мисоли дигари фаъолияти эҷодии кӯдакон дар низоми таҳсилоти иловагӣ ташкили ***лагерҳои истироҳативу фароғатӣ*** мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти лагерҳои тобистонаи кӯдакону наврасони маъмул аст, ки ҳамасола тибқи қарори дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи таътили тобистонаи кӯдакону наврасон ташкил карда мешаванд. Бояд қайд намуд, ки лагерҳои мазкур, ки аслан аз истироҳатгоҳҳои берназшаҳрии назди шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо, корхонаву ташкилотҳо, майдончаҳои солимгардонии назди муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, лагерҳои омӯзишии назди муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ва фароғатҳҳои кӯдаконаи хусусӣ иборат буда, асосан аз рӯйи як самт – таъмини истироҳату фароғат дар давраи таътил фаъолият намуда, инчунин ба барқарорсозии ҷисмониву равонии кӯдакон машғул мегарданд. Барои фаъолияти самарабахш ва таъмини муҳити созгори эҷодӣ дар онҳо таҳияи барномаҳои махсус барои лагерҳои кӯдакона аз рӯйи равияҳо: истироҳативу фароғатӣ, истироҳативу солимгардонӣ, истироҳативу омӯзишӣ, истироҳативу варзишӣ, истироҳативу ҳарбӣ – ватандӯстӣ, истироҳативу ккишваршиносӣ ва ғайраҳо мувофиқи мақсад хоҳад буд.

Муҳити эҷодии таҳсилот дар ин соҳаҳои фаъолият ба ҳар як кӯдак имкон медиҳад, ки на танҳо иқтидори эҷодкории худро инкишоф диҳад, балки эҳтиёҷоти минбаъдаи худшиносӣ ва худинкишофдиҳии эҷодиаш ҳавасманд гардонида шуда, хусусиятҳои худбаҳодиҳии объективӣ ва ташаккули қобилиятҳо ӯ ташаккул дода шаванд.

Азбаски дар маркази муҳити эҷодии таҳсилот симои худи кӯдак ва раванди ташаккулёбии ӯ меистад, хуб мебуд, ки хислатҳои шахсияти ӯ, ки ҳангоми инкишофи худшиносӣ дар ин муҳит рушд ёфтаанд, ҳамчун меъёри фаъолият истифода бурда шаванд.

Дар ин асно муҳити таълимии муассисаи таҳсилоти иловагии кӯдаконро ба самтхои зерин, ки дар онҳо раванди худшиносии эҷодии шахсият сурат мегирад, иборат донистан мумкин аст:

-фаъолият;

-муошират;

-худшиносӣ.

***Самти фаъолият.*** Ҳангоми таҳсил дар муассисаи таҳсилоти иловагӣ кӯдакон тавассути фаъолият дар рафти баргузории машғулиятҳо мавзуъҳоро пурра аз худ намуда, дар системаи робитаҳое, ки дар ҳар як намуди фаъолият вобаста ба онҳо мавҷуданд, мавқеи худро муайян мекунанд. Маҳз дар фаъолият робитаҳои иҷтимоӣ ва аҳамияти онҳо ба таври самаранок дарк карда мешаванд.

Бояд гуфт, ки ҳама намудҳои фаъолияти кӯдакон дар низоми таҳсилоти иловагӣ бо ҳам алоқамандандӣ дошта, имкони дар як вақт амалӣ намудани чанд намуди фаъолияти эҷодиро фароҳам меоранд. Барои мисол дар маҳфили «Рақси миллӣ» – и Муассисаи давлатии «Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе» (роҳбар – омӯзгори таҳсилоти иловагӣ М. Фатҳуллоева) кӯдакон на танҳо ҳаракатҳои рақсро меомӯзанд ва дар гузоштани композитсияҳои хореографӣ иштирок менамоянд, балки мустақилона барои рақс сару либос интихоб мекунанд, дар ороиши саҳна иштирок мекунанд, мувофиқи идеяи рақси гузошташуда рӯй ва мӯйҳои худро ороиш медиҳанд, ки дар як вақт иҷрои чанд намуди фаъолияти эҷодӣ мебошад.

Усулҳои асосии фароҳам овардани муҳити эҷодӣ дар самти фаъолият инҳоянд:

шинос намудани кӯдакон бо эҷодиёт ва натиҷаҳои маҳсули рассомон, адибон, бастакорон, варзишгарон. Муҳим аст, ки ин раванд ба кӯдакон ба таври содда ва фаҳмо пешниҳод гардида, шавқу ҳаваси онҳо барои фаъолияти эҷодӣ бедор карда шуда, инчунин ҳамчун усули ҳавасмандкунанда кор бурда шавад;

ҳавасмандгардонии фаъолияти эҷодии кӯдакон тавассути натиҷаҳои маҳсули мустақилонаи эҷодӣ (асарҳои мусиқӣ, расмҳо, шеърҳо, рақсҳо, намоишгоҳҳо ва ғ.). Зарур аст, ки натиҷаҳои эҷодиёти кӯдакон аз ҷониби дигарон (омӯзгорон, волидайн, таълимгирандагони дигар) ҳангоми ташкили консертҳо, намоишгоҳҳо, озмунҳо ва ғайраҳо қадр карда шаванд;

ба машғулиятҳои гуногун ҷалб намудани кӯдакон, истифода бурдани шаклу усулҳои гуногуни кор бо онҳо, зеро истифодаи гуногуни усулҳо самаранокии корро дар робита ба инкишофи қобилияти эҷодӣ зиёд мегардонад;

ба кӯдакон додани имконияти интихоб ва такя кардан ба мустақилияти хеш дар раванди фаъолияти эҷодӣ;

таъмини алоқамандии байни фаъолияти кӯдакон дар таҳсилоти иловагӣ ва корҳои касбинтихобкунӣ тавассути ташхиси тамоюли касбӣ, шиносоӣ бо касбҳои эҷодкорӣ ва фарогирии кӯдакон ба фаъолияти аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳамиятнок;

истифодаи технологияҳои муосири таълимӣ, ки ба хусусияти субъективии фаъолияти кӯдакон нигаронида шуда, ташаккули шахсии ҳар яки онҳоро таъмин менамояд.

***Самти муошират.*** Фаъолият бидуни муошират ғайриимкон аст. Ҳар қадаре ки фаъолият гуногунранг бошад, ҳамон қадар муошират ғанӣ мегардад. Кӯдак дар низоми таҳсилоти иловагӣ дар сатҳи гуногуни ҳамкорӣ қарор дорад, ки самаранокии онро фаъолияти эҷодӣ тавассути муошират таъмин менамояд.

Ҳамкорӣ дар шароити таҳсилоти иловагӣ, ҳамчун асоси таъминкунандаи фазои муошират дар фаъолияти эҷодӣ дар зинаҳои гуногун амалӣ мегардад:

-иттиҳодияи таълимӣ (кӯдак-кӯдак, кӯдак-муҳити таълимӣ, кӯдак-омӯзгор);

-муассисаи таълимӣ (омӯгорон – кӯдакон, омӯзгорон – волидайн, кӯдакон – волидайн ва диг.);

-таҳсилоти иловагӣ – ҷомеа.

Вижагиҳои ҳамкории байни кӯдакон дар шароити таҳсилоти иловагӣ аксар вақт хусусиятҳои омехтаи синну солӣ дошта, дар натиҷаи он сатҳҳои гуногуни инкишофи қобилиятҳои эҷодӣ ва зуҳуроти фаъолияти он тавассути ҳавасмандии гуногун барои иштирок дар маҳфилу барномаи таҳсилоти иловагӣ ва озмуну чорабиниҳои гуногун ба даст меояд.

Вобаста ба ин омӯзгор ҷиҳати таъмини самаранокии ҳамкории байнишахсӣ ва гурӯҳӣ бояд хусусиятҳои инфиродии ҳар як кӯдакро ба назар гирифта, барои ба вуҷуд овардани фазои муносиб дар коллектив кор кунад, дар иттиҳодияи таълимӣ фазои мусоиди психологиро таъмин намояд.

Масалан дар фаъолияти маҳфили «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» – и Муассисаи давлатии «Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе» (роҳбар – омӯзгори таҳсилоти иловагӣ Г. Салимова) барои таъмини фазои муошират ва ба даст овардани натиҷаҳои назаррас ҷиҳати иҷрои барномаи таълимии таҳсилоти иловагӣ таълимгирандагонро вобаста ба сатҳи китобдонию китобхонӣ ба ҳамдигар вобаста намуда, арзёбии донишҳои онҳоро дар натиҷаи ташкили суҳбату баррасиҳои мавзӯъҳо дар байни коллективи маҳфил ба роҳ мондааст. Дар ин баробар барои тақвияти ҷараёни ташаккули қобилиятҳои кӯдакон ва таъмини муошират дар ин самт ҳамкории мунтазами ин маҳфил бо маҳфили «Китобдӯсторони наврас»-и ҳамин Муассиса ташкил гардида, машғулиятҳои муштарак гузаронида мешаванд. Илова ба бар ин сайри мунтазами аъзои ин маҳфил ба китобхонаҳо ва иштирок ба сифати шунаванда дар озмунҳои сатҳи маҳалливу ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» кӯдаконро ба ин равия ҳавасманд намуда, онҳо барои таъмини шароити эҷодӣ ҳамкории байни волидайн ва омӯзгорро тавассути иштирок дар машғулияти маҳфилҳо ташкил намудаанд, ки фазои мусоиди муоширатро фароҳам овардааст.

Илова бар ин, таъмини ҳамкории кӯдак бо муҳити таълимии худи муассисаи таҳсилоти иловагӣ низ муҳим аст. Самаранокии чунин робитаи мутақобила ба тарҳрезии мувофиқи фазоию ашёии синфхонаҳо, шароити мусоид барои омӯзиш, фазои эҷодии иттиҳодияи таълимӣ мусоидат мекунад. Муҳимтар боз он аст, ки худи кӯдак низ ба фаъолиятҳо оид ба тарҳрезии фазои атроф, нигоҳ доштани анъанаҳои мавҷуда ва муҳити ашёии муассиса ва ғайраҳо шомил карда шавад.

Ҳамкории омӯзгор бо кӯдакон дар муассисаи таҳсилоти иловагӣ дар ҳолатҳои зерин самаранок хоҳад буд:

-хусусиятҳои иқтидори эҷодии ҳар як шахсияти кӯдакро хуб донанд ва дарк намоянд;

-ҳамкорӣ характери муоширатӣ дошта бошад;

-эҳтиром гузоштан ба мавқеи ҳар як таълимгиранда;

-худи омӯзгор ба инкишофи фаъолияти эҷодӣ ва шавқу ҳаваси кӯдакон кӯшиш ба харҷ диҳад.

Инчунин, вазифаи дигари муҳими омӯзгор ҷалб намудани волидайн ба равади инкишофи қобилиятҳои эҷодии кӯдакон мебошад. Шакли анъанавии иштироки волидайн дар

фаъолияти иттиҳодияҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ташриф овардан ба консертҳои ҳисоботӣ, намоишгоҳҳо ва мусобиқаҳои кӯдакон мебошад. Аммо чунин шаклҳои ҳамкории волидайн бо кӯдак ва омӯзгорон, ба монанди ҷалб намудани падару модар ба ташхис кардани қобилиятҳои кӯдак, якҷоя ба консертҳо, намоишгоҳҳо, осорхонаҳо, ба машваратҳои инфиродӣ оид ба маъсалаҳои инкишофи иқтидори эҷодии шахсият ташриф овардан, ҷалб кардани онҳо ба коркард намудани барномаи инфиродии таълимии кӯдак, фароҳам овардани муҳити эҷодӣ ҳам дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ва ҳам дар хона, ҷалб намудани волидайни дорои кобилиятҳои эҷодӣ ба машғулияти якҷоя бо кӯдак, иштироки аҳли оилаи кӯдак ба фаъолияти лоиҳавӣ ва ғайраҳо дар низоми таҳсилоти иловагӣ натиҷаи назаррас медиҳад.

Ҳамин тариқ, ҷиҳати таъмини фазои муошират дар муҳити таълимии таҳсилоти иловагӣ, ки ба инкишофи эҷодии кӯдакон мусоидат мкунад, риоя кардани талаботҳои зерин зарур шуморида мешавад:

-инкишоф додани ҳамкории кӯдакони синну соли гуногун;

-ба ҳамкорӣ байни омӯзгорон, кӯдакон ва волидайн таваҷҷуҳ кардан;

-эҳтиром гузоштан ба мавқеи якдигар, ғамхорӣ ба якдигар;

-ба таври равонӣ омодан будан ба ҳамкории тарафайн;

-характери эҷодӣ доштани муносибатҳо, ки ташаббус ва мустақилияти кӯдаконро ҳавасманд мегардонад;

-мунтазам васеъ кардани соҳаи муошироти кӯдакон тариқи инкишоф додани ҳамкорӣ бо таълимгирандагони тамоми иттиҳодияҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ё мактаб, иштирок дар озмуну консертҳои эҷодӣ, театрҳо, осорхонаҳо, ёдгориҳои меъморӣ ва ғайраҳо;

-ташкили вохӯриҳо бо шахсиятҳои аҳли фарҳанг ва санъат (рассомон, адибон, варзишгарон ва диг,);

-фароҳам овардани шароити мувофиқи фазоӣ - моддии муошират (оро додани синфхона, намуди зоҳирии таълимгирандагон, иҷроиши мусиқӣ ва ғайра).

***Самти худшиносӣ*** бо раванди ташаккули шахсии «ман»-и кӯдак, ки таҳти таъсири муносибатҳои сершумор ва таъсироти иҷтимоӣ ташаккул меёбад, алоқаманд аст. Муҳити таълимии муассисаи таҳсилоти иловагии кӯдакон, ки вазифаи фароҳам овардани имкони таҳсил ва азхудкунии таҷрибаи иҷтимоии шахсро иҷро мекунад, системаи таъсирот ва шароити ташаккули шахсият, инчунин имкониятҳои рушди он мебошад.

Инчунин, имкониятҳои инкишофи кӯдак дар муҳити иҷтимоӣ ва фазоиву объективӣ муҳимтарин омили инкишофи эҷодкорӣ ва шарти асосии худшиносии эҷодии кӯдакон ва наврасон буда, мақсади он аз бедор намудани ҳиссиёти эҷодкорӣ ва ба ҳадди аксар инкишоф додани нерӯи эҷодие, ки табиатан дар вуҷуди ӯст, иборат мебошад.

Барои амалӣ гардонидани рушди самти худшиносии муҳити эҷодии таҳсилоти иловагии кӯдакон риояи талаботҳои зерин ҳатмӣ мебошанд:

-ҳамкории ба шахсият нигаронидашуда (ба назар гирифтани талабот ва хусусиятҳои инфриродии ҳар як кӯдак);

-таъмини рушди шахсият (ҳар қадаре ки кӯдак ба мақсад, мундариҷа ва рафти инкишофи эҷодии хеш дар таҳсилоти иловагӣ таъсир гузорад, ҳамон қадар ӯ метавонад шахси дар ҷомеа мавқеи худро муайянгардида ҳисобида шавад);

-меъёрҳои амалишавии фаъолияти муҳити таълимӣ бояд аз қобилиятҳои эҷодие, ки дар муҳити мазкур ташаккул меёбанд, иборат бошанд;

-худи муҳити таълимӣ бояд хусусиятҳо эҷодкорӣ, ихтироъкорӣ, маҳсулнокӣ, чандирӣ, аслият ва мустақилиятро дошта бошад;

-муҳити фаъолияти эҷодӣ бояд ба рушди майлу ҳаваси ботинии кӯдак мусоидат кунад [3].

Муҳите, ки дар он эҷодкорӣ амалӣ мегардад, бояд сатҳи баланди номуайянӣ ва имконоти иқтидори мухталиф дошта бошад. зеро номуайянӣ ва имконоти гуногун кӯдакро водор мекунад, ки мустақилона соҳаи фаъолияти худро пайдо кунад.

Ҳамин тариқ, муҳити эҷодӣ бо омилҳои гуногун таъмин гардида, рушди он дар шароити муосири таълимӣ бояд аз нуқтаи назари равиши шахсӣ-фаъолиятӣ ва субъективӣ сурат гирад, ки мувофиқи он шарти пешбарандаи рушди нерӯи эҷодии таълимгирандагон ба навъҳои гуногуни фаъолияти эҷодӣ фаро гирифтани онҳо мебошад. Аз ҷумла:

-мавқеи субъективии таълимгиранда бо роҳи мустақилона ва якҷоя муайян кардан ва дарк намудани майлу рағбат, ҳадафҳо, интихоби воситаҳо ва шароити фаъолияти онҳо таъмин карда мешавад;

-низоми муносибатҳои байни омӯзгорон ва таълимгирандагон дар заминаи ошкорбаёнӣ, эътимод, муколама, фароҳам овардани шароит барои худифшоӣ ва худшиносии неруи эҷодии таълимгирандагон сохта шавад.

Ҳамин тариқ, фароҳам овардани муҳити эҷодӣ дар низоми таҳсилоти иловагии кӯдакону наврасон як ҷанбаи муҳими рушди ин соҳаи тарбия буда, омӯзгорон ва масъулини муассисаҳои он бояд ба ташаккули чунин муҳит бо истифода аз усулҳо ва равишҳои гуногун, ки ба инкишфои қобиялият ва салоҳиятҳои эҷоди насли наврас равона гардидаанд, диққати махсус диҳанд.

**АДАБИЁТ**


1. Дополнительное образование детей. Психолого – педагогическое сопровождение // отв. ред. Л.В. Байбородова. – 2-е изд., испр. и доп. - М. “Юрайт”, 2016. – 413 с.
2. Евладова, Е.Б. Дополнителӣное образование детей // Евладова Е.Б., Логинова Л.Г., Михайлова Н.Н. - М. “Владос”, 2004. – 349 с.
3. Кречетников, К.Г. Проектирование креативной образовательной среды на основе информационных технологий. – М.: Госкоор. центр, 2006.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҳсилоти иловагӣ”. (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2012, №4, мод. 276; Қонуни ҶТ аз 29.01.2021с., №1766).
5. Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2018, №93.
6. Раҳимӣ, К.М. Нақши таҳсилоти иловагӣ дар рушди қобилияти эҷодии хонандагон // Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф, №1 (41), 2023, саҳ. 140 – 146.
7. Фадеева, А.П. Развитие образовательной среды учреждения дополнительного образования как условие творческой самореализации детей и подростков: авто-реф. дис. …канд. пед. наук / А.П. Фадеева. – Ульяновск, 2010.


## ФАҲМИШИ ЛАЁҚАТ ДАР ЧАҲОРЧӮБАИ ИЛМҲОИ ПСИХОЛОГИЯ ВА ПЕДАГОГИКА

***АБДУРАҲМОНОВ Гулрӯз Нурмаҳмадович*** *– сармутахассиси шуъбаи методикаи таълим, психология ва омодасозии кадрҳои илмии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, номзади илмҳои психологӣ, ш. Душанбе, к. А. Адҳамов, 11/2.* ***E-mail:*** *abduraxmonov_1979@mail.ru,* ***тел.:*** *(+992) 98 333 02 79*

Мақола ба таҳлилу баррасии масъалаи лаёқат дар адабиёти психологӣ ва педагогӣ бахшида шудааст. Зимни таҳлили адабиёти марбута шартан раҳёфтҳои маърифатӣ, эҷодӣ, психофизиологӣ, шахсиятӣ, экологӣ, психодидактикӣ ва намояндагони барҷастаи онҳо, ки психологҳои хориҷа ва ватаниро фаро мегиранд, ҷудо карда мешаванд. Ҳар яке аз ин раҳёфтҳо ба таври хос масъалаи лаёқат ва лаёқатмандиро баррасӣ мекунанд. Афзалияти раҳёфти психодидактикӣ дар омӯзиши лаёқат таъкид карда мешавад, ки ҷонибдорони он имконияти фазои таҳсилотиро дар саривақт ошкор намудан ва рушд додани аломатҳои лаёқатмандии зеҳнӣ махсусан таъкид менамоянд.

***Вожаҳои асосӣ:*** *рушд, лаёқат, раҳёфти маърифатӣ, раҳёфти психофизиологӣ, раҳёфти шахсиятӣ, раҳёфти эҷодӣ, психология, педагогика.*

## ПОНИМАНИЕ ОДАРЕННОСТИ В РАМКАХ ПСИХОЛОГИИ И ПЕДАГОГИКИ

***АБДУРАХМОНОВ Гулруз Нурмахмадович*** *– главный специалист отделения методики обучения, психологии и подготовки научных кадров Академии образования Таджикистана, кандидат психолгических наук Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. А. Адхамов, 11/2.* ***E-mail:*** *abduraxmonov_1979@mail.ru,* ***тел.:*** *(+992) 98 333 02 79*

Статья посвящена анализу и рассмотрению проблемы одарённости в психолого-педагогической литературе. При анализе соответствующей литературы условно выделяются когнитивный, творческий, психофизиологический, личностный, экологический, психодидактический подходы и их видные представители, в том числе зарубежные и отечественные психологи. Каждый из этих подходов конкретно затрагивает вопрос одарённости. Подчеркивается преимущество психодидактического подхода в исследовании таланта, где его сторонниками подчеркивается возможность раннего выявления и развития признаков интеллектуальной одаренности в образовательной среде.

***Ключевые слова***: *развитие, способности, познавательный подход, психофизиологический подход, личностный подход, творческий подход, психология, педагогика.*

## UNDERSTANDING GIFTEDNESS WITHIN PSYCHOLOGY AND PEDAGOGY

***ABDURAKHMONOV Gulruz Nurmakhmadovich*** *– chief specialist of the department of teaching methods, psychology and training of scientific personnel of the Academy of Education of Tajikistan, candidate of psychological sciences of the Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe, st. A. Adkhamov, 11/2.* ***E-mail:*** *abduraxmonov_1979@mail.ru*, ***phone:*** *(+992) 98 333 02 79*

The article is devoted to the analysis and consideration of the problem of giftedness in psychological and pedagogical literature. When analyzing the relevant literature, cognitive, creative, psychophysiological, personal, ecological, psychodidactic approaches and their prominent representatives, including foreign and domestic psychologists, are conventionally distinguished. Each of these approaches specifically addresses the issue of giftedness. The advantage of the psychodidactic approach in the study of talent is emphasized, where its supporters emphasize the possibility of early identification and development of signs of intellectual giftedness in the educational environment.

***Key words:*** *development, abilities, cognitive approach, psychophysiological approach, personal approach, creative approach, psychology, pedagogy.*

Дар илми психолгия ва педагогика проблемаи лаёқат ва лаёқатмандӣ дар чаҳорчӯбаи раҳёфтҳои гуногун баррасӣ гардидааст: *раҳёфти маърифатӣ* (Ф. Галтон, В. Штерн, Ч. Спирмен, Р. Стернберг, М.И. Холодная, В.Н. Дружинин ва диг.), ки дар доираи он лаёқат ҳамчун раванди коркарди ахбор ва захира намудани таҷрибаи фардии маърифатӣ баррасӣ мегардад; баррасии масъалаи лаёқат дар қаринаи проблемаи *эҷодиёт ва эҷодкорӣ* (креативнокӣ) (Д.Б. Богоявленская, А.М. Матюшкин, Яковлева, Ҷ. Гилфорд), ки дар он фаҳмиши лаёқат ҳамчун заминаи умумӣ барои рушди шахсияти эҷодкор дила баромадамешавад; раҳёфти *психофизиологӣ* (Г. Айзенк, Н.С. Лейтес, Э.А. Голубева, А.Н. Лебедев), ки ҷонибдори заминаи биологӣ доштани лаёқат буда, онро зуҳуроти психофизиологӣ мешуморад; *раҳёфти шахсиятӣ* (Ю.Д. Бабаева, К. Роджерс, А. Маслоу), ки дар доираи он лаёқат ҳамчун сифати шахсияти комил баррасӣ мегардад; *раҳёфти экопсихологӣ,* ки аз ҷониби В.И. Панов, кооркард гардида, лаёқатро ҳачун шакли махсуси зуҳуроти табиати эҷодии психика, ҳамчун сифати системавии психика баррасӣ менамояд, ки ҳангоми таъсири тарафайни психика бо оламии атроф ба вуҷуд меояд; *раҳёфти психодидактический* (таҳсилотӣ) Н.К. Амонов, Р. Атаханов, Ҷ. Рензулли, Н.Б. Шумакова, В.С. Юркевич, В.И. Панов), ки тарафдорони он ба имконияти фазои таҳсилотӣ дар саривақт ошкор намудан ва рушд додани аломатҳои лаёқатмандии зеҳнӣ акя менамоянд.

Ба раҳёфтҳои гуногун нигоҳ накарда, айни замон лаёқати зеҳнӣ аз ҷонии аксари муҳаққиқон ҳамчун зуҳуроти бисёрҷанба, тағйирпазир, мурракабташкил эътироф мегардад, ки дар баробари қобилиятҳои зеҳнӣ инчунин эҷодкорӣ, имаромнокии маърифатӣ ва сифатҳои шахсии фардро фаро мегирад [1, 2,6, 7, 11, 12, 13, 18, 21, 22].

Дар ҳамин радиф Н.Б. Шумакова таъкид менамояд, ки лаёқати зеҳнӣ дар зина баланди рушдии умумии зеҳнӣ ва имкониятҳои эҷодӣ, дар ҳасосии баланд ба таълим дар соҳаҳои

гуногуни дониш зоҳир мегардад [21, с. 38]. Ба андешаи ӯ, раванди таълим бояд на танҳо аз рушди зеҳнӣ иборат бошад, балки шахсияти кӯдакро дар умум фаро гирад.

Барои татбиқи раҳёфти мазкур мебояд мундарича ва методҳои таълимро тағйир дод. Мавзӯъҳо ва проблемаҳои омӯхташаванда бояд хусусияти глобалӣ ва заминавӣ дошта бошанд. Ин имкон фароҳам меорад, то фанҳои сершумори таълимӣ дар алоқамандии ҳамдигарӣ омӯхта шаванд, ки томмияти мундаричаи талимро таъмин намуда, дар хонандагон тасвири яклухту томи оламро ба вуҷуд меорад.

Дар доираи раҳёфти таҳсилотӣ В.С. Юркевич пешниҳод менамояд, ки масъалаи ошкорнамоӣ ва рушди лаёқатро дар қаринаи лоиҳаи афзалиятдоштаи ҳаётии ҳар як кӯдак баррасӣ намоем, ки ҳамроҳии кӯдаки болаёқатро то худмуайяннамоии касбӣ ва татбиқи зарфиёти онҳо дар маҳсулоти аз лиҳози иҷтимоӣ муҳим дар назар дорад [22, с. 99].

В.С. Юркевич шароитҳои зеринро ҷудо менамояд, ки онҳоро барои коркарди лоиҳаи афзалиятдоштаи ҳаётии кӯдак дар назар доштан зарур аст: 1) шахси дигари муҳим (референтӣ): волидон, омӯзгорон, ҳамсолон, баъзан ҳатто ҳамсӯҳбати тасодуфӣ; 2) адибиёт ва санъат; 3) таассуротҳои баланд (олӣ); 4) муҳити иҷтимоӣ ба маъно васеъ ва маҳдкди он.

Қайд намудан ҷоиз аст, ки татбиқи босмари лоиҳаи болозикр кори диққатталаб ва меҳнати дастаҷамъонаи садорати муассисаи таълимӣ, омӯзгорон, волидон, психологҳо ва дигар ашхоси ҳавасмандро талаб мекунад. Дар ҳолати мазкур дар таҳия, ташкил, ҳамоҳангсозӣ ва илоранамоии лоиҳаи афзалиятдоштаи ҳаётии кӯдаки лаёқатманд психологӣ аз лиҳози касбӣ омодагардида нақши калидӣ дорад.

Намояндаи дигари раҳёфти таҳсилотӣ – Ҷ. Рензулли чунин мешуморад, ки лаёқат натиҷаи тасири байниҳамӣ ва ҳамкории се нишондиҳанда: зеҳн, эҷодкорӣ (кретивнокӣ) ва маромнокии маърифатӣ мебошад. Методи дар якҷоягӣ бо С. Райс ва Л. Смит коркарднамудаи онҳо бо номи "турникет", ба муайяннамоии кӯдакони болаёқат равона гардида, барои кор дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ пешбинӣ гардидааст. Ғояи методи мазкур аз он иборат аст, ки раванди муайяннамоии лаёқаттмандии кӯдак набояд якборагӣ бошад, балки муддати тулониро дар назар дошта бошад. Мушоҳидаи дарозмуддати кӯдак (муддати як сол) дар раванди кори ӯ бо барномаҳои махсус амалӣ мегардад. Вобаста аз дастовардҳояш кӯдак метавонад дилхоҳ вақт аз гурӯҳи таълимӣ берун шавад, ё худ ба он ворид гардад. Дар асоси омӯзиши қобилиятҳо, рағбатҳо ва услуби писандидаи таълиму омӯзиши, худомӯзӣ, тафаккури кӯдак «портфели маълумот» оиди ӯ ташкил карда мешавад, ки дар он пеш аз ҳама диққат додан ба дастовардҳо таъкид мегардад, на ба норасогиҳо [14, с. 47].

Дар амсилаи бисёромилаи аз ҷониби психологи олмонӣ К. Хеллер ва ҳамкоронаш таҳиягашта дастовардҳои баланд ҳамчун маҳсули лаёқатмандӣ, тавсифоти шахсиятӣ ва иҳотаи иҷтимоӣ баррасӣ мегардад. Лаёқат аз ҷониби муаллифони болозикр ҳамчун зарфиёти фардӣ, маърифатӣ, маромӣ ва иҷтимоӣ фаҳмида мешавад, ки имконияти ноил гаштан ба дастовардҳои баландро дар як ё якчанд соҳаи зерин фароҳам меорад: зеҳн (интеллект), эҷодиёт, салоҳияти иҷтимоӣ, имкониятҳои бадеӣ, имкониятҳои психомоторӣ [18, с. 121].

Ба андешаи мо, дар асмсилаи мазкур ҷудо намудани салоҳиятмандии иҷтимоӣ ба сифати соҳаи алоҳидаи лаёқатмандӣ муҳим аст. Муҳиммии нуқтаи мазкур дар замони муосир дар он аст, ки дар баробари одамони болаёқат дар соҳаи илм, санъат ва техника дар рушди ҷомеа инчунин сиёсатмадорон, роҳбарон ва арбобони болаёқати давлатӣ низ нақши ҳалкунанда доранд. Сифати мазкур инчунин ба шахсони лаёқатманд дар соҳаи илм ва техника заруррааст, зеро дар баробари таҳияи ғояҳои илмӣ ба олими муосир тарғиб намудан, пешбарӣ намудан, татбиқ намудани онҳо низ лозим аст, ки бе мавҷудияти малакаҳои муайяни иҷтимоии ҳамкорӣ бо дигар одамон ғайриимкон аст.

Ю.Д. Бабаева чунин мешуморад, ки ошкор намудан, таълим ва рушд додани кӯдакони лаёқатманд бояд ба раҳёфти мукаммал ба омӯзиши шахсияти онҳо замина гирад, ки ягонагии баррасии ҷанбаҳои маърифатӣ ва аффективӣ (ҳиссиётӣ)-и рушди психики онҳоро дар назар дорад. Ӯ нақши эмотсияҳои зеҳниро дар раванди гузориши мустақилона ва ҳалли масъалаҳои эҷодӣ махсусан қайд менамояд [2, с. 7].

Дар пайравӣ аз Л.С. Виготский, ки зарурати иваз намудани раҳёфти маъмули статикиро дар омӯзиши лаёқат ба раҳёфти динамикӣ қайд намуда буд, Ю.Д. Бабаева назарияи динамикии лаёқндмандиро коркард намудааст. Моҳияти назарияи мазкур дар он ифода меёбад, ки дар чаҳорчӯбаи он ба сифати предмети омӯзиш на танҳо нишондиҳандаҳои мухталифи арзёбии қобилиятҳо, балки инчунин худи раванди рушд баромад мекунад. Муҳаққиқ даврахои зерини раванди ташхисиро ҷудо мекунад: таҳқиқи қаблии ташхисии ҳар

як кӯдак; ташхиси этиологӣ ва ё сабабӣ (сабабҳои ин ё он «монеа»-ҳои психологӣ ошкор мегарданд); ташхиси типологӣ (муайян намудани ин ё он намуди рушд, ошкор намудани механизмҳои мушаххаси бавуҷудой ва амалкарди монеаҳои психологии қаблан ошкоргардида ва сабабҳои сар задании онҳо); пешбинӣ (пешгӯии натиҷаҳои имконпазири рушд); марҳилаи коркарди тавсияҳои педагогӣ, ки ба таълиму рушди мувофиқи мақсад (оптималӣ)-и кӯдаки додашуда мусоидат мекунанд [2, с. 9].

Бартарияти низоми болозикри ташхисӣ дар он аст, ки дар он ташдид ба машғулиятҳои махсуси тренингӣ дода мешавад. Ин имкон фароҳам меорад, ки шиддатнокии марбут ба фазои ташхисӣ бартараф гардида, имкониятҳои зарфиётии кӯдак ошкор карда шаванд.

*Раҳёфти экопсихологӣ ба масъалаи лаёқат,* ки аз В.И. Панов, коркард гардидааст, лаёқатро ҳамчун шакли махсуси зоҳиргардии табиати эҷодии психика баррасӣ менамояд, ки зимни таъсири тарафайни фард бо муҳити таълимӣ ба вуҷуд омада, шакли рушди баланди равандҳо ва ҳолатҳои психикиро дар шуури хонанда касб мекунад [11, с. 32].

Экологияи таълим ва рушди кӯдакони лаёқатмандро В.И. Панов ҳамчун мувофиқати технологияҳои таълимӣ ва муҳити таълимӣ барои кӯдакони лаёқатманд бо табиати рушди психикӣ ва рушди лаёқат медонад.

Самти ҷолиби омӯзиш ва рушди лаёқат анъанаи ба ном педагогикаи лаёқати «белаёқатҳо» маҳсуб меёбад. Дар доираи анъанаи мазкур В. Моргун ва М. Мутафова ҷанбаҳои зерини омӯзиш ва рушди лаёқатро ҷудо мекунанд:

1. Фаҳмиши лаёқат на ҳамчун зуҳуроти ирсӣ, балки аз лиҳози иҷтимоӣ ва педагогӣ асосёфта, ки тули ҳаёт метавонад тағйир пазирад, қабул гардад.
2. Эҳсоси инсондӯстӣ дар муносибат бо кӯдакон.
3. Ҳамгиро (интегратсия)-и тамоми намудҳои асосии фаъолиятҳои инсонӣ дар раванди таълиму тарбия: меҳнат, бозӣ, муошират, мустақилият.
4. Дар рушди лаёқат танҳо ба таълим ва такрористеҳсоли донишҳо иктифо намудан дуруст нест, балки мебояд кӯдаконро ба дараҷаи эҷодиёт барорем.
5. Фаъолият бояд дар шаклҳои ҳаракатӣ (моторӣ), идрокӣ (персептивӣ) ва нутқӣ-тафакурӣ амалӣ гардад [8, с. 57].

Анъанаи мазкур бо муваффақият дар корҳои педагогҳои шуравӣ (А.С. Макаренко, С.Т. Шатский) ва муосир (Г.К. Лозанова, И.П. Волков, С. Фукуяма, А.А. Захаренко) рушд дода шудааст.

Афзалияти раҳёфти болозикр дар он аст, ки имкон медиҳад лаёқат на танҳо дар элитаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ошкор ва рушд дода шавад, балки инчунин «… кӯдакони сустхон ва бе назорати иҷтимоимонда, тавассути ошкор ва рушд додани лаёқати онҳо ба муассисаи таълимӣ ҷалб карда шуда, бо ин роҳ вайроншавӣи ахлоқ ва дуршавии онҳо аз ҷомеа ва маданият пешгирӣ карда шавад» [8, с. 58].

Дар доираи раҳёфти системавӣ-фаъолиятӣ (С.Л. Рубинштейн, Б.М. Теплов, В.В. Давидов, Д.Б. Богоявленская, В.Д. Шадриков, Н.И. Чуприкова, В.И. Панов, Р.А. Атахонов) лаёқат ҳамчун сифати системавии тулии ҳаёт рушдёбанда баррасӣ мегардад, дар фаъолият зоҳир гашта ва рушд ёфта, имконияти иҷрои бомуваффақият ва сифатноки онро таъмин месозад. Системанокии сохтори лаёқат ва нақши фаъолиятро дар зоҳиргардӣ ва рушдёбии он ҳанӯз классикҳои психологияи русӣ-шуравӣ С.Л. Рубинштейн ва Б.М. Теплов баён намуда буданд. Ҳамгироӣ ва таркибӣ будани сохтори лаёқатро, ки ба фаҳмиши муосири он хос аст, ҳанӯз С.Л. Рубинштейн таъкид намуда буд: «Қобилияти умумиро аксаран бо истилоҳи «лаёқат» ифода мекунанд, дар психологияи хориҷа онро бо зеҳн дар айният медонанд. Вале, қайд намудан ҷоиз аст, ки агар лаёқати умумӣ гуфта тамоми сифатҳои инсонро дар назар дошта бошем, ки маҳсулнокии иҷрои фаъолиятро таъмин месозанд, пас ба он на танҳо зеҳн, балки тамоми дигар хосият ва хусусиятҳои шахсият, азҷумла соҳаи эмотсионалӣ, мизоҷ, ҳасосии эмотсионалӣ, тонус, суръати фаъолият ва амсоли ин шомил мегарданд» [15, с. 128]. Ба ҳмин монанд Б.М. Теплов қайд мекунад: «Дар ин тасвсифоти шахсият, ки мо лаёқаташ меномем, набояд ҷамъи одии қобилиятҳоро дар назар дошт: дар муқоиса бо қобилиятҳо он сифати навро соҳиб мегардад» [17, с. 103].

В.И. Панов низ дар корҳои худ системанокӣ ва ҳагироии сохтори лаёқатро асоснок намуда, нақши фаъолиятро ба сифати шароити ташаккул ва рушди он таъкид менамояд. Лаёқатро муҳаққиқи мазкур ба тариқи зайл маънидод мекунад:

- хосияти системаноки психика, ки дар натиҷаи таъсири тарафайни маърифатӣ миёни фард ва муҳити таълимӣ ба вуҷуд меояд;

- хосияти рушдёбандаи психика, ки барои зоҳиргардидӣ ва рушди он ба сифати шарти муҳим на танҳо аломату нишонаҳои модарзодӣ, балки инчунин муҳити мувофиқи таълимӣ бо дарназардошти намудҳои мувофиқи фаъолият баромад мекунанд;
- тавсифоти фардии рушди маърифатӣ, эмотсионалӣ ва шахсиятии хонанда, ки дар мувофиқати хоси соҳаҳои маърифатӣ, эмотсионалӣ ва шахсӣ ифода ёфта, имконияти дастовардҳои баландро дар рушди қобилиятҳо дар намудҳои аз лиҳози иҷтимоӣ муҳимми фаъолиятҳо таъмин месозад [10, с. 35].

Дар «Консепсияи кори лаёқат» (Д.Б. Богоявленская, В.Д. Шадриков ва диг.) дастовардҳои тамоми раҳёфтҳо қаблӣ ба омӯзиши лаёқат ҳамгиро карда мешаванд. Консепсия дар асоси раҳёфти системавӣ-фаъолиятӣ коркард гашта, лаёқатро ҳамчун «сифати системаноки тулии ҳаёт инкишофёбанда, ки имконияти расидан ба натиҷаҳои нисбатан баланд (ғайриоддӣ, барҷаста) дар як ё якчанд намуди фаъолият, нисбат ба дигаронро муайян менамояд», тавсиф мекунад [13, с. 41].

Зери мафҳуми системанок Д.Б. Богоявленская раванди ҳамгироеро дар назар дорад, ки кулл дар муқоиса ба хосиятҳои ҷузъҳои он, соҳиби хосиятҳои нав мегардад [21, с. 78].

Лаёқати умумӣ (зеҳнӣ) дар консепсияи олимонни мазкур ҳамчун натиҷаи ҳамгирои қобилиятҳои зеҳнӣ, соҳаи иродавӣ-эмотсионалӣ ва дигар сифатҳои шахс баррасӣ мегардад. Ба сифати ҷанбаи муҳимтарини лаёқати умумӣ фаъолии зеҳнӣ ва худтанзимнамоии он дида баромада мешавад.

Дар консепсия ба тавсифи хусусиятҳои кӯдакони лаёқатманд, ташкили раванди муайяннамоии лаёқат ва самтҳои асосии кор бо кӯдакони лаёқатманд дар соҳаи маориф диққати махсус дода мешавад. Зарурияти омоданамоии касбӣ-шахсии педагогҳо ва психологҳо барои кор бо кӯдакони лаёқатманд махсус таъкид мегардад.

Қайд намудан бамаврид аст, ки маҳз принсипи раҳёфти системавӣ-фаъолиятӣ зимни низоми таълими мутараққии коркарднамудаи В. В. Давидов ва раҳёфти байнифаннӣ ба таълими кӯдакони лаёқатманди Н.Б. Шумакова мехобад. Ба андешаи аксари муҳаққиқон раҳёфтҳои болозикри таълимӣ барои кӯдакони лаёқатманд нисбатан беҳтаранд.

Ба андешаи В.В. Давидов, «ҳаста»-и рушди психикӣ раванди ташаккули фаъолият аст [40, с. 9]. Дар рафти ташаккулёбии фаъолияти таълимӣ дар кӯдакони синни хурди мактабӣ навташкилаи муҳимми психикӣ – асосҳои шуур ва тафаккури назариявӣ ва қобилиятҳои психики марбути онҳо (рефлексия, таҳлил, банақшагирӣ) ташаккул ва инкишоф мeёбанд. Ин тавассути дигаргун сохтани мундариҷаи таълим имконпазир мегардад, яъне бо воситаи гузариш аз абстраксия ба мушаххасӣ [5, с. 148].

В.И. Слабодчиков и Сукерман Г.А., ғояҳои В.В. Давидовро рушд дода истода, рефлексияро ҳамчун механизми универсалии психикии бартараф намудани ҳудудҳои тарзи ҳаёти худ, худмуайяннамоии мавқеъии худ тавсиф медиҳанд. Дар синфҳои ибтидоӣ рефлексия ҳамчун қобилияти фардии муқаррар намудани ҳудудҳои имкониятҳои худ, «донистани он, ки ман чиро медонам (метавонам) ва чиро намедонам (наметавонам)» [16, с. 31]. Шарти зарурии рушди чунин рефлексия дар кӯдакон, ба андешаи муҳаққиқони болозикр, ташаккули фаъолияти мукаммали таълимӣ мебошад, ки худмуайяннамоӣ ва худдигаргунсозии кӯдакро дар ҷамъияти таълимӣ, ташаккули мавқеи хонандаро дар ӯ (яъне ҳангоме, ки хонанда субъекти фаъолияти таълимии худ мегардад), муайян менамояд.

Дар доираи назарияи В.В. Давидов, Р. Атаханов баррасии масъалаи лаёқатро дар чаҳорчӯбаи таълимот оид ба типҳои тафаккур пешниҳод менамояд (В.В. Давидов, Р.А. Атаханов). Дар ин бора у менависад: «Ба зинаҳои таҳлил, банақшагирӣ ва рефлексияи тафаккури назариявӣ дараҷаҳои гуногуни эҷодиёт мувофиқат мекунанд. Дар вазъияти фаъолияти истеҳсолӣ (аз чумла фаъолияти маърифатӣ) шахсе, ки соҳиби тафакури рефлексивӣ аст, саъю талош ва қобилияти офаридани чизи нав зоҳир менамояд. Заминаи чунин қобилият эҷодиёти зеҳнӣ маҳсуб мeёбад, асоси офариниш – тахайюли эҷодӣ, худи зуҳурот бошад, лаёқат мебошад. Лаёқат дар талаботи равшан ифодаёфта ва қобилияти баланд ба офаридани чизи нав дар соҳаҳои гуногуни фаъолият зоҳир мегардад» [1, с. 37]. Мавқеи мазкур, ба андешаи мо, дар раванди таълиму рушди кӯдакони болаёқат самти дурнамоёна (перспективӣ) маҳсуб мeёбад, зеро ҳудуди фаҳмиши зуҳуроти мазкурро васеъ гардонида, масъалаи ташхиси онро аз ҳисоби ҷалб намудани методикаҳои ташхиси типҳои тафаккур барои муайяннамоии кӯдакони дорои аломатҳои лаёқати ақлӣ, ҳал менамояд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки таҳқиқоти муосир миёни зинаҳои инкишофи тафаккур ва қобилиятҳои зеҳнӣ алоқамандӣ (коррелятсия)-и устуворро ошкор намуданд [3, 49].

Системаи Д.Б. Эльконина – В.В. Давидовро таҳлил намуда истода, мо ба хулосае омадем, ки он бештар барои таълими хонандагони лаёқатманд мувофиқ аст. Масалан, таҳқиқоти Г.А. Цукерман нишон медиҳанд, ки ба гурӯҳи ба ном «пешсаф», яъне хонандагони соҳиби зинаи баланди фаъолии ҷустуҷӯӣ асосан кӯдакони дорои рушди баланди зеҳнӣ шомил мегарданд [19, с. 16].

Д.Б. Боговленская низ дар таҳқиқоти худ миёни зинаи ташаккули тафаккури назариявӣ ва лаёқат алоқамандӣ (коррелятсия)-и баландро ошкор намуд. Ба андешаи ӯ тафаккури назариявии ташаккулёфта – ин роҳи ташаккул ва рушди қобилиятҳои эҷодии фар даст [21, с. 41].

Н.Б. Шумакова низ ҳамгирои байнифанниро барои ташкили раванди таълими кӯдакони лаёқатманд смарабахш меҳисобад. Чунин воситаи ташкили мундариҷаи таълим, ба андешаи муҳаққиқ, ба қонуни рушди соҳаи маърифатии кӯдак, ки Н. И. Чуприкова асоснок намудааст, мувофиқат мекунад [20, с. 38].

Гуфтаҳои болоро ҷамъбаст намуда, қайд кардан мумкин аст, ки дар назария ва амалияи муосир раҳёфти системавӣ-фаъолиятӣ ба рушди зеҳнӣ ва асмислаҳои таълимии рушддиҳандаи зимни он таҳиягашта дар рушди лаёқати зеҳнӣ бештар макбул ва амалишавандаанд.

Ба раҳёфти психодидактикӣ ба масъалаи лаёқат пайравӣ намуда, мо чунин меҳисобем, ки маҳз фазои таълимӣ барои рушд ва татбиқи лаёқат муҳити нисбатан мусоид аст. Бо дарназардошти ин, мо зарурияи таҳияи барномаҳо ва технологияҳои таълимиро, ки ба таълиму рушди кӯдакони дорои аломатҳои лаёқати зеҳнӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ равона гардидаанд, мувофиқи мақсад медонем.

Муҳиммии мавкеи мазкур дар андешаҳои зерин инъикос меёбад: чунин раҳёфт имконият медиҳад, ки хонандагонро аз намунаи ибрат дар симои ҳамсинфони лаёқатмандашон, маҳрум насозем; имконият медиҳад, ки дар кӯдакони лаёқатманд худбаҳодиҳии мувофиқ нигоҳ дошта шуда, дар онҳо таҳаммулпазирӣ ва малакаҳои ёрию дастгирии ҳамдигарӣ рушд дода шаванд; зарфиёти кӯдакони лаёқатманд дар раванди таълими ҳамсолони давомоташон паст истифода гардад; аз ҳисоби ҷалб намудани кӯдакони лаёқатманд ба раванди таълим вақти омӯзгорро барои корҳои эҷодӣ ва коркарди барномаҳои фардии рушди хонандагон сарфа намудан.

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи таҳлили андешаҳо ва назарияҳои гуногун мо метавонем таърифи барои таҳқиқоти мо нисбатан мақбули лаёқати зеҳниро пешниҳод намоем. Зери истилоҳи лаёқати зеҳнӣ мо мувофиқати имкониятҳои зеҳнӣ ва эҷодии шахсро мефаҳмем, ки бо афзалияти маромнокии маърифатӣ, суръати тези рушди психикӣ ва ҳассосии баланд ба навигарӣ тавсиф меёбад. Ҳамзамон дар назар бояд дошт, ки лаёқат сохтори системавӣ ва ҳагиро дошта, шахсияти кӯдакро дар яклухтӣ фаро гирифта, метавонад дар шаклҳои гуногун зоҳир гардад. Инҳо (дар баробари ҷузъҳои ба таври анъанавӣ ҷудошаванда, ба монанди зеҳн, маромнокӣ ва эҷодкорӣ) метавонанд ҳушмандӣ, хотираи хуб, амиқӣ ва чандирии тафаккур, тафаккуи интиқодӣ, аслияти фикр, зинаҳои инкишофи тафаккури назариявӣ (таҳлил, банақшагирӣ ва рефлексия), тахайюл, маҳорати ифода намудани нуқтаи назари худ, қобилият ба дарки дигарон ва таъсир расонидан ба онҳо, маҳорати барқарор намудани алоқа ва амсоли инҳо бошанд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло дар таҳқиқоти худ мо аз истилоҳи «кӯдаки дорои аломатҳои лаёқати зеҳнӣ» истифода мебарем ва дар он назарем, ки дар ҳар як кӯдак аломатҳои муайяни лаёқати зеҳниро пайдо намудан мумкин аст ва онҳо метавонад барои рушди имкониятҳои зеҳнии кӯдак ҳамчун нуқтаи такягоҳ хизмат намоянд.

## АДАБИЁТ


1. Атаханов, Р. Мышление и интеллектуальная одарённость детей [Текст]/ Р. Атаханов //Одарённые дети Узбекистана. Тезисы выступлений к научно-практической конференции. – Термез, 1992. – С. 17-19.
2. Бабаева, Ю.Д. Особенности развития эмоциональной сферы одаренных детей и подростков [Текст]/ Ю.Д. Бабаева // Одаренный ребенок. – 2003. – №2. – С. 6-24.
3. Богоявленская, *Д. Б.* «Субъект деятельности» в проблематике творчества [Текст] / Д.Б. Богоявленская // Вопросы психологии.- 1999. – № 2. – С.35-41.

4. Богоявленская, *Д.Б.* Открывая рубрику [Текст] /Д.Б. Богоявленская // Образование личности. – №3. – 2011. – С. 77-83.

5. Давыдов, *В.В.* Проблемы развивающего обучения: Опыт теоретического и экспериментального психологического исследования [Текст] / В.В. Давыдов. – М.:Педагогика, 1986. – 240 с.

6. Ландау, Э. Одарённость требует мужества [Текст] / Э. Ландау. – М.: Изд-во АСТ. – 2007. – 175с.

7. Лейтес, Н.С. Ранние проявления одарённости [Текст] / Н.С. Лейтес // Вопросы психологии. – 1998. – №4. – С. 97-101.

8. Моргун, В. Мутафова, М. Традиции и перспективы педагогики одарённости «неодарённых»[Текст] / В. Моргун. М. Мутафова // Народ. образ. 2009. – № 9. – С. 55-59.

9. Панов, В.И. Одаренные дети: выявление – обучение – развитие [Текст] / В.И. Панов // Педагогика.– 2001. – №4. – С. 30-43.

10. Панов, *В.И.* Одаренные дети: выявление – обучение – развитие [Текст] / В.И. Панов // Педагогика.– 2001. – №4. – С. 30-43.

11. Панов, *В.И.* Экопсихологический взгляд на развитие и сохранение детской одаренности [Текст] / В.И. Панов // Психология образования в XXI веке: теория и практика. – 2001 С. 349-353.

12. Психология одарённости детей и подростков [Текст] / Под. ред. Н.С. Лейтеса. – М.: Издат. центр «Академия», 1996. – 416 с.

13. Рабочая концепция одаренности [Текст] / Д.Б. Богоявленская, А.В. Брушлинский, М.А. Холодная и др. – М.: ИЧП «Издательство Магистр», 1998.

14. Рензулли, Дж. Модель обогащения школьного обучения [Текст] / Дж. Рензулли, С. Райс // Одарённый ребёнок. – 2002. – №2. – с. 6-31.

15. Рубинштейн, *С.Л.* Основы общей психологии [Текст] / С.Л. Рубинштейн. – СПб.: Питер, 2001. – 720 с.

16. Слабодчиков, В.И., Цукерман Г.А. Генезис рефлексивного сознания в младшем школьном возрасте // Вопросы психологии. 1990, №3. С. 25-36.

17. Теплов, *Б.М.* Избранные труды в двух томах. Т.1. [Текст] / Б.М. Теплов. – М.: Педагогика, 1985. - 328 с.

18. Хеллер, К.А. Лонгитюдное исследование одарённости [Текст] / К.А. Хеллер, К. Перлет, В. Сиервальд. // Вопросы психологии. – 1991. – №2. – С. 121-126.

19. Цукерман, Г.А. Взаимодействие ребенка и взрослого, творящее зону ближайшего развития [Текст] / Г.А. Цукерман // Культурно-историческая психология. – 2006. – №4. – С. 61-73.

**ТДУ (УДК) -159.9**
**ТКБ (ББК) - 88.5**
**З-20**

## ТАВСИФИ ИҶТИМОӢ-ПСИХОЛОГИИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНИШАХСӢ ДАР НАВРАСОН

***ЗАЙТМЕТОВ Хусан Авасхонович*** *– номзади илмҳои психологӣ, дотсенти кафедраи психологияи иҷтимоӣ ва касбии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1.* ***E-mail:*** *husein20@inbox.ru,* ***тел.:*** *(+992) 92 991 11 03*

***ИСМОИЛОВ Шокирҷон Ғуломович*** *– муаллими калони кафедраи умумидонишгоҳии психологияи умумии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1.* ***E-mail:*** *azizmuhammad-98@mail.ru,* ***тел.:*** *(+992) 92 759 82 65*

Ин мақола ба яке аз масъалаҳои муҳимтарин яъне ҷараёнҳои гуманистӣ дар психология бахшида шудааст. Аз ҷиҳати омӯзиш масъалаи шахсият дар психология яке аз мушкилтарин масъалаҳо муаррифӣ гашта, дар тули таърихи инкишофи ин соҳаи илм борҳо эътироф шудааст, ки омӯзиши пурраи масъалаи мазкурро дар доираи ягон назарияи афзалиятноки психологӣ маҳдуд кардан ғайриимкон аст, зеро он серҷанбаю беҳамто буда,

махсусияти худро дорад. Масъалаи мазкур дар давраи наврасӣ аҳаммияти бештар дорад, зеро маҳз дар ҳамин синну сол ташаккулёбии шахсият пуршиддат сурат гирифта, на танҳо ба омилҳои беруна, балки ба андозаи зиёд ба худи наврас, ба рушди соҳаи худназораткунии ихтиёрии ӯ, хусусиятҳои равияи шахс, мақсадгузориҳо ва ташкилаҳои ахлоқӣ вобаста аст.

Дар мақолаи мазкур рушди марҳилавии наврасро ҳамчун шахсият тавассути тағйирёбии сохтори худшиносӣ дар шаклҳои гуногуни зоҳиршавии он, аз қабили худбаҳодиҳӣ, рефлексияи шахсӣ, талабот ба худ ва дигарон, маромҳои фаъолият, идеалҳо, шавқу ҳавасҳо ва ғ. ба таври равшан мушоҳида кардан мумкин аст.

***Вожаҳои асосӣ:*** *шахсият, муносибати байнишахсӣ, наврасон, иҷтимоӣ, психологӣ, рафторҳои гуманистӣ, гузаришҳои синнусолӣ, гуманизм, инкишоф.*

## СОЦИАЛЬНО-ПСИХОЛОГИЧЕСКОЕ ОПИСАНИЕ МЕЖЛИЧНОСТНЫХ ОТНОШЕНИЙ У ПОДРОСТКОВ

***ЗАЙТМЕТОВ Хусан Авасхонович*** *– кандидат психологических наук, доцент кафедры социальной и профессиональной психологии Худжандского государственного университета им. академика Бободжона Гафурова, г. Худжанд, проезд Мавлонбеков, 1.* ***E-mail:*** *husein20@inbox.ru,* ***тел.:*** *(+992)92 991 11 03*

***ИСМОИЛОВ Шикорджон Гуломович*** *– старший преподаватель кафедры общее психологии Худжандского государственного университета им. академика Бободжона Гафурова, г. Худжанд, проезд Мавлонбеков, 1.* ***E-mail:*** *azizmuhammad-98@mail.ru,* ***тел.:*** *(+992)92 759 82 65*

Эта статья посвящена одному из важнейших вопросов, а именно гуманистическим процессам в психологии. С точки зрения изучения, проблема личности в психологии является одной из самых сложных, и на протяжении всей истории развития этой области науки было признано, что невозможно полностью изучить данную проблему в рамках какой-либо преобладающей психологической теории, поскольку она носит интенсивный характер и имеет свою специфику. Данный вопрос имеет большее значение в подростковом возрасте, так как именно в этом возрасте происходит интенсивное формирование личности, которое зависит не только от внешних факторов, но и в значительной степени от самого подростка, от развития его добровольной сферы самообслуживания, особенностей личностных тенденций, целей и этических организаций.

В данной статье рассматривается развитие подросткового возраста как личности путем изменения структуры самопознания в различных формах его проявления, таких как самооценка, личностный рефлекс, потребности в себе и других, этапы деятельности, идеалы, интересы и т.д. можно четко наблюдать.

***Ключевые слова:*** *личность, межличностные отношения, подростки, социальные, психологические, гуманистическое поведение, возрастные сдвиги, гуманизм, развитие.*

## SOCIO-PSYCHOLOGICAL DESCRIPTION OF INTERPERSONAL RELATIONSHIPS IN ADOLESCENTS

***ZAYTMETOV Huseyn Avashonovich*** *– Candidate of Psychological Sciences, Associate Professor of the Department of Social and Professional Psychology of Academician Bobodjon Gafurov Khujand State University, Khujand, Mavlonbekov Passage 1.* ***E-mail:*** *husein20@inbox.ru,* ***phone:*** *(+992)92 991 11 03*

***ISMAILOV Shikorjon Gulomovich*** *– Senior Lecturer of the Department of General Psychology of Academician Bobojon Gafurov Khujand State University, Khujand, Mavlonbekov Passage 1.* ***E-mail:*** *azizmuhammad-98@mail.ru,* ***phone:*** *(+992)92 759 82 65*

This article is devoted to one of the most important issues, namely humanistic processes in psychology. From the point of view of study, the problem of personality in psychology is one of the most complex, and throughout the history of the development of this field of science, it has been recognized that it is impossible to fully study this problem within the framework of any prevailing psychological theory, since it is intense and has its own specifics. This issue is of greater importance in adolescence, since it is at this age that an intensive personality formation takes place, which depends not only on external factors, but also to a large extent on the teenager himself, on the development of his voluntary self-service sphere, the characteristics of personal tendencies, goals and ethical organizations.

This article examines the development of adolescence as a personality by changing the structure of self-knowledge in various forms of its manifestation, such as self-esteem, personal reflex, needs for oneself and others, stages of activity, ideals, interests, etc. can be clearly observed.

***Keywords:*** *personality, interpersonal relationships, adolescents, social, psychological, humanistic behavior, age shifts, humanism, development.*

Аз ҷиҳати омӯзиш масъалаи шахсият дар психология яке аз мушкилтарин масъалаҳо муаррифӣ гашта, дар тули таърихи инкишофи ин соҳаи илм борҳо эътироф шудааст, ки омӯзиши пурраи масъалаи мазкурро дар доираи ягон назарияи афзалиятноки психологӣ маҳдуд кардан ғайриимкон аст, зеро он серҷанбаю беҳамто буда, махсусияти худро дорад. Масъалаи мазкур дар давраи наврасӣ аҳаммияти бештар дорад, зеро маҳз дар ҳамин синну сол ташаккулёбии шахсият пуршиддат сурат гирифта, на танҳо ба омилҳои беруна, балки ба андозаи зиёд ба худи наврас, ба рушди соҳаи худназораткунии ихтиёрии ӯ, хусусиятҳои равияи шахс, мақсадгузориҳо ва ташкилаҳои ахлоқӣ вобаста аст.

Мазмуни чунин гузаришҳои синнусолӣ дар навташкилаҳои асосии хар як давраи синнусолӣ зоҳир мегардад (Л.С. Виготский) [5, с.74]. Чунин навташкилаҳо характери яклухтӣ доранд, онҳо психикаи кӯдакро дар маҷмуъ навсозӣ карда, танҳо дар функсия ва амалҳои алоҳидаи рафтор зоҳир мешаванд. Дар пайравӣ ба Л.С. Виготский, муҳаққиқон А.В. Запорожетс, А.Н. Леонтев, А.В. Лурия, Д.Б. Элконин ва Е.Е. Кравсова [3, 10, 15,] дар омӯзиши психикаи кӯдак раҳёфтеро амалӣ намудаанд, ки метавон онро раҳёфти яклухтӣ-генетикӣ номид. Ин раҳёфт имкон дод, ки инкишоф тавассути тағйир додани унсурҳои барои рушд муҳимтарину моҳиятӣ, ки дигар тағйиротро омезиш медиҳанд, дида баромада шавад. Дар ин маврид психика ҳамчун як ташкилаи яклухти систематикӣ (ба андешаи Л.С. Виготский) баррасӣ мешавад, ки инкишофи он тамоми унсурҳои сохториро навсозӣ мекунад.

Ҳангоми чунин гузариш бояд он тағйироти асосиро дар психикаи кӯдак муайян кард, ки гузаришро ба марҳилаи нави инкишоф нишон медиҳад. Ин тағйирот муҳимтарин навташкилаҳои синнусолиро ифода мекунад.

Дар байни шартоите, ки ҳалли самарабахши масъалаи ташаккулёбии шахсияти наврасро таъмин мекунад, истифодаи раҳёфти синнусолӣ ба ташкил намудани ҳаёти мактабии кӯдак аҳаммияти фавқулода дорад. Моҳияти ин раҳёфт дар он аст, ки ҳангоми таҳия ва ҷорӣ намудани амсилаву технологияҳои гуногуни таълим, таҳияи барномаву китобҳои дарсӣ, қонунҳои инкишофи психикии кӯдак, пеш аз ҳама, давраҳои сензитивии шаклгирӣ ва инкишофи ин ё он функсия ё навташкилаи психологӣ, инчунин, нақши намудҳои пешбарандаи фаъолият дар ташаккулёбии онҳо воқеъбинона ба назар гирифта мешавад [1]. Барои кори мо натиҷаҳои таҳқиқоти муайянкунандаи гузариши синнусолӣ ва оқибатҳои табдили меъёрҳои ахлоқии берунии ба таври объективона муқарраргардидаи «маълум» ба маромҳои воқеии рафтор аҳаммияти махсус доранд. Ба андешаи А.Н. Леонтев, маромҳои иҷтимоии рафтор дар аввал ҳамчун ақидаҳои ахлоқии маълум дар бораи он ки ҷаро инсон бояд ин тавр рафтор кунад, на тарзи дигар, амал мекунанд. Шароити тарбия, ки дар он маромҳои «маълум» ба ангезаҳои ба таври воқеӣ амалкунандаи амалу кирдори кӯдакон табдил меёбанд, ба сифати шартҳои асосии ташаккулёбии ахлоқии кӯдак пешниҳод карда мешаванд [9].

Имконияти ташаккулёбии равияи гуманистии рафтор дар давраи наврасӣ бо хусусияти асосии инкишофи шахсияти наврас тасдиқ карда мешавад: дар ин синну сол гузариши сифатан камолёфта ба пайдоиши иерархияи маромҳо, тобеияти онҳо дар заминаи иҷтимоишавии фаъол имконпазир аст.

Ошкор намудани қонунҳои тағйироти зина ба зинаи камолоти иҷтимоӣ, муайян намудани лаҳзаҳои натиҷабахши ин ҳаракат, ки дар характери мавқеи кӯдак дар ҷомеа ва дар

муносибат ба ҷомеа зоҳир мегардад, муайян намудани давраҳои сензитивӣ ва марзҳои камолоти иҷтимоӣ, муҳиммияти баррасӣ намудани хусусиятҳои онро дар микромарҳилаҳои ҳар як давраи онтогенез муайян мекунад. Аҳаммияти омӯзиши давраи наврасӣ ҳамчун марҳилаи гузариши бошиддат аз бачагӣ ба калонсолӣ, ки дар он печидагиҳои пуртазодди рушди иҷтимоӣ бараъло мушоҳида мешаванд, маҳз дар ҳамин аст. Аз як тараф, зоҳиршавии манфии носозгорӣ дар шахсиятсозӣ, маҳдуд шудани системаи қаблан муқарраршудаи манфиатҳои кӯдак, характери эътирозӣ доштани рафтори ӯ дар муносибат ба калонсолон аз душвор будани ин давраи ҳаёт гувоҳӣ медиҳанд. Аз тарафи дигар, давраи наврасӣ бо як қатор омилҳои мусбат низ фарқ мекунад: мустақилияти кӯдак меафзояд, муносибатҳо бо дигар бачаҳо ва калонсолон сертобиш ва пурмазмунтар мешаванд, доираи фаъолияти ӯ хеле васеъ гардида, тағйир меёбад, муносибати масъулиятнок ба худ ва ба одамони дигар инкишоф меёбад ва ғ.

Ба ақидаи муҳаққиқон, давраи наврасии онтогенез «гузариши шадид аз кӯдакӣ ба калонсолӣ аст, ки дар он тамоюлҳои зиддиятноки инкишоф ба ҳам алоқаманданд» (Д.И.Фелдштейн) [13,12]. Аз як тараф, ба ин марҳилаи мураккаб таҷдиди куллии сохтори психологии қаблан шаклгирифта, бисёр зоҳиршавии хислатҳои манфии кӯдак ва характери эътирозӣ гирифтани рафтор дар муносибат ба калонсолон ҳангоми маҳдуд кардани манфиатҳо хос аст, аз тарафи дигар, давраи наврасӣ ин давраи ташаккулёбии пуршиддати ҷаҳонбинӣ, системаи арзёбии арзишҳо, эътиқод ва идеалҳо мебошад, ташкилаҳои нав ба вуҷуд меоянд, асосҳои рафтори бошуурона гузошта мешаванд, самти умумии ташаккулёбии афкори ахлоқӣ ва муносибатҳои иҷтимоӣ ба вуҷуд меояд (Н.И. Гуткина, И.Д. Егоричева, О.В. Лишин, К.Н. Поливанова, И.Б. Умняшова, Ҳ. Ремшмидт ва диг.). Дар давраи наврасӣ васеъшавии фазои зисти кӯдак ба маънои васеъ намудани муҳити иҷтимоӣ (шумораи бештари гурӯҳҳое, ки наврас ба онҳо дохил мешавад ва ғ.) ба амал меояд. Бори аввал муносибат ба оянда ҳамчун сабабияти психологии шахсият зоҳир мешавад.

Наврас дар ҳолати шахсияти маргиналӣ қарор дорад, ки хусусиятҳои хоси он ноустувории эмотсионалӣ ва ҳассосият, шармгинӣ ва агрессия, шиддати эмотсионалӣ ва муносибатҳои низоӣ бо дигарон, майл ба маҳкумкунӣ ва баҳодиҳии шадид мебошанд. Наврас дигар намехоҳад ба ҷомеаи кӯдакон шомил бошад, ҳамзамон, медонад, ки ҳанӯз ба калонсолӣ нарасидааст. Ҳисси калонсолӣ ҳамчун навташкилаи мушаххаси худшиносӣ хусусияти асосии шахсият ва меҳвари сохтории он дар ин давра мебошад, зеро он мавқеи нави ҳаётии наврасро нисбат ба худ, одамон ва олам ифода мекунад; самт ва мазмуни фаъолияти ҷамъиятии ӯ, системаи саъю кӯшиш ва таассуроти навро муайян мекунад. Фаъолияти иҷтимоии наврас аз ҳассосияти зиёд ба омӯхтани меъёрҳо, арзишҳо ва тарзи рафторе, ки дар ҷаҳони калонсолон ва муносибатҳои онҳо мавҷуд аст, вобаста аст. Ҳангоми ба даст овардани хислатҳои калонсолӣ наврас як қатор сарчашмаҳоро ба роҳбарӣ мегирад. Ташаккулёбии арзишҳои ҳаётӣ ва самти умумии ташаккулёбии шахсияти наврас аз муносибати наврас ба намунаҳои муайяни калонсолӣ вобастагӣ пайдо мекунад.

Дар такя ба таҳқиқоти Т.В. Драгунова [7] метавон як қатор нишондиҳандаҳоеро муайян кард, ки наврас ба онҳо майл мекунад:

- тақлид ба зуҳуроти берунии калонсолӣ;
- мувофиқ шудан бо сифатҳои «марди воқеӣ», «зани воқеӣ»;
- калонсолӣ ҳамчун намунаи фаъолият;
- инкишофи калонсолона дар фаъолияти маърифатӣ;
- муоширати наврас бо ҳамсолон.

Дар адабиёти психологию педагогӣ ифода кардани давраи наврасӣ бо мафҳумҳои «мушкил», «бухронӣ», «ихтилофнок» ва ғ. анъана шудааст. Э. Берн давраи ҷавониро ба ду марҳила (манфӣ ва мусбат) тақсим намуда, синни наврасиро ба марҳилаи манфӣ мансуб медонад. А.Т. Акажанова изтиробнокӣ, асабоният, агрессивнокӣ, кӯшиш ба мустақилиятро, ки бо қобилиятҳои ҷисмонию психикӣ мувофиқат намекунад, ҳамчун хусусиятҳои хоси давраи наврасӣ арзёбӣ мекунад. Ин марҳила дар духтарон аз синни 11-13-солагӣ ва дар писарон аз 14-16-солагӣ оғоз мешавад [2].

Инчунин, таърифи маҳдуди наврасӣ ҳамчун давраи балоғат вуҷуд дорад, ки дар он балоғати ҷинсӣ нақши асосиро мебозад. Аммо дар асарҳои бунёдии психологҳои рус (Л.И. Божович, Б.С. Волков, Н.В. Волкова, В.С. Мухина, Д.И. Фелдштейн ва диг.) нишон дода шудааст, ки бешубҳа, балоғати ҷинсӣ ба рушди психикии кӯдак таъсири худро мерасонад, аммо ин таъсир тавассути муносибати наврас бо олами атроф, муқоисаи худ бо ҳамсолон ва

калонсолон сурат мегирад. Дар ташаккулёбии шахсият на хусусиятҳои биологӣ, балки ба мавқеи сифатан нави иҷтимоӣ баромадани ӯ, ки дар он муносибати бошууронаи ӯ нисбат ба худ ҳамчун аъзои ҷамъият воқеан ташаккул меёбад, аҳаммияти ҳалкунанда дорад. Инкишофи иҷтимоӣ аз дарки қобилиятҳои иҷтимоии худ аз тарафи наврас ба воситаи шаклгирии навташкилаҳои шахсӣ, аз зоҳиршавӣ, таҳким ва сифатан тағйир ёфтани мавқеи иҷтимоӣ дар натиҷаи фаъолияти эҷодии худ бармеояд. Дар баробари калонсол шудани наврас, характер ва хислатҳои фарқ кардани худ дар ҷомеа, дарки ҷомеа, иерархияи муносибатҳои иҷтимоӣ тағйир ёфта, маромҳои ӯ ва дараҷаи ба талаботи иҷтимоӣ мувофиқ будани онҳо тафовут пайдо мекунанд. Наврас на танҳо масъалаи ишғол кардани мавқеи муайянро дар ҷомеа ҳал, балки масъалаи ба роҳ мондани муносибатҳои иҷтимоиро арзёбӣ мекунад. Ӯ вазифаи худмуайянкунии шахсӣ, фаъолона ишғол намудани мавқеъ дар муносибат бо арзишҳои иҷтимоию фарҳангӣ ва ба ин васила муайян кардани маънои мавҷудияти худро иҷро мекунад.

Ҳамин тариқ, дар наврасӣ нақши асосӣ ба системаи муқарраркунандаи муносибат бо атрофиён таалluқ дорад. Маҳз системаи муносибатҳо бо муҳити иҷтимоӣ самти инкишофи психикии наврасро муайян мекунад [13]. Дар амалияи педагогӣ мазмун, усул ва шаклҳои ташкил намудани фаъолияти пешбаранда ба қадри кофӣ коркард шудаанд: барои синни томактабӣ - бозӣ, барои синфҳои ибтидоӣ - таълимӣ. Дар баробари ин, масъалаи ташкил намудани муносибатҳои байнишахсӣ ва шароити зарурии инкишофи шахсият дар давраи наврасӣ ҳамчун фаъолияти пешбаранда ба қадри кофӣ коркард нашудааст [12].

Ба ақидаи Л.С. Виготский, муошират дар ташаккулёбиии шахсият нақши асосӣ мебозад: «Протсессҳои олии тафаккури кӯдакон дар раванди инкишофи иҷтимоии кӯдак бо роҳи ба худ интиқол додани он шаклҳои ҳамкорӣ ба амал меоянд, ки кӯдак дар раванди муносибат бо муҳити атроф меомӯзад» [4, с.34]. Нақши муошират дар ташаккулёбии шахсият бузург аст ва то ҳол на ҳама паҳлуҳои ин таъсирот мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Муошират бисёрҷанба ва бисёрфунксионалӣ аст, зеро тавассути он таъсиррасонӣ ва ҳамкории мутақобилаи оқилона, эмотсионалӣ ва иродавӣ дар байни одамон сурат мегирад, умумияти руҳия, афкор ва назарҳо, ки барои омодагӣ гирифтан ҷиҳати амал намудан дар самти муайян заруранд, ошкор гардида, ташаккул меёбанд, муттаҳидӣ ва ҳамбастагӣ ҳамчун тавсифдиҳандаҳои асосии фаъолияти гурӯҳӣ ва коллективӣ ба вуҷуд оварда мешаванд. Дар муошират мубодилаи иттилоотии ҳамаҷонибаи донишҳо, муҳокимаҳо ва андешаҳо ба амал меояд; аниққунӣ ва мувофиқакунии байниҳамии саъю кӯшиш, талабот ва ҳадафҳои одамон сурат мегирад, ҳамдигарфаҳмӣ ба амал меояд.

Чун ба гуманизм майл доштанро мо дар он мебинем, ки наврас мазмуни муоширатро бо ҳамсолон муайян карда, воситаҳо ва усулҳои муоширатро мустақилона интихоб мекунад, аз ин рӯ, ташаккул додани маромнокии мувофиқи эътирофнамоии шариконро дар фаъолияти якҷоя муҳим мешуморем. То имрӯз идеяи фароҳам овардани шароити психологию педагогие, ки дар он ҳамсолони наврас имкони амалӣ намудани талаботи шахсии худро (масалан, талабот ба худсобиткунӣ, худифоданамоӣ) дар фаъолият ва муошират дошта бошанд, дар улуми педагогӣ хеле маъруф аст. Тибқи таҳқиқоти муосири психологию педагогӣ [6], дар зери таъсири равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ мазмуни тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ меҳнати фоиданоки ҷамъиятиро аз маркази диққат дур карда, онро ба фаъолияти муштараке иваз намудааст, ки натиҷаи он маҳсулоти мушаххаси моддӣ нест. Сухан дар бораи моҳияти фардӣ-ҷамъиятии маромҳое меравад, ки барои худифоданамоӣ, худбаҳодиҳӣ дар фаъолияти якҷоя, хоҳиши иштирок кардан дар ин фаъолият барои инкишоф ва такмили худ, ба даст овардани мавқеи муайян дар муносибат ба рафиқон, тасдиқ кардани «Ман»-и худ, инкишоф додани мустақилият ҳамчун хислати характер заруранд. Бешубҳа, арзишманд он аст, ки наврасi муосир дурнамои манфиатбахш будани худро барои дигарон ва манфиатбахш будани ҷомеаро барои ғанӣ гардонидани фардияти худ дарк мекунад. Аммо, дар баробари ин, аз як тараф, норасоӣ дар боварӣ ва эҳтироми калонсолон мушоҳида мешавад, аз тарафи дигар, барои қонеъ кардани талабот ба худвоқеиятбахшӣ имконият фароҳам оварда намешавад.

Илова бар ин, давраи наврасӣ ба давраҳое ҷудо карда мешавад, ки на танҳо бо дараҷаи муайяни инкишофи соҳаи эмотсионалию иродавӣ ва инкишофи шахсият, балки бо мавҷуд будани талабот ва маромнокии ба ҳар як давраи алоҳида хос тавсиф дода мешаванд. Д.И. Фелдштейн [13-12] дар ҳудуди давраи наврасӣ чунин се давра ё марҳиларо муайян кардааст.

Марҳилаи аввали наврасӣ бо он тавсиф дода мешавад, ки дар синни 9-10-солагӣ майли кӯдак ба мустақилият ва талабот ба эътироф намудани ӯ дар олами калонсолон тавсиф дода

мешавад. Кӯшиши дар байни калонсолон назаррас будан, аз доираи одамони наздик баромада, ба муносибатҳои васеи иҷтимоӣ ворид шудан маҳз дар ҳамин давра оғоз мешавд. Дарки худ ҳамчун шахсе, ки аз одамони дигар фарқ мекунад, таваҷҷуҳи махсуси кӯдакро ба хусусиятҳои ахлоқию психологиаш тақвият бахшида, талаботро ба баҳодиҳии сифатҳои шахсии худ ва сифатҳои одамони дигарро ба вуҷуд меорад. Ин ҳолат боиси рушди босуръати худбаҳодиҳии манфӣ, аз ҷумла шиддатгирии ҳисси масъулиятшиносӣ мегардад. Барои навраси 10-11-сола аз ҳама муҳим ин аст, ки одамон (чи ошно ва чи бегона) имкониятҳои нави ӯро эътироф намуда, ба боварии онҳо сазовор шавад, яъне «ман хам калонсолам». Ин дар ҷустуҷӯи ҳолатҳои мушаххаси бо хусусияти калонсолона доштанашон фарққунанда, дар ҷустуҷӯи чунин фаъолиятҳое, ки манфиати иҷтимоӣ доранд ва баҳои оммавӣ мегиранд, ифода меёбад.

Афзоиши миқдор ва шаклҳои гуногуни корҳои фоиданоки ҷамъиятӣ ба марҳилаи дуюми ин давра мебарад, ки ба синни 12-13-солагӣ рост меояд. Дар ин синну сол талабот ба эътирофи омма, фаҳмидани на танҳо вазифаҳои худ, балки ҳуқуқҳои худ дар ҷомеа ба вуҷуд меоянд, ки бо фаъолияти ба корҳои фоиданоки ҷамъиятӣ равонашуда пурратар қонеъ гардонда мешавад. Ин марҳила бо ташаккулёбии сатҳи нави худшиносии кӯдак ҳамчун шинохти худ дар системаи муносибатҳои ҷамъиятӣ, дарк кардани худ ҳамчун субъекти муносибатҳои иҷтимоӣ тавсиф дода мешавад. Ҳоҳиши субъекти фаъоли муносибатҳои иҷтимоӣ будан ба ташаккулёбии масъулияти иҷтимоӣ мебарад, ки барои ба роҳ мондани муносибати бошуурона бо атрофиён ва дарёфти мавқеи худ дар коллектив мусоидат мекунад.

- изучить современные формы организации формирования у студентов потребности в ЗОЖ во время обучения в «Центре здоровья», освоить основные способы организации такой работы, познакомиться с методиками оценки уровня валеологической культуры студентами.

Разработанная автором программа имеет объём в 36 учебных часов, поровну разделённых между усвоением теоретических знаний и практическое совершенствование навыков. Работа с программой способствовала раскрытию главных понятий ЗОЖ, в том числе «здоровья», «здоровьесберегающая культура, технологии» и т.п. Дополнительно изучались современные технологии преподавания фундаментальных основ ЗОЖ, проводилась диагностика уровня здоровьесберегающей компетентности, отдельны элементов здорового образа жизни.

Программа была апробирована в процессе занятий с педагогами ТГПУ имени С. Айни и филиала МГУ в г.Душанбе. Обучение проводилось один раз в неделю в объёме 3-х часов. В число педагогов входили преподаватели кафедры физической воспитания и спорта.

Первый раздел программы «Теория и методика процесса формирования потребности в ЗОЖ у студентов во время занятий в «Центре здоровья студентов». При реализации данного раздела педагоги были ознакомлены с психолого-педагогической теорией, описывающей направления развития мотивационной сферы личности. Занятия проводились в форме лекций.

Программа первого этапа обучения содержала темы, раскрывающие связь потребности личности с проблемами ЗОЖ. Данные потребности оказывают положительное влияние на повышение мотивации к поддержанию здоровья на высоком уровне, к здоровьесберегающему поведению [8, С. 241-244].

В первом разделе программы введены и практические занятия, позволяющие раскрыть потребность личности в полноценном физическом и психическом здоровье. Практические аспекты данной проблемы дали возможность педагогам определить уровень потребности студентов в поддержании собственного здоровья, и каким способом данную потребность можно увеличить во время обучения в «Центре здоровья студентов». Подобные занятия были организованы в форме дискуссии, в ходе которой педагоги делились своим видением решения проблемы повышения мотивации к ЗОЖ и здоровьесбережению.

Во время обучения по программе второго раздела, педагоги знакомились с организационными проблемами, связанными с мотивацией и формированием у студентов принципов здоровьесбережения и потребности в ЗОЖ. В этот период преподаватели учились работать с инновационными технологиями, необходимыми для совершенствования физико-психического здоровья личности. Педагоги учились определять уровень потребности в знаниях и навыках поддержания и укрепления здоровья, находить для этого здоровьесберегающие технологии.

Практическая часть второго модуля программы проводилась в форме тестов.

Третий раздел программы посвящался методикам диагностики, оценивающей уровень здоровья личности, его отдельных показателей. Таким образом, у преподавателей формировались базовые понятия о «валеологической культуре» студентов ВУЗа. Педагоги изучали разные способы и формы диагностики, среди которых особое внимание уделялось методики А.Г. Носова, оценивающей ЗОЖ студенческой молодёжи [9, С. 263-268].

В практической части данного раздела педагоги провели диагностику студентов «Центра здоровья», представляющих студентов ТГПУ имени С. Айни и ТМГУ, в процессе которой был установлен их уровень сформированности валеологической культуры. Полученные результаты использовались нами в процессе экспериментальной работы, так как мониторинг осуществлялся в двух группах, экспериментальной и контрольной.

Единство системы, объединяющей объективные, субъективные условия, способствующие развитию потребности в ЗОЖ во время обучения в «Центре здоровья студентов», указало на успешность практической реализации разработанной нами программы

Среди объективных факторов мы выделили разделение педагогов по уровню профессиональной подготовки, формирование учебных групп, добровольность участия в эксперименте и др.

Субъективные факторы мы представили в таких видах: мотивация педагогов на совершенствование валеологических знаний, умений, навыков; инициативность преподавательского состава и др.

Особенности реализации предложенной автором программы обусловливаются и системными факторами. Поэтому мы пришли к выводу, что для осуществления поставленных исследованием целей и задач требуется организовать психолого-педагогическое сопровождение занятий по формированию здорового образа жизни, в основе которого лежит такие принципы: индивидуализация обучения, системность, последовательность усвоения знаний, навыков, достоверность используемого материала (логичность, правдивость) [10, С. 259-264].

Сегодня ни одна учебная дисциплина системы высшего образования не даёт обучающимся знания о ЗОЖ в полном объёме. В большей части такие знания студенты получают самостоятельно или в процессе социализации. Поэтому дидактический компонент педагогической системы здоровьесбереженья, реализующейся в ВУЗе, необходимо развивать по нашему мнению в направлении создания спецкурсов по теме научного обоснования здорового образа жизни.

Наша исследовательская работа предполагала разработку спецкурса. Экспериментальная работа предполагала обучение студентов высшего учебного заведения во время занятий в «Центре здоровья» валеологическим знаниям, умениям, навыков [14, С. 139-143].

На основе выше изложенного мы сделали такие выводы:

- окружающая студентов здоровьесберегающая среда повышает мотивацию обучающихся к ЗОЖ. Таким образом, она повышает результативность усвоения валеологических знаний;

- социальный элемент здоровьесберегающей среды в значительной степени воздействует на формирования здоровой личности учащегося. Новый импульс к изучению базовых составляющих ЗОЖ формирует пространственно-предметный элемент этой среды;

- все компоненты педагогической среды эффективно взаимодействуют друг с другом, что указывает на их системность. Изменения в их структуре может серьёзно повлиять на степень потребности в здоровьесбережении в ту или иную сторону;

- создание образовательной среды ВУЗа, решающей вопросы формирования готовности к ЗОЖ у обучающихся в «Центре здоровья студентов», предполагает большую и комплексную деятельность, в которой принимают участие различные субъекты процесса образования университета. Данная деятельность должна обозначить проблему здоровой личности, как наиболее важный вопрос современного образования.

## ЛИТЕРАТУРА


1. Ананьев, Д.А. Воспитание студенческой молодежи соблюдению и пропаганде здорового образа жизни / Д.А.Ананьев // в сборнике: Молодость. Интеллект. Инициатива. Материалы VI Международной научно-практической конференции студентов и магистрантов. - Витебск: Витебский государственный университет им. П.М. Машерова, - 2018. - С. 232-233.
2. Бородина, К.М. Использование социальных сетей с целью собственного продвижения и пропаганды здоровья в медицинском образовании / К.М.Бородина // Балтийский гуманитарный журнал. - 2021. - Т. 10. - № 4(37). – С. 25-27.
3. Гапонов, Е.С. Роль медицинского контроля на практических занятиях по физической культуре / Е.С.Гапонов // Образование, воспитание и педагогика: традиции, опыт, инновации: сборник статей IV Всероссийской научно-практической конференции. Пенза, - 2021. – С. 143 -144.
4. Еремин, Р.В. К вопросу о пропаганде спортивных достижений в целях развития физической культуры молодёжи / Р.В.Еремин // Наука-2020. - 2019. -№ 5 (30). - С. 10-15.
5. Калимуллина, О.А., Сироткина, О.В. Формирование культуры здоровья студенческой молодежи в условиях свободного времени / О.А.Калимуллина, О.В.Сироткина // Вестник Казанского государственного университета культуры и искусств. - 2018. - № 2. – С. 117-122.
6. Макарова, В.К. Пропаганда здорового образа жизни в образовательной среде / В.К. Макарова // Таврический научный обозреватель. - 2016. - № 5-1(10). - С. 49-54.
7. Михайлова, Т.А., Федоров, О.Г. Основы проектной деятельности в образовательной среде / Т.А.Михайлова, О.Г.Федоров // Социальные отношения. - 2022. - № 1(40). - С. 37-46.
8. Проскурина, Е.Ф., Муртузалиев, Т.Ч. Особенности организации и проведения занятий по физической культуре и физическому воспитанию / Е.Ф.Проскурина, Т.Ч. Муртузалиев // Образование в России и актуальные вопросы современной науки: Материалы Всероссийской научно-практической конференции. - 2020. – С. 241-244.
9. Самойлова, М.В. Ретроспектива развития идей проектной деятельности в педагогике / М.В.Самойлова // Ученые записки Крымского инженерно-педагогического университета. - 2018. - № 3 (61). - С. 263-268.
10. Сизоненко, К.Н., Самсоненко, И.В., Жигжитова, Ю.П. Особенности проведения занятий по физической культуре / К.Н.Сизоненко, И.В.Самсоненко, Ю.П.Жигжитова // Физическая культура и спорт в современном обществе: Материалы Всероссийской научно-практической конференции. Под редакцией С.С. Добровольского. - 2019. – С. 259-264.
11. Умаев, А.У., Гамзаева, М.В., Салахбеков, А.П. Сущность и структура проектных умений студентов / А.У.Умаев, М.В.Гамзаева, А.П.Салахбеков // Проблемы современного педагогического образования. - 2018. - № 59-1. – С. 384-387.
12. Фоменко, Е.Г., Колькина, Е.А., Панкова, В.В. Пропаганда здорового образа жизни как необходимость современности // Тенденции развития науки и образования. 2018. № 45-4. - С. 82-85.
13. Шапка, С. Н. Педагогическая система развития физической культуры личности / С.

Н. Шапка, Л. Г. Габуева // Мир науки, культуры, образования. – 2020. – № 1(80). – С. 242-244.

14. Шохирев, В.В., Демаков, В.И. Состязательная составляющая на занятиях по физической культуре / В.В.Шохирев, В.И.Демаков // Физическая культура и спорт в структуре профессионального образования: ретроспектива, реальность и будущее. Посвящается 300 - летию российской полиции: Материалы межведомственного круглого стола. Ответственный редактор С.М. Струганов. - 2018. - С. 139-143.

## ЭМОМАЛӢ РАҲМОН – ПОЯГУЗОРИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ

*__ҒАНИЕВА Бунафша__ – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедари психология ва сотсиологияи идоракунии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Корманди шоистаи Тоҷикистон,* ***тел.:*** *(+992) 904 07 16 00*

Муаллифи мақолаи “ Эмомалӣ Раҳмон – поягузори сулҳу ваҳдати миллӣ” мавқеъ ва нақши Пешвои миллатро дар барқарор ва устувориву пойдории сулҳу ваҳдати миллӣ иттиҳоду ҳамбастагии миллат, шукуфоию пешрафти давлат ва амнияту суботи сартосарӣ мавриди таҳлилу пажӯҳиш қарор додааст. Ваҳдати миллӣ аст, ки рушду пешравии кишвари мо таъмин гашта, мардум зиндагии осуда рӯзгори обод доранд. Ваҳдат дар амният ва суботи ҷомеа нақши бориз дошта, мояи ифтихору сарфарозӣ ва хушнудии ҳар як фарди бедордил мебошад. Тарроҳи барҷастаи ваҳдату ягонагии миллат барҳақ сиёсатмадори сатҳи ҷаҳонӣ – Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Муаллиф ваҳдатро волотарин дастоварди замони соҳибистиқлоли ҳисобида, нақши Асосгузори сулҳу ваҳдат –Пешвои миллатро дар он хеле муҳим мешуморад.

***Вожаҳои асосӣ:*** *ваҳдат, ҷомеа, давлат, истиқрори сулҳ, миллат, Ватан, кишвар,Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон, ризоияти миллӣ, суботи ҷомеа, дастовард, созишнома, иттиҳоду ҳамбастагӣ.*

## ЭМОМАЛИ РАХМОН – ОСНОВАТЕЛЬ МИРА И НАЦИОНАЛЬНОГО ЕДИНСТВА

*__ГАНИЕВА Бунафша__ – кандидат педагогических наук, доцент кафедры психологии и социологии управления Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, Заслуженный работник Таджикистана,* ***тел.:*** *(+992) 904 07 16 00*

Автор статьи «Эмомали Рахмона Основатель мира и национального единства» проанализировал и исследовал позицию и роль Лидера Нации в восстановлении и стабильности национального мира и единства. единство и солидарность нации, процветание и прогресс государства, безопасность и стабильность правительства. Именно национальное единство обеспечивает развитие и прогресс нашей страны, а людям комфортную и благополучную жизнь. Единство играет важную роль в безопасности и стабильности общества и является источником гордости, чести и удовольствия для каждого сознательного человека. Эмомали Рахмон – выдающийся архитектор единства и единства нации, политик мирового уровня – основатель национального мира и единства. Автор считает единство высшим достижением времени независимости и считает очень важной в нем роль Основателя мира и единства – Лидера Нации.

***Ключевые слова:*** *единство, общество, государство, установление мира, нация, Родина, страна, Таджикистан, Эмомали Рахмон, национальный консенсус, стабильность общества, достижение, согласие, союз и солидарность.*

## EMOMALI RAHMON – FOUNDER OF PEACE AND NATIONAL UNITY

***GANIEVA Bunafsha*** *– Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of Psychology and Sociology of Management of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, Honored Worker of Tajikistan,* **phone:** *(+992) 904 07 16 00*

The author of the article " Emomali Rahmon – Founder of Peace and National Unity" analyzed and researched the position and role of the Leader of the Nation in the restoration and stability of national peace and unity. unity and solidarity of the nation, prosperity and progress of the state, security and stability of the government. It is national unity that ensures the development and progress of our country, and a comfortable and prosperous life for people. Unity plays an important role in the security and stability of society and is a source of pride, honor and pleasure for every conscious person. Emomali Rahmon is an outstanding architect of the unity and unity of the nation, a world–class politician - the founder of national peace and unity. The author considers unity to be the highest achievement of the time of independence and considers the role of the Founder of Peace and Unity – the Leader of the Nation - very important in it.

***Keywords:*** *unity, society, state, establishment of peace, nation, homeland, country, Tajikistan, Emomali Rahmon, national consensus, stability of society, achievement, consent, union and solidarity.*

Баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ ормони ҳазорсолаи мардуми тоҷик амалӣ гардид, дар харитаи сиёсии ҷаҳон давлате бо номи Тоҷикистон арзи ҳастӣ кард ва ин давлати мустақил аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ шинохта шуд. Аммо бо иллати камтаҷрибагӣ дар самти давлатдорӣ ва фитнаву дасисаҳои душманони берунӣ вазъияти мушкилу печидаи сиёсие, дар оғози солҳои 90-уми садаи 20 кишвари моро фарогир гардид, мусибати зиёдаро сари мардуми тоҷик овард. Дар ҷанги таҳмилии шаҳрвандие, ки дар оғози соҳибистиқлолии кишварамон ба вуқӯъ пайваст, ҳазорон ҳазор ҳамватанони мо бегуноҳ қурбон шуданд, занон бесаробону тифлони ятим монданд. Беш аз як миллион шаҳрвандони кишвар ба гуреза табдил ёфтанд. Дар ин росто хатари аз байнравии миллат ба миён омад.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз 12 декабри соли 1992 ба мардуми шарифи Тоҷикистон муроҷиат намуда гуфта буд: "Халқи мо имрӯз душвортарин ва фоҷиаоктарин давраҳои таърихии хешро аз сар мегузаронад. Ҳақиқат талх аст ва мо бояд иқрор шавем, ки қувваҳои муайян сабабгори фоҷиаи миллат гардидаанд. Дар натиҷа будан ё набудани Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо зери хатар монд. Таърих ёд надорад, ки халқи тоҷик хонаашро бо дасти худ оташ зада, деҳу деҳкада ва шаҳристонҳоро ба харобазор табдил дода бошад. Ман қасам ёд мекунам, ки донишу таҷрибаамро барои дар ҳар хона ва ҳар оила барқарор кардани сулҳ равона карда, барои гулгулшукуфии Ватани азизам садоқатмандона меҳнат мекунам. Барои ноил шудан ба ин нияти муқаддас агар лозим шавад, ҷон нисор мекунам, чунки ман ба ояндаи неки Ватанам ва ҳаёти хушбахтонаи халқи азияткашидаам бовар дорам" (7,189-190).

27 июни соли 2023 аз имзои санади муҳими таърихӣ ва барои миллату давлати мо сарнавиштсоз– Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон 26 сол сипарӣ мешавад. 26 соли эҳёи давлатдорӣ, худшиносиву худогоҳӣ, сулҳу субот, амнияту осоиштагӣ, муҳимтар аз ҳама 26 соли рушди устувори давлатдории миллии мо ва мавқеи хоса пайдо намудани Тоҷикистон дар ҷомеаи ҷаҳонӣ. Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, иттиҳоду ягонагии мардум, пирӯзии ақлу заковати солим ва тантанаи сулҳу субот дар тамоми қаламрави Тоҷикистон буд (3,25)

Бо ба имзорасии созишномаи сулҳ дар кишвари маҳбуби мо ба низоъ, кашмакашиҳо ва даргириҳо хотима бахшида шуда, марзу буми аҷдодиямон аз харобӣ, миллати азизамон аз парокандагӣ ва ватани биҳиштосоямон аз нобудӣ наҷот ёфт. Сайъу талошҳои пайгирона, заҳмату бедорхобиҳои шабонарӯзӣ, ҷонфидоию ҷон ба каф гирифтанҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба хотири наҷоти миллат дар он марҳалаи бениҳоят ҳассос барабас нарафтанд ва мардуми шарифу тамаддунофарамон ба ин рӯзҳои нек расид. Ҳарчанд музокироти байни тоҷикон дар вазъият ва фазои мушкил ҷараён

ёфт, вале он ба натиҷаи нек анҷомид ва ба таҳкими сулҳу суботи комил, ваҳдати миллӣ, якпорчагии комили Тоҷикистон заминаи устувор гузошт (7, 167).

Воқеан ҳам хиради азалии миллати тамаддунофари мо имкон дод, ки дар як муддати хеле кӯтоҳ пеши роҳи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ гирифта шавад ва барои рушди мамлакат заминаи мусоид фароҳам оварад. Миллати тоҷик маҳз ба шарофати ҳамдигарфаҳмӣ, иттиҳод, таҳаммулгароиву бахшиши ҳамдигар тавонист аз имтиҳони сангину вазнини сарнавишт гузашта, ба ҷаҳониён хирадоину фарҳангофар будани худро нишон диҳад.

Дар замони муосир аҳамияти ваҳдати миллиро ҳар фарди кишвари соҳибистиқлоли мо ба шеваю фаҳмиши воқеъбинонааш шарҳу эзоҳ медиҳад. Дар асл ваҳдат, ягонагӣ, иттиҳод, якпорчагӣ, дӯстиву рафоқату ҳамдилӣ, беҳтарин расму суннатҳои миллӣ, волотарин ойину анъаноти халқи соҳибфазилати тоҷик аст, ки он тӯли ҳазорсолаҳо якмаром ривоҷ ёфтааст. Онро чун гавҳараки чашм пос дошта меоянд. Ба ҳама мушкилиҳо нигоҳ накарда, истиқлолияти Тоҷикистон аз санҷиши ҷиддӣ гузашт. Тоҷикистон тавонист роҳу воситаҳои зарурии аз муқовимат баромаданро дарёбад ва ваҳдату якпорчагии кишварро таъмин карда, истиқлолиятро ба маънои васеаш нумуъ бахшад.

Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон, аввалин арбоби бузурги сиёсӣ дар миёни роҳбарони иттиҳоди давлатҳои мустақил ба шумор мерафт, ки соли 1999 ба ҷаласаи умумии Созмони милали Муттаҳид сарварӣ кард Президенти маҳбуби мо, ки ба сари қудрат бо ваъдаи ҳаётбахш " Ман ба мардуми Тоҷикистон сулҳ меорам!" омада буд, ба қавли додаи худ мардона вафо кард. Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон сулҳро аз доираи як кишвар берун баровaрда, онро ба сиёсати хориҷӣ табдил дод. Беҳуда нест, ки ба Эмомалӣ Раҳмон барои хизматҳои шоистааш дар роҳи истиқрори сулҳ, ризоияти миллӣ ва мустаҳкам кардани дӯстии халқҳо дар олами мутамаддин Ҷоизаи корпуси байналмилалии Сулҳ дода шуд.

Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамояд, ки "Ваҳдат рамзи воқеӣ ва ҷавҳари фалсафаи сулҳофарӣ, фарҳангсолориву таҳаммулпазирии миллати тоҷик ва таҷассумгари иттиҳоду ҳамбастагии тамоми мардуми Тоҷикистон мебошад". Сулҳу салоҳи мардуми мо дарвоқеъ бе мислу беназир аст, он тозатарин ва мушаххастарин роҳи ба ҳам расидани тарафҳои даргирро кашф намуд. Паҳлуҳои мухталифи низоми давлатдорӣ омӯхта шуд. Эҳтироми ҳарифи сиёсӣ бо дар назардошти сабру таҳаммули сиёсӣ муайян гардид. Бешубҳа тайи фосилаи ин раванд замони бисёр ҳассосу ноҳинҷор фосилаи осон набуд. Фарзанди баору номуси ватанпараст, тимсоли барҷастаи миллатдӯстиву ватанпарварӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон ин марҳиларо мардона сарафрозона бошарафона тай кард ва ӯ воқеан ҳам Қаҳрамони Тоҷикистон буданашро исбот кард. Албатта дар истикрори сулҳи Тоҷикистон бисёр фарзандони фарзонаи кишварамон саҳми бузург гузоштаанд. Аммо нақши Эмомалӣ Раҳмон ҳамоно нотакрору муҷалло хоҳад монд (6, 312)

Ваҳдати миллӣ муҳимтарин дастоварди бузург ва муқаддаси миллати мо дар даврони соҳибистиқлолии кишвар ба ҳисоб рафта, нақши бузургеро дар сарҷамъии миллат ва пойдории давлат гузоштааст. Ҳар як шаҳрванд ва ҳар инсон бояд муносибати худро ба ташаккули ҷомеаи пешрафта чун мавқеи шаҳрвандӣ ва қарзи фарзандии худ донад. Танҳо бо роҳи ваҳдату ягонагӣ метавон истиқлолияту ободии меҳан ва амну осоиштагии мардумро аз ҳама хавфу хатар эмин нигоҳ дошт. Танҳо дар сурати ваҳдат душвориҳо паси сар мешаванд. Рӯзгори мардум рӯ ба беҳбудӣ меорад, кишвари азизамон ба шоҳроҳи пешрафту тараққиёт рӯ меорад.

Дар ҳақиқат ҳам, Ваҳдати миллӣ аст, ки сулҳу субот, оромиву осоиштагӣ, пешрафту тараққиёт, ободии давлату миллат ва зиндагии шоистаи мардуми тоҷик таъмин аст. Ваҳдат оғози ҳамаи созандагиву ободкориҳо, ибтидои суботи сиёсиву иҷтимоӣ, некӯаҳволии рӯзгори ободу осудаи мардум ва эҳёи худшиносию худогоҳӣ ва роҳ ба сӯйи фардои дурахшон аст.

Ваҳдати миллӣ дар сиёсати муосири давлатдории тоҷикон ба сифати рукни устувору побарҷои ҷомеасозӣ аҳамияти басо бузург дорад, ки тарроҳии онро барҳақ Сарвари бедору устувори давлат Эмомалӣ Раҳмон бар ухда дорад. (6,340)

Дар бораи аҳамияти санади тақдирсози сулҳ Президенти кишвари соҳибистиқлоламон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ҳисси ифтихор гуфтааст: "Созишномаи умумӣ аз лиҳози аҳамияти фавқулоддаи худ бо Эъломияи истиқлолияти Қумҳурии Тоҷикистон дар як радиф меистад. Агар Эъломия ба Тоҷикистон ба таври расмӣ истиқлол ва соҳибихтиёрӣ ато карда бошад, пас Созишнома сулҳу суботро дар сарзамини мо таъмин сохт (8,218)

Ваҳдати миллӣ воқеан ҳам дастоварди бузургтарин ва муқаддаси миллати тоҷик дар даврони соҳибистиқлолӣ маҳсуб ёфта, дар сарҷамъии миллат, рушду устувории давлат, сулҳу

субот, амнияту осоиштагӣ. пешрафту тараққиёт, ободии давлату миллат ва зиндагии арзишманду шоистаи мардум саҳми беандоза дорад. Ин рӯзи деринтизор ба осонӣ ба даст наомадааст. Ба гуфти Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон: ”То имзо шудани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ мо роҳи ниҳоят вазнин ва пурпечутоби музокиротро тай намудем. Дар давоми қариб чор сол ҳашт даври музокирот, бисту як мулоқоти расмӣ ва даҳҳо вохӯриҳои ғайрирасмӣ анҷом додем. Дар ин раванд ҳадафи асосии мо таъмини сулҳу оромӣ, ваҳдати миллӣ, ҳарчи зудтар ба Ватан баргардондани гурезаҳо ва сарҷамъии миллат буд. Ваҳдати миллии мо роҳи начандон тӯлониеро тай намудааст, ки арзиши таърихии он қимати садсолаҳоро дорад “(2.127)

Дар тули солҳои соҳибистиқлолӣ Тоҷикистони маҳбуби мо ба таври бесобиқа рушду нумӯъ карда, дар арсаи ҷаҳон чун як кишвари ташаббускор мавқеи хосса пайдо намуд. Аз ин рӯ ҳар як фарди бедордилро зарур аст, ки ба қадри ин волотарин дастовард ва ваҳдату истиқлоли ватан бирасем ва муаррифгари миллату Ватани хеш дар арсаи ҷаҳон бошем. Зеро он бо заҳматҳои зиёд, қаҳрамонию ҷонфидоии родмардони далеру шуҷои Ватан ба даст омадааст.

Имрӯз иттиҳоду ҳамбастагии миллати тоҷик, омили муҳими рушду пешравии кишвари биҳиштосои мо буда, меҳмоннавозии халқи инсондӯсти мо мамлакатҳои бурунмарзиро дар ҳайрат гузошта, таҷрибаи ваҳдати тоҷикон мавриди омӯзиши институтҳои байналмилалӣ қарор дорад.

Мояи ифтихору сарфарозӣ ва шодмонист, ки кишвари мо-Тоҷикистони шукуфон намунаи ибрат дар саросари кишварҳои мутамаддин гардидааст. Танҳо бо роҳи ваҳдату ягонагӣ метавон истиқлолияту ободии меҳан ва амну осоиштагии мардумро аз ҳама хавфу хатар эмин нигоҳ дошт. Танҳо дар сурати ваҳдат душвориҳо паси сар мешаванд. Рӯзгори мардум рӯ ба беҳбудӣ меорад, кишвари азизамон ба шоҳроҳи пешрафту тараққиёт рӯ меорад.

27 июни соли 1997 дар таърихи миллати тоҷик ҳамчун рӯзи Ваҳдати миллӣ бо ҳарфҳои заррин сабт ёфтааст, ки хеле арзишманду муқаддас мебошад. Чунин рӯзҳои хотирмону таърихӣ дар таърихи халқу миллате ҳаргиз худ ба худ ба амал намеояд. Дар ин ҷода саҳми шахсиятҳои барҷастаи таърихӣ, ки бо азму талоши пайгирона, иродаи қавӣ, заҳматҳои шабонарӯзӣ метавонанд таҳаввулоти бузургеро ба миён оранд, хеле бориз аст. Эмомалӣ Раҳмон аз зумраи шахсиятҳоест, барои бунёди давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон ва барқарору пойдор ва устувории сулҳу ваҳдати миллӣ хизматҳои шоиставу арзишмандро анҷом дода, дар таърихи давлату давлатдори миллат марҳилаи шукуфоиро ба миён овард.

Дар ҳақиқат, Ваҳдати миллӣ аст, ки сулҳу субот, оромиву осоиштагӣ, пешрафту тараққиёт, ободии давлату миллат ва зиндагии шоистаи мардум таъмин аст. Ваҳдат оғози ҳамаи созандагиву ободкориҳо, ибтидои суботи сиёсиву иҷтимоӣ, некӯаҳволии рӯзгори ободу осудаи мардум ва эҳёи худшиносию худогоҳӣ ва роҳ ба сӯйи фардои дурахшон аст.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хотири ҷаҳду талоши пайгирона, хизматҳои бузургу барҷаста ва сарнавиштсозаш дар ҳифзу таҳкими истиқлолияти давлатӣ, барқароривау устуворсозии Ваҳдати миллӣ, эҳёи давлату давлатдорӣ соли 2015 дар асоси қонун ва соли 2016 дар асоси қонуни конститутсионӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ –Пешвои миллат эътироф гардид.

**АДАБИЁТ**


1. Ваҳдат, Давлат, Президент. Ҷилди 11. –Душанбе: “Дониш”, 2011, 376 с.
2. Ваҳдат, Давлат, Президент. Ҷилди 23. –Душанбе: “Дониш”, 2015, 362 с.
3. Ваҳдат, Давлат, Президент. Ҷилди 26. –Душанбе: “Илм”, 2016, 279 с.
4. Ваҳдат, Давлат, Президент. Ҷилди 33. -Душанбе : ҶДММ “Ориён-Ганҷ”, 2021, 364 с.
5. Ваҳдати миллӣ: Феҳристи адабиёт/ мураттиб Ш.Камолзода.-Душанбе, Аржанг, 2017.-272 с.
6. Қурбон Восеъ. Ваҳдат маромномаи давлати тоҷикон. Душанбе, “Дониш”, 2014. 508 с.
7. Назарияи Ваҳдат. Ҷилди 15.-Душанбе: “Дониш”, 2012.-336 с.
8. Раванди ваҳдат ва назарияи он. Ҷилди 19.-Душанбе: “Илм”, 2003.-348 с.

## ТАРБИЯИ АХЛОҚӢ - ПОЙДЕВОР ВА РУШДИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛӢ

***ДАВЛАТОВА Рухсора Олимовна*** *– унвонҷӯйи кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии Академияи идоракунии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Саид Носир, 33.* ***E-mail:*** *davlatova.8989@mail.ru,* ***тел.:*** *+(992) 905 95 27 22*

Дар мақола муаллиф нақши тарбияро дар пешрафту тараққиёти ҷомеа ва мураккаб гаштани муносибатҳои иҷтимоӣ дар ҷомеаи муосир эзоҳи илмӣ додааст. Раванди тарбия мисли ҷаҳду талошҳои дигари инсонҳо пеш аз ҳама аз муҳити худи инсон вобастагии муҳим дорад. Муваффақ гардидан ба кори тарбия маънои танзими кори тарбияро дорад. Таҳқиқи як қатор масоил аз қабили нақши тарбия дар пешрафту тараққиёти ҷомеа ва мураккаб гаштани муносибатҳои иҷтимоӣ, тарбияи ахлоқии насли навраси оянда ва ҷавонон, муайян намудани арзишҳои шахсият, тадқиқи муносибати шахсият ҳангоми интихоби озодӣ ва ахлоқи иҷтимоӣ, асоснок намудани ахлоқи шахсият, мутобиқати методҳо ва воситаи асосии мақсад дар мақола ба таври мушаххас таҳлил шудааст.

***Вожаҳои асосӣ:*** *тарбия, тарбияи ахлоқӣ, тарбияи миллӣ, ҷавонон, ахлоқ, давлат, ҳаёти иҷтимоӣ.*

## НРАВСТВЕННОЕ ВОСПИТАНИЕ - ОСНОВАНИЕ И РАЗВИТИЕ НАЦИОНАЛЬНОГО ПРАВИТЕЛЬСТВА

***ДАВЛАТОВА Рухсора Олимовна*** *– соискатель кафедры психология и социология управления Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, г. Душанбе, ул. Саид Носира, 33.* ***E-mail:*** *davlatova.8989@mail.ru,* ***тел.:*** *+(992) 905 95 27 22*

В статье автор дал научное объяснение роли образования в прогрессе и развитии общества и сложности социальных отношений в современном обществе. Процесс образования, как и другие человеческие начинания, сильно зависит от окружающей среды человека. Успех в образовании означает регулирование образования. Исследование ряда вопросов, таких как роль образования в прогрессе и развитии общества и сложности социальных отношений, нравственное воспитание подрастающего поколения и молодежи, определение ценностей личности, исследование взаимосвязи личности при выборе свобода и общественная этика, обоснование личной этики, сопоставление методов и средств основной цели конкретно анализируется в статье.

***Ключевые слова:*** *воспитание, нравственное воспитание, национальное воспитание, молодежь, нравственность, государство, социальное жизнь.*

## MORAL EDUCATION - FOUNDATION AND DEVELOPMENT OF THE NATIONAL GOVERNMENT

***DAVLATOVA Rukhsora Olimovna*** *– competitor of the Department of Psychology and Sociology of Management of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Sayid Nosir ave. 33.* ***E-mail:*** *davlatova.8989@mail.ru,* ***phone:*** *+(992) 905 95 27 22*

In the article, the author gave a scientific explanation of the role of education in the progress and development of society and the complexity of social relations in modern society. The process of education, like other human endeavors, is strongly dependent on the human environment. Success in education means regulation of education. Researching a number of issues such as the role of education in the progress and development of society and the complexity of social relations, moral education of the next generation and young people, determining the values of personality, researching the relationship of personality when choosing freedom and social ethics, justifying personal ethics,

matching methods and tools the main goal is specifically analyzed in the article.

***Key words:*** *education, moral education, national education, youth, morality, state, social life.*

Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рушди минбаъдаи он дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа дигаргуниҳои амиқро ба вуҷуд овард. Бахусус, дар марҳилаҳои аввали ташаккули ҷомеаи ҳуқуқбунёд дар баробари иҷрои вазифаҳои сиёсию иқтисодӣ тағйири вазъи инсон дар сохтори муносибатҳои иҷтимоӣ ва маънавӣ куллан ногузир мегардад. Нақши тарбия дар пешрафту тараққиёти ҷомеа ва мураккаб гаштани муносибатҳои иҷтимоӣ мунтазам меафзояд. Махсусан тарбия ба сифати воситаи ҳалкунанда баромад мекунад. Бо таъсири омилҳои ирсият ва муҳит тавассути он барномаи инкишофи иҷтимоии шахсият ва рушди қобилият ташаккул меёбад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қатъи назар аз миллат, нажод. эътиқод, ҷинс. забон. эътиқодҳои динӣ, мавқеи сиёсӣ ва вазъи иҷтимоӣ ҳамаи шаҳрвандон баробар тарбия мегиранд. Шаҳрвандон метавонанд фарзандонро дар рӯҳияи анъана ва арзишҳои миллии худ тарбия намоянд, ба шарте ки он хилофи арзишҳои умумидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва манфиатҳои кишвар набошад.

Инсоният давраҳои гуногуни сохтори ҷомеаро дар тӯли таърихи ҷаҳонӣ аз сар гузаронидааст. Ҳар як давра аҳли он ҷомеаро дар асоси қоида ва принсипҳои хоси он замон тарбия менамуд ва барои бунёди он ҷомеа омода месохт. Аз ин хотир, тарбия ба маънои васеи он ҳамчун зуҳурот ё падидаи ҷамъиятӣ чун воситаи таъсири ҷамъият ба шахс фаҳмида мешавад. Умуман тарбия ба сохтори иҷтимоӣ-сиёсии ҷамъият алоқаи зич дорад. [6, 138]. Он ҳамчун фаъолияти мухсуси мақсадноки инсон барои рушди шахс ва ворид шудани инсон ба ҷараёни зиндагии воқеӣ ва бунёди ҳаёти маданӣ равона карда мешавад.

Мақсади тарбия қисми таркибии мақсаду вазифаҳои давлат қарор мегирад, ки барои амалӣ намудани манфиатҳои давлат, ҷомеа ва ҳар як шаҳрванд равона карда мешавад. Давлат инчунин тартибу низомро ҷорӣ мекунад, ки барои ҳаёт ва фаъолияти инсон ва тарбияи миллии шаҳрвандон мусоидат менамояд. [3, 10]. Тарбияи насли наврас ва ҷавонон зери ҳадафҳои сиёсии кишвар равона гардидааст.

Дар аввали асри XXI халқи тоҷик рӯ ба намуди тарбияе ниҳод, ки ифодакунандаи ормонҳои халқи худ ва таҷассумкунандаи анъанаҳои миллии гузашта ҳастанд. Дар шароити кунунӣ тарбия ҳамчун падида зуҳур намуда, барои ба танзим даровардани фаъолияти ҳамарӯзаи инсон ва пешрафти ҷомеа равона гардидааст.

Дар даврони соҳибистиқлолии кишвар Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид, ки дар он назарияи тарбияи миллӣ фароҳам оварда шудааст. Ин назария дар асоси талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” ба вуҷуд омад. Дар асоси санади мазкур тамоми қувваю нерӯи ҷомеа ба тарбияи ҳаматарафа инкишофёфта равона карда шудааст, то ба бунёди давлати ҳуқуқбунёд, демрократӣ ва дунявӣ ҳиссагузор бошанд. Тарбияи миллӣ дар шаҳрванд сифатҳои баланди ахлоқӣ, ҳуввияти миллӣ. инсондӯстӣ, озодандешӣ, мавқеи шаҳрвандӣ, ташаббускорӣ ва амсоли инро ташаккул медиҳад. Чунин шаҳрванд қодир аст, ки дар пояи манфиатҳои миллӣ фаъолият намуда, нисбати зуҳуроти манфии ҷомеа аз лиҳози танқид назар кунад. Ватани хешро дӯст дорад, манфиатҳои онро ҳимоя намуда, ҳамчун соҳиби тафаккури миллӣ ва посдори тамаддуни миллӣ дар пешрафти ҷомеа саҳмгузор бошад. Ташаккули инсони комил, соҳиби Ватан, нангу номуси миллӣ, ифодагари симои зеҳнию маънавӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ ва арзишҳои дигари инсонӣ-мақсаду вазифаҳои ниҳоии тарбияи миллӣ мебошад.

Дар навбати аввал тарбия аз оила оғоз меёбад. **Марҳилаи якум** ин вақте ки кӯдак аз батни модар ҷудо шуда, ба ҳаёт меояд, бисёр хислатҳои одамиро ба худ мерос мегирад. Ҳиссиёти аввалине, ки дар кӯдакон зуҳур мешавад “хӯрдан”, “пӯшидан” ва “хобидан” аст. Инҳо ҳиссиёти табиӣ мебошанд. Қонеъ нашудани онҳо ба воситаи гиря зоҳир мегардад. Навзод ҳоло забон ва одоб надорад. Инҳо аз натиҷаи таҷриба ва тарбия шакл мегиранд. Барои тарбияи самарабахш пеш аз ҳама хусусиятҳои психологии кӯдакону наврасонро донистан ва ба инобат гирифтан зарур аст. Волидон, тарбиядиҳандагон ба инкишофи ҳаматарафаи кӯдакон бояд диққати ҷиддӣ диҳанд. [4, 143-144]. Фарзандон аз падару модари худ тарбия гирифта, муҳити зиндагиашонро меомӯзанд. Бо наздикон, хешу табор ва дигар одамон муомила карданро аз бар менамоянд. Волидон фарзандонро ба навозишу меҳрубонӣ ба тарбия фаро мегиранд. Кӯдакон аввалин донишҳоро дар муҳити хонаводагӣ ба даст

меоранд.

**Марҳилаи дуюм.** Баъдан кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ ба тарбия фаро гирифта мешаванд. Ин муассисаҳо бо истифода аз дастовардҳои педагогикаи миллӣ дар таҳким бахшидани сифатҳои аввалини тарбияи миллӣ кӯшиш ба харҷ медиҳанд.

**Марҳилаи дигари тарбия** дар муассисаҳои таълимӣ мегузарад. Тарбияи миллии хонандагон аз рӯи маводи китобҳои дарсӣ, дастурҳои методию манбаъҳо, аёнияти таълим сурат мегирад, ки он то як дараҷа низоми педагогӣ дорад. Дар ин муассисаҳо ба тарбияи миллӣ мутахассис - омӯзгорону устодон машғуланд. Бо хатми мактаби миёнаи таҳсилоти умумӣ сифатҳои миллии насли наврас асосан ташаккул меёбанд ва онҳо қисман ба ақидаю ҷаҳонбинӣ мубаддал мегарданд.

Мактабҳои таҳсилоти ибтидои касбӣ, миёнаи касбӣ ва олӣ ба тайёрии касбии ҷавонон вобаста мебошад. Дар ин марҳила донишу малакаи инсон боз ҳам васеъ мегардад, барои азхудкунии арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ замина муҳайё мешавад.

Минбаъд тарбияи инсон дар муҳити корхонаву муасисаҳо ва ташкилотҳо, ки инсон ба фаъолияти меҳнатӣ сару кор мегирад, сурат мегирад.

Ба ҳамагон маълум аст, ки тарбия ногузир буда, дар ҳама гуна ҷамъияти инсонӣ вуҷуд дошт, дорад ва вуҷуд хоҳад дошт. Зеро тарбия мафҳуми абадист, вай ҳамқадаму ҳамнафаси замонҳо ва одамони он мебошад. Агар ба таърих назар афканем, мебинем, ки мақсади тарбия бо мурури замон ва болоравии ҷомеа тағйир меёфту шароитҳои тарбия бо он ифода мегашт. Мисоли инро дар Юнону Рими қадим дида метавонем, ки мақсади тарбия тайёр кардани ватандӯстони ҷасуру матин, далер ва саодатманд буд. [8, 34].

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки низоми тарбия ҳамеша ташаккул меёбад. Вобаста ба сохти иҷтимоӣ дар ҷомеа идеяҳои гуногун ба вуҷуд меоянд. Фаъолияти тарбия гуногунҷабҳа мегардад. Марҳилаи нави таърихӣ мушкилоти навро вобаста ба раванди ҷомеа ба амал меорад. Мактаби муосири ҷаҳонӣ дар роҳи демократикунонии соҳаи тарбия талошҳо меварзад.

Яке аз роҳҳои асосии демократикунонии соҳаи тарбия ин баробарҳуқуқии тамоми инсонҳо маҳсуб меёбад, ки дар асоси тафаккури антиэгалитаризм **(антиэгалитаризм -** маҷмӯи мафҳумҳои иҷтимоӣ, ки идеяи нобаробарии табиии одамонро асоснок мекунанд) [9] бунёд ёфтааст. Ин сохтори тарбия дорои ду вазифа аст: тарбияи худӣ ва дастаҷамъии иҷтимоӣ. **Тарбияи худӣ** - ақидаи аз худ намудани дониш, заковат, такмили хислатро амалӣ месозад. **Тарбияи дастаҷамъии иҷтимоӣ** - дар пояи тақсимоти мухталиф дар соҳаҳои гуногуни тахассусӣ ва ҷамъиятӣ такмил меёбад. Мактаби мутавассита ҳар ду вазифаи мазкурро ба хотири демократикунонии соҳаи тарбия бояд роҳандозӣ намояд. [1, 10]. Аз ин хотир, дар даврони муосир раванди тарбия аҳамияти хоссаро тақозо менамояд. Он кори якҷояи оила, мактаб ва аҳли ҷомеаро ба роҳ мемонад. Тарбия қувваи тавонест, ки нуқсонҳои манфии таъсири табиат ва муҳитро ислоҳ намуда, ба ҷомеа шахсияти мукаммалро ато менамояд. [8, 23].

Дар заминаи стратегияи ташаккули пурвусъати фарҳангҳо сохтори асосии асри XXI таҳия ёфта, шакли ҷамъиятӣ ва иттилоотӣ мегирад, ки на фақат бо дониш, балки бо худомӯзӣ ва тарбия такмил меёбад. Раванди тарбия дар он ҳолат ташаккул меёбад, ки агар ба арзишҳои миллии халқ бартарӣ дода шавад. Тарбия имкони такмил додани сифатҳои баланди ахлоқӣ, ҳуввияти миллӣ, инсондӯстӣ, мавқеи шаҳрвандӣ ва амсоли инро дар шахсият ба амал меорад. Дар тарбияи муосир омӯзиши шаклҳои тарбияи дигар халқу миллатҳо ва таҷрибаи онҳо дар амал муҳим мебошад.

Назари мутафаккири рус Л. Н. Толстой тарбия ин таъсирпазирӣ ба қалби нафарест, ки мо тарбия менамоем. [1, 16, 19]. Тарбия намудан - ин барои камолот ва ташаккули инсон мусоидат намудан аст. Яке аз талаботи замони муосир-ин майли инсонҳо ба падидаҳои гуногуни иҷтимоӣ, кӯшиши қиёси он бо равандҳои гуногуни таърихи гузашта мебошад. Такмил ва густариши ин гуна талабот ба ҳадафҳои олии тарбия иртибот дорад.

Тарбия натанҳо ин услубу одоб, балки талаботҳои оддитарини ахлоқӣ, ки аз талаботи меъёрҳои иҷтимоии фалсафаи Зардуштия– пиндори нек, рафтори нек, гуфтори нек оғоз мегардад, аз тарбияи оилавӣ сарчашма меёбад. Қайд намудан ба маврид аст, ки аз се талаботи номбаршуда аз ҳама муҳимтаринашро Зардушт – гуфтори нек –ростқавлӣ меҳисобид. [ 10.]

Файласуфи Юнони қадим Арасту бар он андеша аст, ки тарбия ба се чиз: истеъдод, илм ва амал ниёз дорад. [1, 31].

Яке аз ҷанбаҳои асосии тарбияи инсон ин рафтори ӯ дар ҷомеа ба ҳисоб меравад. Тарбия, ҳамчун фаъолияти мақсадноки инсон, имкони ташаккул додани камолоти шахсро ба

хотири рисолати ӯ ба анҷом мерасонад. К. Г. Белинский қайд намудаанд, ки «касе ки камолоти инсонӣ надорад, вай шаҳрванди хуб нест». [1, 22].

Тарбия ҳамчун самти асосноки фаъолияти давлат барои ташаккули шахсият ва фаъолияти ӯ дар бунёди ҷомеа саҳми арзанда мебозад. Рафтори инсон дар он ҳолат мусбӣ маҳсуб мегардад, ки агар аз манфиатҳои ҷамъият дастгирӣ намояд. Дар маҷмӯъ рафтори иҷтимоии инсонҳо дар вазъи муайяни ҷамъиятӣ ифода мегардад, ки он дар сохти иҷтимоӣ – иқтисодии ҷомеа шакл ва амалӣ мегардад.

Дар даврони муосир вазифаҳои навтарин, мисли ҳифз ва эҳёи фарҳанги гузаштагон, роҳандозӣ мегарданд, ки дар навбати худ ин иқдомро ҳамчун як қисмати муҳимтарини раванди корҳои тарбиявӣ мақбул кардан мумкин аст. Тарбия аз шароиту вазъияти муайян, аз ҷумла вазъи нерӯи истеҳсолот, ҷамъияти мавҷуда, манфиатҳои миллию иҷтимоӣ, савияи илму фарҳанг ва нақши меҳнат дар ташаккули инсон вобастагӣ дорад.

Ҷаҳони имрӯз ба давраи итиллоотии инкишофи худ ворид гардида истодааст. Ворид гардидани инсон аз ҳаёти саноатӣ ба ҷамъияти итиллоотӣ, дар айни замон нақши падидаҳои маънавӣ, аз қабили илм, маориф ва фарҳангро баланд мегардонад. Сатҳи маънавӣ, ки асолати иҷтимоии инсонро дар худ таҷассум менамояд, аҳамияти махсусро дар раванди густариши пешрафти ҷомеа мебозад. Раванди тарбия мисли ҷаҳду талошҳои дигари инсонҳо пеш аз ҳама аз муҳити худи инсон вобастагии сахт дорад. Муваффақ гардидан ба кори тарбия маънои танзими кори тарбияро дорад. Асоси фаъолият аз раванди инсонгароӣ ҳамчун роҳи самарабахш ва боваринок дар тарбия маҳсуб мегардад. Равандҳои ба амал омадаи инсонагароӣ дар тасрифи нави таълим ва тарбияи шахсият ва фард, ки дар марказ падидаи нотакрор инсон меистад, ин самти нигаронидашуда аз ҳама, ба ҳар як нафар ба ҳисоб меравад.

Мутафаккири бузург А. Эйнштейн зикр намудааст: «Яке аз ҷаҳду талоши инсонӣ ин ба даст овардани ахлоқ мебошад. Аз ин қавииродагии мо вобастагӣ дорад ва мавҷудияти мо». Баъдтар ӯ зикр менамояд, ки: «Фақат ахлоқ дар рафтори мо зебоӣ ва шарафи зиндагии моро инъикос менамояд. Эҳёи он яке аз вазифаҳои асосии маориф мебошад».

Воқеан, инсони хушахлоқ барои тамоми мушкилоти худ, миллат, коллектив, ҷамъият бетафоввут нест. Ин хислатҳо мавқеияти фаъоли ӯро ҳамчун шаҳрванд бо ҳисси эҳтиром ба фаъол будан, масъул будан барои ташаккули ахлоқ замина мегузорад.

Мақсади умумии тарбияи ахлоқӣ ба тафаккури фард ҷой додани меъёрҳои ахлоқ ва талаботи маърифати фардӣ ба хотири худинтиқодӣ мебошад.

Бояд зикр намуд, ки ахлоқ мустақил аст, аз ягон сиёсат дастгирӣ намекунад ва онро ҳамчун идеология пазируфта ё вайрон карда намешавад. Ҳамчунин иваз ё барҳам додан низ ғайриимкон мебошад. Аз ин хотир, такмил додани тарбияи ахлоқии насли наваси оянда мувофиқи мақсад аст. Бинобар ин, тарбияро аз арзишҳои абадии умумибашарӣ оғоз бояд намуд. «Бояд дар хотир дошт, ки тарбияи ахлоқиро, - тазаккур медиҳад Сен - Симон, - дар тамоми зиндагии фард идома додан муҳим аст.» [5, 44].

Ҷомеаи муосир дар ҳамон ҳолате демократӣ ва ҳуқуқбунёд мегардад, ки агар шахсияти воқеӣ эҳё гардад, яъне аз лиҳози маънавӣ тамоми мардум комил гарданд. Барои ба ин муваффақият ноил гардидан наврасон ва ҷавононро мебояд низоми худидоракуниро дарк намоянд. Натиҷаи амалҳои худро таҳлил намоянд ва барои ислоҳ шитоб намоянд. Дар ин маврид Гегел мефармояд: «Тарбия мақсади муайян дорад, яъне аз инсон мавҷуди мустақил омода намудан, яъне мавҷуде, ки соҳиби ирода аст». [1, 77].

Дар охирҳои асри XX комисияи байналмилалии ЮНЕСКО барномаи умумиҷаҳонии самтҳои нави тарбияро барои асри XXI омода намуд, ки вазифаҳои стратегӣ баррасӣ мегардад. Дар ин намоиш намояндагони фарҳангҳои гуногуни ҷаҳонӣ асоси тарбияро дар оянда дар заминаи 4 рукн: зиндагӣ кардан, дарк намудан, фаъолият намудан ва бо ҳам зистан тавсия намуданд. Тамоми иштирокчиён дар ҳамбастагӣ ба рукни чаҳорум - бо ҳам зистан аҳамияти хосса додаанд. Иштирокчиён бар он андешаанд, ки ҳунари бо ҳам зистан яке аз вазифаҳои иҷтимоӣ - амалӣ маҳсуб мегардад. Дар даврони муосир вобаста ба тазоди замона бо ҳам зистан барои густариши инсонгароӣ ва ташаккули шахсият заминаи мусоид фароҳам меорад.

Ҳар як насли нав дар як навъи нави сохти иҷтимоӣ, ки дар асоси воқеаҳои таърихӣ ба вуҷуд омадааст, ба миён меояд. Ин воқеияти сиёсӣ новобаста аз тафакури фардӣ бо ӯ дар бархӯрд ба хотири камолот меистад. Инсон ба ин ё он арзишҳои сиёсӣ мусоидат менамояд. Фаъолияти сиёсии шахсият ва тафаккури ӯ натиҷаи таъсири муносибатҳои сиёсӣ дар ҷомеа мебошад. Демократикунонии ҳаёти иҷтимоӣ аҳамияти хоса барои худшиносии миллӣ дорад,

ки дар муносибатҳои миллӣ нақши муҳимро мебозад. Вазифаи муҳимтарини мо тарбияи шахсияти худшиносу ватандӯст, дорои масъулияти баланди иҷтимоӣ, соҳиби донишу ҷаҳонбинии муосир ва ниҳоят, шахсияте мебошад, ки қобилияти шинохти равандҳои мураккаби ҷаҳони имрӯзро дошта бошад. [7, 86]. Дар ҷомеаи муосир муҳимияти гуманизмро, ки боиси ташаккулёбии иҷтимоии шахсият мегадад ва ба пешрафти инсон мусоидат меамояд, фаҳмонидан ва баррасӣ намудан зарур мебошад. Ин имкон медиҳад, ки инсон ҳаматарафа ташаккул ёбад ва дорои сиёсати фарҳангӣ гардад.

Давлат бояд ҳамеша ба тамоми арзишҳои миллии халқ такя намояд. Ин вазифаро бидуни гузоштани ҳадафҳои худ ба амал оварда наметавонад. Маҳз тавассути принсипҳои олии ҷомеа - ахлоқ, инсонгароӣ ва адолат давлат мустаҳкам мегардад. Аз хамин хотир, масъалаи маориф дар бунёди донишҳои сиёсӣ хеле муҳим аст, ки он бидуни масъулияти худи инсон ба анҷом намерасад. Масъулият тавассути сифат муайян мегардад, ки дараҷаи иштироки инсонро дар ҳаёти маънавӣ таҷассум менамояд. Вай мавқеи шахсиятро дар иҷтимоъ муайян месозад.

Дар замони муосир инсони дорои маънавиёти воло ва ахлоқи хуш барои инкишофи ҳаматарафаи кишвар муҳим аст. Давлат ва Ҳукумати кишвар имкониятҳои навтаринро барои амалӣ гардидани мақсадҳои муҳим ба миён овардааст.

Дар ҷаҳони имрӯз пешрафти технологӣ дар заминаи иртиботот боиси ба вуҷуд омадани муносибатҳои иртиботии зиёде дар саросари ҷаҳон шудааст. Бо таваҷҷуҳ ба рушду густариши расонаҳои иртиботи оммавӣ ва истифодаи рӯзафзун аз ин фановариҳои муосир, бавижа шабакаҳои моҳвораӣ, унсурҳои фарҳангии наве дар миёни тарбияи ахлоқии хонаводаҳо ва ҳарими хусусии онҳо ворид гаштаанд, ки боиси пайдоиши рафторҳо, нигаришҳо ва боварҳои гуногуне дар миёни онҳо шудааст. Вобаста ба ин вазъ доштани хонаводаи солим аҳамияти бештаре касб мекунад, зеро тарбияи ахлоқии хонавода аз бунёдитарин ниҳодҳои ҷомеа ва шарти саломату бақои он аст.

Бинобарин, саломатии ҷомеа дар гарави доштани оилаи солиму дорои ахлоқи ҳамида аст.

**АДАБИЁТ**


1. Базарова, С. Ш., Тарбияи комил-хазинаи бузурги ҷамъият. Душанбе, 2011. 256 саҳ.
2. Муминджанов, Хамдам Хамидович. Философские проблемы зороастризма: [монография] / Муминджанов Х. Х.; отв. ред. Диноршоев М. Д. - Душанбе: [б. и.], 2000. - 243 с.
3. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе:“Нашриёти Ганҷ”, 2016, -135 с.
4. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳу-рии Тоҷикистон. Душанбе: Матбааи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2006.-24 с.
5. Маърифати оиладорӣ. Китоби дарсӣ барои синфи 9.- Душанбе: МТЛ ОРЕС, 2003. 208 саҳ.
6. Молодёжь в меняющемся обществе. Краткое изложение. Региональный мониторный доклад №7. Краткое изложение-ЮНИСЕФ.-Флоренция-Италия, 2000
7. Давлатов, М. Оила ва рушди шахсияти фарзандон. Душанбе: “Ирфон”, 2014.-224с.
8. Суханҳои ҳикматомӯзи Президенти Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон.-Душанбе: ҶДММ “Контраст”, 2019.-464 саҳ.
9. Юнусов, Ю. Педагогика. Душанбе: “Маориф ва фарҳанг”, 2005.-380
10. https://vslovar.ru/jur/849.html.

## ОСОБЕННОСТИ АНТИНАРКОТИЧЕСКОГО ВОСПИТАНИЯ МОЛОДЕЖИ

***ХАЙДАРЗОДА Шомурод Хайдар*** *– кандидат педагогических наук, доцент, заместитель начальника Секретариата Министерства внутренних дел Республики Таджикистан, г. Душанбе, ул.Восифи, 21.*

***ДАВЛАТШОЕВА Азиза*** *– кандидат педагогических наук, доцент, заведующий кафедрой языков Академии МВД Республики Таджикистан, г. Душанбе, ул.Восифи, 21,* ***Email:*** *azizadavlat@mail.ru,* ***тел.:*** *+(992)93 9225097*

В статье авторы уделяют особое внимание на совершенствование основ антинаркотического воспитания молодежи в отечественной практике. Также авторы, основываясь на отечественную и зарубежную литературу, мнения ученых по данной проблеме проанализировали понятие и сущность антинаркотического воспитания, определили цели и задачи антинаркотического воспитания в системе образования и эволюцию научных подходов к его пониманию и внедрению. По мнению авторов, основной причиной низкого уровня здоровья и высокой смертности является сам человек, его поведение, образ жизни, злоупотребление запрещенных веществ, скудное количество физической нагрузки.

Поэтому одним из основных направлений ориентированного обучения в настоящее время является антинаркотическое воспитание молодежи. В конце статье авторы, основываясь на мнения отечественных и зарубежных ученых, предлагают свои варианты решения данной проблемы.

***Ключевые слова:*** *антинаркотическое воспитание, профилактика, антинаркотическая деятельность, молодежь, ориентированное обучение, метод, сущность, понятие, система образования, физическая нагрузка, цель, задача.*

## ХУСУСИЯТҲОИ ТАРБИЯВИИ ЗИДДИНАШЪАМАНДИИ ҶАВОНОН

***ҲАЙДАРЗОДА Шомурод Ҳайдар*** *– номзади илмҳои педагогӣ, дотсент муовини сардори Котиботи Вазорати корхои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Восифӣ, 21.*

***ДАВЛАТШОЕВА Азиза*** *– номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, сардори кафедраи забонҳои Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Восифӣ, 21,* ***E-mail:*** *azizadavlat@mail.ru,* ***тел.:*** *+(992)93 9225097*

Мақолаи мазкур ба тарбияи ҷавонон дар руҳияи мубориза ба муқобини нашъамандӣ бахшида шудааст. Муаллифон қайд кардаанд, ки яке аз омилҳои тандурустии ҷавонон ин мубориза ба муқобили нашамандӣ мебошад. Ба роҳ мондани тарбияи ҷавонон ва наврасон дар руҳияи ахлоқи ҳамида, омӯзиши осори пурғановати ниёгон, иштирок дар озмунҳо, мусобиқаҳои варзишӣ самтҳои муҳимтарини тарбияи ҷавонон дар мубориза ба муқобили нашъамандӣ мебошад. Ба ақидаи муаллифон сабабҳои бемориҳо , паст будани вазъи саломатӣ, фавти зиёд ба худи инсон вобаста аст, яъне инсон чи гуна ҳаёти хешро ба роҳ мемонад. Албатта дар ин ҷода низ асос саводнокии шахс муҳим аст. Роҳҳои мубориза ба муқобили нашъамандӣ ва нашъаҷалобӣ, тарбияи наврасон ва ҷавонон дар руҳияи мубориза ба муқобили ин падидаи номатлуб дар мақола аз нигоҳи муаллифон зикр гардидааст.

***Вожаҳои асосӣ:*** *тарбияи зиддинашъамандӣ, роҳҳои пешгирӣ, фаъолият, ҷавонон, омӯзиши мақсаднок, метод, хусусият, уҳдадории ҷисмонӣ, падидаи номатлуб, нашъамандӣ ва нашъаҷалобӣ, вазъи саломатӣ, озмунҳо, мусобиқаи варзишӣ, осори ниёгон, саводнокии шахс.*

## FEATURES OF ANTI-DRUG EDUCATION OF YOUTH

***KHAIDARZODA Shomurod Haidar*** *– Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor, Deputy Head of the Secretariat of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, Dushanbe, Vosifi, 21, st.*

***DAVLATSHOEVA Aziza*** *– Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Languages of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, Dushanbe, Vosifi, 21, st.* ***E-mail:*** *azizadavlat@mail.ru,* ***mob.:*** *+(992)93 9225097*

In the article, the authors pay special attention to improving the foundations of anti-drug education for young people in domestic practice. Also, the authors, based on domestic and foreign literature, the opinions of scientists on this issue, analyzed the concept and essence of anti-drug education, determined the goals and objectives of anti-drug education in the education system and the evolution of scientific approaches to its understanding and implementation. According to the authors, the main reason for low health and high mortality is the person himself, his behavior, lifestyle, abuse of illegal substances, and a meager amount of physical activity.

Therefore, one of the main directions of oriented education at present is anti-drug education of young people. At the end of the article, the authors, based on the opinions of domestic and foreign scientists, offer their options for solving this problem.

***Key words:*** *anti-drug education, prevention, anti-drug activity, youth, oriented education, method, essence, concept, education system, physical activity, goal, task.*

По мере расширения научных знаний трансформировалось представление о причинно-следственных связях в вопросах, касающихся здоровья. Основной причиной низкого уровня здоровья и высокой смертности был обозначен сам человек, а именно его поведение, включающее пищевые привычки, образ жизни, злоупотребление запрещенными веществами, скудное количество физической нагрузки. Образ жизни, формируемый вышеназванными факторами часто еще в детском и подростковом периоде, во взрослой жизни часто приводит креждевременной заболеваемости и ранней смертности.

4. Руженкова, В. В., Руженков, В. А. /Донозологические психические расстройства и учебный стресс у студентов-медиков //Современные проблемы науки и образования. – 2020. – № 2. – С. 95

5. Сердюков, А. А., Финогенко, Е. И. /Эмоциональные компоненты стрессоустойчивости студентов вуза // Молодежный вестник ИрГТУ. – 2022. – Т. 12. – № 1. – С. 173-178

6. Серкина, Е. А., Куклина, С. А., Горева, И. В. [и др.] Особенности переживания учебного стресса в условиях дистанционного обучения и самоизоляции у студентов-медиков в зависимости от адаптивности Центральной нервной системы // Путь науки. – 2021. – № 12(94). – С. 15- 17

7. Соколов, Г. А. Особенности психоэмоциональных состояний студента при дистанционной форме обучения. Современное образование. 2014; 1:1-13

8. Судакова, К.В. / Психоэмоциональный стресс // Москва: НИИ норм. физиологии, 1992. – С.148
9. Сапольски, Р. М. Психология стресса /пер. с англ. М. Алиева, Н. Буравова [и др.]. — СПб.: Питер, 2021. — С. 480
10. Селье, Г. Стресс без дистресса / Москва: Прогресс, 1982. – С.124
11. Чербиева, С.В., Бостанова, С.Н. / Эмпирическое исследование учебного стресса у студентов // Ученые записки университета имени П.Ф. Лесгафта. – 2019. – № 12 (178). – С. 445–451
12. Чербиева, С. В. Особенности влияния учебного стресса на студенческую жизнь обучающихся разных курсов // Ученые записки университета им. П.Ф. Лесгафта. – 2022. – № 4(206). – С. 607-615
13. Черемискина, И. И., Эльзессер, А. С. / Отношение к стрессу у студентов первого курса медицинского вуза // Азимут научных исследований: педагогика и психология. – 2021. – Т. 10. – № 1(34). – С. 388-391
14. Thakkar, A. Academic stress in students. Available at https://medium.com/one-future/academic-stress-in-students-498c34f064d7. Link active 30.04.2022.

**ТДУ (УДК) -159.9**
**ТКБ (ББК) -88.5**
**И-73**

## РАВИШҲОИ ПЕДАГОГӢ ДАР ГУМАНИЗАТСИЯИ ТАЪЛИМ

***ИСМОИЛОВ Шокирҷон Ғуломович*** *– муаллими калони кафедраи умумидонишгоҳии психологияи умумии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1.* ***E-mail:*** *azizmuhammad-98@mail.ru,* ***тел.:*** *(+992) 92 759 82 65*

Ин мақола ба яке аз масъалаҳои муҳимтарин яъне равишҳои педагогӣ дар гуманизатсияи таълим бахшида шудааст. Муаллиф ба таърифҳои мафҳуми «гуманизм» бо усули ҷустуҷӯи луғат ва тафсири байни илмӣ рӯ овардаанд. Одатан, дар санъат, адабиёт ва ҳаёти ҳаррӯза гуманизатсияи муносибатҳои байни одамон бо ҳамдардӣ, шафқат, қобилияти фаҳмидани шахси дигар, ки ғаму ғуссаҳои ӯро фаро гирифтааст, алоқаманд аст. Бояд гуфт, ки гуманизатсияи таълимро метавон муҳимтарин принсипи иҷтимоию педагогӣ ва психологӣ донист, ки самтгириҳои иҷтимоии муосирро дар фаъолияти системаи маориф инъикос менамояд. Аз рӯйи вазифаҳои мақсадноки худ гуманизатсияи таълим омили рушди бемайлони шахс, ғанигардонии зарфияти эҷодии ӯ, инкишофи қувва ва қобилиятҳои асосии ӯ маҳсуб меёбад. Ин раванд ба инкишофёбии шахс ҳамчун субъекти фаъолияти эҷодӣ нигаронида шудааст. Инчунин, гуманизатсияи маориф тавсифдиҳандаи муҳимми муаллимон ва хонандагон маҳсуб ёфта, ба роҳ мондани муносибати сирф инсондӯстонаро дар байни онҳо пешниҳод менамояд. Ниҳоят, гуманизатсия ҷузъи арзишшиносии тафаккури педагогӣ буда, хусусияти субъективӣ доштани раванди таълимро тасдиқ мекунад. Маънои асосии ин раванд рушди шахсият ҳамчун ваҳдати шаклгирии умумифарҳангӣ, иҷтимоӣ-маънавӣ ва касбӣ мебошад.

***Вожаҳои калидӣ:*** психология, педагогика, гуманизм, одамият, гуманизатсияи таълим, назарияҳои педагогикаи гуманистӣ, муносибати инсондӯстона.

## ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ПОДХОДЫ В ГУМАНИЗАЦИИ ОБРАЗОВАНИЯ

***ИСМОИЛОВ Шикорджон Гуломович*** *– старший преподаватель кафедры общее психологии Худжандского государственного университета им. академика Бободжона Гафурова, г. Худжанд, проезд Мавлонбеков, 1.* ***E-mail:*** *azizmuhammad-98@mail.ru,* ***тел.:*** *(+992) 92 759 82 65*

Данная статья посвящена одному из важнейших вопросов, а именно педагогическим подходам к гуманизации образования. Автор методом словарного поиска и межнаучной трактовки обратились к определениям понятия «гуманизм». Традиционно в искусстве, литературе и повседневной жизни гуманизация отношений между людьми связывается с сочувствием, состраданием, умением понять другого человека, проникнуться его горестями и радостями. Следует отметить, что гуманизацию образования можно считать важнейшим социально-педагогическим и психологическим принципом, отражающим современные социальные ориентации в функционировании системы образования. По своим целевым задачам гуманизация образования обуславливает фактор неуклонного развития человека, обогащения его творческого потенциала, развития его основных сил и способностей. Этот процесс направлен на развитие человека как субъекта творческой деятельности. Кроме того, гуманизация образования является важным описанием учителей и учеников и предлагает установить между ними чисто гуманное отношение. В конечном счете, гуманизация является ценностным компонентом педагогического мышления и подтверждает субъективный характер учебного процесса. Основным смыслом этого процесса является развитие личности как момент общечеловеческого, социально-духовного и профессионального формирования.

***Ключевые слова:*** *психология, педагогика, гуманизм, человечность, гуманизация образования, теории гуманистической педагогики, гуманистический подход.*

## PEDAGOGICAL APPROACHES IN THE HUMANIZATION OF EDUCATION

***ISMAILOV Shikorjon Gulomovich*** *– Senior Lecturer of the Department of General Psychology of Academician Bobojon Gafurov Khujand State University, Khujand, Mavlonbekov Passage 1.* ***E-mail:*** *azizmuhammad-98@mail.ru,* ***phone:*** *(+992) 92 759 82 65*

This article is devoted to one of the most important issues, namely pedagogical approaches to the humanization of education. The author, using the method of dictionary search and interscientific interpretation, turned to the definitions of the concept of "humanism". Traditionally, in art, literature and everyday life, the humanization of human relations is associated with empathy, compassion, the ability to understand another person, to feel his sorrows and joys. It should be noted that the humanization of education can be considered the most important socio-pedagogical and psychological principle reflecting modern social orientations in the functioning of the education system. According to its objectives, the humanization of education determines the factor of the steady development of a person, the enrichment of his creative potential, the development of his basic forces and abilities. This process is aimed at the development of a person as a subject of creative activity. In addition, the humanization of education is an important description of teachers and students and suggests establishing a purely humane relationship between them. Ultimately, humanization is a valuable component of pedagogical thinking and confirms the subjective nature of the educational process. The main meaning of this process is the development of personality as a moment of universal, socio-spiritual and professional formation.

***Key words****: psychology, pedagogy, humanism, humanity, humanization of education, theories of humanistic pedagogy, humanistic approach.*

Гуманизм, ки дар шакли идеяҳои инсонпарварӣ ифода ёфтааст, ҳанӯз аз замонҳои қадим тавассути ахлоқ, маънавиёт ва ҳуқуқ ба ҷомеа таъсири воқеӣ мерасонид. Афкори гуманистӣ маҳаки асосии мазмуни умумибашарии маънавиётро ташкил медиҳад. Он дар шуури ахлоқӣ таҷассум ёфта, самтбахшанда ва танзимкунандаи фаъолияти одамон мегардад. Ин ба пайдоиш ва инкишофи анъанаҳои инсондӯстӣ дар педагогика ва психология мусоидат намуд.

Ҳангоми муайян кардани шароити психологию педагогии ташаккулёбии равияи гуманистии шахсияти мактаббачаҳо дар системаи таълими муттасил мо зарур донистем, ки маънои истилоҳҳои «гуманизм» ва «инсондӯстӣ» ба назар гирифта шавад. Пеш аз ҳама, мо бо истифода аз усули ҷустуҷӯи луғат ва шарҳи байниилмӣ ба муайян кардани моҳияти истилоҳи “гуманизм” кӯшиш кардем.

1. Самти рушдкунандаи афкори иҷтимоӣ, низоми ақидаҳои таърихан инкишофёбанда, ки арзиши инсонро ҳамчун шахсият, ҳуқуқи ӯро ба озодӣ, хушбахтӣ, инкишоф ва зоҳирнамоии қобилиятҳо эътироф намуда, саодатмандии инсонро меъёри олӣ шуморида, принсипҳои баробарӣ, адолат ва инсондӯстиро қобили қабул медонанд [16, с.83].

2. Муносибат ба одамон бо муҳаббат ба инсон, ғамхорӣ ба саодатмандии ӯ ва эҳтироми шаъну шарафи инсон тавсиф дода мешавад [15, с.96-97].

3. Низоми ақидаҳои таърихан тағйирёбанда, ки арзиши инсонро ҳамчун шахс, ҳуқуқи ӯро ба озодӣ, хушбахтӣ, инкишоф ва зоҳирнамоии қобилиятҳояш эътироф намуда, некуаҳволии инсонро меъёри институтҳои иҷтимоӣ дониста, принсипҳои баробарӣ, адолат ва инсондӯстиро ҳамчун меъёри қобили қабули муносибатҳои байни одамон баррасӣ менамояд [**Ошибка! Источник ссылки не найден.**, с.130].

4. Принсипи ҷаҳонбинӣ (аз ҷумла, ахлоқӣ) дар эътиқод ба беканории имкониятҳои инсон ва қобилияти такмилёбии ӯ, талаби озодӣ ва ҳифзи шаъну шарафи шахс, афкор доир ба ҳуқуқи инсон ба бахту саодат асос ёфта, қонеъ гардондани талабот ва манфиатҳои инсонро мақсади ниҳоӣ, яъне мақсади ҷомеа мешуморад. [14, с. 63].

5. Эътироф намудани инсон ҳамчун шахсият, ҳуқуқи ӯ ба озодона инкишоф ёфтан ва зоҳир намудани қобилиятҳо, ки саодатмандро ҳамчун меъёри баҳодиҳӣ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ муқаррар менамояд [17, с. 55].

6. Ҷаҳонбиние, ки принсипҳои асосии онро муҳаббат ба одамон, эҳтироми шаъну шарафи инсон ва ғамхорӣ дар бораи некуаҳволии одамон ташкил медиҳанд [7, с.36].

7. Маҷмуи ақида ва андешаҳое, ки арзиши инсонро, сарфи назар аз вазъи иҷтимоии ӯ ва ҳуқуқи шахс ба рушди озоди нерӯҳои эҷодӣ тасдиқ менамояд, принсипҳои баробарӣ, адолат ва муносибатҳои инсондӯстонаро дар байни одамон эълон мекунанд [18, саҳ. 170].

8. Дар луғати психологӣ мафҳуми «гуманизм» ҳамчун «системаи муносибати шахс ба объектҳои иҷтимоӣ (шахс, гурӯҳ, мавҷудоти зинда) фаҳмида мешавад, ки бо меъёрҳо ва арзишҳои ахлоқӣ муайян шуда, дар шуур дар шакли азсаргузаронии ҳамдардӣ ва ҳамҳиссӣ таҷассум меёбад, дар муошират ва фаъолият ҳамчун мусоидатнамоӣ, шарикӣ ва расонидани кумак амалӣ мегардад” [11, с.21].

Тавре маълум аст, истилоҳи «гуманизм» (лот. humanus - инсондӯстӣ) дар давраи Эҳё (асрҳои XIV–XVII) ҳамчун маҷмуи ақидаҳое ба вуҷуд омад, ки асоси онро эътирофи инсон чун арзиши олӣ ташкил дода, шаъну шараф ва ҳуқуқҳои инсон, озодӣ ва рушди ҳамаҷонибаи ӯро ҳимоя мекунад [0, с. 31].

Инкишофи минбаъдаи истилоҳи «гуманизм» бо фаъолияти идеологҳои давраи инқилоби буржуазии асрҳои XVII - XIX (Ж. Руссо [12], Ҷ. Локк [8]) алоқаманд аст. Онҳо гуманизмро ҳамчун ҳуқуқи табиии одам барои қонеъ гардондани талаботи табиати худ, озодии шахсияти инсон медонистанд. И.Кант моҳияти гуманизмро дар он медид, ки барои шахси дигар шахс танҳо мақсад аст, на восита [4, с. 349-588].

Мафҳуми «гуманизм» воқеияти иҷтимоӣ-таърихиро ба он дараҷае фаро мегирад, ки вай дар раванди модикунонии идеяҳои озодӣ, баробарӣ ва бародарии одамон иштирок мекунад. Олимон дар давраҳои гуногуни таърихи гуманизмро ҳамчун категорияи ҷаҳонбинии ахлоқӣ баррасӣ кардаанд [20, с.103]. Фаҳмиши муосири ин падида дар тули садсолаҳо ташаккул ёфтааст: гуманизм ин аз лаҳзаи таваллуд эътироф намудани инсон ҳамчун шахси баробарҳуқуқ, сарфи назар аз миллат ва мазҳаб аст, ки барои инкишоф додани қобилияту истеъдод ва сифатҳои ахлоқии худ ҳуқуқ дорад, инчунин, ҳуқуқ дорад, ки ба нафъи инсоният, барои сулҳ ва дӯстии халқҳо ва ғ. заҳмат кашад.

Гуманизм мафҳуми ба таври васеъ паҳншуда аст. Он бисёрҷанба буда, бо ягон чаҳорчӯбаи вақт махдуд карда намешавад ва ҳамчун падидаи муҷаррад тавсиф дода мешавад. Бояд гуманизм мисли дигар зуҳурот ҳамчун падидаи мушаххаси таърихӣ, бо назардошти омилҳои муайяни иҷтимоию иқтисодӣ, ба таври махсус баррасӣ карда шавад. Гуманизм хислати фитрии инсон аст, ки аз ғаризаи ҳифзи оила сарчашма гирифта, аҳаммияти умумибашарӣ дорад. Бо назардошти ин, раванди тарбияро бояд тавре ташкил кард, ки ин хислати модарзодӣ аз байн наравад.

Ба назари мо. истилоҳи фалсафии «гуманизм» соли 1822 аз тарафи педагоги олмонӣ Ф. Хитаммер расман мавриди корбурд қарор дода шуд. Пештар истилоҳи «гуманист» истифода мешуд [2].

Дар педагогикаи ватанӣ роҳёфтҳои гуногуне вуҷуд доранд, ки дар онҳо истилоҳи «гуманизм» ба маъноҳои гуногун шарҳ дода мешавад. Таърих гувоҳ аст, ки дар марҳилаҳои

гуногун афкори педагогӣ барои мустаҳкам намудани пояҳои ахлоқии таълим ва тарбия ҳамеша ба афкори инсондӯстӣ рӯ меовардааст. Пешрафти мактаби муосир маҳз бо рушди фарҳанги башардӯстона ва ба инсон нигаронидани таълим, муҳити иҷтимоӣ, муносибатҳои волидайнӣ ва худи шахсият алоқаманд аст. Анъанаи гуманистӣ дар педагогика таърихи дуру дароз дорад. Он дар умқи педагогикаи халқӣ тавлид шуда, табиатан дар эҷодиёти мутафаккирон ва рассомони бузург, омӯзгорону инсонгароёни барҷаста ташаккул ёфтааст. Ҳосили онро метавон аз ёдгориҳои адабӣ, фолклор ва назарияҳои педагогӣ пайдо кард. Ҳанӯз дар асрҳои V-VII-и пеш аз милод, дар давраи «инқилоби маданӣ» идеяҳои васеъ намудани озодиҳои шахсии шаҳрвандон ва дар маркази диққати ҷомеа гузоштани манфиатҳои шахе ба майдон омада буданд. Аввалин бор софистон кӯшиш намуданд, ки «масъалаи инсонро танҳо барои худи ӯ ва ба хотири зиндагии ӯ ҳал кунанд» [6, с. 40].

Баромадҳои оммавӣ ва суҳбатҳои файласуфи Юнони қадим Суқрот, ки идеяи таълими тарбиявиро ба миён гузоштааст, пур аз тасдиқот доир ба арзиши олӣ доштани инсон ҳамчун шахси дорои тафаккур ва ботинан озод мебошанд. Асоси фалсафаи ӯ идеали худшиносӣ ва хештансозӣ буд. Ба гуфтаи Суқрот, раванди самараноки таълим, танҳо дар сурате воқеан ҳам самаранок ҳоҳад буд, ки дар он муаллим ва хонанда ҳамчун шарики баробарҳуқуқ амал кунанд.

Сухани машҳури Суқрот - «Худро шинос», барои инсон аҳаммияти ошкор кардани на танҳо мазмуни субъективӣ, балки мазмуни объективии шуурро таъкид карда, дар худ на фақат андешаи инфиродии барғалат, балки донишҳои фарогир, ҳатмӣ ва боэътимодеро дар бар мегирад, ки ҳар як шахс ба онҳо боварӣ дорад. Ба ин маънӣ, ӯ ҳам сохти давлатдорӣ, ҳам шахсият ва ҳам категорияҳои неку бад, хушахлоқу бадахлоқ, некиву инсофро, ки пайравӣ аз онҳо инсонро ба саодат мебарад, аз нигоҳи инсонпарварӣ баррасӣ кардааст.

Дар сатҳи иҷтимоию фалсафӣ асарҳои зиёде ба масъалаи гуманизм бахшида шудаанд, ки дар онҳо ақидаҳои инсондӯстӣ ва таҷассуми иҷтимоии онҳо дар таълим инъикос ёфтааст. Дар замони муосир таваҷҷуҳ ба ин мавуъ аз он ҷиҳат муҳим аст, ки нақши асоснокнамоии фалсафии гуманизми педагогӣ дар шароити навсозии ҷомеа ва ба вуҷуд омадани афкори нави педагогӣ ба тавр рӯзафзун боло меравад.

Бояд гуфт, ки пас аз мутолиаи осори адабии мутаффакирони тоҷику форс ба монанӣ А.Рӯдакӣ, А.Фирдавсӣ, А. Н. Хисрав, Ҳ. Саноӣ, Ҷ. Румӣ, А. Сино, Саъдии Шеразӣ, Ф. Аттор, А. Ҷомӣ, ва диг. метавон на танҳо бо санъати баланди суханварӣ, балки бо мазмуни башардӯстонаи он ифтихор кард.

Бо таҳлили осори Рӯдакӣ, Сино, Фирдавсӣ, Саъдии Шерозӣ ва бисёре аз намояндагони адабиёти тоҷику форс ба вожаи «одамият» дучор омадем. Хислатҳои асосие, ки одамиятро тавсиф медиҳанд, ин накукорӣ, хайрхоҳӣ, саховатмандӣ, меҳру муҳаббат, шафқат, дӯстӣ, бародарӣ ва ғ. мебошанд, ки онҳоро мутафаккирони классики тоҷик дар тули ҳазорсолаҳо тараннум кардаанд. Ба ақидаи мутафаккирони бузург, роҳи башарият тавассути ақл мегузарад. Ин ақл аст, ки инсонро барои ба танзим даровардани корҳояш водор намуда, ӯро ба корҳои хайру наҷиб ҳидоят мекунад [8].

Мутафаккирони бузург, пеш аз ҳама, нисбат ба одамон муносибати инсондӯстона доштанд. Саъдӣ маънои умри худро хизмат ба мардум медонист. Вай таъкид кардааст, ки аз тамоми хислатҳои инсон муҳимтаринаш зиракӣ, ростгӯӣ ва инсондӯстӣ мебошад [13].

Ҳамин тариқ, мутафаккирони бузурги адабиёти тоҷику форс дар рушди илмҳои психология ва педагогика саҳми бузург гузоштаанд. Онҳо ба шарофати хираду фаросат ва нозукбинии психологиашон масоили муҳимми улуми психологӣ ва педагогиро чандин аср пеш муайян кардаанд. Омӯзиши адабиёти классикии тоҷик барои педагогҳо ва психологҳо, барои дарки психологияи инсон ва ташаккул додани сифатҳои муҳимми касбӣ нуқтаи такягоҳӣ ҳоҳад буд. Аз ибтидои пайдоиши адабиёти классикии тоҷик дар он анъанаҳои дидактикӣ ба таври васеъ паҳн шудаанд.

Идеяи гуманистӣ дар давраи Эҳё босуръат инкишоф ёфта, ба консепсияи илмии таълим ворид карда шуд. Педагогҳои давраи Эҳё (Гуарино Веронезе, Витторино де Фелтре, Франсуа Рабле, Томас Мор, Томазо Кампанелла, Эразм Роттердамский, Мишел де Монтен ва диг.) идеали «таълими озод»-ро ба миён гузоштанд. Моҳияти он «таълиму тарбияе буд, ки ба инкишофи ҷисмонию маънавии инсон мусоидат карда, ӯро ба саодат мебарад» [9, с.7]. Маҳз ҳамон вақт, намунаи инкишофи ҳаматарафаи мутаносиби шахсият пешниҳод карда шуд.

Педагогҳои давраи Эҳё даъват мекарданд, ки хусусиятҳои психологии бачаҳо ва шавқу ҳаваси онҳо ба эътибор гирифта шавад ва барои шавқовар шудани раванди таълим кӯшиш

мекарданд. Онҳо низоми қатъии мактаби асримиёнаро рад карда, ба ҷазои ҷисмонӣ муносибати манфӣ доштанд ва ба эҳтироми калонсолон бартарӣ медоданд.

Афкори гуманистӣ ҳамчун даъвати ҳарисона ба инсонгароӣ бо рушди тамаддуни башарӣ инкишоф ёфта, ғанӣ гашт. Афкори пешбарандаи гуманистии педагогҳои демократро метавон бо як ибораи мухтасар маорифи умумихалқӣ тавсиф кард.

Ҳанӯз дар солҳои 30-юми асри XVII андешае роиҷ буд, ки «ба мактаб на танҳо фарзандони сарватманд ё ашрофзодаҳо, балки умуман ҳама - ашрофзодаҳо ва одамон на он қадар муътабар, бойю камбағал, писарону духтарон дар тамоми шаҳрҳо ва шаҳракҳо, деҳаҳо ва рустҳо» фаро гирифта шаванд [5].

Дар ибтидои «Дидактикаи бузург» Я.А. Коменский таъкид карда буд, ки илм дар бораи таълиму тарбия барои волидайн ва омӯзгорон судманд аст, то заҳмату вақти онҳо барабас наравад ва «барои хонандагон, то онҳо тавонанд бе заҳмати зиёд, бидуни дилтангию доду фарёд ба қуллаҳои илм бирасанд. Илмро тавре бояд идора кард, ки гӯё бозӣ ва шӯхӣ мекарда бошем» [5, с.87]. Я.А. Коменский гуманизмро «барангехтани ташнагӣ ба дониш ва саъю кӯшиши бошиддат ба таълим» номида, усулҳои дастрас кардани онро чунин пешниҳод карда буд: ба ҳам мувофиқ омадани муфид ва гуворо, тарбияи кунчкобӣ дар кӯдакон, инкишофи «мустақилият дар мушоҳидакорӣ, амалия ва истифодаи донишҳо». Ӯ таълимеро пешниҳод кард, ки дар он ҳама чиз бояд «муттаҳид, ҳақиқӣ, бо некхоҳию шодмонӣ ва муфид» бошад [5, с.94].

Ҳамаи гуманистони бузург, ба монанди Я.А. Коменскӣ, Ж.Ж. Руссо, Лев Толстой, А. Кунанбоев, И. Алтинсарин, К.Д. Ушинский, С.Т. Шатский, А. Макаренко, В. Сухомлинский ва диг. беистисно ба фаъолияти амалии педагогӣ машғул буданд ва мақсаду мароми онҳо сабук кардани заҳмати бачаҳои камбизоат ва нодор буд. Ҳар яки онҳо ба таври худ афкори инсонпарвариро дар таълиму тарбия амалӣ намуда, назар ва мавқеи педагогии худро доштанд.

Дар педагогика нуқтаҳои ибтидоии пешниҳоднамудаи К.Д. Ушинский бисёр маъруфанд: инкишоф додани мустақилияти хонандагон, дар онҳо тарбия намудани қобилият ба омӯзиш. Бояд гуфт, ки мустақилияти хонандагон ҳамчун принсипи педагогӣ бори аввал дар давраи Эҳё мавриди муҳокима қарор гирифтааст. Аз ҷумла, Мишел де Монтен, бо назардошти талаботи замони худ, зарурати инкишоф додани мустақилият ва фаъолии бачаҳоро пешниҳод намуда буд. «Тарбиятгар, - таъкид мекард ӯ, - набояд дониши тайёрро ба шогирд диҳад, ӯ танҳо шогирдро таҳрик медиҳад, ба ӯ ёрӣ мерасонад, ӯро ба кори мустақилона водор мекунад» [19, с.67].

Дар рӯваракаи «Дидактикаи бузург» Я.Я. Коменский навиштааст: «Алфа ва омегаи дидактикаи мо пайдо ва ошкор намудани усулест, ки дар он муаллим камтар таълим диҳад ва хонандагон бештар омӯзанд» [5, с.176].

Ба ин монанд К.Д. Ушинскӣ таъкид мекунад: «мураббӣ ба талаба дар рафъи душвориҳо ҳангоми фаҳмидани ин ё он фанни мушаххас бояд танҳо кумак кунад, таълим надиҳад, балки танҳо дар омӯзиш ёрӣ расонад» [19, с.45].

Принсипҳои педагогикаи гуманистиро, ки ҳоло маълуманд, дар илм, педагогика ва амалияи педагогӣ тасдиқ кардан хеле душвор аст. Тақдири педагогии муаллифони онҳо ва тақдири худи ин назарияҳо хеле печида аст. Дар соҳаи донишҳои педагогӣ «Назарияи таълими ибтидоӣ»-и Песталосси, «Назарияи инкишофи шахсият»-и Ушинский, «Назарияи таълими тарбиявӣ»-и Гербарт, «Назарияи тарбияи коллективӣ»-и Макаренко пайваста ба назар мерасанд, ки бо зарурати таъхирнопазирии такмили амалияи педагогӣ алоқаманд мебошанд [10, с. 46].

Ҷамъбасти таҷрибаи педагогӣ, омӯзиши анъана ва робитаҳое, ки дар он ба назар мерасанд ва истифодаи онҳо барои ташаккулдиҳии шахсият заминаи шаклгирии педагогикаро ҳамчун илм дар бораи қонунҳои тарбия ташкил медиҳанд. Аз ибтидои ҷудошавии донишҳои илмии педагогӣ масъалаи мавҷудияти илми махсус доир ба тарбия дар ба миён гузошта шудааст. Аҷиб аст, аммо аввалин шуда К.Д. Ушинский, ки бо ҷамъбаст ва аз ҷиҳати педагогӣ шарҳ додани маълумоти илмҳои инсоншиносӣ машғул буду ба педагогҳо дастури илмӣ медод, ин саволро мегузорад ва худаш ба он ҷавоби манфӣ медиҳад. Китоби ӯ - «Инсон ҳамчун объекти тарбия» (Таҷрибаи антропологияи педагогӣ), дар таҳкурсии донишҳои илмии педагогӣ, ки инсонро аз ҳама ҷиҳат ошкор месозанд ва ба ин васила барои табияи ӯ заминаҳои педагогиро ба вуҷуд меоваранд, санги асос маҳсуб меёбад [19, с.64].

Моҳиятан ҳамаи назарияҳои педагогикаи гуманистӣ, ки дар боло мавриди баррасӣ қарор гирифтанд ва таҷрибаи педагогҳои гуманист ба барҳам додани зиддиятҳои дар байни системаи куҳнашудаи педагогӣ ва талаботи имрӯзаи гуманизатсияи раванди педагогӣ ва умуман, тамоми системаи тарбияи ҷамъиятӣ равона шудаанд.

Ҳамин тариқ, гуманизатсияи таълимро метавон муҳимтарин принсипи иҷтимоию педагогӣ ва психологӣ донист, ки самтгириҳои иҷтимоии муосирро дар фаъолияти системаи маориф инъикос менамояд. Аз рӯйи вазифаҳои мақсадноки худ гуманизатсияи таълим омили рушди бемайлони шахс, ғанигардонии зарфияти эҷодии ӯ, инкишофи қувва ва қобилиятҳои асосии ӯ маҳсуб меёбад. Ин раванд ба инкишофёбии шахс ҳамчун субъекти фаъолияти эҷодӣ нигаронида шудааст. Инчунин, гуманизатсияи маориф тавсифдиҳандаи муҳимми муаллимон ва хонандагон маҳсуб ёфта, ба роҳ мондани муносибати сирф инсондӯстонаро дар байни онҳо пешниҳод менамояд. Ниҳоят, гуманизатсия ҷузъи арзишшиносии тафаккури педагогӣ буда, хусусияти субъективӣ доштани раванди таълимро тасдиқ мекунад. Маънои асосии ин раванд рушди шахсият ҳамчун ваҳдати шаклгирии умумифарҳангӣ, иҷтимоӣ-маънавӣ ва касбӣ мебошад.

**АДАБИЁТ**

1. Бердяев, Н. Судьба России. - М., 1990. - 300с.
2. Газман, О.С. Гуманизм и свобода (введение в гуманистическую педагогику) - В кн.: Гуманизация воспитания в современных условиях. - М., 1995. – 306с.
3. Зайтметов, Ҳ.А. Развитие эмпатических способностей студентов педагогических специальностей средствами национальной литературы: дисс. ... канд. психол. наук. Москва, 2013. – С. 200.
4. Кант, И. О форме и принципах чувственно воспринимаемого и умопостигаемого мира // Соч.: В 8 т. - М., 1964. - Т.2. - С.125.
5. Коменский, Я.А. Великая Дидактика. Хрестоматия по истории зарубежной педагогики / сост. А.И.Пискунов. - М., 1971. – 385 с.
6. Корнетов, Г.Б. Гуманистическое образование: Традиции и перспективы. - М., 1993. - 135 с.
7. Логический словарь / под ред. А.А. Ивина. - М.: Мысль, 1994.- С. 36.
8. Локк, Дж. Опыт о человеческом разуме. Избранные философские произведения в 2 т. - М., 1960. Т.1. - С. 129.
9. Монро, П. История педагогики: Древность и средние века / под ред. Н.В.Виноградова. - М., 1991. - Ч.1. - 327 с.
10. Очерки истории школы и педагогики за рубежом. - М., 1988. – Ч.1. – 210 с.
11. Психология. Словарь / под ред. А.В. Петровского, М.Г. Ярошевского. - М., 1990. - С.21.
12. Руссо, Ж., Ж. Юлия, или Новая Элоиза. - М.: Директ-Медиа, 2006. - 573 с.
13. Саади. Гулистан.-М.: Гослитиздат, 1957.
14. Словарь по этике / под ред. А.А. Гусейнова и И.С. Кона. - М.: Политиздат, 1989. - С. 63.
15. Словарь русского языка // В 4 т. - М.: Русский язык, 1999. – Т.1. -С. 96-97.
16. Словарь социально-психологических понятий /под ред. Е.С. Кузьмина и В.Е. Семенова. - Л.: ЛГУ, 1987. - С. 83.
17. Советский энциклопедический словарь / гл. ред. А.М. Прохоров. - М.: Сов. энциклопедия, 1990. - С. 55.
18. Современный словарь иностранных слов. - М.: Русский язык, 1993. - С.170.
19. Ушинский, К.Д. Труд в его психическом и воспитательном значении // Избранные сочинения: В 2 т. - М., 1974.- Т.1. – 356 с.
20. Философский словарь. - М., 1986. – 320 с.

## ПОТРЕБНОСТЬ В ПРАКТИЧЕСКОМ ИЗУЧЕНИИ РУССКОГО ЯЗЫКА СТУДЕНТАМИ МЕДИЦИНСКОГО КОЛЛЕДЖА

***ЮЛДОШЕВ Умарджон Рахимджонович*** *– заведующий кафедры русского языка Таджикский государственный медицинский университет им. Абуали ибни Сино, г. Душанбе, пр. Рудаки, 139,* ***тел.:*** *+(992) 98 529 64 78*

***МУХТОРОВА Истода*** *– соискатель Института развития образования им. А. Джами Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. А. Адхамов, 11/2,* ***E-mail:*** *istodamuhtorova106@gmail.com,* ***тел.:*** *+(992) 92 881 90 30*

В статье рассматривается вопросы повышения мотивации таджикских студентов-медиков к изучению русского языка, в частности медико-биологических дисциплин, поиск методов, приемов и технологий, повышающих эффективность учебного процесса, поддержка активного речевого общения в ходе аудиторных занятий.

Автор утверждает, что решение этой проблемы требует использования новых технологий обучения и использование интерактивных технологий в обучении таджикских студентов-медиков русскому языку представляет собой новый методологический подход к организации учебного процесса, также констатирует, что данный подход, направленный на формирование у студентов и преподавателей личностного отношения к образовательному процессу, исходит из механизмов диалога, рефлексивности и сотрудничества, обеспечивающих вовлеченность субъектов образования в процесс обучения и их личную ответственность за его результаты.

По мнению автора статьи, анализ отличительных особенностей интерактивных технологий обучения русскому языку как иностранному демонстрирует их соответствие современным требованиям обучения, подтверждает эффективность их использования в современных условиях обучения.

***Ключевые слова:*** *новые образовательные технологии, интерактивные технологии, русский язык, образование, учитель, механизмы диалога, рефлексивность, сотрудничество.*

## ТАЛАБОТ БА ДОНИШҶӮЁНИ КОЛЛЕҶҲОИ ТИББӢ ҶИҲАТИ ОМӮЗИШИ АМАЛИИ ЗАБОНИ РУСИ

***ЮЛДОШЕВ Умарҷон Раҳимҷонович*** *– мудири кафедраи забони русии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 139,* ***тел.:*** *+(992) 98 529 64 78*

***МУХТОРОВА Истода*** *– унвонҷӯйи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, к. А. Адҳамов, 11/2,* ***E-mail:*** *istodamuhtorova106@gmail.com,* ***тел.:*** *+(992) 92 881 90 30*

Дар мақола масъалаҳои баланд бардоштани ҳавасмандии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ ҷумҳурӣ ба омӯзиши забони русӣ, бахусус фанҳои биотиббӣ, ҷустуҷӯи роҳу усулҳо ва технологияҳое, ки самаранокии раванди таълимро афзун мекунанд, дастгирии муоширати фаъоли шифоҳӣ дар раванди машғулиятҳо баррасӣ шудаанд.

Муаллиф бар ин назар аст, ки ҳалли ин масъала истифодаи технологияҳои нави таълим ва технологияҳои интерактивиро дар таълими забони русӣ ба донишҷӯёни коллеҷҳои тиббиро тақозо намуда, як равиши нави методологӣ дар ташкили раванди таълим маҳсуб мeёбад, инчунин изҳор медорад, ки ин равиш дар ташаккули муносибати шахсии донишҷӯён ва омӯзгорон ба раванди таълим, механизмҳои муколама, рефлексивӣ ва ҳамкорӣ, масъулияти шахсии онҳоро барои натиҷаҳои он таъмин мекунанд.

Ба андеша муаллифи мақола, таҳлили хусусиятҳои фарққунандаи технологияҳои интерактивии таълими забони русӣ ҳамчун забони хориҷӣ мутобиқати онҳоро ба талаботи

муосири таълим нишон дода, самаранокии истифодаи онҳоро дар шароити муосири таълим тасдиқ мекунад.

**_Вожаҳои асосӣ:_** *технологияҳои нави таълим, технологияҳои интерактивӣ, забони русӣ, таълим, омӯзгор, механизмҳои муколама, рефлексивӣ, ҳамкорӣ.*

## THE NEED FOR THE PRACTICAL STUDY OF THE RUSSIAN LANGUAGE BY MEDICAL COLLEGE STUDENTS

_**YULDOSHEV Umarjon Rakhimdzhonovich** – *Head of the Russian Language Department, Tajik State Medical University. Abuali ibni Sino, Dushanbe, Rudaki Ave., 139,* **phone:** *+(992) 98 529 64 78*

**MUKHTOROVA Istoda** – *applicant for the Institute for the Development of Education. A. Jomi Academy of Education of Tajikistan, address: 734043, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Aini, 126.* **E-mail:** *istodamuhtorova106@gmail.com,* **phone:** *(+992) 92 881 90 30*

The article discusses the issues of increasing the motivation of Tajik medical students to study the Russian language, in particular biomedical disciplines, the search for methods, techniques and technologies that increase the effectiveness of the educational process, support for active verbal communication during classroom classes.

The author argues that the solution to this problem requires the use of new teaching technologies and the use of interactive technologies in teaching Tajik medical students the Russian language is a new methodological approach to the organization of the educational process, also states that this approach, aimed at forming a personal attitude among students and teachers to the educational process, proceeds from the mechanisms of dialogue, reflexivity and cooperation, which ensure the involvement of the subjects of education in the learning process and their personal responsibility for its results.

According to the author of the article, the analysis of the distinctive features of interactive technologies for teaching Russian as a foreign language demonstrates their compliance with modern learning requirements, confirms the effectiveness of their use in modern learning conditions.

**_Key words:_** *new educational technologies, interactive technologies, Russian language, education, teacher, dialogue mechanisms, reflexivity, cooperation.*

Развитие качественной медицины является одним из приоритетных направлений в политике Республики Таджикистан. Для этого необходимо наладить качественное обучение студентов-медиков. Развитие медицины в Таджикистане, происходит в тесном партнерстве с Российской Федерацией, которая оказывает помощь в обучении студентов-медиков и позволяет им повышать уровень своей квалификации, пользуясь Российскими инновациями в области медицины. Очевидно, что значительное место в системе образования укрепляет позиции любого языка в современном мире. Перспектива партнерского сотрудничества с Россией, где русский язык является государственным, создает потребность в практическом изучении русского языка студентами медицинского колледжа. Этим же объясняется необходимость существования современного экспорта и импорта образовательных услуг в рамках подготовки отечественных специалистов в области медицины.

В настоящее время преподавание русского языка как иностранного активно развивается как актуальное и перспективное направление. Интерес к изучению русского языка постоянно растет во всем мире. С каждым годом все больше иностранцев, проживающих в России и за рубежом, интересуются русским языком, желают его выучить и стать компетентными русскоязычными профессионалами.

Постижение основ русского языка – обязательное условие учебно-профессиональной деятельности. Актуальной задачей является повышение мотивации таджикских студентов-медиков к изучению русского языка, в частности медико-биологических дисциплин, поиск методов, приемов и технологий, повышающих эффективность учебного процесса, поддержка

активного речевого общения в ходе аудиторных занятий. Решение этой проблемы требует использования новых технологий обучения.

Использование интерактивных технологий в обучении таджикских студентов-медиков русскому языку представляет собой новый методологический подход к организации учебного процесса. Сообщается, что данный подход, направленный на формирование у студентов и преподавателей личностного отношения к образовательному процессу, исходит из механизмов диалога, рефлексивности и сотрудничества, обеспечивающих вовлеченность субъектов образования в процесс обучения и их личную ответственность за его результаты.

Анализ отличительных особенностей интерактивных технологий обучения русскому языку как иностранному демонстрирует их соответствие современным требованиям обучения, подтверждает эффективность их использования в современных условиях обучения. Проще говоря, студенты могут легче понять и запомнить пройденный ими материал благодаря активному участию в учебном процессе. Исходя из этого, сегодня основные методические инновации связаны с интерактивными технологиями обучения.

Вопросы обучения общению в учебно-профессиональной сфере, т.е. подготовка к медицинской практике, изучаются в работах отечественных и зарубежных учёных и исследователей, в том числе русских учёных В.В. Белого, С.Г. Борзенко, Л.И. Васецкой, А.В. Коробковой, О.Л. Королевой, С.В. Маталовой. Исследованы проблемы обучения студентов актуальным жанрам профессионального медицинского дискурса: тематической беседе - Колесова, профессиональному полилогу - Бутенко. В диссертациях Л.А. Гаспарян и Д.А. Журкина разрабатывается проблематика формирования умений устного профессионального (медицинского) общения. Кандидатское исследование Е.Н. Озеровой посвящено мониторингу качества профессионально-коммуникативной подготовки студентов-медиков.

В этом контексте цель и задача медицинских образовательных учреждений должны быть ориентированы на разработку педагогических условий формирования компетентности профессионального самосовершенствования студентов медицинского колледжа на занятиях по русскому языку, как основы их профессиональной успешности. Эти цели обуславливают необходимость решения следующих задач:

- определение непрерывности профессионально-коммуникативного обучения таджикских медиков русскому языку как новый социальный заказ;
- исследование профессионально-коммуникативной подготовки таджикских медиков в контексте глобализации и интеграции мировой академической среды;
- определение содержания педагогических условий профессионально-коммуникативной подготовки таджикских медиков в контексте развития методики преподавания русского языка как иностранного;
- разработка технологий, стратегия и средства профессионально ориентированного обучения русскому языку;
- разработка контрольно-оценочного компонента педагогической диагностики профессионально-коммуникативного развития таджикских медиков при обучении русскому языку.

В нынешних условиях образование становится более кооперативным, то есть командным. Это происходит потому, что в этом процессе стали больше использовать такие современные технологии, как кейсы, решение проектных задач, работа в малых группах и др. Кроме того, кооперативность стала присуща и деятельности самих образовательных организаций [5, С. 26-29].

Всё выше изложенное подводит нам к выводу о том, что компетенции современных специалистов-медиков, должны формироваться не только в высших учебных заведениях, но и в колледжах, образовательных центрах повышения квалификации.

Абитуриент, выбравший для обучения таджикский медицинский колледж, ориентируется, прежде всего, на высокий рейтинг и доступность учебного заведения. Обучение в данном учреждении образования требует качественного владения национальным языком, как важным средством академической, профессиональной коммуникации. Дополнительно, для успешного освоения профессии и

профессионального роста, студентам необходимо знать русский язык на достаточно высоком уровне.

Процессы интеграции, происходящие в мировой образовательной среде, позволяют получать доступ к национальным системам подготовки специалистов практически любой специальности и уровня, в том числе есть возможность воспользоваться педагогическими, лингвометодическими источниками информации. К положительным моментам можно отнести использование для повышения образования и подготовки таджикских специалистов современных технологии, практики, экспортируемых и пропагандируемых российской методической школой [3, С. 88-91].

Стоит отметить, что таджикские преподаватели, методисты стали более широко, и главное, свободно, использовать в своей работе зарубежные методические разработки, в первую очередь, российские. Такой подход серьёзно обогащает национальную систему образования. Вместе с этим он требует принятия продуманных решений, когда в национальную систему образования внедряются иностранные новации. Не во всех случаях новые педагогические идеи, имеющие большой потенциал, согласуются с местными академическими традициями, национальным языком.

В колледжах Таджикистана медицинского направления сформировалась уникальная школа, способствующая языковой подготовки будущих специалистов. Российская методическая школа сегодня продвигает инновационные концептуальные идеи и решения, отличающиеся своей эффективностью от зарубежных аналогов. Поэтому одной из главных задач педагогического сообщества Республики Таджикистан является сохранение, развитие профессионально-коммуникативной подготовки специалистов-медиков в рамках национальной системы.

Мы проанализировали работы многих авторов, рассматривающих изучаемую проблему, и сделали вывод о том, что их методические решения необходимо использовать, как основу лингвообразовательных систем. Подобные методики особенно важны при подготовке специалистов-медиков Таджикистана для совершенствования их профессионально-коммуникативных навыков [2, С. 253-256].

Сегодня педагогическая наука смогла определить главные признаки и принципы непрерывного образования. В настоящее время основной задачей научно-теоретической подготовки студентов является создание эффективных профильных систем, реализуемых в области непрерывного образования, разработка их системной организации в зависимости от направления специализации, а так же поиск новых форм, средств реализации целей и задач непрерывного образования [1, С. 33-36.].

Как известно, под термином «непрерывное медицинское образование (НМО) подразумевается образование, которое специалист получает в течение всей своей практической деятельности. В настоящее время Всемирная федерация медицинского образования (ВФМО) предложила заменить формулировку «непрерывное профессиональное образование» медицинских работников, на «непрерывное профессиональное развитие». Это сделано для того, чтобы указать на то, что целью системы медицинского образования является повышение профессионального уровня медиков и их личностного развития.

На протяжении всей профессиональной жизни медицинские работники должны совершенствовать своё профессиональное мастерство. Это утверждение основано на следующих причинах [4, С. 48]:

- необходимость переработки огромного объёма специальной информации, увеличения скорости её обновления;

- регулярное внедрение в практику новых медицинских технологий. Например, дистанционного лечения, консультирования и т.п. Для этого в целях обеспечения безопасности пациента, успешного проведения различных медицинских манипуляций, медик должен иметь достаточный уровень знаний и умений;

- повышение качества оказания медицинской помощи населению, которое для здравоохранения Республики Таджикистан выражается в «количественном значении.

В современном мире профессиональные границы взаимодействия специалистов значительно расширяются. Формируются и развиваются межнациональные связи между медиками разных стран, становится нормой комплектование международных медицинских коллективов.

Таким образом, необходимо отметить, что современный момент требует от профессионального медицинского образования новые подходы к изучению и обучению русскому языку всех категорий будущих специалистов, от абитуриентов, до выпускников таджикских медицинских колледжей. Вопрос сейчас стоит в другом. Готова ли медицинские колледжи Таджикистана обеспечить качественное выполнение этого социального заказа? Так как, культурная и образовательная среда современной профессиональной образовательного учреждения представляет собой сложное, поэтапное образование, влияющее на формирование специалиста-медика, как личности. Она состоит из духовных, материальных ценностей и условий, которые взаимосвязаны между собой и постоянно развиваются.

## ЛИТЕРАТУРА

1. Джамирова, Л. И. Употребление выражения категории возраста на уроках русского языка с таджикским языком обучения / Л. И. Джамирова // Человекознание: Сборник статей XVI Международной научной конференции, Кемерово, 20 ноября 2017 года. – Кемерово: Издательский дом "Плутон", 2017. – С. 33-36.

2. Захидова, Л. С. Лингвистические особенности формирования профессионального тезауруса при обучении русскому языку студентов-медиков подготовительного факультета / Л. С. Захидова // Человек и язык в коммуникативном пространстве: сборник научных статей. – 2018. – Т. 9. – № 9. – С. 253-256.

3. Мирзоева, В. М. Методические формы и приемы обучения иностранных студентов-медиков русскому языку / В. М. Мирзоева, Е. Д. Аксенова, Е. З. Мирзоева // Наука России: цели и задачи: Сборник научных трудов по материалам XXIV международной научной конференции, Екатеринбург, 10 декабря 2020 года. – Екатеринбург: НИЦ «Л-Журнал», 2020. – С. 88-91.

4. Рекаева, К. В. Отражение лингвокультурологического подхода в пособиях по обучению студентов-медиков русскому языку как иностранному / К. В. Рекаева // Мир науки. – 2018. – Т. 6. – № 3. – С. 48.

5. Саидов, З. З. Аутентичные тексты современных русских писателей как стимул речевой деятельности при изучении русского языка в таджикской школе / З. З. Саидов, С. А. Дерябина // Международный аспирантский вестник. Русский язык за рубежом. – 2021. – № 3. – С. 26-29.

# САҲМИ САДРИДДИН АЙНӢ ДАР ФИРДАВСИШИНОСӢ

***ОДИНАЕВА Сафармо Нуруллоевна*** *– унвонҷӯйи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Саид Носиров, 33,* ***тел.:*** *(+992) 985 69 30 20*

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои омӯзиш ва таҳқиқи осори ниёгонамон, ба вижа Абулқосим Фирдавсӣ дар замони шӯравӣ, ки аз ҷониби Садриддин Айнӣ анҷом ёфтаанд, пажуҳиш шудаанд. Бояд гуфт, ки Садриддин Айнӣ нахустин фирдавсишиноси тоҷик мебошад, ки ба шоҳкории Абулқосим Фирдавсӣ баҳои сазовор додааст, зеро Абулқосим Фирдавсӣ ҳамчун ахтари тобандаи адабиёти форсии тоҷикӣ, афкор ва мавқеи умумибашарӣ ва умумифарҳангиро дороанд.

Ҳамчунин дар мақола таъсирпазирии Садриддин Айнӣ аз нобиғагони форсии тоҷикӣ, ба хусус аз Абулқосим Фирдавсӣ дар се самти муҳимтарини адабиётшиносӣ, яъне

таъсирпазирӣ дар эҷод намудани осори назмӣ (шеър, ғазал, мухаммас ва ғайра), таъсирпазирӣ дар таълиф намудани осори насрӣ (ҳикоя, повест, очерк, ёддошт ва ғайра) ва таъсирпазирӣ дар таҳқиқи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ муайян гардидаст.

***Вожаҳои асосӣ:*** *Ҳаким Фирдавсӣ, Садриддин Айнӣ, башардӯстӣ, гоя, муҳаққиқ, «Шоҳнома», нобиға, мавқеъ, сарчашма, иҷтимоӣ, сохтор, ватандӯстӣ, Иттиҳоди Шӯравӣ, адабиётшиносӣ, фирдосишиносӣ.*

## ВКЛАД САДРИДДИНА АЙНИ В ФИРДОУСИВЕДЕНИЕ

***ОДИНАЕВА Сафармо Нуруллоевна*** **-** *соискатель Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, г. Душанбе, ул. Саида Носирова, 33,* ***тел.:*** *(+992) 985 69 30 20*

В статье исследованы вопросы изучения и исследования творчества наших предков, особенно Абулькасима Фирдоуси в советское время, которое было завершено Садриддином Айни. Следует сказать, что Садриддин Айни – первый таджикский ученый-фирдоусивед, давший достойную основу шедевру Абул Касима Фирдоуси, ибо Абул Касим Фирдоуси, как сияющий плакат таджикско-персидской литературы, имеет общечеловеческое и универсальное культурное мнение и позицию.

Также в статье влияние Садриддина Айни на таджикско-персидских гениев, особенно на Абул Касима Фирдавси, в трех важнейших областях литературоведения, т.е. влияние в создании поэтических произведений (поэзия, газель, мухаммас и др.), влияние в написание прозаических произведений (рассказа, романа, эссе, заметки и др.) и определялась эффективность при исследовании научно-исследовательских работ.

***Ключевые слова:*** *Хаким Фирдавси, Садриддин Айни, гуманизм, идея, исследователь, «Шахнаме», гений, позиция, источник, социальный, структура, патриотизм, Советский Союз, литературоведение, фирдоусиведение.*

## THE CONTRIBUTION OF SADRIDDIN AYNI IN FIRDOUSI STUDIES

***ODINAEVA Safarmo Nurulloevna*** - *Researcher of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Saida Nosirova, 33,* ***phone:*** *(+992) 985 69 30 20*

In this article, the author studied the issues of studying and researching the work of our ancestors, especially Abulkasim Firdousi in the Soviet era, which was completed by Sadriddin Aini. It should be said that Sadriddin Aini is the first Tajik Firdousi scholar, who gave a worthy basis to the masterpiece of Abul Qasim Firdousi, because Abul Qasim Firdousi, as a shining poster of Tajik-Persian literature, has a universal and universal cultural opinion and position.

Also in this article, the influence of Sadriddin Aini on the Tajik-Persian geniuses, especially on Abul Qasim Firdousi, in the three most important areas of literary criticism, i.e. influence in the creation of poetic works (poetry, ghazal, mukhammas, etc.), influence in the writing of prose works (story, novel, essay, notes, etc.) and the effectiveness was determined in the study of research work.

***Keywords:*** *Hakim Firdousi, Sadriddin Ayni, humanism, idea, researcher, Shahname, genius, position, source, social, structure, patriotism, Soviet Union, literary criticism, Firdousi Studies.*

Садриддин Айнӣ аз зумраи шоирон ва нависандагони адабиёти муосири тоҷик ва ҳамчунин идомадиҳандаи адабиёти классикии форсии тоҷикӣ маҳсуб меёбад. Ӯ дар тамоми фаъолияти худ ҳама вақт ба бузургони форсу тоҷик, аз қабили Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Низомӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ ва дигарон арҷ гузоштааст. Вобаста ба ин таъсир бардоштани Садриддин Айнӣ аз нобиғагони форсу тоҷик дар се самти муҳимтарини адабиётшиносӣ ба назар мерасад:

- таъсирпазирӣ дар эҷод намудани осори назмӣ (шеър, ғазал, мухаммас ва ғайра);
- таъсирпазирӣ дар таълиф намудани осори насрӣ (ҳикоя, повест, очерк, ёддошт ва ғайра);
- таъсирпазирӣ дар таҳқиқи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ.

Дар ин радиф фаъолияти сесамтаи илмӣ-таҳқиқотӣ ва адабии Садриддин Айнӣ дар омӯзиши ҳаёт ва осори Абулқосим Фирдавсӣ ва хосса таъсирпазирӣ аз "Шоҳнома"-и ӯ бараъло ба назар мерасад. Ҳамчунин, Устод Садриддин Айниро метавон нахустин фирдавсишиноси тоҷик номид, зеро ӯ дар таҷлили Анҷумани аввалини нависандагон (соли 1934), ба хусус дар таҷлили ҳазораи Фирдавсӣ нақши муҳим гузоштааст. Албатта замони шӯравӣ, ки дорои ғояҳои башардӯстӣ ва ватанпарастиву ҳувияти миллӣ будааст, Садриддин Айнӣ тавонист, афкори Фирдавсии бузургро тавассути чунин мафҳуму арзишҳои маданӣ-маърифатӣ ба саҳми аҳли илму адаб ва ҳамчунин омма комилан расонад.

Омӯзиш ва таҳқиқи осори бузургон дар он вақтҳо кори саҳлу осон набуд, вале ормонҳои Фирдавсии бузург ба дили халқи шӯравӣ басо писанд буд. Ҳар яке аз онҳо асари безаволро ба забонҳои хеш мутолиа намуда, фикрҳои ҷолибашро баён намудаанд. Ба ғайр аз донишмандону олимони тоҷик дар саросари Иттиҳоди Шӯравӣ олимони зиёде пайдо шуданд, ки ба таҳлилу таҳқиқи илмии ҳаёт ва фаъолияти Ҳаким Фирдавсӣ пардохтанд. Хушбахтона, сардафтари адабиёти муосири тоҷик Садриддин Айнӣ ҳанӯз солҳои 30-40-уми асри XX ба ганҷинаи осори бузургони адабиёти форсии тоҷикӣ даст задааст. Дар ин росто, ӯ роҷеъ ба Абулқосим Фирдавсӣ чандин таҳлилҳои илмӣ анҷом дода, шоҳбайтҳо аз "Шоҳнома"-ро дар эҷодиёти хеш истифода намудааст.

Воқеан, "мақолаи Садриддин Айнӣ таҳти унвони "Дар бораи Фирдавсӣ ва "Шоҳнома"-и ӯ" на танҳо нахустин мақолаи илмӣ роҷеъ ба ҳаёт ва эҷодиёти Абулқосим Фирдавсӣ, балки аввалин кори илмӣ-таҳқиқотӣ дар адабиётшиносии тоҷик маҳсуб меёбад" [10, с. 3].

Сабаби анҷом додани нахустин кори илмӣ-таҳқиқотӣ аз ҷониби Садриддин Айнӣ, ки дар шакли мақолаи илмӣ "Дар бораи Фирдавсӣ ва "Шоҳнома"-и ӯ" унвон дорад, соли 1934 маҳз дар арафаи ҳазораи Абулқосим Фирдавсӣ таҳия ва нашр шудааст. Мақолаи мазкур ба дараҷае таҳлил ва баррасӣ гардидааст, ки тамоми вижагии ҳаёт ва фаъолияти Абулқосим Фирдавсиро дар бар мегирад. Мақолаи мазкур аз муқаддима ва қисматҳои "Таърихи "Шоҳнома"-нависӣ", "Авлоди Фирдавсӣ", "Шоҳнома" ба дигар забонҳо", "Фирдавсӣ дар муаррифии шоирони Эрон" ва "Забони "Шоҳнома" ва забони муосири тоҷик" иборат аст. Тамоми қисматҳои мақола дорои пажуҳишҳои тоза буда, дар асоси сарчашмаҳои илмӣ-пажуҳишӣ анҷом ёфтаанд.

Дар мақола таҳқиқи нахустин роҷеъ ба ҳаёти Абулқосим Фирдавсӣ маълумот дода шудааст, ки таҳқиқи ҷиддии илмии минбаъда асоси илмӣ амиқ гардид: "Абулқосим Фирдавсӣ аз деҳаи Тус, ки онро Бож низ ном мебурданд ва он дар манотиқи Таборон ҷойгир аст. Ин мавзеъест, ки даҳҳо бузургонро ба воя расондааст. Ӯ соли 935 милодӣ (323 ҳ.қ.) таваллуд ёфта, соли 1021-1026 милодӣ (411 ё 416 ҳ.қ) вафот кардааст. Фирдавсӣ дар оилаи сарватманд таваллуд шудааст, чунки соҳиби замини паҳновар дошта ва ягон чиз ниёз надоштанд" [2, с. 3].

Чи тавре, ки медонем ҳаёт ва фаъолияти Абулқосим Фирдавсӣ ба ду марҳалаи сиёсӣ-иҷтимоӣ, яъне Сомониён ва Ғазанавиён баробар аст, ки ҳамаи инро Устод Айнӣ дар мақолааш тасвир намудааст. Ҳатто дар мақолаи мазкур дар баробари таҳқиқи Фирдавсии бузургманиш ӯро бо Абуалӣ Сино, ки ҳардуашон пас аз таназзул ёфтани давлати Сомониён аз дасти ғазнавиёни хунхор рӯ ба гурез ниҳоданд ва Абуалӣ Сино ба Ҳамадон мегурезад.

Баъдтар, соли 1940 Устод Айнӣ мақолаи мазкурро бо иловаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар шакли китоб ба табъ расондааст. Дар он ҷо роҷеъ ба ҷавонии Фирдавсӣ чунин навишта шудааст: "Давраи ҷавонии Фирдавсӣ ба давраи нашъунамои Сомониён рост меояд, ки маркази он Бухоро ва мавзеъҳои Хуросону Туркистон дохил мешуданд. Миёнаҳои солҳои зиндагии Фирдавсӣ ба суст шудани давлати Сомониён ва охири умри ӯ ба давраи салтанати Махмуди Сабуктегин баробар аст" [1, с. 21].

Боиси зикр аст, ки пас аз пажуҳиши ҷиддӣ Садриддин Айнӣ осори бузургони форсии тоҷикӣ дар марҳалаҳои гуногуни таърих дар маркази диққати донишмандон, адабиётшиносон ва шарқшиносони шӯравӣ қарор гирифтааст. Яке аз марҳалаҳои мазкур замони Иттиҳоди Шӯравӣ яъне пас аз Устод Айнӣ сурат мегирад, ки теъдоди зиёди мақола ва асару монографияҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ба табъ расиданд.

Бо таҳқиқ намудани адабиёт, комилан дуруст омӯхтани дараҷаи омӯзиш ва дарки мазмуну муҳтавои осори Фирдавсӣ аз ҷониби Садриддин Айнӣ, саҳифаҳои тоза ба илми адабиётшиносӣ ворид мегарданд.

Дарвоқеъ, адабиёти пурғановати форсии тоҷикӣ, ки давомдиҳандаи он Садриддин Айнӣ мебошанд, дорои чеҳраҳои барҷаста ва асарҳои нотакрор ҳастанд, ки мавқеи умумибашарӣ ва умумифарҳангиро дороанд. Чунин симоҳо ва дастовардҳоро аҳли башар моли хеш меҳисобад. Албатта, Абулқосим Фирдавсӣ ва асари безаволаш «Шоҳнома» аз зумраи онҳо мебошад, ки дар осмони адабиёти ҷаҳон нурпошӣ мекунад. Албатта «Шоҳнома» ҳамчун асари эпикӣ, зимни нахустин пажуҳишҳои Садриддин Айнӣ дар байни халқҳои шӯравӣ, ҳамчунин Шарқу Ғарб густурда буда, боз бо таҳқиқу пажӯҳишҳои нав ба нав доман густурдааст. Достонҳои «Шоҳнома» садсолаҳост, ки диққати муҳаққиқон, адабиётшиносон ва шарқшиносони бузургро ба худ ҷалб намудааст.

Бояд тазаккур дод, ки дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ шахсияти Ҳаким Фирдавсӣ ва асари безаволи ӯ дар маркази диққати дигар муҳаққиқон, адабиётшиносон ва шарқшиносон, ки Садриддин Айниро устод ва роҳнамои хеш меҳисобиданд, қарор гирифт. Ҳарчанд солҳои аввали Иттиҳоди Шӯравӣ қуллаи баландтарини омӯзиши осори Ҳаким Фирдавсӣ маҳсуб меёфт, он метавонист ба замони минбаъда таъсири мусбат расонад.

Дар ин бора ҳамчун нахустин фирдавсишинос нишон додани Садриддин Айнӣ дар адабиётшиносии тоҷик дар монографияи илмӣ таҳти унвони "Оғози фирдавсишиносӣ дар Тоҷикистон (солҳои 30-40-уми асри XX)" анҷом шудааст, ки ба пажуҳиши Устод Айнӣ баҳои баланд дода шудааст. Хушбахтона, Садриддин Айнӣ на танҳо дар фирдавсишиносӣ, балки дар адабиётшиносии тоҷик марҳалаи минбаъдаро, ки «давраи рушди адабиёти форсии тоҷикӣ» ном гузоштааст, такони ҷиддӣ доштааст [10, с. 178].

Пас аз он пажуҳишҳои мухталифи олимону донишмандони дохиливу хориҷӣ теъдоди зиёди монография ва мақолаҳои илмиро таълиф намуданд, ки дар замони муосир маводи ҷиддӣ дар фирдавсишиносӣ ва шоҳномапажуҳӣ ҳисобида мешаванд.

Арзишу моҳияти «Шоҳнома»-ро олимони ҷаҳон аз нахустин таҳқиқоти илмӣ муайян карда буданд. Ба ин маънӣ муаррихи бузурги тоҷик Б. Ғафуров чунин менависад: «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсӣ аз ҷиҳати бадеии худ дар радифи барҷастатарин асарҳои ҳамосии адабиёти ҷаҳон қарор гирифтааст» [5, с. 517].

Ҷиҳати эпикӣ будани "Шоҳнома"-и Абулқосим Фирдавсиро Садриддин Айнӣ ҳанӯз соли 1934 таҳқиқ намудааст ва тамоми омилҳои достонҳои асари безавол ба таври васеъ ҳам дар адабиёти шифоҳӣ ва ҳам дар адабиёти хаттии халқҳои ҷаҳон паҳн шуда, машҳур гардидааст.

«Шоҳнома» реша ва сайри таърихии адабиётро дошта, масоили адабӣ қаҳрамониро дорост, ки ба унвони зеботарин достони ҳамоса дар мамолики Аҷам, аз ҷумла, дар адабиёти форсӣ маънои ахлоқӣ, фалсафӣ, ишқи реалӣ ва ғайраро соҳиб аст.

Достонҳои «Шоҳнома» сарчашмаи файзбори илҳом ва барозандаи завқу эҳсос ва хаёлии шоири барҷаста аст. Аз шуарои он замон сар карда, то ҳоло садҳо шоиронро метавон ном бурд, ки маъоние аз мазмуни ин қисса чидаанд ва даҳҳо шоир доир ба асар шеърҳо сурудаанд. Яке аз он донишмандон ва муҳаққиқони шӯравии рус, ки «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсиро мавриди пажуҳиши илмии худ қарор додааст, Е.Э. Бертелс мебошад. Ӯ дар мақолаи худ зери унвони «Фирдавсӣ ва осори ӯ», ки дар китоби «Фирдоуси 934-1934»» ба табъ расидааст, чунин ибрози андеша намудааст: «Фирдавсӣ аз шоирони барҷастатарини форсии тоҷик мебошад, ки бо асари безаволи худ «Шоҳнома» дили ҳар хонандаи хурду бузург роҳ ёфтааст ва ҳар кадомашон таърих, фарҳанг ва тамаддуни хешро ҷустуҷӯ менамояд» [9, 113]. Дарвоқеъ, Е.Э. Бертелс ба шахсияти Абулқосим Фирдавсӣ баҳои баланд додааст, зеро ин асари мондагори таърихӣ номи шоирро ҷовидонӣ нигоҳ медорад.

Ҳамчунин вобаста ба мавзуи мазкур муҳаққиқи рус М. Явич дар мақолааш «Абулқосим Фирдавсӣ» низ чунин навиштааст: «Гуманизми (инсондӯстии) Фирдавсӣ зеҳни дақиқбинона, далерӣ ва мардонагии қаҳрамонҳои ӯ эътироз бар зидди истибдоду зулм ҳамеша роҳи тамоми одамони пешқадам, чун замони ҳозира низ роҳи ҳамаи инсонҳо дар самти рушдёбӣ мебошад» [11, 22].

Пас гуфта метавонем, ки муҳаққиқони шӯравӣ, пас аз Садриддин Айнӣ, Абулқосим Фирдавсиро аз нобиғони адабиёти форсии тоҷик ҳисобида, фикри равон, зеҳни тез, ғояҳои инсондӯстона ва башардӯстонаи ӯро барҷаста нишон медиҳанд ва дар ин росто таҳқиқотҳои судмандро анҷом додаанд.

Омӯзиш ва тадқиқотҳои ёдгориҳои кӯҳани фарҳангӣ ва таърихӣ, ки дар осори илмию мадании гузаштаи халки мо ва ҳаёти кунунии ҷомеа, масъалаҳои ватандорию бародарӣ ва ҳуввияти миллӣ накши муҳим гузоштаанд. Нуктаи мазкур аз масъалаҳои муҳим ва баҳсталаби пажуҳиши Садриддин Айнӣ дар омӯзиш ва таҳқиқи Абулқосим Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ буда, аз масоили умда ва меҳвари асосии илми адабиётшиносии имрӯза маҳсуб меёбад. Бахусус, масоили асосии мавриди баҳси мо таҳқиқу пажӯҳиши паҳлӯҳои мухталифи «Шоҳнома» дар Тоҷикистон дар масъалаи ватандӯстиву инсондӯстӣ ва баробарӣ ҳуҷҷати махсус маҳсуб меёфт.

Аз ин лиҳоз, зимни таҷдиди назар ба ин мавзӯъ бар он ақидаем, ки «Шоҳнома» дар ҳар сохтори сиёсиву иҷтимоии таърихӣ сарчашмаи асосии ҷомеа ва сарқонуни давлатӣ гардидааст.

Роҷеъ ба таҳаввул ва сарчашмаҳои нахустини ин достон, сайру такомули он дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ аз ҷониби Устод Айнӣ пажӯҳишҳои махсус дорад ва сарманшаи онро сабтҳои хаттии форсӣ ва ҳуввияти миллӣ донистааст. Баъдтар ин анъанаи ҷомаи ҷаҳонӣ гирифта, дар робитаи адабӣ, фарҳангӣ ва илмӣ хидмат намудааст.

Падидаҳои адабиву фарҳангӣ бе мавҷудияти заминаҳои созгору мусоиди иҷтимоиву сиёсӣ ва маънавӣ ба вуҷуд наомадааст. Инчунин, ҳеҷ як адабиёт бо мавҷуд будани анъанаву суннатҳои худӣ бидуни риштаи пайванд ба адабиёти халқи дигар инкишоф ва такомул наёфтааст. Аз ин рӯ, ҳангоми омӯзиш ва пажӯҳиши маводи гуногуни равобити адабӣ муҳаққиқ Вали Самад «ба ҳодисаҳои дохилӣ ва берунии ҷараёни адабии дигар дучор меояд» [8, с. 4].

Сардафтари адабиёти шӯравии рус Максим Горкий, ки нисбат ба Садриддин Айнӣ эҳтироми хосса доштааст, яке аз эҳёкунандагони адабиёти муосири тоҷик ва идомадиҳандаи адабиёти классикиамон ба ҳисоб меравaнд, оид ба ин кохи бегазанди тамаддуни ҷаҳонӣ андешаронихо намуд. Таъсири адабиёти форсу тоҷик ба эҷодиёти М. Горкий беандоза калон буд. Ба вижа, дар «Воқеаҳо дар бораи Итолиё»» ном асараш мавзӯи модарро ба дараҷаи аъло таҷассум карда, қайд мекунад, ки «модар аст, ки абармардони бузург ба мисли Одаму Муҳаммад, Мӯсову Исо офарид, Арасту писар, Фирдавсӣ чун асал, Саъдиву Хайём ҳамчун май, Искандар ва дигарон Фарзандони модаранд» [6, с. 39].

Адабиётшиноси шӯравии рус Брагинский И.С. асари «Двенадцать миниатюр» менависад, ки Ҳаким Фирдавсӣ ҳам дар он шомил аст [3, 57]

Оид ба беандозагӣ ва беканории «Шоҳнома» ӯ чунин мегӯяд: «Шоҳнома»»-и Ҳаким Фирдавсӣ, ҳатто на баҳр, ин комилан укёнус аст» [4, 24].

Воқеан, «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ укёнуси беканорест, ки дар вуҷуди худ ноёбтарин дурдонаҳоро соҳиб аст. Бинобар ин ҳар шахси соҳибақлу соҳибхирад дурдонаҳои худро ҷустуҷӯ дорад.

Муҳаққиқи барҷастаи тоҷик Н. Маъсумӣ қайд мекунад: «Баъд аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар назди адабиёти советӣ вазифаҳои нави сиёсӣ ва ҷамъиятӣ гузошта шуданд. Адабиёт ҳам ба иҷро вазифаҳои бузурги панҷсолаҳои баъдиҷангӣ пурра сафарбар карда шуд, тематикаи он ҳам назар ба замони ҷанг тағйир ёфт» [7, 97].

Ҳадафи Садриддин Айнӣ нигоҳ доштани осори ниёгон, ба вижа осори Абулқосим Фирдавсӣ буда, ғояҳои шоҳкориҳои онҳоро ба раванди шӯравӣ мутобиқ кардан будааст. Тамоми мавзуъҳои Фирдавсии бузург ба сохтори пеш аз ҷангӣ ва пас аз он манфиатбахш мебошад. Пажуҳишҳои Садриддин Айнӣ, махсусан роҷеъ ба «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсӣ дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ яке асарҳои муҳимми ҷомеа ҳисобида шуда, дар нигоҳ доштани сохтори коммунистӣ, ки баробарӣ, ватанпарварӣ ва башардӯстӣ ҳукмфармо буд, басо зарур буд.

Маҳз зимни усул ва омилҳои ироянамудаи Садриддин Айнӣ, ки аз Абулқосим Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» маншаъ гирифтаанд, роҳбарони Иттиҳоди Шӯравӣ на танҳо дар собиқ ҶШС Тоҷикистон, балки дар тамоми қаламрави Иттиҳоди Шӯравӣ (15 давлати бародари шӯравӣ) истифода намуда, дар ҳокимиятдорӣ ва давлатдории сохтори шӯравӣ ҷорӣ намуданд.

Ҳамин тавр зикр кардан ба маврид аст, ки хидматҳои Садриддин Айнӣ дар адабиёт, фарҳанг ва арҷ гузоштан дар осори классикони форсу тоҷик бузург буда, насли минбаъдаро дар руҳияи он тарбия менамояд.

**АДАБИЁТ**


1. Айнӣ, С. Дар бораи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»–и ӯ / С. Айнӣ. –Сталинобод: Нашрдавтоҷ, 1940. –59с. (бо ҳуруфи лотинӣ)
2. Айнӣ, С. Дар бораи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»–и ӯ / С. Айнӣ // Барои адабиѐти сотсиалистӣ. –1934. –№8. –С. 12-16.
3. Брагинский, И.С. Двенадцать миниатюр / Брагинский И.С. -Москва,1966, -432 с.
4. Брагинский, И.С. Из истории таджикской народной поэзии / И.С. Брагинский. - М.:АН СССР, 1956. -226 с.
5. Ғафуров, Б. Тоҷикон / Б. Ғафуров. - Душанбе: Ирфон, 1983. -кит.1. -704с.
6. Горький, М. Собр. соч. в 18 томах, т.7. / М. Горкий. -Москва, 1967, с. 39.
7. Маъсумӣ, Н. Ҷаҳонбинӣ ва маҳорат (муҳар. Носиров) / Н. Маъсумӣ - Душанбе: «Ирфон»», 1966, -197 с.
8. Самад, В. Пайвандҳои адабӣ чун омили муҳими адабиёт / В. Самад. - Душанбе. «Ирфон»», 1976, с. 4.
9. Фирдоуси 934-1934 Сб. Восток, Т. 2. - М.Л., 1935. – 341 с.
10. Шозиёева, Г.П. Фирдоусиведение в Таджикистане (30-40 гг. XX века) / Г.П. Шозиёева. - Душанбе: Дониш, 2020, 178 с.
11. Явич, М. Абулқосим Фирдавсӣ. Кит., Абулқосим Фирдавсӣ (Тарҷумаи В. Державин) / М. Явич. - Сталинобод: Таджикгосиздат, 1949, с. 13-23.


## ШАРОИТҲОИ ПЕДАГОГИИ ИНКИШОФИ ЭҶОДИИ КӮДАКОНИ СИННИ ТОМАКТАБӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ ТАСВИРӢ


***ТАБАРОВ Нурулло Сафаралиевич** – номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи педагогика ва мероси ниёгони Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам – Абӯҳанифа, ш. Душанбе, к. А.Ҷомӣ, х. 32, ҳ. 3, **тел.:** +(992) 904 03 09 34*

***ПАЧАЕВА Муҳаё Пулатовна** – унвонҷӯйи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. А. Адҳамов, 11/2, **тел.:** +(992) 888 85 18 18*



Дар мақола муаллиф қайд кардааст, ки раванди эҷодӣ фаъолияти амалии кӯдакон буда, ба рушди дарки эстетикии ҷаҳон тавассути санъати тасвирӣ нигаронида шудааст. Фаъолияти эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар се ҷанба: эҳсосот, шавқ ва фаъолият асос мeёбад. Иқтидори бузурги ифшои эҷодиёти кӯдакон дар фаъолияти тасвирӣ инъикос мeёбад. Агар барои пайдоиш ва инкишофи он шароит фароҳам оварда шавад, вай воситаи пуриқтидори худшиносӣ ва рушди кӯдак мегардад.

Муаллиф зикр менамояд, ки шароитҳои педагогӣ ҳамчун унсури таркибии раванди педагогӣ амал карда, маҷмуи тадбирҳои таъсири педагогӣ (мазмун, усулҳо, методҳо, шаклҳои таълиму тарбия, таҷҳизоти барномавӣ) ва имкониятҳои таълимро инъикос мекунанд. Шароитҳои педагогӣ ба рушди шахсият таъсир расонида, самаранокии ҳамкории педагогиро таъмин мекунанд. Инкишофи қобилиятҳои эҷодии кӯдакон тавассути фаъолияти тасвирӣ бештар самаранок мегардад. Ин раванд имкон медиҳад, то сатҳи тафаккури эҷодии кӯдакон олами атрофро аз нуқтаи назари зебоипарастӣ, дӯст доштану ҳифзи табиат ва барои баланд бардоштани завқи эҷодии онҳо асос гузорад.

Ҳамин тариқ, фаъолияти тасвирӣ дар баъзан ҳолатҳо бо дигар машғулиятҳо дар як радиф гузошта мешавад, ки ин боиси ба расмият даровардани раванди педагогӣ мегардад.



***Вожаҳои асосӣ:** фаъолият, педагог, кӯдакон, тасвирӣ, тафаккури эҷодӣ, шароитҳои педагогӣ, ашё, тарз, метод, инкишоф, самаранокӣ, тасаввурот, тахайюл, маҳорат.*


## ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ УСЛОВИЯ ТВОРЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ ДОШКОЛЬНИКОВ В ИЗОБРАЗИТЕЛЬНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ


***ТАБАРОВ Нурулло Сафаралиевич** – кандидат педагогических наук, заведующий отделом педагогики и наследия предков Таджикского исламского института им. Имама Азама - Абу Ханифы, г. Душанбе, ул. А.Джами, д. 32, кв. 3*

***ПАЧАЕВА Муҳаё Пулатовна*** *– соискатель Института развития образования им. А. Джами Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. А. Адхамов, 11/2,* ***тел.:*** *+(992) 888 85 18 18*

В статье, автор отметил что творческий процесс – это практическая деятельность детей, направленная на развитие эстетического восприятия мира посредством изобразительного искусства. Творческая деятельность дошкольников базируется на трёх аспектах: эмоциях, интересе и активности.

Большая способность детей раскрывать творческие способности находит свое отражение в изобразительной деятельности. Если созданы условия для его возникновения и развития, он становится мощным инструментом самопознания и развития ребенка.

Следует отметить, что педагогические условия выступают неотъемлемым элементом педагогического процесса и отражают совокупность мер педагогического воздействия (содержание, методы, формы обучения и программное обеспечение) и образовательных возможностей. Педагогические условия влияют на развитие личности и обеспечивают эффективность педагогического сотрудничества.

Развитие творческих способностей детей становится более эффективным благодаря изобразительной деятельности. Этот процесс позволяет повысить уровень творческого мышления детей, воспринимающих окружающий мир с эстетической точки зрения, а также произведения искусства, любви и защиты природы.

Таким образом, в ряде случаев изобразительная деятельность ставится в один ряд с другими видами деятельности, что приводит к формализации педагогического процесса.

***Ключевые слова:*** *деятельность, педагог, дети, наглядное, творческое мышление, педагогические условия, предмет, способ, метод, развитие, эффективность, воображение, умение.*

## PEDAGOGICAL CONDITIONS FOR THE CREATIVE DEVELOPMENT OF PRESCHOOL CHILDREN IN VISUAL ARTS

***TABAROV Nurullo Safaralievich*** *– candidate of pedagogical sciences, head of the department of pedagogy and heritage of ancestors of the Tajik Islamic Institute named after. Imam Azam - Abu Hanifa, Dushanbe, st. A. Jami, 32, apt. 3.*

***PACHAEVA Mukhayo Pulatovna*** *– applicant for the Institute for the Development of Education. A. Jomi Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe, st. A. Adamov, 11/2,* ***phone:*** *+(992) 888 85 18 18*

In the article, the author noted that the creative process is the practical activity of children aimed at developing an aesthetic perception of the world through fine art. The creative activity of preschoolers is based on three aspects: emotions, interest and activity.

Children's greater ability to reveal their creative abilities is reflected in visual arts. If the conditions are created for its emergence and development, it becomes a powerful tool for self-knowledge and development of the child.

It should be noted that pedagogical conditions are an integral element of the pedagogical process and reflect a set of measures of pedagogical influence (content, methods, forms of training and software) and educational opportunities. Pedagogical conditions influence the development of personality and ensure the effectiveness of pedagogical cooperation.

The development of children's creative abilities becomes more effective thanks to visual activities. This process allows you to increase the level of creative thinking of children who perceive the world around them from an aesthetic point of view, as well as works of art, love and protection of nature.

Thus, in a number of cases, visual activity is placed on a par with other types of activity, which leads to the formalization of the pedagogical process. Teachers and educators often indicate to children how many objects should be depicted in the picture of the plot.

***Key words:*** *activity, teacher, children, visual, creative thinking, pedagogical conditions, subject' method, method, development, efficiency, imagination, skill.*

Раванди эҷодӣ фаъолияти амалии кӯдакон буда, ба рушди дарки эстетикии ҷаҳон тавассути санъати тасвирӣ нигаронида шудааст. Фаъолияти эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар се ҷанба асос меёбанд: эҳсосот, шавқ ва фаъолият.

Иқтидори бузурги ифшои эҷодиёти кӯдакон дар фаъолияти тасвирӣ инъикос меёбад. Агар барои пайдоиш ва инкишофи он шароит фароҳам оварда шавад, вай воситаи пуриқтидори худшиносӣ ва рушди кӯдак мегардад.

Шароитҳое, ки ба ҳалли масъалахои татбиқи равандҳои педагогӣ нигаронида шудаанд, «шароитҳои педагогӣ» номида мешаванд. Мафҳуми шароитҳои педагогиро олимон ба таври гуногун шарҳ медиҳанд:

Ба андешаи Шалин М. И. «Шароити педагогӣ равандест, ки ба инкишофи шахсият таъсир расонида, омезиши омилҳои беруна (шароит, муҳит) бо ягонагии субъекту падидаҳои дохилӣ нигаронида шудааст».

Олими дигар Беликов В. А. шароитҳои педагогиро чунин таъриф медиҳад: «Шароитҳои педагогӣ маҷмӯи имкониятҳои объективии мундариҷа, шакл, усулҳо ва муҳити моддию фазоӣ мебошанд, ки ба ҳалли вазифаҳои дар соҳаи педагогика гузошташуда нигаронида шудаанд» [5].

Ба андешаи педагог Павлов С.Н. «Шароитҳои педагогӣ ин маҷмуи имкониятҳои объективии таълиму тарбия, шаклҳои ташкилӣ ва иқтидори моддӣ мебошанд»» [7, С.3].

Барои фаҳмидани мафҳуми «шароитҳои педагогӣ» навъҳои гуногуни шароитҳои педагогӣ, ки аз ҷониби таҳқиқотчиён муайян ва тавсиф шудаанд, арзишманд мебошанд. Дар байни навъҳои шароитҳои педагогӣ ҳам дар назария ва ҳам дар амалияи педагогика маъмултарин онҳо: ташкилӣ-педагогӣ, психологӣ-педагогӣ ва шароитҳои дидактикӣ мебошанд.

Зери мафҳуми шароитҳои ташкилӣ-педагогӣ маҷмуи мазмун, шакл ва усулҳои фаъолияти таълимиву тарбиявӣ, ки ба мақсади амалӣ шудани ҳадафҳо ва стратегияҳо нигароинда шудаанд, дониста мешавад.

Ба андешаи Ипполитова Н. ва Стерхова Н. шароитҳои ташкилӣ- педагогӣ маҷмӯи имкониятҳои мақсаднок сохташудаи мундариҷа, шаклҳо ва усулҳои як раванди педагогӣ, ки асоси идоракунии фаъолият ва рушди низоми педагогӣ мебошанд, дониста мешаванд [3].

Шароитҳои психологӣ-педагогӣ ин раванди мақсадноки ба вуҷуд овардани он маҷмӯи омилҳои психологию педагогӣ (муносибатҳо, воситаҳо ва ғ.) мебошад, ки педагог имкон пайдо мекунад, то корҳои таълимӣ ва тарбиявиро самаранок амалӣ намояд. Шароитҳои психологӣ-педагогӣ яке аз тарафҳои мунтазами раванди таълиму тарбия мебошанд [10, С.15].

Шароитҳои дидактикӣ дар раванди таълим бо ёрии маҷмуи воситаҳои педагогӣ ба вуҷуд оварда мешаванд. Дар раванди дарс аз ҷониби педагог ба вувуд оварда вазъиятҳои гуногун, фаъолиятро мазмуну тарҳи нав мебахшад.

Бояд қайд кард, ки шароитҳои педагогӣ ҳамчун унсури таркибии раванди педагогӣ амал карда, маҷмуи тадбирҳои таъсири педагогӣ (мазмун, усулҳо, методҳо, шаклҳои таълиму тарбия, таҷҳизоти барномавӣ) ва имкониятҳои таълимро инъикос мекунанд. Шароитҳои педагогӣ ба рушди шахсият таъсир расонида, самаранокии ҳамкории педагогиро таъмин мекунанд.

Ба андешаи мо шароитҳои зерини педагогии инкишофи эҷодии кӯдакон вуҷуд доранд:

- муносибати васеъ ба ҳалли масъалаҳо. Педагог бояд раванди фаъолияти кӯдаконро эҷодкорона вусъат бидиҳад. Фаъолияти кӯдакон на танҳо дар ҳолатҳои эҷодкорӣ, балки ин раванд бояд хислати маърифатӣ, ахлоқӣ ва маънавӣ дошта бошад;
- ташкили фаъолияти ҷолибу пурмазмуни кӯдакон дар муассисаи томактабӣ ва оила, ғанӣ гардонидани таассурот, ки барои пайдоиши ғояҳо ва тахайюлот мусоидат мекунанд;
- шиносоӣ бо санъат. Кӯдакон бо таъсири мақсадноки педагог ва мураббиён маънӣ, моҳияти бадеӣ, воситаҳои тасвирӣ ва ифодакунандаро дарк мекунанд. Ва дар хамин асос фаъолияти худро нагзтару хубтар ба роҳ мемонанд. Нақши санъат дар ташаккули ҳиссиёти эстетикӣ ва сифатҳои ахлоқии кӯдакон бениҳоят калон аст. Тавассути асарҳои бадеӣ мавқеъ ва муносибати муаллифро меомӯзем, ки тавассути воситаҳои баён ва мантиқ интиқол дода мешаванд. Инчунин, ба воситаи санъат хиссиёти эстетикии кӯдакон рушд карда, захираи ғизои маънавии онҳо ғанӣ мегардад;

- истифодаи усулҳо ва методҳои педагогӣ дар фаъолияти тасвирӣ;

- ба эътибор гирифтани хусусиятҳои фардии кӯдакон. Ин раванд ба педагог имкон медиҳад, ки хислатҳои инфиродӣ, монанди характер ва одат, хусусиятҳои принсипҳои руҳӣ ва ҳолати равонии кӯдаконро мушоҳида ва омӯзад.

Аз шароитҳои зерини педагогӣ инкишофи эҷодии кӯдакон дар фаъолияти тасвирӣ муайян карда мешавад:

1. Мавҷудияти дониш, малака дар фаъолияти тасвирӣ.
2. Инкишофи қобилиятҳои тасвирӣ.
3. Инкишофи тахайюли самаранок ва тафаккури образнок.
4. Мавҷудияти маводи гуногуни аёнӣ ва ғайрианъанавӣ.
5. Ҳавасмандгардонии эмотсионалии фаъолияти эҷодии кӯдакон.
6. Ташкили бозӣ дар фаъолияти эҷодӣ.
7. Рафтан ба сайру гаштҳо ба табиат ва намоиш додани саҳнаҳои афсонавӣ.

Бояд ишора кард, ки шароитҳои педагогӣ ҷузъи муҳими раванди педагогӣ мебошанд.

Ба андешаи педагог Бронникова М.С. «Шароитҳои педагогӣ маҷмӯи имкониятҳои объективии мазмун, шакл, усул, техника ва муҳити моддию фазоии муассисаи таълимии томактабӣ мебошанд, ки барои ҳалли масъалаҳои таълимию тарбиявӣ нигаронида шудаанд[2, С.13].

Шароитҳои педагогӣ ба рушди эҷодии кӯдакон таъсир расонида, самаранокии муоширати педагогиро таъмин мекунанд.

Дар адабиёти илмӣ ва педагогӣ шароитҳои педагогии инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ инҳоянд:

- ташкили чорабиниҳои ҷолибу пурмазмун баҳри кӯдакон, ки барои дарёфти идеяҳои нав хизмат мекунанд;
- ғанӣ гардонидани таҷрибаи кӯдак тавассути муошират бо санъат;
- истифодаи усулҳои гуногун дар машғулиятҳо баҳри инкишофи эҷодии кӯдакон;
- дастгирии ташаббус ва мустақилияти кӯдакон.

Мусаллам аст, ки кӯдакони синни томактабӣ бисёр ҳассос, ташаббускор ва ҳисси кунҷкобона доранд. Бисёр савол медиҳанд ва мехоҳанд ҳама чизро зуд аз худ кунанд. Ташаббус ва ҳисси кунҷкобӣ ба рушди қобилият, ақл, заковат, маҳорат ва эҷодӣ онҳо мусоидат мекунанд.

Нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти эҷодии кӯдаки синни томактабӣ инҳоянд: ҳавасмандкунӣ, мундариҷа-амалӣ ва эҳсосӣ-ихтиёрии фаъолият.

Бояд қайд кард, ки инкишофи қобилиятҳои эҷодии кӯдакон тавассути фаъолияти тасвирӣ бештар самаранок мегардад. Ин раванд имкон медиҳад, то сатҳи тафаккури эҷодӣ, ки олами атрофро аз ҷиҳати эстетикӣ дарк мекунад ва ба қадри асарҳои бадеӣ, дӯст доштану ҳифзи табиат, баланд бардошта шавад.

Фаъолияти тасвирӣ қобилиятҳои эҷодии кӯдаконро дар азхуд намудани образҳои санъати тасвирӣ таъмин намуда, нигоҳҳои эсетикӣ-ҷаҳонбинии онҳоро рушд мебахшад.

Мувофиқи ақидаи муҳаққиқ Риндина А.Г. «Тарбияи эстетикӣ бе таъсирҳои педагогӣ натиҷаи дилхоҳ намедиҳад»[8, С.10].

Барои беҳтар ташкил кардани раванди педагогии фаъолияти тасвирӣ пеш аз ҳама ба зуҳуроти табиии кӯдакон бодиққат будан, барои худшиносии эҷодии онҳо шароит фароҳам оварад, эҳтироми мавқеи кӯдак дар ҳалли масъалаҳои бадеӣ, талаботи кӯдаконро ба дониш, малака ва маҳорат, ки барои эҷоди симои тасаввуршуда заруранд, қонеъ гардонида шаванд.

Яке аз усулҳои баланд бардоштани қобилиятҳои эҷодии кӯдакон дарк кардан ва фаҳмиши ашё ба воситаи ҳаракатҳо фаъолона мебошад. Дар раванди тасвирӣ онҳоро ба муколама ва мубоҳиса ҷалб намудан самаранокии фаъолиятро баланд мебардорад. Масалан, ҳангоми кашидани дарахтҳо педагог ё мураббӣ худро шабеҳи дарахт нишон диҳад. Танаи худро мисли танаи дарахтон, дастҳо мисли шохаҳо, ангуштон мисли баргҳо. Дар баъзан ҳолат кӯдакон барои беҳтар фаҳмидан ва эҳсос кардани тасвир онҳоро бо чизи хеле наздик ва ошно монанд кардан лозим аст. Масалан, образи фасли зимистонро бо рӯйпӯши сафеду махмалин ё гилем муқоиса мекунем. Образи харчанги баҳриро бо ситора ва ғайра. Дар ин раванд худи кӯдакон симои муқоисавии тасвирро пайдо мекунанд.

Яке аз шартҳои муҳими инкишофи эҷодиёти кӯдакон ин гуногуншакл ва гуногунрангии кор бо кӯдакон дар машғулиятҳои тасвирӣ мебошад. Навоварӣ дар синф, оғози

ғайриоддии кор, маводҳои зебо, машғулиятҳои такрорнашавандаву ҷолиб ва интихоби озод дар фаъолият намунаҳои шароитҳои педагогӣ дар раванди фаъолияти тасвирӣ мебошанд.

Дар раванди машғулиятҳо педагог бояд ҳар дафъа вазъиятҳои нав ба вуҷуд оварад, то кӯдакон аз як тараф, дониш, малака ва маҳоратҳои қаблан омӯхташударо дар амал татбиқ кунанд, аз тарафи дигар, роҳҳои ҳалли нав ва равишҳои эҷодиро ҷустуҷӯ кунанд. Ин амалҳо дар кӯдакон эҳсосоти мусбӣ, шавқу завқ, хурсандӣ, хоҳиши эҷодкорона кор карданро ба вуҷуд меоранд.

Сухомлинский В. А. чунин андеша дошт, ки усулҳое, ки дар фаъолияти таълимиву тарбиявӣ истифода мешавад, бояд шавқу завқи кудаконро ба омухтани олами атроф бедор намоянд ва муассисаи таълимӣ ба макони дониш, муошират ва эҷод табдил ёбад[6, С.5].

Дар интихоби мавзуъҳое, ки ба кӯдакон барои тасвир, ихтироъкорӣ ва аппликатсия пешниҳод карда мешаванд, бояд гуногунрангӣ ворид карда шавад.

Дар раванди машғулиятҳо педагог ё мураббӣ барои тасвири ҳама гуна ашёи мудаввар метавонад аз ҳалқаҳо, чарххо, ҳубобҳои собун, моҳтоб, пуфакҳо, тӯбҳои бозӣ, себ, афлесун, хурмо, помидор, чормағз ва ғайра истифода намояд. Аз ин ҳама гуногунрангии мавод баҳри тасвири ашёи мудаввар педагог метавонад барои машғулияти расмкашӣ, ихтироъкорӣ ва аппликатсия он чизеро интихоб кунад, ки ба кӯдакони наздиктар ва ошно мебошад.

Ранг ва шакли коғазҳоро низ дигаргун кардан лозим аст, зеро ин ба ифоданокии тасвирҳо таъсир мерасонад ва кӯдаконро водор мекунад, ки барои расмкашӣ мавод интихоб кунанд, дар бораи ранги офариниши оянда фикр кунанд ва мунтазири коғази тайёр набошанд. Дар ташкили машғулиятҳо бояд гуногунрангӣ ҷорӣ карда шавад. Масалан, кӯдакон дар раванди фаъолияти тасвирӣ дар мизҳои алоҳида нишаста расм кашанд, ду ва ё зиёда мизҳоро бо ҳам якҷо карда, барои беҳтар ва ифоданок баромадани тасвир муҳит омода созанд ё барои буридан ва часпондани қисматҳо рост истода тасвир кунанд. Муҳим он аст, ки ташкили дарс ба мазмуни он мувофиқат кунад, то барои кори кӯдакон қулай ва осон бошад.

Муҳаққиқ ва педагог Комарова Т.С. чунин дарҷ мекунад, ки: «Фаъолияти тасвирӣ барои кӯдакони синни томактабӣ хеле ҷолиб аст, зеро ин раванд хоҳиши ӯро барои инъикоси таассуроти аз ҳаёти атроф гирифташуда ва баён кардани муносибати худро ба он ифшо мекунад»[4,С.16].

Кӯдакон ба эҷоди образҳои афсонавӣ ва тахайюлӣ мароқи бештар доранд. Онҳо афсонаҳоро дӯст медоранд ва омодаанд, ки онҳоро беохир гӯш кунанд. Афсонаҳо тасаввуроти кӯдаконро бедор мекунанд. Ҳар як кӯдак дорои асарҳои дӯстдоштаи худ ва қаҳрамонҳои афсонавӣ мебошад. Аз ин рӯ, пешниҳоди кашидани расмҳо барои афсонаҳо ё қаҳрамонҳои онҳо ҳамеша вокуниши мусбати кӯдаконро ба вуҷуд меорад. Масалан, агар кӯдакон аз афсонаи «Рӯбоҳи зирак» хурӯсро тасвир кунанд, пас шумо метавонед аз онҳо хоҳиш кунед, ки хурӯси калонтаринро тасвир созанд. Кӯдакон бо шавқу рағбати зиёд аз пайи иҷрои амал мешаванд. Ва ҳар яке кушиш мекунад, ки хӯруси ӯ зеботар ва чолоктар бошад. Ин раванд ҳисси аввалин, пешсаф ва масъул буданро дар ниҳоди кӯдакон парвариш медиҳад.

Тавре дар боло ишора гардид педагог ва мураббӣ метавонанд машғулияти расмкаширо самарабахш ба роҳ монанд. Ҳолати дигар ин аст, ки кӯдакон якҷо барои афсонаи дӯстдоштаи худ тасвирҳо эҷод мекунанд ва сипас бо навбат эпизодеро, ки онҳо тасвир кардаанд, нақл кунанд. Кӯдакон ба пешниҳоди педагог ва мураббӣ барои кашидану буридан ё часпонидани тасвири умумӣ бо камоли майл онро иҷро мекунанд. Масалан, барои тасвири персонажҳои афсонаи «Рубоҳ ва лак-лак», «Духтари ҷасур», «Бузаки ҷингилапо» ва гайра.

Дар шароити педагогии амалигардонии фаъолияти тасвирӣ, мазмун, шакл ва усулҳои кор бо кӯдакон инчунин, ашёе, ки онҳо тасвир мекунанд, ҳар қадар гуногунранг бошанд, хусусиятҳои бадеии кӯдакон ҳамон қадар босифат инкишоф меёбанд.

Вазифаи асосии фаъолияти тасвирӣ ва эҷодӣ инкишоф додани ҳиссиёт, ғоя ва назари эстетикӣ ба ҷаҳон мебошад.

Мақсади асосии тарбияи эстетикӣ ин инкишоф додани чунин сифату қобилиятҳое мебошад, ки шахс на танҳо дар ҳама гуна фаъолият муваффақият ба даст орад, балки офарандаи арзишҳои эстетикӣ ва қобилияти баҳрабардорӣ аз онҳо дошта бошад[1, С.9].

Ҳангоми офаридани тасвир бо дастони худ кӯдакон пеш аз ҳама аз худ қаноатманд гардида, шодию фараҳ мебаранд. Дар хотир бояд дошт, ки фаъолияти тасвирӣ машғулияти одии таълимӣ нест, ки кӯдакон чизеро меомӯзанд ва бархурд мекунанд. Ин фаъолияти бадеӣ ва эҷодӣ мебошад. Фаъолияте, ки аз кӯдакон муносибати мусбати эмотсионалӣ, майли эҷоди тасвир, ифодаи тахайюл, истифодаи кӯшишҳои фикр ва ҷисмониро талаб мекунад.

Фаъолияти тасвирӣ дар баъзан ҳолатҳо бо дигар машғулиятҳо дар як радиф гузошта мешавад, ки ин боиси ба расмият даровардани раванди педагогӣ мегардад. Педагог ва мураббиён аксар вақт ба кӯдакон ишора мекунанд, ки дар тасвири сюжет чӣ қадар ашёро бояд инъикос кунанд. Масалан, ҳангоми кашидани ҷангалзор педагог ба кӯдакон мегӯяд, ки «Ду ё се дарахт кашед кифоя». Эҳтимол педагог аз тарси он, ки кӯдакон аз уҳдаи миқдори зиёди тасвирҳо баромада наметавонанд ё сари вақт ва дар вақти муайяншуда тасвирро ба анҷом расонида наметавонанд, ҳолатро маҳдуд созад. Тарафи дигари масъала ин аст, ки бо ин васила педагог имкони ҳамаи кӯдаконро маҳдуд мекунад. Шояд кӯдаке дар байни онҳо бошад, ки аз уҳдаи ҳамаи ин баромада метавонад.

Тавре борҳо қайд карда шуд, дар тасвир кӯдакон таассуроти аз олами атроф ва асарҳои бадеӣ гирифтаро инъикос мекунанд. Яке аз принсипҳои муҳиме, ки инкишофи эҷодии кӯдакон самараи хуб медиҳад ин алоқаи таълим бо ҳаёт мебошад. Ба маънои дигар фаъолияти тасвирӣ бояд ба таассуроте, ки кӯдак аз воқеият гирифтааст, асос ёбад. Бояд ба назар гирифтан лозим аст, ки муҳит ба кӯдакон чӣ гуна таъсир мерасонад. Кадом ҳиссиёти ӯро пахш мекунад ё рушд мебахшад. Мусаллам аст, ки кӯдакон дар раванди фаъолияти тасвирӣ он чизе, ки бо онҳо шиносанд, дар ҳаёти ҳаррӯза дучор меоянд ва диққати онҳоро ба худ ҷалб мекунанд, тасвир месозанд. Ҳаёти кӯдакон ҳар қадар пурмазмун ва шавқовар бошад, тасвирҳои онҳо ҳамон ҳадар диққатҷалбкунанда мешаванд.

Принсипи муҳиме, ки хусусияти фаъолияти тасвирӣ, ихтироъкорӣ ва аппликатсияро ошкор месозад, принсипи аёнӣ мебошад. Дар асоси ин принсип кӯдаконро бо ашё ва ҳолатҳои табиӣ шинос намуда, таъмини дарки бошууронаи воқеият ва омилҳоро ба роҳ мондан лозим аст.

Муҳаққиқ Шаляпин О.В. дар китоби худ «Асосҳои назариявии тасвирҳои портретӣ» чунин менависад, ки: « Дарк, ки раванди мураккаби маърифатӣ мебошад, хусусиятҳои хоси худро дорад (якпорчагӣ, интихобӣ, ранг, ҳаҷм). Ҳар як ашё аз як қатор қисмҳои дорои хусусиятҳои гуногундошта иборат мебошад. Ва дарки пурраи воқеияту ашё асоси раванди фаъолияти тасвирӣ мебошад»[11, С.41].

Яке аз камбудиҳои раванди педагогӣ ин маъмулан баҳои нодуруст додан ва кам ба назар нагирифтани имкониятҳои кӯдакон дар фаъолияти тасвирӣ мебошад. Педагог ва мурработ дар бисёр ҳолат мехоҳад, ки кӯдакон коғазро тавре барои расмкашӣ монад, ки ӯ талаб кардааст. Ва дар раванди машғулиятҳои тасвирӣ кӯдакон дар як доираи маҳдуд худро эҳсос карда, имкониятҳои эҷодиро ба пуррагӣ истифода бурда наметавонад. Ҳангоме, ки педагог ё мураббӣ воқеан, композитсияи расмро тавре, ки мехоҳанд, муқаррар мекунад, кӯдаконро аз имкони мулоҳиза кардан дар бораи ашё маҳрум мекунад. Беҳтар мебуд ба кӯдакон тарз ва усули дурусти офаридани тасвирро нишон дод. Метавон расми кашидаи ҳамсабақонро мисол овард ва ба онҳо нишон дод, ки тасвир бояд ин гуна бошад. Ин тарз ба тафаккури эҷодии кӯдакон таъсир расонида, аз паси хатоҳои худ мегардад. Ва кушиш мекунад онҳоро сари вақт бартараф созад.

Ҳамин тариқ, аз шароити мусоид ва дуруст ба роҳ мондани фаъолияти тасвирӣ аз ҷониби педагог ба инкишофи қобилиятҳои эҷодии кӯдакон таъсири мусбат расонида, раванди педагогиро ба маротиб самараноктар менамоянд.

Фаъолияти тасвирӣ асосан бо бозӣ тавассути тасвири бозичаҳо алоқаманд аст. Пешниҳоди тасвир кардан ё буридану часпонидани бозича барои кӯдакони синну соли гуногун шодию фараҳ мебахшад. Ҳангоми бозӣ кӯдакон хирсакҳо, лӯхтакҳо ва харгӯшакҳои дӯстдоштаи худро тасвир карда, ҳиссиёти меҳрубонӣ ва хурсандиро эҳсос мекунад. Ва дар навбати худ, хоҳиши беҳтар тасвир кардани бозичаи дӯстдоштаҳоро ба вуҷуд меорад.

**АДАБИЁТ**

1. Арапова, М. А. Эстетическое воспитание детей младшего дошкольного возраста средствами изобразительного искусства / М.А. Арапова. - Пенза, 2017. -69с.

2. Бронникова, М. С. Педагогические условия развития одаренных детей в процессе экологического образования дошкольников. Автореф.дисс. ...канд.пед.наук / М.С. Бронникова. – Екатеринбург, 2000. -23с.

3. Вашкевич, Н.Н. Сущность понятия «педагогические условия» в специальной научной литературе. - [Манбаи электронӣ]https://elib.bspu.by/ bitstream/doc/36928/1/вашкевич%20бычкова.pdf (Санаи муроҷиат 10.08.2023)

4. Комарова, Т. С. Детское художественное творчество/ Т.С. Комарова. –М.:2008. -102с.

5. Контент-анализ понятия «Педагогические условия» -[Манбаи электронӣ] https://nsportal.ru/VUZ/PEDAGOGICHESKIE-AUKI/LIBRARY/2019/03/29/KONTENT-ANALIZ-PONYATIYA-PEDAGOGICHESKIE-USLOVIYA (Санаи муроҷиат 15.08.2023)

6. Материалы педагогического совета. Методы и приемы организации ситуации успеха как одно из направлений повышения качества образования. -47с.

7. Павлов, С.Н. Организационно-педагогические условия формирования общественного мнения органами местного самоуправления. Автореф. Дисс. …канд.пед.наук / С.Н. Павлов. –Магнитогорск, 1999. -23с.

8. Рындина, А.Г. Развитие эстетического отношения старших дошкольников к действительности в условиях педагогического взаимодействия. Автореф.дисс. ...канд.пед.наук / А.Г. Рындина. –СПб, 2010. -24 с.

9. Сухин, И.Г. Дидактическое обеспечение развития способности действовать "в уме" у дошкольников в контексте обучения игре в шахматы. Автореф.дис. ...канд.пед.наук / И.Г. Сухин. –М.:2008. -26с.

10. Черных, Е.Ю. Психолого-педагогические условия эмоционального благополучия детей в условиях дошкольной организации / Е.Ю. Черных. – Челябинск. 2017. -77с.

11. Шаляпин, О.В. Ш. Теоретические основы изображения портрета: учебное пособие / О.В. Шаляпин. – Новосибирск: Изд. НГПУ, 2014. – 139 с.

## НАҚШИ БОЗИҲО ДАР ТАШАККУЛИ СИФАТҲОИ МАЪНАВӢ-АХЛОҚИИ ШАХС

***ТАБАРОВ Нурулло Сафаралиевич*** *– номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи педагогика ва мероси ниёгони Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам – Абӯҳанифа, ш. Душанбе, к. А.Ҷомӣ, х. 32, ҳ. 3,* ***тел.:*** *+(992) 904 03 09 34*

***РАҲИМЗОДА Файзимо Гурез*** *– унвонҷӯйи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Испечак, 2, хонаи 4, ҳ. 8,* ***тел.:*** *+(992) 985 140 140*

Дар мақола сухан дар бораи нақши бозӣ дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии шахс меравад. Муаллиф қайд мекунад, ки дар шароити кунунӣ дар илми педагогика мисли дигар соҳаҳои илм бозсозии усулҳои корӣ ба амал омада истодааст. Алалхусус, навъҳои гуногуни бозиҳо дар раванди фаъолияти педагогӣ истифода карда мешаванд. Зеро унсурҳои мухталифи бозӣ ба эҳёи раванди педагогӣ мусоидат карда, шавқу завқи шахсро баланд бардошта, кори таълиму тарбияро самарабахш мегардонанд.

Бозӣ муҳимтарин қисми истироҳати шахс, ки дар он чолокӣ, заковат, ҳазлу шухии иштирокчиён нишон дода мешавад, дониста шавад ҳам, инчунин, василаи худшиносии миллӣ ва анъанаю суннатҳои мардумӣ ба шумор меравад.

Бозӣ яке аз фаъолияти иҷтимоии инсон ба шумор рафта, ҳангоми машғул шудан ба он дар шахс қобилиятҳои эҷодӣ, тахайюл ва тафаккур ташаккул меёбанд. Таъсири педагогии раванди бозӣ аз педагог-ташкилотчии моҳир, ки донандаи ҷанбаҳои тарбиявии бозӣ мебошад, вобастагии калон дорад.

Дар раванди бозӣ хусусиятҳои синну солии аъзоёни онро педагог бояд ба инобат гирад. Бозиҳоро тавре ташкил кардан лозим аст, ки шахс дар муҳити озод худро эҳсос карда, шавқу рағбат ва майл ба бозӣ дошта бошад. Асосан дар бозиҳои коллективона сифатҳои маънавӣ-ахлоқии шахс ташаккул меёбанд. Зеро дар чунин бозиҳо таъсири мутақобила сурат гирифта, арзишҳои шахсӣ, маҳаллӣ, оилавӣ ва миллӣ ба вуҷуд меоянд.

Ҳамин тариқ, бозӣ ҳамчун як намуди фаъолият барои пайдоиши донишу маърифат дар бораи олами иҳотакардашуда, тавассути иштироки фаъолонаи шахс дониста мешавад.

***Вожаҳои асосӣ:*** *раванди таълиму тарбия, шахс, ҷомеа, бозиҳо, арзишҳо, педагог, тафаккур, тахайюл, фаъолият, сифатҳои маънавӣ-ахлоқӣ, малака, маҳорат, қобилият, эҷод, шавқ, рағбат, хоҳиш, ирода, ҷидду ҷаҳд.*

# РОЛЬ ИГРЫ В ФОРМИРОВАНИИ ДУХОВНО-НРАВСТВЕННЫХ КАЧЕСТВ ЛИЧНОСТИ

***ТАБАРОВ Нурулло Сафаралиевич*** *– кандидат педагогических наук, заведующий отделом педагогики и наследия предков Таджикского исламского института им. Имама Азама - Абу Ханифы, г. Душанбе, ул. А.Джами, д. 32, кв. 3*

***РАХИМЗОДА Файзимо Гурез*** *– соискатель Института развития образования им. Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. Испечак, 2, дом. 4, кв. 8,* ***тел.:*** *+(992) 985 140 140*

В статье говорится о роли игры в формировании нравственных и духовных качеств человека. В современных условиях в педагогической науке, как и в других областях науки, происходит перестройка методов работы. В частности, в процессе педагогической деятельности используются различные виды игр. Ведь различные элементы игры способствуют активизации педагогического процесса, повышают интерес человека, делают работу воспитания и обучения более эффективной.

Игра считается важнейшей частью отдыха человека, в которой проявляются ловкость, смекалка, юмор участников, а также считается средством национального самопознания и народных традиций.

Игра считается одним из видов общественной деятельности человека, занимаясь ею, у человека формируются творческие способности, воображение и мышление. Педагогический эффект игрового процесса во многом зависит от умелого педагога-организатора, знающего воспитательные аспекты игры.

В процессе игры воспитатель должен учитывать возрастные особенности ее участников. Игры должны быть организованы таким образом, чтобы человек чувствовал себя в свободной среде и имел интерес и желание играть. Главным образом в коллективных играх формируются морально-нравственные качества человека. Потому что в таких играх происходит взаимовлияние и создаются личные, местные, семейные и национальные ценности.

Таким образом, игры рассматриваются как вид деятельности по возникновению знаний об окружающем мире посредством активного участия человека.

***Ключевые слова:*** *воспитательный процесс, человек, общество, игры, ценности, педагог, мышление, воображение, деятельность, духовно-нравственные качества, мастерство, навыки, умение, творчество, интерес, энтузиазм, желание, воля, старание.*

# THE ROLE OF THE GAME IN THE FORMATION OF THE SPIRITUAL AND MORAL QUALITIES OF THE INDIVIDUAL

***TABAROV Nurullo Safaralievich*** *– candidate of pedagogical sciences, head of the department of pedagogy and heritage of ancestors of the Tajik Islamic Institute named after. Imam Azam - Abu Hanifa, Dushanbe, st. A. Jami, 32, apt. 3.*

***RAKHIMZODA Faizimo Gurez*** *- competitor of the Institute for the Development of Education. A.Jomi of the Academy of Education of Tajikistan Dushanbe city, Ispechak 2, house 4, ap. 8,* ***phone:*** *+(992) 985 140 140*

The article talks about the role of games in the formation of moral and spiritual qualities of a person. In modern conditions in pedagogical science, as in other areas of science, there is a restructuring of working methods. In particular, various types of games are used in the process of pedagogical activity. After all, various elements of the game contribute to the activation of the pedagogical process, increase the interest of a person, make the work of education and training more effective.

The game is considered the most important part of human recreation, in which dexterity, ingenuity, humor of the participants are manifested, and is also considered a means of national self-knowledge and folk traditions.

The game is considered one of the types of social activity of a person, being engaged in it, a person develops creative abilities, imagination and thinking. The pedagogical effect of the game process largely depends on a skilled teacher-organizer who knows the educational aspects of the game

During the game, the teacher must take into account the age characteristics of its participants. Games should be organized in such a way that a person feels in a free environment and has an interest and desire to play. The moral qualities of a person are formed mainly in collective games. Because in such games mutual influence occurs and personal, local, family and national values are created.

Thus, games are considered as a type of activity for the emergence of knowledge about the world through the active participation of a person.

***Key words:*** *educational process, person, society, games, values, teacher, thinking, imagination, activity, spiritual and moral qualities, mastery, skills, ability, creativity, interest, enthusiasm, desire, will, effort.*

Бозӣ як қисмати фаъолияти инсон маҳсуб меёбад, ки аз айёми кӯдакӣ манша гирифта, ӯро тамоми умр ҳамроҳӣ мекунад ва ҷанбаҳои бузурги тарбиявиро доро мебошад. Аз ин рӯ, тарзи дуруст ва самаранок ташкил ва гузаронидани бозиҳо на танҳо диққати муҳаққиқони соҳаи педагогикаю психология, балки таваҷҷуҳи файласуфон, социологҳо, этнографҳо ва санъатшиносонро ба худ ҷалб кардааст [3, С.9].

Бояд зикр кард, ки бозӣ як ҷузъи ҷудонашавандаи фарҳанги инсонист.

Назарияи муосири муҳтаво ва мундариҷаи бозӣ, моҳияти иҷтимоӣ, мазмуну ҳадафи он дар ҷомеаи инсонӣ асос ёфтааст. Яъне, бозӣ асоси иҷтимоӣ дошта, ба олами инсоният алоқаманд аст. Инкишофи бозӣ дар синни томактабӣ ва мактабӣ аз бозиҳои фаннӣ оғоз гардида, сипас ба бозиҳои нақшбозӣ, ки муносибати байни калонсолонро барқарор мекунад, мегузарад.

Аз рӯйи хислат ва муҳтаво бозиҳо гуногун мебошанд: яке қувваю бозуро мустаҳкам карда, дигаре пуртоқатӣ ва сеюмин тафаккурро тақвият мебахшад [7, С.18].

Моҳияти бозӣ на аз рӯйи вақти ба он ҷудо гардида санҷида, балки аз рӯйи он ки то кадом андоза талаботи шахсро қонеъ мегардонад, муайян карда мешавад.

Бозӣ як намуди фаъолияти махсусе мебошад, ки ба воситаи он шахс ташаккул ёфта, ҳиссиёти ботинӣ ва тафаккури хаёлиро инкишоф медиҳад[5].

Моҳияти асосии бозӣ, ки бевосита бо фаъолияти тасаввурот алоқаманд аст, дар шахс қобилияти тағйир додани атроф ва истеъдоди эҷод кардани чизҳои навро ташаккул медиҳад. Бозӣ бо воситаи муҳтавои худ воқеаҳои ҳаққониро бо тахайюлӣ муттаҳид карда, ба обектҳо хосиятҳо ва вазифаҳои нав мебахшад.

Бозӣ як фаъолияти озод ва мустақил аст, ки бо ташаббуси шахсӣ сурат мегирад [6].

Дуруст аст, ки бозӣ аз як тараф фаъолияти мустакилона ба ҳисоб равад ҳам, аз тарафи дигар, бо таъсири дигарон ба воситаи тарбия табдил меёбад. Ба воситаи тарбия табдил додани бозӣ маънои таъсир расондан ба ҳиссиёту тафаккури шахс ва омузонидани роҳҳои муоширати мукаммал фаҳмида мешавад.

Муҳимтарин воситаи тарбия бозичаҳо ва он ашёҳое, ки дар раванди бозӣ истифода мегарданду тасаввурот, завку эҳсосотро ташаккул медиҳанд, ба шумор меравper. Дуруст ва босалоҳият ташкил кардани бозӣ  ҷаҳони ботинии шахсро ғанӣ гардонида, ба таҳкими завқ, инкишофи нутқ ва тахайюл замина фароҳам меоварад.

Дигар аҳамияти бозӣ дар азхуд намудани меъёрҳои рафтор, қоидаҳои муносибати байниҳамдигарӣ, хайрхоҳӣ, шафқат, меҳр ва амсоли инҳо мебошад. Ҳангоми бозӣ шахс озодии фаъолият дошта, дар шароити ғайримуқаррарӣ фориғ аз кор худро эсос мекунад ва интихоби мустақилона амалҳои худ мебошад.

Бозиҳо ҳиссиёти эҷодии шахсро инкишоф дода, дар нақш офаридан, сохтани ҳар гуна ашёҳо ва бозсозии унсурҳои либоси саҳнавӣ  зоҳир мегарданд. Имкониятҳои тарбиявии ҳама намудҳои бозиҳо бениҳоят бузург аст. Ҳангоми бозӣ тавре рафтор кардан лозим аст, ки раванди табиии бозиро халалдор насозем. Яъне, бо эродҳо ва муносибати дурушт ба аъзоёни бозӣ муносибат кардан нодуруст аст, ки ин амал норозигиро дар байни иштирокчиён пайдо месозад.

Яке аз назарияҳои педагогии бозӣ ин эътирофи бозӣ ҳамчун шакли ташкили ҳаёт ва фаъолияти шахс мебошад. Дар бораи моҳияти бозиҳо педагогҳои рус Макаренко А.С.,

Крупская Н.К., Ушинский К.Д., аз муҳаққиқони тоҷик Раҳимӣ Д., Аминов А., Лутфуллозода П. ва дигарон мақола ва дастурҳои зиёди таълимӣ таълиф кардаанд.

Ба андешаи педагог Сафаров Ш.А. «Воқеан, бозиҳо дар инсон ҳамеша ҳисси ватандӯстӣ, худшиносӣ ва ифтихори миллиро тарбия намуда, ба воя мерасонанд» [11, С.4].

Барои он ки бозӣ дар раванди педагогӣ вазифаи ташкилӣ-меҳвариро иҷро кунад, педагог бояд дар бораи паҳлуҳои таълимӣ ва тарбиявии он тасаввуроти хуб дошта бошад. Ба мақсад наздик аст, агар нақшаи бозӣ ва иштироки аъзоёни он тартиб дода шавад. Аз рӯйи хислат бозиҳо ҳаргуна мебошанд. Ҳаногми бозиҳои серҳаракат он шахсоне, ки шармгин ҳастанд, онҳоро низ ба бозӣ ҷалб кардан лозим аст. Чунки таъсири тарбиявии бозӣ ҳамон вақт амалӣ карда мешавад, агар ҳамаи иштирокчиён дар он ширкат варзанд.

Дар асоси хусусиятҳои бозӣ педагог вазифаҳоеро, ки бо ёрии онҳо раванди ташаккули маънавиёт, тафаккур ва тахайюли шахс инкишоф меёбанд, дараҷаи иштироки худро ба воситаи роҳбарӣ муайян мекунад.

Бо вуҷуди ин, бозӣ ба самти ҳалли масъалаҳои таълимӣ-тарбиявӣ равона карда, ҳамеша бояд дар хотир дошт, ки ин як намуди фаъолияти мустақилонаи шахс мебошад. Дар бозӣ шахс имкон дорад, ки нисбат ба ҳама гуна фаъолият бештар мустақилият дошта бошад. Яъне, ӯ метавонад, намуди бозӣ ва шарикону аъзоёни онро интихоб намуда, ба ин васила, фароғати худро самаранок гузаронад. Маҳз дар бозӣ ҳаёти иҷтимоии шахс, тарзи муносибат, муошират ва эҷоди ӯ ташаккул меёбанд.

Муносибатҳои воқеии шахс на танҳо дар бозӣ, балки дар тамоми ҳаёти ӯ ташаккул меёбанд. Агар шахс ба касе меҳр ё таваҷҷуҳ дошта бошад, мекушад бо ӯ ҳамсуҳбат ё бозӣ кунад. Бо шарофати доштани меҳр ё таваҷҷӯҳ ба дигар кас ӯ аз манфиатҳои худ даст мекашад, яъне худро барои муошират бо шарик қурбон месозад. Дар баъзан бозиҳои серҳаракат шахсоне, ки сатҳи инкишофи муносибати заиф доранд, ба бозӣ роҳ дода намешаванд. Чунки дар раванди бозӣ метавонанд: аъзоёни он ҷанҷол кунанд; норозигӣ байни онҳо пайдо гардад; пеш аз анҷоми бозӣ онро тарк кунанд ва амсоли инҳо. Ҳамин тариқ, дар асоси муносибатҳои воқеӣ шахс сифатҳои маънавӣ-ахлоқии худро ташаккул дода, қобилияти ворид шудан ба коллекив ва гуш карда тавонистани фикрҳои дигаронро амалӣ месозад. Ба ибораи дигар, сифатҳои дар боло зикр гардида ба шахс имкон медиҳанд, ки бо дигарон бомуваффақона муносибат кунад.

Бозӣ ба чунин сифатҳои шахс мусоида мекунад:

- малакаҳои рафтори ҷамъиятиро аз худ мекунад;
- қобилияти барқарор кардани муносибат бо шариконро ташаккул медиҳад;
- дар асоси муносибат ҳиссиёту одатҳои иҷтимоӣ рушд мекунанд;
- маҳорати амалиёти якҷоя ва мақсаднок пайдо мегарданд;
- фаҳмиши манфиатҳои умумӣ рӯйи кор меоянд;
- баҳодиҳӣ ба рафторҳои худу дигарон пайдо мешавад.

Бояд ишора кард, ки бидуни кӯмаки педагог роҳи ташаккули рафтори иҷтимоӣ метавонад, тӯлонӣ ва бо мушкилии зиёд паси сар шавад, махсусан барои шахсони дорои мушкилоти рушд дошта аз қабили шармгинии аз ҳад зиёд, хашмгин, ғайрифаъол, маъюб ва ғайра. Ҳангоми ташкили бозӣ бояд педагог ба рафтори шахсон ва ба тарзи муносибати онҳо таъсир расонида, хусусиятҳои фардию тамоюли инкишофи онҳоро ба назар гирад. Аз ин рӯ, бозӣ ҳамчун шакли ташкили ҳаёт ва фаъолияти шахс дар раванди педагогӣ мавқеи муайяни худро дошта бошад.

Педагог бояд роҳҳоеро пайдо ва ҷорӣ кунад, ки иштирокчиён майлу рағбат ба бозӣ дошта бошанд. Вазифаи аввалини педагог дар раванди бозӣ ин бедор кардани ҳиссиёти шахс, ҷидду ҷаҳд ва кушиши дар бозӣ ширкат варзидану баланд бардоштани эҳсосоти мусбии ӯ мебошад [12].

Имкониятҳои тарбиявӣ ва таълимии бозӣ дар сурате меафзоянд, ки он бо ягон намуди дигари фаъолият алоқа дошта бошад. Яъне, бозиро бо фаъолияти меҳнатӣ, тасвирӣ ва ихтироъкорӣ алоқаманд кардан ба мақсад мувофиқ аст. Дар раванди бозӣ зарурати сохтани чизи нав аз маҳсулоти мавҷуда пайдо шуданаш мумкин аст, ки бо меҳнати дастӣ ва фикрӣ амалӣ карда мешавад. Масалан, бозӣ-викторинаи «Кӣ», «Кай» «Дар куҷо» аз шахс меҳнати фикриро талаб дорад. Ё бозиҳое, ки дар онҳо қисматҳои варзишӣ ҷой дода шудаанд. Ин намуд бозиҳо ҳисси масъулиятшиносиро дар шахс ташаккул дода, муносибати дӯстӣ, рафоқат, меҳрубонӣ ва амсоли инҳоро тақвият мебахшад.

Лозим ба ёдоварист, ки воситаи муҳими азхуд кардан ва шинос шудан ба фарҳанги миллӣ бозиҳои халқӣ мебошанд. Ин падидаи беназир ба шумор рафта ҳар аср, ҳар давру замон, ҳар як қавму ҳар насл бозиҳои дӯстдоштаи худро доштанд ва доранд. Бозиҳои халқӣ барои ҳифзу нигоҳ доштани робитаҳои замону наслҳо, шиносоӣ бо анъана ва расму оинҳои мардумӣ кумак мекунанд. Чаро бозиҳои халқӣ дар байни омма маъруфият доранд ва шаву завқи одамонро баланд мебардоранд? Бозиҳои халқӣ аз қадимулайём тарзи зиндагии одамонро равшан инъикос намуда, тарғибгари ғояҳои миллӣ ба шумор меравaнд. Бозиҳо дар шахс чусту чолокӣ, заковат, тобоварӣ, ирода, хоҳиши ба даст овардани ғолибият, устуворӣ ва зебоиро парвариш медиҳанд, ки ин хислатҳои инсонӣ ҳамеша кумакрасони шахс дар ҳаёт мебошанд.

Бозиҳои халқӣ дар шахс шавку завқ ва самимиятро ба вуҷуд оварда, ба инкишофи ҷисмонию нерӯйи бузурги маънавӣ-ахлоқӣ мусоидат мекунанд [9, С.58].

Дар бозӣ шахс фикрҳо, эҳсосот, хоҳишҳои худ, мустақилият, эҷодкорӣ ва тасаввуроти худро нишон медиҳад. Бозиҳои халқӣ иқтидори воситахои зарурӣ барои ташаккули сифатҳои шахсро доро мебошанд.

Анъана ва расму оинҳои миллӣ ҳамчун қисми муҳимтарини педагогикаи халқӣ, ки таърихи дуру дароз доранд, дар тарбияи насли наврас нақши калон мебозанд [8, С.5].

Бозиҳои халқӣ, ки яке аз воситаҳои педагогикаи мардумӣ ба ҳисоб мераванд, бояд дар раванди фаъолияти педагогӣ ҷойгоҳи худро дошта бошанд. Шароити имрӯзаи зиндагӣ имкон намедиҳад, то шахс мисли солҳои қаблӣ тавре ниёгон ба воситаи бозӣ фарзандонро тарбия мекарданд, таълим дода шаванд. Аммо ин хусусиятҳои тарбиявии бозиҳоро донистан лозим аст ва истифода бурдан аз онҳо ба манфиати кор хоҳад буд. Истифодаи бозиҳои мардумӣ шахсро бо пайдоиши фарҳанги мардуми худ, дар ин замина, бо пайдоиши фарҳанги бозӣ шинос мекунад.

Бозиҳои мардумӣ як намуди фаъолиятест, ки ба бозсозӣ ва аз худ намудани таҷрибаи иҷтимоии мардум нигаронида шуда, дар натиҷа ташаккули арзишҳои шахс нисбати Ватан, оила ва маҳалли худ сурат мегиранд [10, С.10].

Бозӣ ҳамчун воситаи тарбия, дар ҷомеаи муосир мавзӯи актуалӣ арзёбӣ карда мешавад. Зеро бозӣ барои шахс на танҳо як лаҳзаи вақтхушӣ, балки як роҳи ба танзим даровардани рафторҳои худ, дар муносибат бо дигарон мебошад.

Ҳангоми бозӣ тамоми паҳлӯҳои шахсият рӯйи кор меоянд. Яъне, шахс дар давоми бозӣ ҳаракатҳои гуногун мекунад, сухан мегӯяд, дарк мекунад, раванди фикр ба вуҷуд меояд, тасаввурот, хотира, зуҳуроти эҳсосӣ ва ихтиёрии ӯ боз ҳам такмил мёбанд. Илова бар ин, дар бозӣ услуби муносибат, муошират бо ҳамсолон ва калонсолон ташаккул ёфта, ҳиссиёт ва завқ тарбия карда мешавад.

Бозӣ шавқ ва эҳтиромро нисбат ба меҳнати дигарон тарбия сохта, танзимгари амалҳо ва расидан ба мақсадҳои дар пеш гузоштаи худ, хизмат мекунад. Бозӣ ба педагог кӯмак мекунад, то гурӯҳи бозингаронро ба ҳам оварда, ҳамчун қувваи бузурги ягона гирди ҳам муттаҳид шаванд. Ин амал дар шахс чунин сифатҳоро ба мисли: адолатхоҳӣ, назорати амалҳои худ, эҳтиром кардани рақиб, меҳрубонӣ, раҳму шафқат ва амсоли инҳоро парвариш медиҳад.

Дар назари аввал бозӣ яклаҳзаина ва шодии даргузар бошад ҳам, аз тарафи дигар, баъзан қисматҳои вай ба оянда нигаронида шудаанд. Яъне, дар бозӣ баъзан ҳолатҳои банақшагирии ҳаётӣ, намунаҳои ибрат ва хосиятҳои муҳимми зиндагӣ ҷой доранд, ки чунин сифатҳои инсониро ба мисли: малака, маҳорат, қобилият, эҷод ва амсоли инҳоро рушд медиҳад.

Бояд гуфт, ки бозӣ барои шахс як намуди шавқовар буда, дар айни замон воситаи муҳимтарини тарбия ва инкишофи рушди сифатҳои ӯ ба шумор меравад. Аммо ин вақте амалӣ карда мешавад, ки он ба раванди педагогии муташаккил ва идорашаванда ҳамроҳ карда шавад. Инкишоф ва ташаккули бозӣ ба андозаи зиёд маҳз дар ҳолате ба амал меояд, ки он ҳамчун воситаи тарбия истифода шавад.

Педагог раванди бозиро тавре бояд ташкил кунад, ки хислати худфаъолиятии бозӣ ва асолати он вайрон карда нашавад. Яъне, тамоми раванди бозӣ то лаҳзаи ба итмом расидан ба шақша гирифта шавад.

Ба андешаи муҳаққиқ Айрапедова Р.Р. «Бозӣ хастагиро рафъ карда, равандҳои равонии шахсро муътадил мегардонад. Бозӣ барои муддати тӯлонӣ дар хотир нигоҳ доштани маълумоти зарурӣ ва ислоҳи хатогиҳо мусоидат мекунад» [1].

Педагог бозиро ба раванди педагогӣ дохил намуда, ба иштирокчиён бозии созгор карданро меомӯзонад. Ин гуна бозиҳо чунин сифатҳоро доро мебошанд:

- арзишҳои тарбиявию маърифатӣ;
- характери эҷодӣ;
- итоат кардан ба қоидаҳои бозӣ;
- ба инобатгирии манфиатҳои шахсони дигар;
- истифодаи мақсадноки маводҳои бозӣ;
- иродаи неки муносибатҳо ва табъи болида.

Педагог ба раванди бозӣ роҳбарӣ карда, ба тамоми паҳлуҳои шахс: шуур, ҳиссиёт, ирода, рафторҳои ӯ таъсир мерасонад, ки дар натиҷа ташаккули тафаккур, тарзи андеша, равандҳои ахлоқӣ, эстетикӣ ва ҷисмонӣ ба амал меоянд. Дар раванди бозӣ донишу андешаи шахс мукаммал ва амиқтар мегардад. Чунки барои иҷрои ягон нақша ӯ бояд идеяҳои худро ба амалҳои бозӣ созгор созад. Аз ин рӯ, бозӣ на танҳо дониш ва андешаҳои аллакай доштаи шахсро мустаҳкам менамояд, балки як навъ фаъолияти фаъоли маърифатие мебошад, ки дар раванди бозӣ онҳо таҳти роҳбарии педагог донишҳои навро аз худ мекунанд.

Сифатҳои шахс дар фаъолияте ташаккул меёбанд, ки онҳо дар ҳар марҳилаи синну солии ӯ пешсаф буданд. Масалан, дар айёми хурдсолӣ кӯдак ба ҳар чизе, ки диққати ӯро ба худ ҷалб месохт, даст мезад. Дар вақти наврасӣ ба хондан, дар ҷавонӣ гирифтани маълумот, дар синну соли миёна истифодаи тақрибаҳои ҳаётӣ ва ғайра. Аммо машғул шудан ба бозӣ шахсро то охири умр ҳамроҳӣ мекунад. Ба воситаи бозӣ дар шахс ташаккули арзишҳо пайдо мегардад. Яъне, дуст доштани Ватан, эҳтироми калонсолон, арҷ гузоштан ба арзишҳои миллӣ, омода будан барои ҳифзи Ватан-Модар, оила, рафиқон, тарбияи ҳисси масъулиятшиносӣ ва ғайра.

Хулоса, бозӣ вобаста ба мундариҷаи фаъолият ба рушди сифатҳои маънавӣ-ахлоқии шахс таъсири калон мерасонад. Ба воситаи бозӣ метавон ҳайвони ваҳшӣ тарбия кард, ё метавон шахси аҷиберо, ки ба ҷомеа манфиатовар бошад, ташаккул дод. Олимон ва муҳаққиқони соҳаҳои педагогика ва психология борҳо собит кардаанд, ки дар ҷараёни бозӣ рушди ҳамаҷонибаи шахс ба амал омада, сифатҳои маънавӣ-ахлоқӣ ташаккул меёбанд.

Моҳияти бозиҳо дар азхуд намудани меъёрҳои рафтор ва қоидаҳои муносибат бо дигарон хеле калон аст. Озодии фаъолияти бозӣ шахсро дар ҳолате во мегузорад, ки ӯ бояд интихоб дошта бошад. Яъне, шахс барои интихоби дуруст дар ҳолатҳои пайдошуда тарзи фикр, андеша, ба инобат гирифтани шавқи дигарон, муҳит ва ҳолати баамаломадаро дошта бошад, ки ин ба ташаккули сифатҳои ахлоқӣ, тафаккур, ҳолатҳои равонӣ ва тахайюл оварда мерасонад.

## АДАБИЁТ


1. Айрапетова, Р. Р. Дидактические игры как средство активизации учебного процесса по иностранному языку в школе. -[Манбаи электронӣ]: https://problemspedagogy.ru/images/PDF/2016/21/didakticheskie-igry-kak-sredstvo.pdf (Санаи муроҷиат 5.04.2023)
2. Аникеева, Н.П. Психологический климат в коллективе / Н.П. Аникеева. -М.: Просвещение, 1989.-224с.
3. Барахсанова, Е.А. Педагогические условия использования якутских народных настольных игр в интеллектуальном развитии детей 4-11лет: Автореф...дисс...кан.пед.наук / Е.А. Барахсанова. –Якутск, 1995. -18с.
4. Бартлет, Ф. Психика человека в труде и игре / Ф. Бартлет. -М.: Наука, 1959.- -246 с.
5. Груздева, А.Г. Игра в воспитательном процессе. -[Манбаи электронӣ]: https://nsportal.ru/detskii-sad/vospitatelnaya-rabota/2017/01/16/igra-v-vospitatelnom-rotsesse) (Санаи муроҷиат 7.04.2023)
6. Евкова, А. Игра как метод воспитания. -[Манбаи электронӣ]: https://www.evkova.org/kursovye-raboty/igra-kak-metod-vospitaniya-igra-kak-sredstvo-vospitaniya-vospitatelnyie-igryi-so-shkolnikami-vo-vneurochnoe-vremya (Санаи муроҷиат 10.04.2023)
7. Карасева, Г.И. Национальная игра как фактор формирования этно-культурной идентичности кореных народов Республики Саха. Автореф...дисс...кан.пед.наук / Г.И Карасева. –СпБ, 2012. -25с.

8. Кучибоев, Ш.И. Педагогические условия внедрения народных обрядов и традиций в процесс нравственого воспитания младших школьников. Автореф...дисс..кан.пед.наук / Ш.И. Кучибоев. –Худжанд, 2018. -35с. -С.5

9. Қурбонов, Ш. Ҷойгоҳи баъзе маросим дар бозиҳои бачагона / Ш. Қурбонов. – Душанбе, 2020. -76с.

10. Орлова, Н.П. Народная игра как средство воспитания основ патриотизма младших школьников. Автореф...дисс..кан.пед.наук / Н.П. Орлова. –Киров, 2006. -21с.

11. Сафаров, Ш.А. Дидактический потенциал культурологического аспекта спортивных игр в формирован а национального самосознания студентов высших учебных заведений Таджикистана: Автореф….дис.док.пед.наук / Ш.А. Сафаров. –Душанбе, 2014. -42с.

12. Смирнова, Е.О. Игровая компетентность воспитателя. -[Манбаи электронӣ]: https://cyberleninka.ru/article/n/igrovaya-kompetentnost-vospitatelya (Санаи муроҷиат 20.04.2023)

13. Смолянинов, И.Ф. Природа в системе эстетического воспитания / И.Ф. Смолянинов. -М.: Просвещение, 1984. -207 с.

14. Сухомлинский, В.А. О воспитании / сост. И авт. Вступ. очерков С. Соловейчик. -М.: Политиздат, 1988. -270 с.

15. Усова, А.П. Роль игры в воспитании детей /Под ред. А.В.Запорожца. -М.: Просвещение, 1981. -145 с.

## БАЪЗЕ ҶАНБАҲОИ ПЕДАГОГИИ ҒАНӢ ГАРДОНИДАНИ ТАҶРИБАИ ҶУРЪАТНОКИИ АХЛОҚИИ МАКТАББАЧАГОНИ ХУРДСОЛ

***САИДЗОДА Ниёзмуҳаммад Саид** – унвонҷӯи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. А. Адҳамов, 11/2,* ***тел.:*** *+(992) 904 23 24 41*

Дар мақола сухан дар бораи яке аз беҳтарин сифатҳои ахлоқӣ – ташаккули ҷуръатнокии ахлоқӣ дар мактаббачагони хурдсол меравад. Муаллиф мақсад, вазифа ва роҳу усулҳо самарабахши дар мактаббачагони хурдсол ташаккул додани раванди ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсолро муайян ва пешниҳод намудааст. Муаллифи мақола бар он назар аст, ки масъалаи ташаккули ҷуръатнокии ахлоқӣ дар мактаббачагони хурдсол масъалаи мубрам, вале дар баробари ин, душвор ҳам ба ҳисоб меравад. Яке аз масъалаҳои мураккаби ташаккули малакаи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол аз он иборат аст, ки бештари онҳо аз сабаби надонистани қоида ва меъёрҳои ахлоқӣ рафторҳои нодуруст содир мекунанд. Ҳамзамон, маҳдуд будани таҷрибаи ҳаётӣ ба мактаббачагони хурдсол имкон намедиҳад, ки дар ин ё он ҳолату вазъият рафторҳои дурусти ахлоқӣ содир намоянд. Дар мақола оид ба ташаккули малакаи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол тасияҳо низ манзур карда шудааст.

***Вожаҳои асосӣ:*** *ҷуратнокии ахлоқӣ, мактаббачагони хурдсол, меъёрҳои ахлоқӣ, рафторҳои ахлоқӣ, арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ, омӯзгор, волидон.*

## НЕКОТОРЫЕ ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ОБОГАЩЕНИЯ ОПЫТА НРАВСТВЕННОЙ СМЕЛОСТИ МЛАДШИХ ШКОЛЬНИКОВ

***САИДЗОДА Ниёзмухаммад Саид** – соискатель Института развития образования им. Абдуррахмана Джами Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. А. Адхамова, 11/2,* ***тел.:*** *+(992) 904 23 24 41*

В статье речь идёт об одном из лучших нравственных качеств - формировании нравственнойсмелости младших школьников. Автор определил и предложил цели, задачи и эффективные методы формирования нравственной смелости младших школьников. Автор статьи придерживается мнения, что вопрос развития нравственной смелости младших школьников является важным, но в то же время и сложным. Одной из сложных проблем формирования навыков нравственной смелости у младших школьников является то, что

большинство из них совершает неправильное поведение из-за незнания моральных правил и норм. В то же время ограниченный жизненный опыт не позволяет младшим школьникам осуществлять правильное нравственное поведение в той или иной ситуации. В статью также предложены рекомендации по формированию нравственной смелости младших школьников.

***Ключевые слова:*** *нравственная смелость, младшие школьники, критерии нравственности, нравственное поведение, духовно-нравственные ценностей, учитель, родители.*

## SOME PEDAGOGICAL ASPECTS OF ENRICHING THE EXPERIENCE OF MORAL COURAGE OF PRIMARY SCHOOLCHILDREN

***SAIDZODA Niyazmuhammad Said*** *- title holder of the Research Institute of Educational Development named after Abdurrahman Jami of the Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe, st. A. Adkhamova, 11/2,* ***phone:*** *+(992) 904 23 24 41*

The article talks about one of the best moral qualities - the formation of moral courage in young schoolchildren. The author has defined and proposed the purpose, tasks and effective methods of forming the moral courage of young school children. The author of the article is of the opinion that the issue of developing moral courage in young schoolchildren is an important issue, but at the same time, it is also difficult. One of the complex issues of developing the moral courage skills of young schoolchildren is that most of them commit wrong behaviors due to ignorance of moral rules and standards. At the same time, limited life experience does not allow young schoolchildren to perform correct moral behavior in one or another situation. Recommendations are also included in the article on the formation of the moral courage of young schoolchildren.

***Keywords:*** *moral courage, primary schoolchildren, moral criteria, moral behavior, spiritual and moral values, teacher, parents.*

Вазъи имрӯза дар ҷомеа зарурияти ба низом даровардани ҷараёни аз худ намудани арзшҳои маънавӣ-ахлоқии насли наврасро ба миён мегузорад. Имрӯз тарбияи ахлоқии хонандагон, аз ҷумла мактаббачагони хурдсол такмили ҳамаҷонибаи ҷараёни педагогиро талаб мекунад, ки ин ба баланд шудани маданияти муносибати маънавию эмоционалии байни тарбиятгар ва коллективи кӯдакон вобастагии зич дорад. Вазифаи омӯзгорон ва падару модарон аз он иборат аст, ки ҳанӯз аз овони бачагӣ дар кӯдакон механизмҳои басо нозуки рафторҳои ахлоқӣ ва самимияту дилбастагиро, ки муомилаи байни шахсият ва ҷаҳони инсонӣ тавассути онҳо сурат мегирад, инкишоф ва парвариш диҳанд.

Ба олами мураккаби инсонӣ ворид кунонидани мактаббачаи хурдсол аз муҳимтарин вазифаҳои омӯзгорон, волидайн ва ҷомеа ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, омӯзгорон ва падару модарон бояд тамоми тадбирҳоро андешанд, то ки айёми бачагӣ, айёми хушбахтӣ бошад. Вобаста ба ин, имрӯз дар назди илми педагогика ва омӯзгорону падару модарон вазифа нав, яъне тарбияи шахсияти нотакроре гузошта мешавад, ки ӯ қодир бошад, дар навбати худ арзишҳои маънавӣ-ахлоқиро бошуурона аз худ намуда, барои пешравии ҷомеа саҳми арзандаи худро гузорад. Албатта, барои аз худ намудани арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ ҷуръатнокии ахлоқӣ мавқеи махсусро касб намуда, дар байни сифатҳои ахлоқие, ки дар мактаббачагони хурдсол ташаккул дода мешавад, ин сифати ахлоқӣ дорои ҷойгоҳи махсус мебошад. Лозим ба таъкид аст, ки боҷуръат будан албатта яке аз ҷузъҳои муҳимми ахлоқнокии шахс маҳсуб дониста мешавад. Тарбияи ҷуръатнокии ахлоқӣ дар хонандагон дар сурате самараи дилхоҳ дода метавонад, ки агар ин кор аз синни хурди мактабӣ оғоз карда шавад.

Барои дар тарбияи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол ба натиҷаи дилхоҳ ноил шудан, ба мақсад мувофиқ аст, ки заминаҳои ташаккули ин сифати ахлоқӣ на фақат дар синну соли хурди мактабӣ, балки ҳанӯз дар синну соли томактабӣ гузошта шавад. «Тамоми тарзи ҳаёти кӯдаки синни томактабӣ, муоширати ҳаррӯзаи ӯ бо ҳамсолон ва калонсолон, фаъолияти ҳаррӯзаи ӯ барои амалӣ намудани қоидаҳои рафтор ва речаи устувор ба тағйиротҳои куллии мақсаднок оварда мерасонад, ки дар ин миён талаботи асосии кӯдак кӯшиши дар ҳаёт мавқеи нави иҷтимоӣ пайдо намудан ва ҳангоми иҷрои фаъолияти манфиатноки ҷамъиятӣ ҷойгоҳи нав ишғол намудан ба ҳисоб меравад» [184, с. 202].

Кӯдакони синни томактабӣ кӯшиш менамоянд, ки ба мафҳуми хуб чисту бад чист сарфаҳм раванд. Тадриҷан дар онҳо хоҳиши фаҳмидани мафҳуми рафтори неку бад пайдо мешавад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки кӯдакони синни томактабӣ ҳангоми рафтори нодурусти рафиқонашонро мушоҳида намудан, дарҳол ба мураббиён, ба падару модар ва шахсони калонсол хабар мерасонанд. Масалан, аз қабили, «Гулрафтор бозичаи Шаҳлоро шикаст», «Маҳмуд ҳангоми бозӣ бозичаҳоро ба ҳар тараф партофт», «Меҳрангез гулҳоро канд». «Гулноз ба ман бозичаро надод» ва ғайра.

Кӯдакон амалҳои нодурусти ҳамсолони худро на барои он ба калонсолон мегӯянд, ки рафиқонашонро танбеҳ диҳанд, балки бо мақсади он мегӯянд, ки барои зиракиашон онҳоро таъриф намоянд ва дигарон низ мисли ӯ рафтор намоянд. Ҳамзамон, кӯдакон мехоҳанд фаҳманд, ки калонсолон рафторҳои хубу бади онҳоро чӣ гуна арзёбӣ мекунанд ва дар баробари ин худи онҳо дар ин ё он ҳолату вазъият чӣ тавр бояд рафтор намоянд.

Дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ бошад, ташаккули ҷуръатнокии ахлоқӣ аниқсозию санҷиши боз ҳам ҷиддиро тақозо мекунанд. Вобаста ба ин, ба хотири ташаккули ҷуръатнокии ахлоқӣ дар назди омӯзгорон масъалаи ғанигардонии хотира ва тасаввуроти хонандагони синфҳои ибтидоӣ, ташаккули рафторҳои ахлоқии онҳо ва кӯмак кардан дар бошуурона аз худ намудани меъёр ва қоидаҳои асосии ахлоқ гузошта мешавад. Дар синну соли хурдӣ аз худ намудани меъёрҳои ахлоқӣ мутобиқан бо сатҳи болоравии инкишофи маънавии онҳо амалӣ карда мешавад. Мактаббачагони хурдсол дар ҷараёни бозӣ, фаъолияти таълимӣ ва шаклҳои гуногуни корҳои ҷамъиятӣ донишҳои боз ҳам нави ахлоқиро аз худ мекунанд, ки ин омили муҳими муайянкунанда дар ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии онҳо маҳсубదониста мешавад. Бошуурона дарку аз худ намудани донишҳои ахлоқӣ ва риоя намудани онҳо дар кору фаъолияти ҳаррӯза яке аз шартҳои асосии инкишофи ахлоқии мактаббачагони хурдсол дониста мешавад.

Мушоҳида ва таҷриба нишон медиҳад, ки мактаббачагони хурдсол зуд сарфаҳм меравранд, ки кадом меъёрҳои ахлоқиро аз худ кардан даркор, то дар мактаб ва хона аз рӯи қоидаи муқарраршуда рафтор ва муносибат намоянд. Синну соли хурди мактабӣ даврае мебошад, ки заминаҳои асосии дӯстиву рафоқат, некдилӣ, боназокатӣ, тараҳум, боилтифотӣ, ёрии рафиқонаи байниҳамдигарӣ, ростгӯию боадолатӣ гузошта мешаванд. Синну соли хурди мактабӣ давраест, ки кӯдакон рафторҳои ахлоқиро зудтар аз худ менамоянд. Онҳо ба супориши омӯзгорон ва калонсолон нигоҳ накарда, тибқи гуфтаҳои онҳо амал менамоянд. Онҳо худашон саъю кӯшиш менамоянд, ки ба рафторҳои ҳамдигар таъсир расонанд. Масалан, агар яке аз онҳо ҳангоми навбатдорӣ гулҳои синфро нодуруст об дода бошад, аз ӯ талаб менамоянд, ки бори дигар ин амалро анҷом диҳад, чунки онҳо ҳангоми навбатдориашон ин амалро хубтар иҷро карда буданд. Ҳангоми дастаҷаъмона тоза намудани синф агар яке аз ҳамсинфон супоришро ба пуррагӣ анҷом надода, рафтанӣ шавад, ҳамсинфон аз ӯ талаб менамоянд, ки супоришро то ба охир хушсифат ба анҷом расонад. Ба ҳамин монанд, агар яке аз ҳамсинфон дар вақти дарс китобро сахт-сахт варақ гардонад, ҳамон лаҳза аз ӯ талаб менамоянд, ки ин корро дигар такрор нанамоянд, ва таъкиди муаллимро ба хотир меоранд, ки агар китобро сахт варақ занем, дариданаш мумкин аст. Албатта, ин ҷо бояд таъкид намуд, ки ин аз ҷуръатнокии ахлоқии хонандагон шаҳодат медиҳад.

Ворид шудан ба ҷараёни таълим ва ба таври фаъол иштирок кардан дар он аз мактаббачагони хурдсол ташкилотчигӣ, риояи низоми таълимро талаб мекунад, ки ҳамаи ин дар маҷмӯъ дар ташаккули донишу рафторҳои ахлоқии онҳо аҳамияти ҳалкунандаро мебозад. Таълим ва иҷрои корҳои ҷамъиятӣ низ дар аз худ намудани донишҳои нав дар бораи атрофиён, қонуну қодаҳои рафтор ба хонандагон мусоидат мекунанд. Барои боз ҳам васеъ намудани тасаввуроти мактаббачагони хурдсол оид ба қонуну қоидаҳои ахлоқ онҳоро лозим аст, ки як миқдори муайяни донишҳои ахлоқиро ҳануз дар давраи томактабӣ дар хотираи худ захира кунанд, то дар ҳаёти ҳаррӯзаи хеш онро истифода карда тавонанд. «Барои он ки кӯдак ба фикр кардан оғоз намояд, дар назди ӯ иҷрои ягон кори навро гузоштан лозим, то ки ҳангоми иҷрои ин кор вобаста ба шароити нав ӯ аз донишҳои ахлоқии захиракардаи хеш истифода намояд», таъкид кардааст А.В. Запорожетс [60, с.137].

Дар ҳақиқат, давоми 4 сол дар натиҷаи хуб ташкил намудани корҳои тарбиявӣ дар ниҳоди мактаббачагони хурдсол пешрафтҳои сифатан навро дар кору рафтори онҳо мушоҳида намудан мумкин аст. Таҳлили ҷараёни ташаккули малакаи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол имкон медиҳад, ки тамоюлҳои асосии ин ҷараён таҳлилу ҷамъбаст карда шаванд. Яке аз масъалаҳои мураккаби ташаккул додани малакаи ҷуръатнокии ахлоқии

мактаббачагони хурдсол аз он иборат аст, ки бештари кӯдакон аз сабаби надонистани қоида ва меъёрҳои ахлоқӣ рафторҳои нодуруст содир мекунанд. «Барои он ки мактаббачаи хурдсол рафтори дурусти ахлоқиро интихоб намояд, дар ӯ ҳанӯз донишҳои ахлоқӣ кифоягӣ намекунанд. Вақте калонсолон рафтори нодурусти кӯдаконро дида, эрод мегиранд, онҳо барои худро ҳақ шуморидан мегӯянд, ки аз надонистан чунин рафтор кардаанд» [18, с. 5].

Тибқи мушоҳидаи мо мактаббачагони хурдсол ҳанӯз ба таври кофӣ мазмуни қоида ва меъёрҳои ахлоқӣ ва хусусиятҳои зоҳиршавии онҳоро дар ҳолатҳои гуногуни ҳаётӣ пурра дарк карда наметавонанд. Ба назари мо, ин аз он сабабаб руҳ медиҳад, ки таҷриба ҳаётии мактаббачагони хурдсол ҳануз маҳдуд аст ё дар онҳо ҷуръатнокии ахлоқӣ ба қадри даркорӣ ташаккул наёфтааст, ки ин маҳдудият интихоби ҳар гуна рафторҳои ахлоқиро душвор мегардонад, гарчанде кӯдакон тибқи дастури калонсолон амал мекунанд. Вале аз рӯи таҷрибаҳои ҳаётии андӯхташуда ва ғанӣ шудани донишу меъёрҳои ахлоқӣ мактаббачагони хурдсол аллакай шароитҳои аз худ намудани амалҳои иҷтимоии аҳамиятнокро аз худ карда, оҳиста-оҳиста дар онҳо вобаста ба вазъияти баамаломада имкониятҳои қабули қарорҳои имконпазир ба вуҷуд меояд. Ҳамин тавр, азхудкунии меъёрҳои ахлоқӣ аз ҷониби мактаббачаи хурдсол такмил ёфтан мегирад, ки ин ба худруштдиҳӣ ва худтакмилдиҳии онҳо мусоидат намуда, дараҷаи тарбиянокии ахлоқии онҳоро мустаҳкам мегардонад.

Ба кӯдакон омузгорону мураббиён, муҳити атроф ва вазъияти муайяне, ки ӯ ҳаёт ба сар мебарад, таъсири бузург мерасонанд. Ба шарофати таҷрибаи ғуншудаи ҳаётӣ хонандагон тадриҷан монеаҳоро бартараф намуда, рафторҳои хуби ахлоқиро анҷом додан мегиранд. Таҷрибаи ғуншудаи ахлоқӣ бе шубҳа дар ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол ёрии калон мерасонад. Агар шахс таҷрибаи муайяни ҳаёти надошта бошад, дар иҷрои ин ё он амал беҷуръатӣ менамояд, чунки ӯ ба худ боварӣ ва эътимод надорад, қавиирода нест. Таҷрибаи ҳосилшудаи ҳаётӣ имкон медиҳад, ки дар мактаббачагони хурдсол раванди аз худ намудани меъёрҳои ахлоқӣ ва қонуну қоидаҳои рафтор ба маротиб афзоиш ёбанд, ки ин дар ғанӣ гардидани таҷрибаи ахлоқии онҳо шароити мусоид фароҳам меорад.

Дар охири соли чоруми таҳсил дар мактаббачагони хурдсол малакаи боз ҳам ташаккул ёфтани донишҳои ахлоқӣ мушоҳида гардида, тасаввурот ва андешаронии онҳо инкишоф ёфта, хусусияти гуногунҷабҳаро касб менамоянд. Агар таҷрибаи ахлоқии хонандагони синфҳои якуму дуюм дар асоси таҷрибаи шахсии худи онҳо ва дар асоси тақлид намудан ба рафтору кирдори муаллимон ва падару модаронашон андӯхта шавад, хонандагони синфҳои сеюму чорум бошанд, аллакай кӯшиш менамоянд, ки таҷрибаи атрофиёнро таҳлилу баррасӣ намоянд. Дар ин ҷо қайд намудан бамаврид аст, ки таҷрибаи ҳаётии мактаббачагони хурдсол дар раванди вазъияту ҳолатҳои гуногуни бамиёномада низ бой мегардад.

Бояд зикр намуд, ки ҷуръатнокии ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар сурате бомуваффақият ташаккул меёбанд, ки рафтори одамонеро, ки мушоҳида менамоянд, ба таҷрибаи ҳаётии онҳо наздик бошад. Бинобар ин, таҷрибаи ахлоқии мактаббачагони хурдсол одатан дар асоси таҷрибаи одамони дигар, аз ҷумла калонсолон андӯхта мешавад. Мутобиқ ба ин, кӯдак ҳамеша рафтору кирдорҳои худро бо рафтори дигарон муқоиса намуда, дар такя ба рафторҳои намунавӣ амалу рафтори хешро такмил медиҳад. Дар ин бора ҳақ ба ҷониби психолог А.А. Люблинская мебошад, ки қайд менамояд: «Ҳар қадаре ки мактаббачагони хурдсол мавқеи нодуруст ё бетарафиро ишғол намоянд ва ҳодисаҳои таҳлилнамуда аз ҳаёти амалии онҳо дур бошанд, ҳамон қадар мураккабию сарбаста будани ҷиҳати ахлоқии ҳодисаи мазкур аён мегардад» [107, с. 402].

Дар баъзе ҳолатҳо кӯдакон наметавонанд рафторҳои дурусти ахлоқиро анҷом диҳанд, зеро онҳо пештар ба чунин вазъият дучор нагардида буданд ё ин ки дар рафтори одамони калонсол ва ҳамсолон чунин амалро мушоҳида накардаанд, ё худ рафторҳои нодурусти дигарон ба онҳо таъсири манфӣ расонидааст. Масалан, мактаббачаи хурдсол дар кӯча ба одамони калонсол салом намедиҳад, ё дар нақлиёти ҷамъиятӣ ба калонсолон ҷой намедиҳад. Ба саволи он ки: «Чаро ба ҳамаи одамони калонсол салом намедиҳӣ?», чунин ҷавоб медиҳад: «Ман онҳоро намешиносам, ё ин ки «Ман ҳамеша дар нақлиёт бо модарам нишаста меравам», мегӯяд. Ҷавоби мактаббачаи хурдсол аз он гӯвоҳӣ медиҳад, ки аввалан, ӯ рафтори нодурусти худро пай намебарад ва сониян падару модар ё омӯзгорон ӯро водор накардаанд, ки шахсони аз худ калонсолро салом диҳанд ва дар нақлиёти ҷамъиятӣ ҷой диҳад. Шояд ин камбудӣ аз он гувоҳӣ диҳад, ки хонандагони синфҳои ибтидоӣ аз беҷуръатӣ ё шармгинӣ ин амалро иҷро намекунанд.

Барои ғанӣ гардонидани таҷрибаи ҳаётии мактаббачагони хурдсол корҳои тарбиявиро бояд тавре ба роҳ монд, ки кӯдакон таҷрибаи рафторҳои ахлоқиро на фақат тавассути иттилоот аз калонсолон андӯзанд, балки тавассути иштирок дар корҳои коллективона ва рафторҳои намунавии калонсолон низ ба даст оранд.

Душвории интихоби рафтори дурусти ахлоқӣ дар мактаббачагони хурдсол дар он зоҳир меёбад, ки онҳо ҳануз ба пуррагӣ камбудии рафтору кирдори худро дарк карда наметавонанд. Ҳамаи ин боис мегардад, ки ҳангоми интихоби рафтори дурусти ахлоқӣ мактаббачагони хурдсол душворӣ мекашанд, ё аз беҷуръатӣ амалҳои шоистаро анҷом дода наметавонанд.

Зоҳир намудани рафтори бошуурона дар ин ё он ҳолату вазъияти муайян, ҷузъи марказӣ ва маҳсули асосии тарбияи ҷуръатнокии ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба ҳисоб меравад. Рафтори бошуурона, ки дар заминаи омилҳои иҷтимоӣ-ҷамъиятӣ зуҳур меёбад, яке аз нишондиҳандаҳои тарбиянокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол шуморида мешавад.

Лозим ба тазаккур аст, ки дар тарбияи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол мушкилотҳо низ вуҷуд доранд, ки ҷараёни ташаккули ин ҷараёнро то андозае мушкил мегардонанд ва вазифаи омӯзгорон ва падару модарон аз он иборат аст, ки барои бартараф намудан ин мушкилотҳо чораҳои зарурӣ андешанд. Ин мушкилотҳо зеринҳо мебошанд:

– аз як тараф аз ҷониби омӯзгорон ва падару модарон масъулият оид ба ташаккули малакаи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол дарк карда шавад, аз ҷониби дигар, мавҷуд набудани барномаи аниқ оид ба ҳалли масъала корро дар ин самт мушкил мегардонад;

– аз ҷониби омӯзгорон ва падару модарон оид ба ғанӣ гардонидани арзишҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакон кӯшиш ба харҷ дода мешавад, вале самтгирии махсус ба таҷрибаи мавҷудбудаи тарбияи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол эҳсос карда намешавад;

– дар мазмуни барнома ва китобҳои дарсӣ барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҷанбаҳои ахлоқӣ мавҷуд мебошанд, вале кӯшиши мустақилона аз худ намудану таҳлили онҳо аз ҷониби хонандагон вазифаи ҳалталаб ба шумор меравад, яъне онҳо ҳануз ба чунин кор қодир нестанд.

Барои бартараф намудани мушкилотҳои болозикр ҳалли вазифаҳои зерин зарур мебошад:

1. Баррасии моҳият ва ҷанбаҳои ахлоқӣ ва педагогию психологии масъалаи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол дар муҳити мактаб ва хонавода.

2. Муайян кардани ғояҳои ахлоқии масъалаи ҷуръатнокии ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ.

3. Таҳияи технологияи педагогии ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол.

4. Бо роҳи гузаронидани корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ собит сохтани дурустӣ ва мантиқӣ будани барнома ва технологияи ташаккули тарбияи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол дар ҷараёни корҳои таълимию тарибавӣ.

Аз ҷониби дигар, ташаккули малакаи ҷуръатнокии ахлоқӣ дар мактаббачагони хурдсол дар сурате самаранок мегардад, ки агар:

– амсилаи ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар тарбияи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол таҳия карда шавад, ки самтҳои асосии он ба маҷмӯи ҷузъҳои сохтории он (маҳорат ва малакаҳо, сифатҳои касбӣ-педагогии омӯзгорон) нигаронида шавад;

–ташаккули тарбияи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол аз технологияи бонизоми ташкилшудаи муосир дар омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ иборат бошад, ки дар он авлавият ба мазмун, методҳо, воситаҳо ва шаклҳои тарбияи ҷуръатнокии ахлоқии хонандагон дода шавад;

– мазмуни тарбияи ҷуръатнокии ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ аз нуқтаи назари ворид сохтани онҳо ба ҷаҳони мураккаби арзишҳои инсонӣ ва андухтани макалакаи ба рафтору кирдори худ ва рафтору кирдори рафиқони худ баҳо дода тавонистан нигаронида шавад;

– мактаббачагони хурдсол ба намудҳои гуногуни корҳои ҷамъиятии коллективона бо мақсади мунтазам ғанӣ гардонидани таҷрибаи содир намудани ҷуръатнокии ахлоқӣ ҷалб карда шаванд;

– корҳои тарбиявӣ оид ба ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо назардошти хусусиятҳои синнусолӣ ва психологии онҳо ба роҳ монда шавад.

– хусусиятҳои махсуси ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол ошкор карда шавад;

– қобилияти интихоби рафторҳои дурусти ахлоқӣ аз ҷониби хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди корҳои тарбиявӣ муайян карда шавад;

– барномаи махсуси педагогӣ ҷиҳати дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба вуҷуд овардани тасаввуроти амиқ оид ба ташаккули малакаи ҷуръатнокии ахлоқӣ тарҳрезӣ карда шавад.

Зимни омӯзиши адабиёти педагию психологӣ ва гузаронидани корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мо ҷанбаҳои назариявӣ-илмии проблемаи ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсолро ошкор намудем, ки зеринҳо мебошан:

1. Тарбияи ҷуръатнокии ахлоқӣ дар мактаббачагони хурдсол таҷассумгари сифатҳои баланди ахлоқӣ буда, дар ташаккулу болоравии маънавиёт, мавқеи муайяни ахлоқии хонандагон такондиҳанда мебошад. Ин тадбирҳо имкон медиҳанд, ки муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва оила дар раванди ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол саҳми арзишманди худро гузоранд.

2. Оид ба ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол барномаи педагогии мукаммал зарур мебошад, ки он дар ҷараёни таълим ва корҳои беруназсинфӣ ба амал бароварда мешавад.

3. Ташаккули босамари ташаккули ҷуръатнокии ахлоқӣ дар мактаббачагони хурдсол дар раванди ташкили корҳои тарбиявӣ бояд ҳамчун меъёри ташаккули шахсият хидмат кунанд.

4. Пайваста таҳлилу баррасӣ намудани рафтору кирдори мактаббачагони хурдсол ҳамчун як воситаи муҳими ташаккули ҷуръатнокии ахлоқӣ дар шахсияти онҳо маҳсуб дониста мешавад.

5. Худтакмилдиҳӣ, худруштдиҳӣ ва мавқеи худро дар коллектив пайдо намудан, мутобиқ гардидан бо муҳити иҳотакардашуда яке аз самтҳои афзалиятнок дар ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол арзёбӣ карда мешавад.

**АДАБИЁТ**


1. Богданова, О.С., Петрова, В.И. Воспитание культуры поведения учащихся 1-3 классов. – 2-е изд., испр. – М.: Просвещение 1978.-159с. Богданова О.С., Петрова В.И. Методика воспитательной работы в начальных классах: Пособие для учителей. 2-е изд., испр. – М.: Просвещение, 1980. – 208с.
2. Богданова, О.С., Калинина, О.Д. Содержание и методика этических бесед с младшими школьниками: Пособие для учителей. – М.: Просвещение, 1982. –160 с.
3. Запорожец, А.В. Психология: Учебник для дошкольных пед. училищ. 3-е изд., испр. и доп. – М.: Просвещение, 1965. – 240 с.
4. Кайковус, У. Қобуснома.-Душанбе: Адиб, 1990. –155 с.
5. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2006.- 18с.
6. Лутфуллоев, М. Эҳёи педагогики Аҷам. – Душанбе, 1997. – 150с.
7. Люблинская, А.А. Детская психология – М.: Просвещение, 1971. – 415 с.
8. Раҳимов, Б. Воспитание навыков и привычек культурного поведения у детей младшего школьного возраста в таджикской семье. Автореф. дис. … канд. пед. наук. – Душанбе, 1963. – 80с.

# ҲАДАФ ВА ВАЗИФАҲОИ ТАРБИЯИ АХЛОҚИИ ДОНИШҶӮЁН ДАР ДАРСҲОИ ЗАБОНИ ХОРИҶӢ (АНГЛИСӢ)

***ТАЛБАКОВА Навбаҳор Қурбоновна*** *– унвонҷӯйи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. А. Адҳамов, 11/2,* ***тел.:*** *+(992) 918 49 57 77*

Тарбияи маънавию ахлоқии донишҷӯён хусусияти маҷмуӣ дошта, ҳамчун ҳадаф ва вазифаи умумӣ метавонад тавассути робитаи байнифаннӣ ва дигар чорабиниҳои иловагӣ ва беруназсинфӣ ба роҳ монда шавад. Дар раванди таҳсил нақши омӯзгор ҳамчун омили муҳимми таъсиррасон ба тарбияи маънавию ахлоқии донишҷӯй муҳим буда, малакаи касбӣ, рафтори педагогӣ ва муносибати шахсии ӯ ба ташаккули маънавиё ва ҷаҳонбинии донишҷӯён ҳамчун субъекти асоси тарбия нақши муассир дорад. Моҳияти тарбияи маънавию ахлоқӣ ҳамчун болоравии муштараки омӯзгор ва тарбиятгиранда ба идеали муайянкардаи онҳо, ҷузъи муҳтавои тарбияи маънавию ахлоқӣ, ки арзишҳои инсондӯстӣ, зеҳнӣ, иҷтимоӣ, эстетикӣ, касбиро дар бар мегирад, дониста мешавад, ки масъалаи мазкур дар ин мақола мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

***Вожаҳои асосӣ:*** *тарбияи маънавию ахлоқӣ, тарбия, арзишҳо, эҳсосот, рафтор, кори беруназсинфӣ, ахлоқи донишҷӯ, фаъолияти педагогӣ, салоҳияти касбӣ.*

# ЦЕЛИ И ЗАДАЧИ НРАВСТВЕННОГО ВОСПИТАНИЯ СТУДЕНТОВ НА УРОКАХ ИНОСТРАННОГО ЯЗЫКА

***ТАЛБАКОВА Навбахор Курбоновна*** *– соискатель Института развития образования имени Абдурахмона Джами Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. А. Адҳамов, 11/2,* ***тел.:*** *+(992) 918 49 57 77*

Духовно-нравственное воспитание студентов имеет комплексный характер, как общая цель и задача, может осуществляться посредством межпредметного общения и другой дополнительной и внеклассной деятельности. В образовательном процессе важна роль учителя как важного фактора, влияющего на духовно-нравственное воспитание учащихся, а также его профессиональное мастерство, педагогическое поведение и личностное отношение к формированию духовности и мировоззрения учащихся как основного субъекта воспитания играет эффективную роль. Сущность духовно-нравственного воспитания рассматривается как совместное восхождение педагога и ученика к определенному ими идеалу, часть содержания духовно-нравственного воспитания, включающая гуманитарные, интеллектуальные, социальные, эстетические и профессиональные ценности и этот вопрос анализируется в данной статье.

*Ключевые слова:* духовно-нравственное воспитание, воспитание, ценности, чувства, поведение, внеклассная работа, этика студента, педагогическая деятельность, профессиональная компетентность.

# GOALS AND OBJECTIVES OF MORAL EDUCATION OF STUDENTS IN FOREIGN LANGUAGE LESSONS

***TALBAKOVA Navbakhor Kurbonovna*** *– applicant of the Institute for the Development of Education named after A. Jami of the Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe, st. A. Adhamov, 11/2,* ***Phone:*** *+(992) 918 49 57 77*

Spiritual and moral education of students is complex, as a common goal and task, can be carried out through interdisciplinary communication and other additional and extracurricular activities. In the educational process, the role of the teacher is important as an important factor

influencing the spiritual and moral education of students, as well as his professional skills, pedagogical behavior and personal attitude to the formation of spirituality and worldview of students as the main subject of education plays an effective role. The essence of spiritual and moral education is considered as a joint ascent of a teacher and a student to the ideal defined by them, part of the content of spiritual and moral education, including humanitarian, intellectual, social, aesthetic and professional values, and this issue is analyzed in this article.

*Keywords:* spiritual and moral education, education, values, feelings, behavior, extracurricular activities, student ethics, pedagogical activity, professional competence.

Тарбияи маънавию ахлоқӣ чун ҷузъи муҳимми маънавиёт ва ҷаҳонбинии насли ҷавон решаҳои қадим дошта, ҳанӯз дар осори мутафаккирони Юнони қадим – Суқрот, Афлотун, Арасту, Демокрит ва дигар донишмандони аҳди қадим мақоми хосса дошт. Ғояҳои тарбияи маънавию ахлоқӣ дар фалсафаи Юнони қадим, қабл аз ҳама, бо номи Суқрот (тақрибан 469-399 пеш аз милод) иртибот дошта, дар диалогҳои ӯ ба масоили фазилатҳои ахлоқӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда шуда, қисмати амалии фалсафа – аъмоли нек ва хирадро ҷудо кардааст. Ба андешаи ӯ ҳикмат (фалсафа) - фазилати нек аст, яъне дониш дар бораи амалҳои нек, ки фардро ба корҳои нек ҳидоят мекунад ва аз бадиҳо бозмедорад. Афлотун (427-347 пеш аз милод) бошад, ба масоили таълиму тарбия таваҷҷуҳ намуда, таъкид намудааст, ки вазифаи аввалиндараҷаи педагогика ин интиқоли принсипҳои некӣ ба наслҳои оянда ва бо ин роҳ таҳким бахшидани қисмати оқилонаи рӯҳ аст. Ҳамчунин, дар осори Арасту (384-322 пеш аз милод) низ доир ба зарурати тарбияи ахлоқии кӯдакон тавассути машқҳо ва анҷом додани корҳои нек тавсияҳои арзишманд вуҷуд доранд. Ба ақидаи Демокрит (460-370 пеш аз милод) шахси аз ҷиҳати ахлоқӣ такмилёфта ва устувор бояд боҷасорат буда, дар ҳукмфармои нафси хеш бошад, ба некӣ саъй кунад, ба бекорию тарзи ҳаёти бесамар роҳ надиҳад, барои ҳамоҳангӣ ва идора кардани хоҳишҳои худ, ба имкониятҳои воқеӣ мутобиқ кардани онҳо кӯшиш кунад [2].

Аз сатрҳои боло чунин бармеояд, ки андешаҳои файласуфони замони қадимро чунин ақидаи умумӣ муттаҳид мекунад, ки тибқи он дарки табиати инсонро бидуни дарки меъёрҳо ва арзишҳои ҳаёти инсон, пайваст кардани тамоми ҷанбаҳои инкишофи шахсият, қабл аз ҳама, бо тарбияи маънавию ахлоқӣ, тасаввур кардан ғайриимкон аст.

Маврид ба зикр аст, ки имрӯз масъалаи тарбияи маънавию ахлоқии омӯзгорон, ки минбаъд онҳо тарбияи маънавию ахлоқии насли наврасро бояд ба сомон расонанд, хусусияти ҷиддӣ ва мубрам гирифтааст. Яке аз роҳҳои ҳалли ин масъала дарк намудани моҳияти тарбияи маънавию ахлоқӣ хамчун идеали муайяннамудаи омӯзгору тарбиятгиранда, инчунин, аз тарафи омузгорони оянда инкишоф додани усулу шаклҳои тарбияи маънавию ахлоқӣ чун соҳаи мушаххаси кори тарбиявӣ мебошад. Чунин фаҳмиш на танҳо дар шуури тарбиятгиранда, балки дар зеҳну мафкураи тарбиятгар низ бояд муносибати нав ва созандаро ба вуҷуд биёрад. Омӯзгор на танхо шогирдро ба роҳи камолоти маънавй мебарад, балки худаш ҳам бо ин роҳ пеш меравад. Вазифаи муҳим дар ин роҳ нишон додани роҳу василаҳои имконпазири расидан ба қуллаҳои ахлоқ бояд бошад. Дар ин маврид яке аз мушкилоти мубрам бедор намудани худшиносии маънавӣ ва ахлоқии донишҷӯ, ҷустуҷӯҳои маънавии ӯ дар самти муносибат бо олами беруна, арзишҳои олӣ ва худи фард мебошад. Ҷустуҷӯҳои амалишуда метавонанд аз он чизе, ки дар аввал пешбинӣ шуда буд, падидаҳои комилан нав ва фарққунадаро пайдо кунад.

Имрӯз зарурати дарки амиқи назариявӣ ва методологияи тарбияи маънавию ахлоқии ҷавонон пеш омада, инкишофи муносибати ҳамаҷониба ва дар амал татбиқ намудани он аҳамияи муҳим пайдо намудааст. Оҳиста-оҳиста марҳалаи нави рушди ҷомеа, ки бо тағирёбии тафаккури шахсият ва самтҳои арзишманди насли наврас алоқаманд аст, оғоз меёбад. Рушди технологӣ ба он оварда мерасонад, ки одамон дар бораи такмили рӯҳонӣ фикр намекунанд ва ҷанбаи ахлоқии амалҳо камтар мавриди таваҷҷуҳи онҳо қарор мегирад. Чунин зуҳуроти ахлоқ монанди дилсӯзӣ, ҳамдардӣ, эҳтиром ба ғайра, мутаассифона, аз мадди назар дур мемонанд. Зарурат ба тарбияи одами дорои маънавиёти ғанӣ, ахлоқи баланд, ки кобилияти на танхо истеъмол кардан, балки эҷод кардан кардан ҳам бошад, рӯз аз рӯз меафзояд.

Муҳтавои асосии тарбияи маънавию ахлоқии донишҷӯён – мутахассисониояндаро бояд арзишҳои инсондӯстона, зеҳнӣ, иҷтимоӣ, эстетикӣ, касбӣ ташкил намоянд. Арзишҳои инсондӯстона дар фаъолияти педагогӣ аз инҳо иборатанд:

- кӯдакӣ ҳамчун давраи беназири инкишофи инсон, ки ба дарки олами атроф нигаронида шудааст;
- кӯдак ҳамчун объект ва субъекти таъсири педагогӣ;
- нотакрории фардияти шахс, ки ягонагии ҳар як фарди алоҳидаро дар ҳама шаклҳои фаъолият эътироф мекунад;
- инкишофи кӯдак, ки маҳсулнокии тамоми фаъолиятҳоро муайян мекунад.

Арзишҳои зеҳнӣ инҳоро дар бар мегиранд:

— донистани асосҳои касб, ҳақиқат, қобилияти тафаккури кордонӣ, дарьёфт кардани ахбороти муҳим. Донистани анъана ва расму оин, оила, корпоратсияи касбӣ ва ғайра арзишҳои муҳимми иҷтимоии омӯзгорони оянда мебошанд, дар ҳоле ки зебоӣ, санъат, қобилияти дарки зебоӣ дар ҳама чиз зуҳуроти хоси мавҷудияти арзишҳои эстетикӣ мегардад.

Қабули арзишҳои инсондӯстонаи фаъолияти касбӣ имкон медиҳад, ки минбаъд дар бораи ташаккули хислатҳои аз ҷиҳати касбӣ муҳимми шахсияти тарбиятгари оянда сухан гӯем: муҳаббат ба шогирдон, қабул ва дарки мавқеи ҳар як кӯдак, эҳсосот, ҳамдардӣ, қобилияти ҳамдардӣ ва майлу хохиши сахмгузорӣ, усулҳои педагогӣ, масъулият барои хаёт ва саломатӣ, муҳаббат ба ҳаёт ва ғайра.

Доштани арзишҳои касбӣ, аз қабили сулҳ, масъулият, имон, озодӣ, шафқат, одоб, вафодорӣ, ватандӯстӣ, шукрона, адолат, инсондӯстӣ, поквиҷдонӣ, меҳрубонӣ ва ғайра имкон медиҳад, ки омӯзгорони оянда тактикаи муайяни рафтору кирдор ва муносибатҳои худро бо донишҷӯён, вазифаи касбии худро дар сатҳи баланд иҷро намоянд.

Дар асоси таҳлили адабиёти оид ба ахлоқ, психология, фалсафа ҳиссиёти ахлоқии зеринро муайян кардан мумкин аст:

Шарм, ин тарси аз даст додани эҳтиром дар пеши назари касонест, ки шахс шаъну эътибори худро аз даст додааст.

Миннатдорӣ, ҳисси миннатдорӣ ба касе барои меҳрубонӣ, таваҷҷуҳ ё хидмате мебошад.

Уҳдадорӣ, ин ҳисси масъулияти маънавӣ барои рафтори худ дар назди одамони атроф, ҷамъият мебошад.

Имон, эҳсосест, ки бо олами маънавии шахс зич алоқамандбуда, дар асоси маълумоти муайян дар бораи ашё ба вуҷуд меояд, дар ғояҳо ё тасвирҳо ифода ёфта, бо зуҳури эътимод ва як қатор эҳсосоти дигар ҳамроҳӣ мекунад ва ҳамчун ангеза, танзим ва дастур барои фаъолияти инсон хизмат мекунад.

Эҳтиром, мавқеи як шахс нисбат ба шахси дигар, эътирофи шаъну эътибори шахс мебошад.

Адолат, муносибати беғаразона, ҳақиқӣ ба касе ё чизест.

Ҳамдардӣ - ҳамдардӣ ва шарикӣ ба ранҷу азоби касе, ки аз ғаму андӯҳ, бадбахтии шахси дигар зухур намудааст.

Ташаккули иродаи ахлоқӣ муколамаи инсонро бо умқи ботинии рӯҳи ӯ дар бар гирифта, ӯро ба некӣ ва беҳбудӣ раҳнамоӣ мекунад, боиси муқовимат ба бадӣ ва зоҳиршавии сабру таҳаммул мегардад, ки барои бартараф намудани мушкилиҳо мусоидат намуда, инчунин, ба васвасаҳо муқовимат мекунанд.

Дар «Луғати забони русӣ»-и С.И.Ожегов ахлоқ, аз як тараф, «қоидаҳои муайянкунандаи рафтор» бошад, аз тарафи дигар, ҳамчун «сифатҳои маънавӣ ва рӯҳонӣ барои инсон дар ҷомеа зарур» шарҳ дода шудааст [7].

Бояд зикр намуд, ки тарбияи ахлоқии донишҷӯён чун қисми таркибии масъалаи тарбия баррасӣ ва арзёбӣ мегардад, ки ҳадафи ниҳоии он ташаккули шахси дорои маърифати баланд, аз ҷумла сифатҳои баланди ахлоқӣ мебошад.

Муҳиммии масъалаи тарбияи маънавии аҳли ҷомеа, аз ҷумла ҷавонону донишҷӯён, на танҳо бо талаботи дохилии рушди ҷомеа, балки бо муносибатҳои беруна ва, қабл аз ҳама, бо густаришу таҳкими робитаҳои иқтисодӣ, илмӣ ва фарҳангӣ миёни кишварҳо муайян карда мешавад, ки дар ин росто донистани забонҳои хориҷӣ (англисӣ) нақши муҳим бозӣ мекунад.

Моҳияти тарбияи ахлоқии донишҷӯён иборат аз ташаккули дарку эҳсоси ахлоқӣ, малака, одат ва рафтори нек дар онҳо мебошад. Дар низоми тарбияи ахлоқӣ тамоми ин ҷузъҳо якҷо мешаванд.

Инкишофи ахлоқии шахсияти донишҷӯ дар фаъолият ҷараён мегирад, чунки ҳар гуна фаъолият самтгирии ахлоқӣ дорад. Дар ҷараёни фаъолият донишҷӯён ба робитаҳои ахлоқӣ ворид мешаванд, ки ба асоси меъёрҳо ва талаботи мавҷудаи ахлоқӣ бунёд ёфта, бо усулҳои ахлоқӣ танзим мешаванд. Омӯзгорон зимни тарбияи донишҷӯён, онҳоро меомӯзонанд, ки

фурӯтан, содиқ, масъулиятшинос, ватандӯст, меҳнатдӯст ва дар муносибат бо одамон меҳрубон бошанд.

Ҳадаф ва вазифаи ниҳоии тарбияи ахлоқии омӯзгорони оянда дар ҳар кадоми онҳо ташаккул додани мавқеи фаъоли ҷамъиятӣ мебошад. Тамоми вазифаҳои тарбияи ахлоқии ҷавонони донишҷӯ дар ягонагии наздик ҳаллу фасл мешаванд.

Имрӯз дар назди низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаҳои хеле муҳим истодаанд: яъне баланд бардоштани сифати таълиму тарбия, ба таври бунёдӣ беҳтар кардани тарбияи ахлоқӣ, мунтазам дар донишҷӯён ташаккул додани малакаи ҳимоя кардан аз эътиқоди ахлоқии худ ва ғ.

Ҳар як фанни таълим дар муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҳалли вазифаҳои гузошташудаи наздаш нақши муайяне бозӣ мекунад ва аз ҷумла, забони хориҷӣ низ.

Ҳаллу фасли вазифаҳои амалӣ дар ягонагӣ бо вазифаҳои тарбиятӣ ва таълимӣ барои методикаи дарсдиҳии забонҳои хориҷӣ хос аст, ки дар он ҳамзамон бо аз худ кардани забони мушаххас ва баланд бардоштани саводи лингвистии зарурӣ барои ҳар як шахси бофарҳанг, ҳамчунин, ошноии амиқтар бо арзишҳои фарҳангии кишварҳои Аврупои ғарбӣ ва дастовардҳои онҳо дар соҳаҳои гуногуни илму техника, инкишофи малакаи истифодаи адабиётӣ маълумотӣ, тарбияи ватандӯстӣ, интернатсионализм, меҳнатдӯстӣ ва ташаккули қобилияти кори мустақилона бо китобро низ пешбинӣ менамояд.

Тасаввуроти мо дар бораи аҳамияти забони хориҷӣ дар ташаккули шахсияти донишҷӯ дар солҳои охир ба сабаби инкишофи психолингвистика, назарияи нутқ ва назарияи муошират хеле ғанӣ гардид. Имрӯз омӯзиши забонҳои хориҷӣ аз зовияи фаъолияти иртиботӣ, доштани қобилияти муошират баррасӣ карда мешавад. Ин қобилият асоси созмондиҳии истеҳсолот, афкори ҷамъиятӣ, соҳаҳои идоракунӣ ва хизматрасонӣ, тамоми намудҳои омӯзиш, муносибатҳои оилавӣ, санъат ва варзишро ташкил медиҳад.

Барои он ки дар машғулиятҳо муошират бо забони хориҷӣ, ҳам бевосита (гапзанӣ, шифоҳӣ), ҳам бавосита (хондан, хаттӣ) омӯзонида шавад, бояд ба қадри имкон муошırати дарсӣ бо ғайридарсӣ наздик карда шавад, яъне муошırати дарсӣ бояд ҳаваснок, ихтиёрӣ, ҷолиб ва мустақилона гардад. Омӯзонидани муошират ба асоси малака, ки ба қадри кофӣ коркард шудааст ва бо истифода аз машқҳо (тақлидӣ, саҳнавӣ ва ғайра) имконпазир аст. Ин кори заҳматталаб буда, вақту фурсати зиёдро талаб мекунад. Вазифаи мактаби олӣ аз он иборат аст, ки мураттаб ва ба таври систематикӣ самти иртиботиро дар тамоми марҳалаҳои таълим бо роҳи ҳалли вазифаҳои мушаххаси иртиботӣ амалӣ созад. Омӯзгори забони англисӣ бояд чунин супоришҳоро таҳия намояд, ки онҳо амали иртиботиро дар он соҳаҳое, ки донишҷӯ метавонад дар коллеҷҳо ва берун аз ҳудуди он ба кор барад, таъмин намоянд. Ҳангоми муошират ба забони хориҷӣ мушаххас сохтани доираи супоришҳои иртиботӣ барои ҳар як марҳалаи омӯзиш хеле муҳим аст.

Дар айни замон, бояд вазифаи муошират дар ҷараёни фаъолияти муштарак, монанди мубодилаи иттилоот, ҳавасмандкунии мутақобила, назорат бар танзими амал, ҳамчунин, вазифаи муоширатӣ вобаста ба шинохти якдигари одамон, ташаккул ва рушди муносибатҳои байни шахсиятҳо дар назар гирифта шавад. Амалисозии ин вазифаи муошират дар ҷараёни таълим бояд аҳамияти амалии муошират, қобилияти аз худ кардани нутқро таъмин намояд, ба ибораи дигар, бояд ба ин савол ҷавоб дода шавад: зимни омӯзонидани муошират чӣ кор бояд кард?

Ҷанбаи дигари ин савол – дар шароити мактаби олии педагогӣ чӣ кор метавон кард, яъне муошират бояд бо назардошти нақшаи таълимии мактаби олӣ, ҳаҷм ва характери маводи забонии ошно барои донишҷӯён ва таҷрибаи муоширати онҳо бо забони модарӣ баррасӣ карда шавад.

Дар ҳаллу фасли ин вазифаҳо истифодаи дурусти ҳолати таълимӣ – нутқӣ нақши муҳим бозӣ мекунад. **Ҳолати таълимӣ – нутқӣ** чунин намунаи таълимии ҳолати нутқӣ мебошад, ки муошırати берун аз дарсиро ифода менамояд. Ҳанӯз дар соли 1968 маҷаллаи "Иностранные языки в школе" вазифае гузошта буд, то муайян карда шавад, ки «омӯзанда бояд дар кадом ҳолат қарор дода шавад, то ин ки вай фикр кунад ва табиист, ки мехост нутқи вай бо воситаҳои забонии азхудкардааш комилан таъмин шудааст». [5]

Тайи солҳои гузашта бисёр тадқиқоте анҷом гирифт, ки дар онҳо аз ин ё он мавқеъ проблемаҳои вобаста ба истифодаи ҳолат дар раванди таълим мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. [4; 5-10]

Машқҳои ҳолатӣ – самтгиришуда дар таҷрибаи дарсдиҳӣ ҷойгоҳи муайянро ишғол мекунанд.

Аммо талаботи ҷиддӣ ба баррасии комил ва глобалии проблемаҳои вобаста ба истифодаи ҳолати таълимӣ – нутқӣ дар раванди дарс ва ба баррасии систематикии тамоми ҷанбаҳои ин проблема эҳсос карда мешавад, ки натиҷаи он метавонист тавсияҳои алгоритмӣ барои омӯзгор дар пайванд бо чунин муқаррароте бошад, ки ба омӯзгор имконияти мустақилона идора кардани раванди омӯзишро бо кумаки ҳолати таълимӣ – нутқӣ медиҳад. Тақвияти самтгирии иртиботӣ омӯзиши хонишро низ талаб менамояд.

Барои ҳама маълум аст, ки мазмуни тарбияи ахлоқӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба ташаккули сифатҳои ахлоқии баланд дар донишҷӯён равона шудааст.

Зимни тарбияи ахлоқии донишҷӯён ба нуктаҳои гунгун таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад. Аз ҷумла дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии самти педагогӣ дар ҷараёни таълим бо нуктаҳои зерин муайян карда мешавад: а) талаботи ҷомеаи мо ба мутахассисони дорои идея ва ахлоқи баланди соҳаи маориф; б) тарбияи насли ҷавон дар рӯҳияи замон ва арзишҳои умумиинсонӣ.

Маврид ба зикр аст, ки тайи солҳои охир ба сабаби барқарории робитаҳои иқтисодӣ ва фарҳангӣ бо мамлакатҳои хориҷӣ талабот ба донистани забони хориҷӣ, қабл аз ҳама забони англисӣ, рӯ ба афзудан дорад. Ошноии донишҷӯён бо ҳаёти фарҳангӣ ва иқтисодии кишваре, ки забонаш омӯхта мешавад, ба тарбияи ватандӯстӣ, интернатсионализм, такомули маънавӣ – ахлоқии шахсият мусоидат мекунад. Диплом дар бораи дараҷаи таҳсилот (таҳсилоти олӣ ё миёнаи касбӣ) то андозаи муайян дониши шахсро ифода менамояд, аммо наметавонад муайянкунандаи сатҳу сифатҳои ахлоқии хатмкунанда бошад. Аз ин ҷо вазифаи такмили низоми тарбияи ахлоқӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ, инчунин, идоракунии тамоми маҷмуи тадбирҳои таълимӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва берун аз дарс ташаккул меёбанд. Тавре ки муҳаққиқи русиягӣ Л.М. Архангелский қайд намудааст, «Самаранокии тарбияи ахлоқӣ аз дурустии тамоми ҳалқаҳои бавуҷудоварандаи омилҳои объективӣ ва фазои иҷтимоии шахсият вобастагии мустақим дорад». [1, 22]

## АДАБИЁТ


1. Архангельский, Л.М. Моральные качества личности и основные аспекты их изучения / Под ред. **Л.М.**Архангельского. -**М**.: ИФ АН СССР, 1980. –С.22.
2. Асмус, В. Ф. Античная философия. М.: Высшая школа, 1999. 546 с.
3. Бодалев, А.А., Рыбалко, Е.Ф., Ананьев, Б.Г. Первооткрыватель и исследователь сложнейших проблем психологии // Психологический журнал. 1997. № 6. С. 16-23.
4. Иванов, В.Г. Актуальные проблемы теории и практики нравственного воспитания студентов. - Л., 1978. - С. 12.
5. Леонтьев, А.А. Внеязыковая обусловленность речевого акта и некоторые вопросы обучения иностранным языкам // Иностранные языки в школе. – I968. -№ 2.
6. Лутфуллоев, М. Инсон ва тарбия. - Душанбе, 2008. – 320 с.
7. Ожегов, С.И. Словарь русского языка. М.: Русский язык, 1991. 816 с.
8. Талбаков, К.Ч. Единство идейно-политического и нравственного воспитания студентов при обучении иностранному языку. -Куляб: КГПИ им. Рудаки, 1991. - 21 с.


# СОВРЕМЕННЫЕ ПОДХОДЫ К РАЗВИТИЮ ВЫСШЕГО ОБРАЗОВАНИЯ В ТАДЖИКИСТАНЕ

***ТОШМАТОВ Рахмиддин*** *– старший преподаватель Институт физического восаитания Таджикистана им. С. Рахимова, г. Душанбе ул. Лучоб, 53,* ***E-mail:*** *rahmidintoshmatov7@gmail.com,* ***тел.:*** *(+992) 93 777 10 84*

Статья рассматривает современные подходы к развитию системы высшего образования в Таджикистане. В условиях быстро меняющегося образовательного и экономического окружения, страны все более осознают важность качественного высшего образования для устойчивого социального и экономического развития. Авторы анализируют текущее состояние высшего образования в Таджикистане и обсуждают ключевые вызовы, стоящие перед системой образования.

Статья также подробно рассматривает современные методы и стратегии, применяемые в Таджикистане для повышения качества образования и доступности высшего образования. Это включает в себя внедрение информационных технологий, разработку качественных образовательных программ, укрепление международных академических связей и улучшение системы оценки студентов.

***Ключевые слова**: высшее образование, Таджикистан, рразвитие образования, ссовременные подходы, ккачество образования, ообразовательные технологии, ммеждународное партнёрства, исследовательская база, стратегия развития, студенты.*

## РАВИШҲОИ ЗАМОНАВИИ РУШДИ ТАҲСИЛОТИ ОЛӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

***ТОШМАТОВ Раҳмиддин** – омӯзгори калони Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов, ш. Душанбе, к. Лучоб, **E-mail:** rahmidintoshmatov7@gmail.com, **тел.:** (+992) 93 777 10 84*

Дар мақола равишҳои муосири рушди низоми таҳсилоти олии Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Дар муҳити зудтағйирёбандаи таълимӣ ва иқтисодӣ, кишварҳо аҳамияти таҳсилоти олии босифатро барои рушди устувори иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ҳарчи бештар дарк мекунанд. Муаллиф вазъи имрӯзаи таҳсилоти олии Тоҷикистонро таҳлил намуда, мушкилоти асосиеро, ки дар назди системаи маориф истодаанд, муҳокима мекунад.

Дар мақола, инчунин, усулҳо ва стратегияҳои муосири дар Тоҷикистон истифодашаванда барои баланд бардоштани сифати таҳсилот ва дастрасии таҳсилоти олӣ ба таври муфассал баррасӣ шудааст. Аз ҷумла, ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ, таҳияи барномаҳои босифати таълимӣ, таҳкими робитаҳои байналмилалии академӣ ва такмили низоми арзёбии донишҷӯён таҳиқ шудааст.

***Вожаҳои асосӣ:** таҳсилоти олӣ, Тоҷикистон, рушди маориф, равишҳои муосир, сифати таҳсилот, технологияҳои таълимӣ, шарикиҳои байналмилалӣ, заминаи тадқиқотӣ, стратегияи рушд, донишҷӯён.*

## MODERN APPROACHES TO THE DEVELOPMENT OF HIGHER EDUCATION IN TAJIKISTAN

***TOSHMATOV Rakhmiddin** – Senior teacher Tajik Institute of Physical Culture named after Sayidmumin Rakhimov, senior teacher, Dushanbe st. Luchob, 53. **E-mail:** rahmidintoshmatov7@gmail.com, **phone:** (+992) 93 777 10 84*

The article discusses modern approaches to the development of the higher education system of Tajikistan. In a rapidly changing educational and economic environment, countries are increasingly realizing the importance of quality higher education for sustainable social and economic development. The author analyzes the current state of higher education in Tajikistan and discusses the main problems facing the education system. The article also discusses in detail the modern methods and strategies used in Tajikistan to improve the quality of education and access to higher education. In particular, the introduction of information technologies, the development of high-quality educational programs, the strengthening of international academic relations and the improvement of the student assessment system were studied.

***Keywords**: Higher education, Tajikistan, education development, modern approaches, quality of education, educational technologies, international partnerships, research base, development strategy, students.*

В мире происходят быстрые изменения в области высшего образования, связанные с развитием информационных технологий, мобильности студентов и их потребностей, а также с изменением требований к навыкам выпускников.

Как отмечается в Национальной стратегии развития Республики Таджикистан приоритетным считается совершенствование теоретико-методических основ становления, функционирования и развития социальной инфраструктуры учреждений высшего профессионального образования в условиях реализации Национальной стратегии развития Республики Таджикистан на период до 2030 года [4].

Важно отметить, что актуальность этой темы может меняться со временем, и она может быть связана с различными вызовами и возможностями. Поэтому проведение исследований и обсуждение современных подходов к развитию высшего образования в Таджикистане остается важным аспектом образовательной и социальной политики страны.

Важное значение в государственной политике образования Республики Таджикистан приобретают принципы, основанные на социальных целях, приоритетными среди которых являются социальная справедливость и социальные гарантии. образование в качестве процесса – способ передачи человеку культурного наследия общества [2.].

Принципы, основанные на социальных целях, с акцентом на социальной справедливости и социальных гарантиях, играют важную роль в государственной политике образования в Республике Таджикистан. Эти принципы отражают важность образования как процесса, который способствует передаче человеку культурного наследия общества. Давайте подробнее рассмотрим, как эти принципы влияют на систему образования Таджикистана:

Социальная справедливость: Включение принципа социальной справедливости в политику образования означает, что государство стремится обеспечить равные образовательные возможности для всех граждан, независимо от их социального, экономического или этнического статуса. Это может включать в себя разработку программ и мероприятий, направленных на уменьшение образовательных неравенств.

Гарантирование доступности и качества образования для всех граждан является ключевым аспектом образовательной политики. Это может включать в себя финансовую поддержку для семей с низким доходом, обеспечение доступа к бесплатному образованию на всех уровнях, а также создание механизмов для оценки и улучшения качества образования.

Образование играет важную роль в передаче культурного наследия общества следующим поколениям. Это может включать в себя включение в учебные программы элементов местной культуры, истории и традиций, а также поощрение исследования и сохранения культурных ценностей.

Образование также может служить средством для социальной адаптации и гражданского воспитания. Это включает в себя обучение гражданских ценностей, навыков межличностного взаимодействия и участия в общественной жизни.

В целом, принципы социальной справедливости и социальных гарантий в контексте образования в Республике Таджикистан подчеркивают важность обеспечения равных возможностей для всех граждан и передачи культурного наследия общества через образовательные процессы.

В Таджикистане существует ряд современных подходов к развитию высшего образования, которые направлены на повышение качества образования, улучшение доступности и обновление учебных программ. Рассмотрим ряд современных подходов к развитию высшего образования в Республике Таджикистан.

1. **Развитие современной инфраструктуры:** В последние годы в Таджикистане активно строится и модернизируется инфраструктура высших учебных заведений. Новые здания, современные аудитории с оборудованием для проведения практических занятий, лаборатории, библиотеки и компьютерные классы создают лучшие условия для студентов.

Развитие электронного обучения: Генеральный директор ЮНЕСКО Ирина Бокова в своем выступлении на Всемирном форуме по образованию подчеркнула, что «технологии могут служить мощным инструментом для образования – при этом они должны быть грамотно «встроены» в учебный процесс и сопровождаться новыми моделями обучения» [1].

В Таджикистане все больше внедряется система электронного обучения. Университеты создают электронные платформы, на которых студенты могут получать доступ к лекциям, учебным материалам, заданиям и общаться с преподавателями и сокурсниками. Это позволяет расширить границы образования и обеспечить гибкость в обучении.

Целью перехода на цифровое образование является достижение нового качества образования посредством внедрения информационно-коммуникационной технологии (ИКТ) в образовательных учреждениях, изменения форм и методов обучения, обеспечения качества и

мобильности образовательных услуг, повышения признания национальной системы образования и увеличения экспорта образовательных услуг и т.д. [5]».

Развитие современной инфраструктуры играет важную роль в развитии высшего образования. Она обеспечивает условия для комфортного и эффективного обучения, исследования и развития научного потенциала.

Один из ключевых аспектов развития инфраструктуры высшего образования - это создание и модернизация учебно-лабораторных помещений и оборудования. Современные лаборатории должны быть оснащены передовым оборудованием, соответствующим последним технологическим требованиям. Это позволяет студентам получать практические навыки работы с новейшими технологиями и обеспечивает исследовательскую активность преподавателей.

▪ Важным аспектом современной инфраструктуры высшего образования является развитие информационно-коммуникационных технологий. Наличие современных компьютерных классов, доступ к высокоскоростным интернет-соединениям, электронным библиотекам и онлайн-ресурсам позволяет студентам эффективно получать знания и дополнительные материалы для самостоятельного изучения, совершенствование программно-методического обеспечения учебного процесса [3]. Также это создает возможности для проведения онлайн-курсов и вебинаров, что дает студентам возможность обучаться на удалении и получать доступ к качественному образованию вне зависимости от местоположения.

Также важно развитие общей инфраструктуры высшего образования, такой как библиотеки, столовые, общежития и спортивные сооружения. Они создают условия для комфортного проживания и учебы студентов, а также способствуют социализации и общению между студентами.

Развитие физической инфраструктуры также включает в себя поддержку студенческой жизни. Кампусы высших учебных заведений должны предлагать разнообразные возможности для социальной, культурной и спортивной деятельности. Наличие студенческих клубов, спортивных команд, мероприятий и фестивалей способствует развитию личности студентов и создает благоприятную, особую атмосферу обучения.

Таким образом, развитие современной инфраструктуры является важной составляющей развития высшего образования. Она обеспечивает необходимые условия для получения качественного образования, исследовательской деятельности и развития студентов.

2. **Повышение квалификации преподавателей:** Министерство образования Таджикистана активно поддерживает программы повышения квалификации для преподавателей высших учебных заведений. Целью этих программ является обновление знаний преподавателей, ознакомление с новыми методиками обучения и применение передовых практик в образовательном процессе.

Повышение квалификации преподавателей играет важную роль в развитии высшего образования. Вот несколько основных способов, которыми повышение квалификации может влиять на развитие высшего образования:

- улучшение качества образования: Повышение квалификации позволяет преподавателям получить новые знания, навыки и современные методики преподавания, что помогает им обеспечить более качественное обучение студентов. Обновленные знания и умения преподавателей могут повысить актуальность и релевантность предлагаемых программ;

- инновации в образовании: Повышение квалификации предоставляет преподавателям возможность изучить и внедрить новые технологии и методики обучения. Это может включать использование интерактивных методов, онлайн-обучения, использование современных образовательных материалов и технологий информационного обмена. Эти инновации способны сделать образовательный процесс более увлекательным и эффективным;

- развитие исследований: Квалифицированные преподаватели могут стать мотивацией для студентов, провоцируя их научно-исследовательскую активность. Повышение квалификации преподавателей позволяет им иметь доступ к новым знаниям и методологии, что ведет к увеличению научных исследований и публикаций. Это важно для развития научного потенциала высшего образования;

- улучшение репутации университета: Когда преподаватели обладают высокой квалификацией, это способствует улучшению репутации университета. Высшее образование

является конкурентной отраслью, и привлечение студентов, спонсоров и сотрудников зависит от репутации учебного заведения. Квалифицированные преподаватели помогают повысить уровень образования, что содействует развитию университета и его привлекательности для всех заинтересованных сторон;

- актуализация учебных программ: Повышение квалификации преподавателей помогает им быть в курсе современных требований и тенденций в различных отраслях знания. Это важно для того, чтобы учебные программы отражали актуальные потребности рынка труда и обеспечивали выпускников необходимыми знаниями и навыками. Под руководством квалифицированных преподавателей, обучение может быть адаптированным к требованиям современных технологий и индустрии.

Таким образом, повышение квалификации преподавателей является необходимым условием для развития высшего образования. Оно помогает улучшить качество образования, стимулирует научно-исследовательскую активность, повышает

3. **Сотрудничество с зарубежными университетами:** В Таджикистане все больше университетов устанавливают партнерство и сотрудничают с зарубежными университетами и исследовательскими центрами. Это позволяет студентам и преподавателям обмениваться знаниями и опытом, участвовать в международных научно-исследовательских проектах и программам обмена.

Сотрудничество с зарубежными университетами имеет ряд значительных влияний на развитие высшего образования. Вот некоторые из них:

- расширение доступа к международным ресурсам и знаниям: сотрудничество с зарубежными университетами дает студентам и преподавателям доступ к международным базам данных, библиотекам, исследованиям и опыту, которые могут быть недоступны в их собственных университетах. Это позволяет им быть в курсе последних тенденций и разработок в своей области и расширять свои знания и навыки;

- обмен студентами и преподавателями: сотрудничество с зарубежными университетами способствует организации обменов студентами и преподавателями. Это позволяет студентам получить новый опыт обучения, познакомиться с другими культурами и стилями образования, а также расширить свои профессиональные навыки и знания. Преподаватели могут обмениваться методиками преподавания, делиться опытом и проводить совместные исследования;

- развитие международных сотрудничеств и исследовательских проектов: сотрудничество с зарубежными университетами открывает возможности для совместных исследовательских проектов и научного сотрудничества. Это способствует обмену идеями, методами и ресурсами, что может привести к новым открытиям и инновациям в различных областях;

- улучшение качества образования: сотрудничество с зарубежными университетами способствует повышению качества образования в целом. Оно позволяет университетам привлечь высококвалифицированных преподавателей и исследователей со всего мира, предлагает доступ к передовым методикам обучения и ресурсам, а также способствует обновлению учебных программ и внедрению современных подходов к образованию.

В целом, сотрудничество с зарубежными университетами является важным фактором развития высшего образования. Оно позволяет университетам быть в курсе мировых тенденций и инноваций, расширять знания и опыт своих студентов и преподавателей, а также развивать международные исследования и сотрудничество.

4. **Разработка актуальных учебных программ:** Университеты Таджикистана активно работают над обновлением учебных программ в соответствии с требованиями современного рынка труда и мировыми тенденциями. Вводятся новые специальности, обновляются учебные планы, добавляются практические занятия и стажировки, чтобы студенты могли получить актуальные навыки и знания, необходимые для успешной карьеры.

Актуальные учебные программы играют важную роль в развитии высшего образования, поскольку они формируют содержание и структуру образовательного процесса. Влияние этих программ можно рассмотреть по следующим аспектам:

- актуальность знаний: Современные учебные программы включают в себя новейшие достижения науки, технологий и культуры. Они ориентированы на актуальные требования рынка труда и обеспечивают студентам учебный материал, который является релевантным и полезным в профессиональной деятельности;

- гибкость и индивидуализация: Современные учебные программы предоставляют студентам возможность выбора из широкого спектра дисциплин и предлагают гибкую систему курсов. Это позволяет адаптировать учебный процесс к индивидуальным потребностям и интересам студента;

- Новые учебные программы обычно предлагают междисциплинарный подход к обучению. Это означает, что студенты изучают не только предметы, относящиеся непосредственно к основной специальности, но и дополнительные дисциплины, которые помогают расширить их общую базу знаний;

- профессиональная подготовка учебные программы обеспечивают студентам не только теоретические знания, но и практические навыки, необходимые для успешной работы в выбранной области. Часто в программы включаются профессиональные стажировки, практические занятия и проекты, чтобы помочь студентам применить полученные знания на практике;

- Современное образование стремится к глобальному измерению, учитывая культурные, социальные и экономические различия.

Современные учебные программы способствуют развитию межкультурных компетенций и предлагают возможности для интернационализации образования, например, через обмены студентами и учебные программы за границей;

- развитие критического мышления: Новые учебные программы обычно ориентированы на развитие критического мышления студентов. Они поощряют анализ, оценку, синтез и применение знаний в различных контекстах, что способствует развитию интеллектуальной гибкости и адаптивности.

В целом, современные учебные программы играют важную роль в развитии высшего образования, обеспечивая студентам современные знания, практические навыки, адаптивность и глобальное мышление. Они способствуют подготовке выпускников, которые готовы к решению сложных задач и успешной карьере в современном мире.

Таким образом, все эти подходы содействуют развитию высшего образования в Таджикистане, повышению его качества и улучшению доступности для всех слоев населения.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Бадарча, Д. Информационные и коммуникационные технологии в образовании: монография / Под.редакцией: Бадарча Дендева – М.: ИИТО ЮНЕСКО, 2013. – 320 стр.
2. Назаров, Дж.У. Номаи донишгоҳ учёные записки Scientific Notes №2(51) 2017 252 с
3. Тевс, Д.П., Подковырова В. Н. Использование современных информационных и коммуникационных технологий в учебном процессе: учебно-методическое пособие / Авторы-составители: Д.П. Тевс, В. Н. Подковырова, Е. И. Апольских, М. В, Афонина. – Барнаул: БГПУ, 2006
4. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года.-Душанбе 2016г. 104с. http://ef ca.tj/publications (дата обращения: 27.10.2023). - Режим доступа: для зарегистрир. пользователей. - Текст: электронный.
5. Постановление Правительства Республики Таджикистан от 31 августа 2022 года № 439 «О Концепции перехода на цифровое образование в Республике Таджикистан на период до 2042 года https://online.zakon.tj (дата обращения: 27.10.2023). - Режим доступа: для зарегистрир. пользователей. - Текст: электронный.

ТДУ (УДК) -159.9
ТКБ (ББК) -88
Х-88

# МАСЪАЛАҲОИ ОМӮЗИШИ ҲОЛАТҲОИ СТРЕСС ДАР ПСИХОЛОГИЯ

***ХОЧИБОЕВА Раъно Муҳсиновна*** – *омӯзгори калони кафедраи психологияи иҷтимоӣ ва касбии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1.* ***E-mail:*** *rkhochiboeva@mail.ru,* ***тел.:*** *(+992) 92 613 48 04*

Мақолаи мазкур маҳз ба масъалаҳои омӯзиши ҳолатҳои стресс дар психология бахшида шудааст. Стресс ҳолати бошиддат ва дарозмуддати психикиро ифода мекунад, ки шахс ҳангоми дучор шудан ба сарбории зиёди эмотсионалӣ ба он гирифтор мешавад. Стресс фаъолияти одамро вайрон карда, ба рафтори муқаррарии ӯ халал ворид месозад. Дар мақола муаллиф андешаронӣ намуда, таъкид кардааст, ки дар зери таъсири стресс организми инсон шиддати стрессро аз сар мегузаронад, ки ба шарофати он инсон метавонад дар як лаҳза тамоми захираҳои дохилии худро сафарбар карда, монеаро бартараф намояд. Дар хотимаи мақола муаллиф хеле тадқиқоти муфассал гузаронида, кӯшиш кардааст, ки таърифи кории стрессро дар асоси омӯзиши назарияю амсилаҳои стресс, шароити пайдоиш ва зоҳиршавии стресс ва таъсири он ба шахсият таҳия намояд.

***Вожаҳои асосӣ:*** *психология, педагогика, ҳолатҳои психологӣ, стресс, фаъолият, шахсият, омӯзиш, вазъият, таъсир.*

# ПРОБЛЕМЫ ИЗУЧЕНИЯ СТРЕССОВЫХ СИТУАЦИЙ В ПСИХОЛОГИИ

***ХОДЖИБОЕВА Раъно Мухсиновна*** – *старший преподаватель кафедры социальной и профессиональной психологии Худжандского государственного Университета им. академика Бобожона Гафурова, г. Худжанд, проезд Мавлонбеков, 1.* ***E-mail:*** *rkhochiboeva@mail.ru,* ***тел.:*** *(+992) 92 613 48 04*

Эта статья посвящена вопросам изучения стрессовых ситуаций в психологии. Стресс представляет собой интенсивное и длительное психическое состояние, которое человек испытывает, когда сталкивается с большой эмоциональной нагрузкой. Стресс нарушает деятельность человека и мешает его нормальному поведению. В статье автор задумался и подчеркнул, что под воздействием стресса организм человека испытывает стрессовое напряжение, благодаря которому человек в одно мгновение может мобилизовать все свои внутренние ресурсы и преодолеть препятствие. В конце статьи автор провел очень детальное исследование и попытался разработать рабочее определение стресса на основе изучения теорий и направлений стресса, условий возникновения и проявления стресса и его влияния на личность.

***Ключевые слова:*** *психология, педагогика, психологические ситуации, стресс, деятельность, личность, обучение, ситуация, влияние.*

# PROBLEMS OF STUDYING STRESSFUL SITUATIONS IN PSYCHOLOGY

***KHODJIBOEVA Rana Mukhsinovna*** - *applicant, Senior lecturer of the Department of Social and Professional Psychology of Khujand State University named after Academician Bobojon Gafurov, Khujand, Mavlonbekov Passage 1.* ***E-mail:*** *rkhochiboeva@mail.ru,* ***phone:*** *(+992) 92 613 48 04*

This article is devoted to the study of stressful situations in psychology. Stress is an intense and prolonged mental state that a person experiences when faced with a large emotional load. Stress disrupts human activity and interferes with his normal behavior. In the article, the author reflected and emphasized that under the influence of stress, the human body experiences stress stress, thanks to which a person can mobilize all his internal resources in an instant and overcome an obstacle. At the

end of the article, the author conducted a very detailed study and tried to develop a working definition of stress based on the study of theories and directions of stress, conditions for the occurrence and manifestation of stress and its impact on personality.

**Keywords:** *psychology, pedagogy, psychological situations, stress, activity, personality, learning, situation, influence.*

Яке аз ҳолатоҳои маъмултарини эмотсионалӣ дар замони муосир стресс маҳсуб меёбад. Стресс ҳолати бошиддат ва дарозмуддати психикиро ифода мекунад, ки шахс ҳангоми дучор шудан ба сарбории зиёди эмотсионалӣ ба он гирифтор мешавад. Стресс фаъолияти одамро вайрон карда, ба рафтори муқаррарии ӯ халал ворид месозад. Агар стрессҳо зуд-зуд ба амал оянду давомдор бошанд, он гоҳ, на танҳо ба ҳолати психикӣ, балки ба саломатии ҷисмонии инсон низ таъсири манфӣ мерасонанд. Онҳо «омилҳои хавф»-и асосии зоҳиршавӣ ва авҷ гирифтани чунин бемориҳо ба монанди бемориҳои дилу рагҳо ва бемориҳои рӯдаю меъда мебошанд.

Аз таҳқиқоти олимон бармояд, ки асосноккунии илмии мушкилоти стресс танҳо дар даҳсолаҳои охир ба амал омадааст, гарчанде файласуфон ба ин масъала ҳанӯз аз давраи қадим таваҷҷуҳ зоҳир карда буданд.

Сарфи назар аз он, ки бори аввал стресс дар осори В. Вундт, В. Ҷеймс, Р. Мэннинг ва У. Кеннон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, ҳамчун асосгузори назарияи стресс психофизиологи канадагӣ Ҳанс Селйе шинохта шудааст. Моҳи июли соли 1936 дар маҷалаи англисии «Nature» мактуби ӯ ба редаксия бо номи «синдроми зери таъсири омилҳои гуногуни зараровар баамаломада» ба чоп расид, ки дар он оид ба аксуламалҳои муқаррарии организм ба таъсири омилҳои гуногуни дардовар маълумот дода шудааст.

Ба ақидаи Ҳ.Селйе стресс (синдроми умумии мутобиқшавӣ) аксуламали ғайримуқаррарии организм дар ҷавоб ба ҳама гуна таъсирти манфӣ мебошад. Ба таври дигар гуем, ин маҷмуи дигаргуниҳое мебошад, ки дар бадан ҳангоми дучор омадан ба хатар пайдо мешавад: дараҷаи адреналин дар хун якбора меафзояд, фишори хун баланд мешавад, набз тез мешавад, рагҳои хунгард васеъ мешаванд, шиддатнокии фаъолияти майна ва мушакҳо меафзояд, эҳсоси гуруснагӣ пахш карда мешавад ва қариб 1400 тағйироти психофизиологии дигар ба амал меояд. Ба ин маъно, стресс ҳамчун як дастгоҳи бақои ҳаёт вуҷуд дорад. Вобаста ба шиддати зоҳиршавиаш, стресс метавонад ба фаъолияти инсон ҳам таъсири мусбат ва ҳам таъсири манфӣ (то вайронкунии пурраи он) расонад [12].

Дар луғати энсиклопедии советӣ стресс чунин тавсиф дода шудааст: “ҳолати шиддатноке, ки дар одам ё ҳайвон дар зери таъсироти сахт ба амал меояд”, синдроми мутобиқшавӣ (синдроми умумии мутобиқшавӣ) бошад, ҳамчун маҷмӯи аксуламалҳои муҳофизатии инсон ё ҳайвон (асосан системаи эндокринӣ) ҳангоми стресс.

Истилоҳи "стресс" (аз англисӣ. stress - фишор, шиддат) аз соҳаи техника гирифта шудааст, ки дар он ҷо ин калима барои ифода кардани қувваи берӯнаи ба объекти физикӣ таъсиррасонанда ва бавуҷудоварандаи шиддатнокӣ дар он, яъне тағйироти муваққатӣ ё доимӣ дар сохтори объект, истифода мешавад. Дар физиология, психология ва тиб ин истилоҳ барои ифода кардани он ҳолати инсон истифода мешавад, ки дар ҷавоб ба таъсироти гуногуни ғайримуқаррарӣ ба амал меояд. Дар ибтидо, мафҳуми стресс дар физиология барои ифода кардани аксуламалҳои ғайримуқаррарии бадан («синдроми умумии мутобиқшавӣ») дар ҷавоб ба ҳама гуна таъсироти манфӣ истифода мешуд [10].

Ҳамин тариқ, вожаи "стресс" дар тарҷума аз англисӣ маънои фишор, ташаннуҷ, шиддат, инчунин, таъсироти беруниро дорад, ки ин ҳолатро ба вуҷуд меорад. Мафҳуми «стресс» дар ҳаёти ҳаррӯзаи мо торафт устувортару васеътар ворид мегардад. Ин мафҳум бо шарофати табиб ва зистшиноси канадагӣ Ҳ. Селйе, ки соли 1936 ба аксуламали махсуси организм ба ҳама гуна таъсирот таваҷҷуҳ зоҳир намуд, ба гардиши илмӣ ворид карда шуд.

Мавриди қайд аст, ки олими канадагӣ Ҳ.Селйе, ки мафҳуми стрессро ба физиология ворид намудааст, ин истилоҳро нисбат ба фаҳмиши техникии он ба маънои муқобил истифода кардааст. Ӯ шароитҳои таъсирашон тобиши осебовар доштаро стрессорҳо ва ҳолати дар ин шароит дар ҳайвонот бавуҷудояндаро стрессҳо, яъне вокуниш ба таъсироти берӯна номида аст.

Ҳ. Селйе соли 1936 назарияи стрессро пешниҳод карда бошад ҳам, муаррифии мукаммалтару инкишофи он дар асарҳои минбаъдаи муаллиф (1956, 1974, 1979, 1980) инъикос ёфтааст.

Дар назарияи Ҳ. Селйе, ки худаш онро «синдроми умумии мутобиқшавӣ» номидааст, стресс ҳамчун аксуламали физиологӣ ба омилҳои физикӣ, химиявӣ ва органикӣ баррасӣ мешавад [12].

Дар ин назария, стресс ҳамчун вокуниши ғайримуқаррарии бадан ба ҳама гуна таъсирот баррасӣ мешавад, ки маънои хос ва махсусияти худро дорад.

Хусусияти асосии ин консепсияи стрессро тавсиф намуда, Л. А. Китаев-Смик қайд мекунад, ки объекти таҳқиқоти Ҳ. Селйе, яъне симптомҳои ғайрихоси мутобиқшавии стресс мафҳуми нисбӣ аст. Онҳоро танҳо тавассути ҷудо кардани аломатҳои монанд аз маҷмӯи аломатҳои мутобиқшавӣ "дидан" мумкин аст [7].

Дар адабиёти муосири илмӣ мафҳуми «стресс» камаш ба се маъно истифода мешавад. Аввалан, мафҳуми стрессро метавон ҳамчун шиддат ё ҳаяҷон дар зери таъсири ҳама гуна ангезаҳои беруна ё ҳодиса маънидод кард. Айни замон ин ангеза ва ҳодисаҳоро бештар "стрессор", яъне "омили стресс" меноманд. Сониян, стресс метавонад ба аксуламали субъективӣ дохил шавад ва ба ин маъно ҳолати ботинии психикии шиддат ва ҳаяҷонро инъикос мекунад. Ин ҳолат ҳамчун эмотсия, аксуламали муҳофизатӣ ва раванди мубориза бо ҳолати дар худи шахс рӯйдиҳанда шарҳ дода мешавад. Чунин равандҳо метавонанд ба рушд ва такмили системаҳои функсионалӣ мусоидат кунанд, инчунин, боиси пайдошавии шиддати психикӣ гарданд. Ниҳоят, сеюм, стресс метавонад аксуламали физиологии бадан ба талабот ё таъсироти осебовар бошад. Вазифаи ин аксуламалҳои ҷисмонӣ дастгирии амалҳои рафторӣ ва протсессҳои психикӣ барои бартараф кардани ин ҳолат аст (Вабит А., 1990; Бодров В.А., 1995) [2]

Дар психология мафҳуми стресс аз нуқтаи назари гуногун баррасӣ мешавад. Стресс – ин аксуламали ғайримуқаррари (умумӣ)-и организм ба таъсирот (ҷисмонӣ ё психологӣ) мебошад, ки худтанзимнамоии он, инчунин, ҳолати мувофиқи системаи асаб (ё умуман организм)-ро вайрон мекунад. Аксуламали ғайримуқаррарӣ ҳамеша як маҷмӯи тағйироти физиологии организми зинда дар ҷавоб ба ҳама гуна талаботи ба он пешниҳодшуда мебошад ё худ синдроми умумии мутобиқшавӣ (ҳамин тавр, то вақте организм зинда аст, стресс вуҷуд дорад, стресс нест – ҳаёт нест). Падидаи аксуламали ғайримуқаррарии организмро дар ҷавоб ба таъсироти гуногуни зараровар синдроми мутобиқшавӣ ё стресс меноманд [23].

Намудҳои стрессро аз рӯи омилҳои таъсиркунанда гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст. Стрессорҳо ин таъсироти гуногуни ногаҳонӣ мебошанд, ки ба инкишофи ҳолати функсионалии нофорам, яъне стресс мебаранд [3].

а) стрессорҳои физиологӣ – сарбории аз ҳад зиёди ҷисмонӣ, ҳарорати баланд ё паст, ангезаҳои дард ва ғ.

б) стрессорҳои психологӣ – омилҳое, ки ҳамчун хабаррасон амал мекунанд: таҳдид, хатар, сарбории ахборӣ ва ғ.

Дар асари худ К.И. Погодаев (1976) стрессро ҳамчун ҳолати шиддат ё шиддати аз ҳад зиёди равандҳои мутобиқшавии метаболикии майнаи сар тавсиф медиҳад. Дар ин назария инкишофи синдроми стресси эмотсионалӣ ҳамчун аксуламали биологии организм ба иттилооти барои фард муҳим, асосан ҳамчун ҳолати раванди худтанзимкунии дохилиҳуҷайравии унсурҳои системаи марказии асаб муайян карда мешавад. Онҳо дар ниҳоят муайян мекунанд, ки оё рафтори мувофиқи бадан дар вазъияти стресс таъмин шуда, мутобиқшавӣ ба амал меояд ё «рахнашавӣ»-и системаи мутобиқшавии психологии фард ба таъсироти ахборотии стрессовар сурат мегирад [5].

Э.Фромм (1995) стрессро як навъи махсуси ҳолатҳои эмотсиогенӣ меномад, ки дар он мутобиқшавӣ халалдор мегардад [11].

Муаллифони дигар ба монанди Р. Лазарус, С. Фолкман (1986) ва Л.В. Куликов (1997) стресси психологиро ҳамчун муносибати барои некӯаҳволии шахс аҳаммиятдошта бо муҳити атроф, ки захираҳои мавҷудаи организмро месанҷанд ва дар баъзе ҳолатҳо метавонанд онҳоро афзоиш диҳад, тавсиф медиҳанд [8]. Дар навбати худ Ҷ. Эверли (1965) моҳияти вазъияти стрессиро аз даст додани назорат аз болои вазъият ва даст кашидан аз эътинокунӣ медонад [32].

Ю.Ч. Савенко (1985) стресси психологиро ҳамчун ҳолати монеаэҷодкунанда ба худфаъолсозии шахс ба қалам медиҳад [14].

Баъзе муаллифон дар зери мафҳуми стресс, падидаеро мефаҳманд, ки дар вайроншавии рафтор то ҳадди пайдо шудани ташаннуҷи асабию эмотсионалӣ ифода меёбад, инчунин, баъзе ҳолатҳои мобайние, ки метавон онҳоро зоҳиршавии шиддати психикӣ манидод кард (Наенко Н.И., Овчинников О.В., 1967) [9].

Айни замон, бинобар мавҷуд набудани назарияи умумии стресс, таърифи маъмули он низ вуҷуд надорад. Ҳамин тариқ, бо назардошти вариантҳои гуногуни муайян кардани моҳияти стресс Н.Х. Ризви (1985) қайд кардааст:

1. Баъзан ин мафҳум ҳолати нооромиро дар организм ифода мекунад, ки бояд баратаф карда шавад ё коҳиш ёбад. Ба ин маъно, мафҳуми стресс аз ҳолатҳои ногувор, аз қабили изтироб ё маромҳои агрессивӣ, дарди сабук ва диссонанс каме фарқ дорад.

2. Стресс ҳамчун аксуламали психикӣ ва рафторӣ ҳисобида мешавад, ки ҳолати изтироби дохилӣ ё фурӯ нишонидани онро ифода мекунад.

3. Стресс ҳамчун ҳодиса ё ҳолат дар муҳити ҷисмонӣ ё иҷтимоӣ муайян карда мешавад, ки боиси андешидани чораҳо ҷиҳати дурӣ ҷустан аз агрессия, қабули қарор оид ба бартараф кардан ё дурӣ ҷустан аз вазъияти таҳдидовар мегардад. Чунин мафҳум ба монанди «стрессорҳо» ба мафҳумҳои хатар, таҳдид, фишор, низоъ, фрустратсия ва ҳолати фавқулодда шабоҳат дорад [13].

Инчунин, стресс ҳолати шахс дар шароити фавқуллода мебошад, ки дар дараҷаи физиологӣ, психологӣ ва рафторӣ зоҳир мешавад. Шароити фавқуллода ин таъсири ниҳоят шадиди муҳити беруна аст, ки дар сарҳади таҳаммулпазирӣ қарор дошта, метавонанд боиси халалдоршавии мутобиқшавӣ гардад. Омилҳои фавқуллода (Кузнетсов А. Г.) боиси ба вуҷуд оамадан тағйироти калон дар бадан мегарданд. Омилҳои физикӣ, физикӣ-кимиёвӣ ва иҷтимоӣ-психологиро ҷудо мекунанд [6].

Таҳлили ба ин монанди истилоҳи «стресс»-ро Л. Китаев-Смик (1983) пешниҳод намуда, қайд мекунад, ки дар адабиёти муосир ин истилоҳ ҳангоми ифодаи мафхумҳои зерин ба назар мерасад:

1. Таъсири сахт, ноорам ва манфӣ ба организм.

2. Аксуламали сахти физиологӣ ё психологии барои бадан номусоид ба таъсири стрессор.

3. Аксуламали сахти дорои навъҳои гуногун, ки барои организми инсон ҳам номусоид ва ҳам мусоид аст [7].

В. Бодров (1995) чунин мешуморад, ки фаҳмиши мувофиқтари «стресс»-ин зоҳиршавии ғайрихоси физиологӣ ва психологии фаъолии мутобиқшавӣ ҳангоми таъсироти қавӣ ва фавқуллода ба организм мебошад [3].

Бояд гуфт, ки стресс як падидаи мураккаби сертобиш аст, ки дар соҳаҳои гуногуни ҳаёту фаъолияти инсон зоҳир мешавад. Ҳар як шахс, новобаста аз ҷинс, синну сол ва хусусиятҳои иҷтимоию демографиаш ба стресс дучор мешавад. Ҳангоме ки мо зиндагӣ мекунем, тавассути амалисозии ин ё он рафтор бо муҳити атроф ё бо худ муошират мекунем, ин ё он мароми фаъолиятро амалӣ мегардонем, фаъолияти рӯзмарраи худро ба нақша мегирем ё дар бораи рӯзи гузашта фикр мекунем, ба ин ё он тарз ва ба дараҷаи гуногун ба стресс гирифтор мешавем [5].

Барои равшан кардани мафҳуми стресс Р. Лазарус (1970) ду муқаррароти асосиро пешниҳод кардааст: иштибоҳи истилоҳотӣ ва зиддиятҳоро дар муайян кардани таърифи мафҳуми “стресс” бартараф кардан мумкин аст, агар ҳангоми таҳлили стресси психологӣ на танҳо ангеза ва аксуламалҳои стресси мушоҳидашавандаи беруна ба инобат гирифта шавад, балки баъзе протесссҳои психологии ба стресс алоқаманд низ бояд ба эътибор гирифта шаванд (масалан, раванди баҳодиҳӣ ба таҳдид); аксуламали стрессиро танҳо бо дарназардошти равандҳои муҳофизатии дар натиҷаи таҳдид ба вуҷуд омада фаҳмидан мумкин аст, системаҳои физиологӣ ва рафтории вокуниш ба таҳдид бо сохтори дохилии шахсият ва нақши ӯ дар саъю кӯшиши субъект барои мубориза бо ин таҳдид алоқаманд мебошанд [8].

Дар адабиёти муосир таснифоти гуногуни стресс вуҷуд дорад:

1. Стресси рӯзмарра, ки аксуламали ҷисм ба ҳодисаҳои хурду ночиз буда, дар ҳаёти ҳаррӯза ба назар мерасанд, аммо ба шахс таъсири манфӣ мерасонанд, масалан, мушкилоти доимии саломатӣ, нарасидани пул барои либос, мушкилоти пухтани хӯрок ва ғ.

2. Стресси эмотсионалӣ – аксуламал ба зери шиддат қарор гирифтани системаи асаб.

3. Стресси касбӣ - падидаи сертобише, ки дар аксуламалҳои психикӣ ва ҷисмӣ ба ҳолатҳои шиддатнок дар фаъолияти меҳнатии шахс ифода меёбад.

4. Стресси иттилоотӣ – ҳолате, ки дар натиҷаи сарбории иттилоотӣ ба вуҷуд меояд, зеро шахс наметавонад бо суръати муқаррарӣ ба он тоб оварда, қарори мувофиқ қабул кунад. Олими маъруфи рус дар соҳаи стресс ва муқовимат ба стресс, доктори илмҳои биологӣ, профессор Ю.В. Щербатих [17] аз рӯи қобилияти шахс барои таъсиррасонӣ ба стресс се намуди стрессро ҷудо мекунад: стрессҳое, ки аз мо вобаста нестанд; стрессҳое, ки мо воқеан метавонем ба онҳо таъсир расонем; стрессҳое, ки самараи хаёли худи мо мебошанд.

Бояд гуфт, ки муҳаққиқон ду шакли стрессро фарқ мекунанд: стресси судманд – эустресс ва стресси зарарнок – дистресс. Аксар вақт, дар зери стресс аксуламалҳоро ба таъсири манфии муҳити беруна ё омилҳои беруна мефаҳмам. Эустресс ин стресси муқаррариест, ки барои нигоҳдорӣ ва дастгирии ҳаёт хидмат мекунад («*stress*» (англ.) - фишор, шиддат); дитресс ин стресси патологӣ буда, дар аломатҳои дарднок зоҳир мешавад (“*distress*” (англ.) – андӯҳ, бадбахтӣ, бемадорӣ, хастагӣ, ниёзмандӣ) [**Ошибка! Источник ссылки не найден.**].

Барои он ки стресс характери эустрессро ба худ гирад, шароитҳои муайян бояд вуҷуд дошта бошанд: заминаи эмотсионалии мусбат; таҷрибаи ҳалли мушкилоти ҳамсон дар гузашта ва назари нек ба оянда; дастгирии амали шахс аз ҷониби атрофиён; мавҷудияти захираҳои кофӣ барои бартараф кардани стресс. Гузариши стресс ба дистесс дар сурати мавҷуд набудани ин омилҳо ва ё дар сурати мавҷуд будани омилҳои дигари ҳам объективӣ ва ҳам субъективӣ имконпазир аст: омилҳои эмотсионалӣ-когнитивӣ: набудани иттилооти зарурӣ, пешгӯии манфии вазъият, ҳисси нотавонӣ дар назди мушкилот ва ғ.; таъсироти пурзӯри аз қобилияти мутобиқшавии организм бартаридошта (аз лиҳози неру); давомнокии тӯлонии таъсири стресс, ки боиси тамом шудани захираи мутобиқшавӣ мегардад.

Инчунин, стресс метавонад объективӣ ва субъективӣ бошад. Стресси объективӣ ҳамчун мавҷудияти вайроншавии физиологӣ ва психологӣ дар шахс фаҳмида мешавад. Стресси субъективӣ ҳамчун коҳиш ёфтани заминаи умумии психоэмотсионалӣ фаҳмида мешавад. Лозим ба ёдоварӣ аст, ки психика ва ҷисм ҷузъҳои як системаи нерӯӣ-ахборӣ мебошанд. Агар дар ҷисм тағйирот ба амал ояд, он гоҳ ин дар ҳолати психикии одам ифода мёебад ва баръакс, тағйир ёфтани ҳолати психикӣ боиси пайдошавии дигаргуниҳо дар ҷисм мегардад.

Дар адабиёти илмӣ мафҳуми «стресси психологӣ» ё «стресси эмотсионалӣ»-ро ҷудо мекунанд. Ин стресс ҳолати ба таври равшан зоҳиршавии эмотсияҳоро ҳангоми азсаргузаронии вазъиятҳои ҳаётии ихтилофнок, ки боиси яку якбора ё ба муддати дароз маҳдуд кардани қонеъномоии талаботи иҷтимоӣ ё биологии ӯ мегардад, ифода мекунад.

Ба ақидаи пажӯҳишгарони рус А.Фридман, Д. Галансев ва Ю.Щербатий, «стресс ин аксуламали давомдори силсилавӣ (психологӣ ва ҳормонӣ)-и организм ба вазъиятҳои ҳаётӣ мебошад, ки шахс онҳоро ҳамчун таҳдид ба некӯаҳволии худ арзёбӣ мекунад ва имконияти бо осонӣ ҳал карданашонро надорад" [16].

Бояд гуфт, ки омилҳои бавуҷудоварандаи стрессро «стрессорҳо» ва маҷмӯи тағйироти дар организм зери таъсири стресс баамалояндаро, синдроми умумии мутобиқшавӣ меноманд.

Чи тавре ки таҳлили муфассали таҳқиқоти психологии одамон ва таҷрибаҳои психофизиологӣ бо ҳайвонот шаҳодат медиҳанд, ин омил ҳолати психологиест, ки дар дар ҷавоб ба таъсирот пайдо мешавад. Аз ин рӯ, дар баробари истилоҳи «стресси эмотсионалӣ» истилоҳи «стресси психологӣ» низ истифода мешавад.

Ҳамаи гуфтаҳои боло далели он аст, ки таҳқиқотҳо тафовути возеҳи маъногию моҳиятиро дар байни мафҳумҳои «стресси эмотсионалӣ» ва «стресс психологӣ» тасдиқ намекунанд. Гузашта аз ин, дар аксари онҳо ин мафҳумҳоро ҳамчун ҳаммаъно истифода мешаванд.

Муҳақиқони дигар, ба монанди Л. Китаев-Смик (1983) ва Г.Н. Кассил (1983) дар зери мафҳуми стресси эмотсионалӣ доираи васеи тағйиротро дар зуҳуроти психологӣ ва рафторӣ мефаҳманд, ки онҳоро нишонаҳои равшан ифодаёфтаи ғайримуқаррарии тағйирёбии биокимиёвӣ, электрофизиологӣ ва дигар аксуламалҳо роҳнамоӣ мекунанд [8].

Ю. А. Александровский (1976) стресси эмотсионалиро бо шиддатнокии монеа ба мутобиқшавии психикӣ алоқаманд мекунад ва оқибатҳои патологии стресси эмотсионалиро бошад бо ҳукмфаромоии ин монеа [1].

Дар омӯзиши стресси психологӣ масъалаи муносибати байни эмотсия ва стресс муҳим боқӣ мемонад ва комилан равшан нест. Гумон меравад, ки ҷузъи асосӣ ва бунёдии стресси психологӣ маҳз ҳаяҷони эмотсионалӣ аст.

Эмотсияҳо яке аз шаклҳои фаъолияти психикӣ буда, на танҳо ба одамон, балки ба ҳайвонот низ хос мебошанд. Шиддати давомдори эмотсионалӣ сабаби асосии аксар

бемориҳои психосоматикӣ мебошад ва ҳолати патологии эмотсионалӣ ҳамчун зуҳуроти психопатология ҳадафи амалиёти психофармакологӣ қарор мегирад (Анохин П. К., 1975) [2].

Дар таҳқиқоти илмӣ баррасӣ намудани стресс ҳамчун ҳолати махсус, ки ба дигар ҳолатҳои эмотсионалӣ (аффектҳо, ҳиссиёт, изтироб ва ғ.) наздик аст, бештар дида мешавад.

Тибқи муқаррароти адабиёти илмӣ ба сифати меъёрҳое, ки аз рӯи онҳо стрессро метавон арзёбӣ кард, на танҳо аксуламалҳои физиологӣ, балки ҳолати психикӣ ва тағйиротро дар фаъолият низ бояд ба назар гирифт. Меъёри асосии мавҷудияти стресс дараҷаи тағйирёбии сатҳи функсионалии фаъолият мебошад (Наенко Н.И., 1976 ва диг.) [9].

Стресс метавонад ҳам зери таъсироти пурқуввати берӯна ва аксуламалҳои беихтиёр ба онҳо, инчунин, ҳангоми эътироф намудани мураккабии вазъият, ноилоҷӣ ё душвории бузург дар ҳалли мушкилот ба вуҷуд ояд.

Бояд гуфт, ки тафсири мафҳуми «стресс» гуногунранг аст ва зуҳуроти зиёде ба он дохил мешаванд. Ҳам ҳолати муайян, ҳам раванди таъсири стрессор ба субъект ва умуман, тамоми вазъиятеро, ки дар он субъект ҳолати стресс гирифтор мешавад, стресс меноманд.

Ҳамин тариқ, стресс ин ҳолати шиддатнокии организм, яъне вокуниши ғайримуқаррарии организм ба талаботи ба он пешниҳодшуда (вазъияти стресс) мебошад. Дар зери таъсири стресс организми инсон шиддати стрессро аз сар мегузаронад, ки ба шарофати он инсон метавонад дар як лаҳза тамоми захираҳои дохилии худро сафарбар карда, монеаро бартараф намояд. Вале чунин мешавад, ки вазъияти стресс музмин шуда мемонад ва баъд марҳалаи хасташавӣ оғоз гардида, одамро ба афсурдагии эмотсионалӣ ва бемориҳои психосоматикӣ гирифтор мекунад. Бинобар ин, донистан муҳим аст, ки кадом усулҳои худтанзимкунӣ ва барқарорнамоӣ барои ба эътидол овардани ҳолати ҷисмонӣ ва психоэмотсионалии одам ёрӣ мерасонанд.

Ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки стресс ин аксуламали организм ба ҳар як талаботи ба ӯ пешниҳодшуда мебошад: хоҳ ин як саволи ғайричашмдошт бошад ва хоҳ тавассути купруки ресмонӣ гузаштан аз болои дарёи пукртуғён. Ҳатто саҳар, вақте ки мо аз хоб мехезем, дастгоҳи стресс ба кор шурӯъ мекунад, ки ба мо барои аз ҷой бархестан кӯмак мекунад. Стресс ба мо кӯмак мекунад, ки дар ин дунё тавассути раванди гомеостаз зинда монем. Ҳамин тавр, вақте ки дар таносуби адреналину норадреналин, серотонину атсетилхолин ва ҳормонҳои дигар тағйирот ба вуҷуд меояд, дар ин вақт одам ё шодӣ ё изтиробро аз сар мегузаронад. Ҳаёт доимо тағйир меёбад ва ба ин тағйирот танҳо бо ёрии стресс мутобиқ шудан имконпазир аст. Баъзе одамон дар ҳама гуна гардиши нави ҳаёт фаъолона амал карданро афзалтар медонанд, дигарон ҳама чизро ба дил мегиранд ва аз ин рӯ бештар азоб мекашанд, зеро механизмҳои муҳофизатии онҳо ба зоҳиршавии стресс имкон намедиҳад, ҳолати психикии онҳо тағйир намеёбад ва маҳз ҳамин чиз барои мутобиқшавӣ зарур аст. Табиат дар мо ҳисси изтиробро ҷой дода, бо ин васила раванди зинда мондани инсонро таҳаввулотӣ гардонид. Масалан, агар шумо дар ҷангал бо хирс вохӯред, метарсаед ва табиист, ки гурехтан мехоҳед. Барои осон кардани раванди фирорнамоӣ, гомеостаз ба кор шурӯъ мекунад: сатҳи ҳормонҳои муайян афзоиш меёбад, хун ба мушакҳои пойҳо равон мешавад, он аз ковокии шикам мегузараду қувваи бештар пайдо мешавад, шумо мегурезед ва пас аз чанд вақт шумо ором мешавед.

Ҳамин тавр, таҳлили консепсияҳои асосии таълимоти стресс дар психология ба мо имкон дод, ки дар бораи номуайянии истилоҳии мафҳуми стресс хулоса барорем. Дар робита ба ин, мо кӯшиш кардем, ки таърифи кории стрессро дар асоси омӯзиши назарияю амсилаҳои стресс, шароити пайдоиш ва зоҳиршавии стресс ва таъсири он ба шахсият таҳия кунем.

## АДАБИЁТ


1. Александровский, Ю.А. Познай и преодолей себя. М., 1992.
2. Апчел, В. Я. Стресс и стрессоустойчивость человека /В. Я. Апчел, В. Н. Цыган. – Спб., 1999. – 86 с.
3. Бодров, В.А. Психологический стресс: развитие и преодоление [Текст] -М.: ПЕР СЭ, 2006. – 528 с.
4. Вяткин, Б.А. Управление психологическим стрессов в спортивных соревнованиях.- М.: Физкультура и спорт, 1981. 112с.
5. Губачев, Ю.М., Иевлев, Б.В., Карвасарский, Б.Д. и др. Эмоциональный стресс в условиях нормы и патологии [Текст]:. Л.: Медицина, 1996. - 224 с. С.36

6. Дашкевич, О.В. Эмоциональная регуляция деятельности в экстремальных условиях. Автореф. дис. док. псих. наук. М., 1985.
7. Китаев, Смык Л.А. Психология стресса. М.: Наука, 1983.-115с
8. Лазарус, Л. Эмоциональный стресс. М.: 1970.-206с.
9. Наенко, Н.И. Психическая напряженность. - М.,1976.- 112 с.
10. Одинцова, М. А. Психология стресса: учебник и практикум для вузов /М. А. Одинцова, Н. Л. Захарова. – М.: Юрайт, 2018. – 299 с.
11. Селье, Г. Стресс без дистресса. - М., 1979.
12. Селье, Г. Стресс без дистресса / Г. Селье. – М.: Прогресс, 1982. – 68 с.
13. Семыкин, В.В. Цветовой тест Люшера в задачах диагностики функционального состояния и работоспособности человека-оператора //Методика исследования диагностики ФС и работоспособности человека-оператора в экстремальных условиях.- М.,1987.- С. 61-71
14. Стресс жизни: Понять, противостоять и управлять им. -СПб, 1994.
15. Стресс жизни: Понять, противостоять и управлять им. -СПб, 1994.
16. Управление стрессом для делового человека. технологии управления стрессом, проверенные в корпоративных войнах, судебных баталиях и жестких переговорах / А. Фридман, Д. Галанцев, Ю. Щербатых, – М.: изд-во «добрая книга», 2018. – 512 с.
17. Щербатых, Ю. В. Психология стресса и методы коррекции / Ю. В. Щербатых. – сПб. : Питер, 2012. – 256 с.
18. Эверли, Дж. С., Розенфельд, Р. Стресс. Природа и лечение.-М., 1965.

## ВЕДУЩАЯ РОЛЬ САМОСОЗНАНИЯ В ФОРМИРОВАНИИ СОЦИАЛЬНОГО ОПЫТА В ПОДРОСТКОВОМ ПЕРИОДЕ

***НАДЖМИДДИНОВА Гулнора Мирзоевна** – соискатель Института развития образования им. А. Джами Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. А. Адхамова, 11/2. **E-mail:** nadzmidinova@mail.ru., **тел.:** (+992) 93 743 39 88*

В статье рассматривается роль самосознания в формировании социального опыта в подростковом периоде, автор статьи утверждает, что самосознание играет ведущую роль в формировании социального опыта в подростковом возрасте, который является новым этапом в развитии самосознания, являясь центральным личностным новообразованием и именно для этого периода характерно развитие у подростков рефлексии.

Автор статьи, исследовав и проанализировав научные источники по выбранной по теме диссертационного исследования, делает вывод, что одной из важных проблем современной педагогики является формирование социального опыта у учащихся младшего подросткового возраста. Решение данной проблемы позволит повысить самостоятельность подростков, их успешность в социуме и воспитать уверенность в своих силах, которые всегда востребованы в обществе и в этом контексте решение проблемы развития самосознания играет важнейшую роль в формировании социального опыта в подростковом периоде и если эти возможностей внеурочной деятельности по биологии будут использованы для повышения качества данного процесса.

***Ключевые слова:** самосознание, формирование, социальный опыт, подростковый период, развитие самосознания, рефлексия, современная педагогика, самостоятельность, успешность в социуме, внеурочная деятельность.*

## НАҚШИ ПЕШБАРИ ХУДШИНОСӢ ДАР ТАШАККУЛИ ТАҶРИБАИ ИҶТИМОӢ ДАР ДАВРАИ НАВРАСӢ

***НАҶМИДДИНОВА Гулнора Мирзоевна** – унвонҷӯйи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. А. Адҳамов, 11/2. **E-mail:** nadzmidinova@mail.ru., **тел.:** (+992) 93 743 39 88*

Дар мақола нақши худогоҳӣ дар ташаккули таҷрибаи иҷтимоӣ дар давраи наврасӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, дар зимн муаллифи мақола изҳор медорад, ки худогоҳӣ дар ташаккули

таҷрибаи иҷтимоӣ дар давраи наврасӣ, ки марҳилаи нав дар рушди худогоҳӣ мебошад, як марҳилаи марказии ташаккули шахсият буда, маҳз дар ин давра рушди худбаҳодиҳӣ дар наврасон хос аст.

Муаллифи мақола, пас аз таҳқиқ ва таҳлили манбаъҳои илмӣ дар мавзӯи тадқиқоти диссертатсионӣ, ба хулосае меояд, ки яке аз мушкилоти муҳими педагогикаи муосир ташаккули таҷрибаи иҷтимоӣ дар хонандагони наврас мебошад. Ҳалли ин мушкилот имкон медиҳад, ки мустақилияти наврасон, муваффақияти онҳо дар ҷомеа баланд бардошта шавад ва эътимод ба қобилиятҳои онҳо, ки ҳамеша дар ҷомеа талаб карда мешаванд ва дар ин замина, ҳалли мушкилоти рушди худогоҳӣ дар ташаккули таҷрибаи иҷтимоӣ дар давраи наврасӣ нақши муҳим мебозад ва агар ин имкониятҳои фаъолияти беруназсинфии биология барои баланд бардоштани сифати ин раванд истифода шаванд.

***Вожаҳои асосӣ:*** *худшиносӣ, ташаккул, таҷрибаи иҷтимоӣ, давраи наврасӣ, рушди худшиносӣ, инъикос, педагогикаи муосир, мустақилият, комёбӣ дар ҷомеа, фаъолияти берун аз дарс.*

## THE LEADING ROLE OF SELF-AWARENESS IN THE FORMATION OF SOCIAL EXPERIENCE IN ADOLESCENCE

***NAJMIDDINOVA Gulnora Mirzoevna*** *– applicant for the Institute for the Development of Education. A. Jomi Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe, st._11/2, A. Adkhamov.* ***E-mail:*** *nadzmidinova@mail.ru.,* ***phone:*** *(+992) 93 743 39 88*

The article examines the role of self-awareness in the formation of social experience in adolescence, the author of the article argues that self-awareness plays a leading role in the formation of social experience in adolescence, which is a new stage in the development of self-awareness, being a central personal neoplasm and it is for this period that the development of reflection in adolescents is characteristic.

The author of the article, having researched and analyzed scientific sources on the chosen topic of the dissertation research, concludes that one of the important problems of modern pedagogy is the formation of social experience among students of younger adolescence. Solving this problem will increase the independence of adolescents, their success in society and foster self-confidence, which are always in demand in society, and in this context, solving the problem of developing self-awareness plays a crucial role in shaping social experience in adolescence and if these opportunities for extracurricular activities in biology are used to improve the quality of this process.

***Keywords:*** *self-awareness, formation, social experience, adolescence, development of self-awareness, reflection, modern pedagogy, independence, success in society, extracurricular activities.*

Самосознание играет ведущую роль в формировании социального опыта в подростковом периоде, который является новым этапом в развитии самосознания, являясь центральным личностным новообразованием. Именно для этого периода характерно развитие у подростков рефлексии [1].

Как результат аккумуляции социального опыта необходимо считать новообразования личности (Л.И. Божович). Ж. Пиаже предложил свою периодизацию, в которой на возраст 7-11 лет приходится период конкретных операций, а с 12 до 15 лет длиться период формальных операций. Отсюда следует, что интересующий нас этап занимает место между двумя этими периодами.

В возрасте периода конкретных операций, дети учатся совершать мыслительные операции. При этом в этом процессе они ещё не выходят за границы наглядных логических цепочек. Абстрактное мышление становится им доступным в период формальных операций.

Умения, навыки, усвоенными детьми на данной стадии способствуют развитию мышления. Однако в школьников 10-12 лет оно ещё не полностью системно и абстрактно, по сравнению с учениками старших классов. Но при этом, оно существенно отличается от формы мышления школьников начальных классов своей рефлексией.

Рефлексия, по мнению И.Н. Болдырева, представляет собой процесс развития системы мышления, успешности взаимодействия личности с социумом, деятельности. Социализация в этом случае имеет рефлексивную связь с личностным диалогом, посредством которого индивид анализирует информацию, события, явления и делает адекватные выводы. Данные действия приводят человека к пониманию, каким образом он взаимодействует с другими членами общества [2, С, 56-61].

Рассматривая проблему формирования социального опыта у младших подростков, мы определяем рефлексивный характер его мышления, что является особенностью этого возрастного периода. Рефлексия помогает не только осмысливать приобретённый социальный опыт. Она формирует собственные ценности подростка, его ориентацию и жизненные установки.

С помощью рефлексии у человека формируется самосознание, то есть образ своего «Я» [6, С. 51-61]. Рефлексия проявляет себя во внутренних изменениях личности, но и способностью подростка понимать других людей, находясь с ними в определённом взаимодействии [3].

С.Л. Рубинштейн, описывая этапы формирования самосознания у детей подросткового возраста, указывает на их специфические состояния. Первый уровень, это наивное неведение самого себя, которое постепенно переходит в самооценку, часто резко меняющую свою направленность [11].

По нашему мнению, главным элементом, влияющим на формирование социального опыта у подростков младшего возраста, является самосознание, способствующее познанию реального состояния социального мира и осознанию своего места в нём.

Только при высокой активности развития самосознания ребёнка у него будет формироваться должным образом социальный опыт. Самосознание формируется при взаимодействии подростка с социумом и активизируется в процессе развития «Я-концепции».

Под термином «Я-концепция» понимается устойчивая, в определённой степени осознаваемая индивидуальная система представлений человека о собственном «Я». На этих представлениях индивид основывает мнение о самом себе и строит взаимодействие с представителями окружающего социума.

У младших подростков «Я-концепция» развивается с определёнными особенностями. Как считают Ю.А. Гущина, Н.И. Трубина и другие исследователи, в этом возрасте учащиеся ещё слабо понимают причины и следствия своих переживаний, поступков. Как итог, появляется некая агрессия в их поведении, тревожность [12, С. 287-293].

Рассматривая возрастные особенности личности, необходимо указать, что каждому периоду жизни человека характерна определённая ведущая деятельность, под которой понимается деятельность, влияющая на трансформацию психических, психологических особенностей развития ребёнка, как личности в конкретной стадии её формирования [9].

Д. И. Фельдштейн полагает, что для младших подростков основным видом деятельности является общественно полезная деятельность, непосредственно влияющая на формирование модели поведения ребёнка со сверстниками, взрослыми.

Привлечение подростков 10-11 лет к общественно полезным делам мотивирует их на действия, результатом которых будет польза для других людей, общества, семьи. Таким образом, у школьников формируется потребность в общественном признании.

Общение со сверстниками в этом возрасте несёт в себе интимно-личностные особенности и является ведущей деятельностью младших подростков (Т.В. Драгунова, Д.Б. Эльконин).

В младшем подростковом возрасте общение со сверстниками необходимо выделить в качестве особого вида деятельности, являющейся составной частью самостоятельной жизни ребёнка, способствующей развитию его, как социального существа.

С помощью общения младшие подростки самоутверждаются. При этом они одновременно хотят «быть как все» и каким-то образом выделиться из коллектива, добиться признания сверстников. Для подростков этого возраста характерно желание быть во взаимодействии со сверстниками, но только в том положении, которое их удовлетворяет.

Современная педагогическая наука определяет потенциал общения следующим образом:

- среда для социального развития;
- средство развития индивида.

Человек повышает свой социальный уровень, как субъекта в процессе взросления. Для этого ему понадобиться расширить круг общения, овладеть новыми знаниями, умениями, навыками, научится пользоваться различными формами общения, в процессе которого человек совершенствует свои способности саморегуляции, опираясь на нормы, правила, сформировавшимися в обществе.

Ценность общения понимают современные подростки даже самого раннего возраста. Входя в определённые объединения, отношения, они ставят деятельность общения на первое мест.

По причине дефицита общения, а так же в соответствие с возрастными особенностями характера младшие подростки часто создают сообщества разной социальной ориентации.

В коллективе сверстников младшие подростки стремятся получить признание. Как основной инструмент завоевания признания они выбирают общение, общественно-полезную деятельность. Эти две составляющие формирования социального опыта выделяются нами как особенно значимыми.

Чувствительность индивида к усвоению жизненных ценностей, норм и способов поведения необходимо отнести ещё к одной значимой особенности, способствующей развитию социального опыта у младших подростков.

Если рассматривать понятие «ценности» с позиции социальной психологии, то его трактовка следующая: интересы, идеалы, убеждения, цели, мировоззренческие позиции, в формировании которых участвовал социальный опыт.

Именно факт наиболее благоприятного воздействия на целенаправленное формирование ценностных ориентаций у младших подростков процесса осмысления себя, своего взаимодействия с другими людьми, по мнению Т.М. Чурековой является фундаментом освоения социального опыта, определяющего направленность личности, её социальные установки.

На этапе младшего подросткового возраста наиболее эффективно формируются ценностные ориентации под воздействием жизненного опыта и аккумулируются в идеалах, самооценке, убеждениях. Изменяется и уровень самосознания учащихся, стремящихся разобраться в своих индивидуальных особенностях, возможностях и способностях.

Для младшего подросткового возраста характерны следующие особенности:

- потребность в общественном признании через социально полезную деятельность;
- стремление через общение утвердиться в своей позиции;
- чувствительность к усвоению способов поведения, жизненных ценностей, норм общения.

Таким образом, вышеперечисленные характеристики позволяют нам утверждать, что младшие подростки находятся в возрасте, благоприятном для освоения социального опыта.

Взяв за основу трактовку социального опыта А.В. Мудрика, мы сделали вывод о том, что сущность исследуемого нами понятия заключается в синтезе ценностей, представлений и норм поведения, умений социального взаимодействия, стремлении младших подростков к внутреннему осмыслению с использованием мышления рефлексивного характера, которое поможет им в будущем успешно взаимодействовать в обществе.

Уровень сформированности социального опыта оценивается по комплексу параметров. Одним из самых значимых элементов такой оценки является целостность структуры социального опыта.

Анализ научной литературы по теме нашего исследования дал возможность установить, что в современной педагогике, психологии нет единства в определении отдельных элементов социального опыта.

Четыре его компонента выделяют И.Я. Лернер, В.В. Краевский [7]:

- знания о мире, видах деятельности;
- практический опыт осуществления деятельности определённого направления, выполнение правил, норм деятельности, способность к использованию интеллектуальных навыков;
- опыт творчества, формирующий творческий подход к деятельности, готовность к реализации творческих инициатив;
- опыт взаимодействия с объектами, средствами деятельности, проявляющийся в комплексе социальных потребностей различного типа, которые обуславливают эмоциональное восприятие системы ценностей.

Элементы социального опыта в предложенной модели, имеют одинаковую значимость и находятся во взаимосвязи. В модели отражена структура объективированного социального опыта, которые необходимо усвоить.

Г.Ф. Трубина высказала мнение, что данную модель необходимо дополнить коммуникативным компонентом, благодаря которому этот опыт аккумулируется и распространяется.

Модель обобщает социальный опыт, выработанный в процессе жизнедеятельности людей, проявляющий себя в знаниях, способах деятельности, нормах поведения, моральных принципах, готовности к творчеству, саморазвитию [13].

О.Н. Григорьева выделила в структуре социального опыта несколько основополагающих компонентов: когнитивный, представленный взаимосвязанными знаниями об особенностях своего развития; деятельностный, организованный как комплекс умений, способов проектировать свою деятельность; аксиологический, проявляющийся в отношении к профессиональной, учебной, исследовательской деятельности [5].

Е.П. Попова уточнила суть структуры социального опыта личности, указав на единство когнитивного и деятельностного компонентов, и мотивационной составляющей в виде стремлении субъекта к коммуникации со сверстниками, взрослыми людьми [10].

Своё видение структуры социального опыта представила Е.А. Опарина. По её мнению, такая структура состоит из следующих компонентов:

- информационно-познавательный в виде комплекса знаний о различных социальных умений, знаний, проблемах, ситуациях;
- мотивоционно-ценнностный, как собственное желание к активной жизни в социуме, ориентации на социальные ценности;
- поведенческо-деятельностный, состав которого представлен необходимыми умениями социального взаимодействия, нравственными принципами;
- рефлексивно-оценочный, аккумулирующий рефлексивные умения, помогающие личности осмысливать совё поведения в конкретных жизненных ситуациях.

Собственное мнение о структуре социального опыта имеет Н.Ф. Голованова. Она считает, что его базовыми компонентами являются такие компоненты [4]:

- содержательный (представления о ценностях социума);
- позитивно-оценочный, проявляющий себя в рефлексии личности, её готовности к принятию собственных решений в реальных жизненных ситуациях;
- функциональный, формирующий у личности индивидуальный стиль жизни.

Структурная модель О.Е. Куренковой позволит сформировать социальный опыт ученика средней общеобразовательной школы. Она имеет обобщённый характер. В основе модели лежит ролевая концепция данного процесса. Данная модель по своему содержанию во многом повторяет модель Н. Ф. Головановой. По мнению О.Е. Куренковой, социальный опыт человека состоит из двух пар элементов: аксиологический-познавательный, действенный-коммуникативный [8].

Аксиологический компонент этой модели первичен, так как индивид начинает выполнять определённую социальную роль с момента принятия ролевых ценностей. При этом он связан с познавательным элементом. Это объясняется тем, что выполнение ролевых требований происходит на информационном уровне. Усвоенные личностью знания, ценности проявляют себя в видах деятельности. Поэтому следующий компонент модели, это действенный. В качестве связки в нём выступает коммуникативный элемент.

Современные учёные склоняются к многообразию структуры социального опыта и выделяют в ней различный компонентный состав. Однако, такие компоненты хоть и различны по терминологии, но очень близки по содержанию. Из их числа можно выделить познавательный, эмоционально-ценностный, поведенческий компоненты.

В структуре социального опыта, рассматриваемого по отношению к младшему подростку, мы акцентировали своё внимание на группу компонентов, включающую аксиологический, деятельностный, когнитивный, рефлексивный. См. схему 1.




*Схема 1. Структура социального опыта учащихся младшего подросткового возраста.*

Аксиологический компонент определяет уровень ценностных ориентаций, которые влияют на формирование социальных установок школьников-младших подростков. Когнитивная составляющая структуры социального опыта содержит представления, знания ребёнка данной возрастной группы об общественных нормах коммуникации, социальной действительности. Деятельностный компонент представляет собой комплекс социальных умений, навыков, необходимых для получения опыта взаимодействия младшими подростками в социуме в границах социально, личностно значимой деятельности, в основе которой лежат социальные ценности, представления.

Рефлексивный компонент базируется на готовности подростка младшего возраста к анализу социального взаимодействия, его рефлексивной позиции, деятельности, нацеленной на результат.

Все вышеперечисленные нами компоненты структуры социального опыта находятся между собой в тесной взаимосвязи. Они взаимообусловлены.

Социальный опыт позволяет человеку адаптироваться в социуме. Уровень его сформированности непосредственно влияет на успешность подростка, младшего возраста, в обществе.

Собранные нами данные позволили выделить три уровня сформированности социального опыта, включая низкий, определяющий отсутствие оценочных признаков, средний, с частичным присутствием таких признаков, и высокий, в котором определяются все критерии оценки.

Исследование и анализ научных источников по выбранной нами теме исследования позволил сделать вывод о том, что одной из важных проблем современной педагогики является

формирование социального опыта у учащихся младшего подросткового возраста. Решение данной проблемы позволит повысить самостоятельность подростков, их успешность в социуме и воспитать уверенность в своих силах, которые всегда востребованы в обществе и в этом контексте решение проблемы развития самосознания играет важнейшую роль в формировании социального опыта в подростковом периоде и если эти возможностей внеурочной деятельности будут использованы для повышения качества данного процесса.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Божович, Л. И. Личность и ее формирование в детском возрасте / Л. И. Божович. // Мастера психологии. – Питер, 2008. – 398 с.
2. Болдырева, И. Н. Социальная рефлексия – основа механизма социализации личности / И. Н. Болдырева. // Информационный гуманитарный портал «Знание. Понимание. Умение». – 2016. – № 1. – С. 56–61.
3. Выготский, Л. С. Психология развития как феномен культуры / Л. С. Выготский. – Москва: Институт практической психологии; Воронеж: НПО «МОДЭК», 1996. – 513 с.
4. Голованова, Н. Ф. Общая педагогика: учебное пособие для вузов / Н. Ф. Голованова. – Москва: Речь, 2005. – 320 с.
5. Григорьева, О. Н. Формирование социального опыта студента в проектной деятельности: автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата педагогических наук / О. Н. Григорьева. – Оренбург, 2014. – 22 с.
6. Иванова, И. А. Проблемы становления рефлексивности в младшем подростковом возрасте / И. А. Иванова. // Психология и школа. – 2012. – № 1. – С. 51–64.
7. Краевский, В. В. Теоретические основы содержания общего среднего образования / В. В. Краевский, И. Я. Лернер. – Москва: Владос, 2003. – 350 с.
8. Куренкова, О. Е. Формирование социального опыта студентов педвуза в учебной деятельности: специальность 13.00.01 «Общая педагогика, история педагогики и образования»: диссертация на соискание ученой степени кандидата педагогических наук / Куренкова Ольга Евгеньевна. – Вологда, 2002. – 172 с.
9. Леонтьев, А. Н. Избранные психологические произведения: Том 1 / А. Н. Леонтьев. – Москва: Книга по Требованию, 2021. – 392 с.
10. Попова, Е. П. Формирование социального опыта детей в условиях комплекса «Школа – детский сад»: автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата педагогических наук / Попова Екатерина Павловна. – Ярославль, 1998. – 21 с.
11. Рубинштейн, С. Л. Основы общей психологии / С. Л. Рубинштейн. – Санкт-Петербург: Питер, 2000. – 713 с.
12. Симонова, Г. И. Проблемы саморегуляции в младшем подростковом возрасте / Г. И. Симонова, Ю. А. Гущина. // Вестник Удмуртского университета. Серия Философия. Психология. Педагогика. – 2021. – Т. 31. – № 3. – С. 287–293.
13. Трубина, Г. Ф. Предпрофессиональная социализация школьника в процессе обучения: социально-технологический подход / Г. Ф. Трубина. – Казань: Бук, 2018. – 212 с.

***ТЕХНОЛОГИЯИ ТАЪЛИМ***
***ТЕХНОЛОГИЯ ОБУЧЕНИЯ***
***TEACHING TECHNOLOGY***

ТДУ 004.6+378.22/.126

## ОМОДАСОЗИИ МУТАХАССИСОНИ СОҲАИ КОРКАРД ВА ТАҲЛИЛИ ДОДАҲО – ТАҚОЗОИ ҶАҲОНИ МУОСИР

***НАЗАРЗОДА Рустам Саидмурод*** *– иҷрокунандаи вазифаи дотсенти кафедраи барномасозӣ ва муҳандисии компютерии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ.* ***e-Mail***: *Rustam_N@hotmail.com.* ***ORCiD ID***: *0000-0003-4507-6116.* ***SPIN***: *5949-2896.*

Вазъи кунунии ҷомеаи ҷаҳонӣ дар самти гузариши саросарӣ ба муҳити рақамӣ, паҳншавии доираи татбиқи фазои интернетӣ, густариши истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ боиси бо суръати баланд афзоиш ёфтани ҳаҷми додаҳои электронӣ гардидааст. Пайдоиш ва ҷамъшавии маҷмӯаҳои азими додаҳо падидаи наверо бо номи «додаҳои калон» ба миён овард, ки доираи истифодаи он ҳамасола фарохтар мегардад. Кунун, омӯзиш, коркард ва таҳлили додаҳои калон ба масъалаи мубрами сатҳи ҷаҳонӣ мубаддал гаштааст, ки пеш аз ҳама, омодасозии кадрҳои босалоҳиятро дар ин самт тақозо менамояд.

Дар мақола зимни баррасии ҳолати феълӣ ва дурнамои рушди додаҳои калон, инчунин ба инобати тақозои ҷомеаи муосир ба мутахассисони кор бо додаҳо муҳимияти масъалаи омодасозии кадрҳо дар ин самт асоснок карда шуда, оид ба таъсис додани як қатор ихтисосҳои дахлдор дар низоми таҳсилоти олии касбии кишвар пешниҳодҳо ироа гардидаанд.

***Калимаҳои калидӣ***: *додаҳо, додаҳои калон, додаҳои сохторишуда, додаҳои сохторинашуда, дақиқаи интернетӣ, ихтисоси «Додашиносӣ», ихтисоси «Зеҳни сунъӣ», коркард ва таҳлили додаҳо, «нафти нав», рӯйдодҳои олами рақамӣ, ҳаҷми додаҳои ҷаҳонӣ.*

## ПОДГОТОВКА СПЕЦИАЛИСТОВ В СФЕРЕ ОБРАБОТКИ И АНАЛИЗА ДАННЫХ – ПОТРЕБНОСТЬ СОВРЕМЕННОГО МИРА

***НАЗАРЗОДА Рустам Саидмурод*** *– исполняющий обязанности доцента кафедры программирования и компьютерной инженерии Технологического университета Таджикистана, кандидат педагогических наук.* ***e-Mail***: *Rustam_N@hotmail.com.* ***ORCiD ID***: *0000-0003-4507-6116.* ***SPIN***: *5949-2896.*

Современное состояние мирового сообщества по глобальному переходу к цифровой среде, распространению сферы применения Интернет-пространства и расширению использования информационно-коммуникационных технологий привело к быстрому росту объемов электронных данных. Появление и накопление огромных массивов данных породило новый феномен «большие данные», сфера использования которого расширяется с каждым годом. В настоящее время, изучение, обработка и анализ больших данных стали актуальной задачей мирового уровня, которая требует, прежде всего, подготовки компетентных кадров в этой области.

В статье, при рассмотрении текущей ситуации и перспектив развития больших данных, а также принимая во внимание потребность современного общества в специалистах по работе с данными, обосновывается актуальность проблемы подготовки кадров в этом направлении, а также сделаны предложения для создания ряда соответствующих специальностей в системе высшего профессионального образования страны.

***Ключевые слова***: *большие данные, глобальный объем данных, данные, Интернет-минута, неструктурированные данные, «новая нефть», обработка и анализ данных, события цифрового мира, специальность «Искусственный интеллект», специальность «Наука о данных», структурированные данные,.*

# PREPARING SPECIALISTS IN THE SPHERE OF DATA PROCESSING AND ANALYSIS A NEED OF THE MODERN WORLD

***NAZARZODA Rustam Saidmurod*** *– acting assistant professor of the department of programming and computer engineering at the Technological university of Tajikistan, candidate of pedagogical sciences.* ***E-mail****: Rustam_N@hotmail.com.* ***ORCiD ID****: 0000-0003-4507-6116.* ***SPIN****: 5949-2896.*

The current state of the world community on global transition to the digital environment, spreading the scope of the Internet space and expansion of the usage of information and communication technologies has led to a rapid increase in the volume of electronic data. The appearance and storage of huge amounts of data has given rise to the new phenomenon of «big data», the scope of which is expanding every year. Currently, studying, processing and analysis of big data has become as an actual global task, which requires, firstly preparing competent specialists in this field.

In the article, while considering the current situation and prospects for the development of big data, as well as taking into account the need of modern society for specialists in working with data, the actuality of the problem of preparing personnel in this direction is substantiated as well as proposals are made for the creation of a number of relevant specialties in the system of higher professional education of the country.

***Key words****: big data, data processing and analysis, data, digital world events, global data volume, Internet minute, «new oil», specialty «Artificial Intelligence», specialty «Data Science», structured data, unstructured data.*

Рушди босуръати технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва ҳарчи бештар тавсеа ёфтани доираи татбиқи онҳо ҳолатеро ба вуҷуд овардааст, ки дигар ягон соҳаи ҳаёт ва фаъолияти ҷомеаи муосирро наметавон тасаввур кард, ки дар он аз усул ва воситаҳои чунин технологияҳо истифода бурда нашавад. Ин раванд боиси ба таври назаррас тағйир ёфтани нақши иттилоот гардидааст. Агар то давраи инкишофи босуръати технологияҳои комютерӣ иттилоот ҳамчун сарчашмаи маълумот ва донишҳои зарурӣ дониста мешуд, пас дар воқеияти имрӯза он ба тадриҷ мақоми захираи арзишманди мустақилро ба худ касб мекунад. Ҳоло, иттилоотро навъи захираи иқтисодӣ низ меҳисобанд [3], зеро он ба муносибатҳои гуногуни иқтисодӣ, ки дар ниҳоят бо муодили пулӣ ифода меёбанд, таъсири бевосита мерасонад. Иттилоот на танҳо ба муносибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ таъсиррасон аст, балки барои пешрафти илмию техникӣ низ аҳамияти ҷиддӣ дошта, барои соҳаҳои ҳарбию сиёсӣ арзиши хоса дорад.

Тавре маълум аст, то охири асри XX, иттилоот асосан бо иштироки бевоситаи инсон таҳия ва паҳн карда мешуд. Дар замони муосир бошад, рушди технологияҳои компютерию шабакавӣ, пайдоиш ва ба таври фаъол паҳншавии «интернети ашёҳо» (*англ.* Internet of Things, IoT) ва «хадамоти абрӣ» (*англ.* cloud services), таҳия гардидани алгоритмҳои худкори ҷамъоварӣ ва таҳлили додаҳо (*англ.* data) боиси тағйир ёфтани ҳам раванди кор бо иттилоот ва ҳам афзоиши бесобиқаи ҳаҷми додаҳои марбут ба гардиши иттилоотӣ гардиданд. Феълан, дигар нафареро пайдо кардан душвор аст, ки ҳаёт ва фаъолияти худро ба таври комил бе истифода аз техникаи компютерӣ, таҷҳизоти мобилӣ, шабакаи Интернет ва воситаҳои дигари технологияи муосир тасаввур кунад. Бинобар сабаби ба тадриҷ фаро гирифта шудани ҳамаи ҷабҳаҳои ҳаёту фаъолияти мо бо технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, кунун додаҳо дар ҳаҷмҳои калон таҳияв ва тавлид (*англ.* generation) гардида, аз сарчашмаҳои гуногун, ба монанди шабакаи Интернет, почтаи электронӣ, таҷҳизоти мобилӣ, дастгоҳҳои ҳушманд (*англ.* smart devices), моҳвора, камераҳои назоратӣ, хизматрасониҳои бархат (*англ.* online services), шабакаҳои иҷтимоӣ, паёмрасонҳо (*англ.* messengers), бойгониҳои файлӣ, манбаъҳои видеоӣ, китобхонаҳои электронӣ, сомонаҳои ахборотӣ, мағозаҳои электронӣ ва ғайра ҷамъоварӣ мешаванд. Ҳаҷм, гуногуншаклӣ ва суръати пайдоиши додаҳо ҳамоно дар ҳоли афзуншавӣ қарор дорад. Дар бештари маврид, ингуна додаҳо сохтори аниқ ва тартиби муайян надоранд. Аз ин рӯ, инсон наметавонад аз онҳо ба таври мустақил (бе ёрии воситаҳои дигар) истифода намояд. Зеро, додаҳо – ин ҳамоно далелҳои хоме ҳастанд, ки дар шаклҳои гуногун ифода

меёбанд ва танҳо дар асоси таҳлили додаҳои коркардшуда одам метавонад маълумоти арзишмандро ба даст орад.

Дар оғози асри XXI, гузариши саросарии ҷомеа ба муҳити рақамӣ, пайдоиш, рушд ва истифодаи фазои интернетӣ дар иқтисодиёт, тиҷорат ва ҳаёти ҷомеа миқдори додаҳоеро, ки мо бо онҳо сару кор дорем, ба таври назаррас афзоиш дода, ҳолати ба таври экспоненсиалӣ зиёд шудани ҳаҷми додаҳои тавлидшавандаро ба миён овард. Маҳз чунин ҳолат, сабаби пайдо шудани падидаи нави бо номи «додаҳои калон» (*англ.* big data) гардид.

**Додаҳои калон** гуфта, маҷмӯаҳои бузурги додаҳои рақамии шаклашон гуногуни сохторишуда ва сохторинашуда (**$V_1$** – *Variety*) фаҳмида мешавад, ки бо суръати баланд (**$V_2$** – *Velocity*) ва ҳаҷми афзуншаванда (**$V_3$** – *Volume*) пайдо мешаванд. Инчунин, усулҳои коркард ва таҳлили додаҳо ҳамчун ҷузъи таркибии мафҳуми «додаҳои калон» ҳисобида мешавад. Ин се тавсифи асосии додаҳои электронӣ (ё худ модели «3V»: гуногуншаклӣ, суръат, ҳаҷм) ва нақши онҳо дар идораи додаҳоро бори нахуст, соли 2001 Дуг Лейни [10] баррасӣ намудааст.

Ибораи «додаҳои калон»-ро бошад, бори аввал Клиффорд Линч – муҳаррири маҷаллаи «Табиат» (англ. Nature) дар соли 2008 истифода бурдааст. Линч дар мақолаи худ [11] таъкид мекунад, ки минбаъд омӯзиш ва дарки иттилооти ҷаҳонӣ танҳо бо ёрии технологияи пешрафта имконпазир мешавад. Соли 2011, Донишкадаи ҷаҳонии МакКинзи таърифи мафҳуми «додаҳои калон»-ро ба таври зайл пешниҳод намудааст [12]: ***додаҳои калон** маҷмӯаҳои додаҳое ҳастанд, ки ҳаҷми онҳо аз доираи имкониятҳои таъминоти барномавии маъмули марбут ба пойгоҳҳои додаҳо дар самти ҷамъоварӣ, нигаҳдошт ва таҳлил берун аст.* Яъне, коркард ва таҳлили додаҳои калон танҳо бо ёрии таҷҳизоти компютерӣ ва таъминоти барномавии махсус имконпазир мегардад, то ки маълумоти арзишманди онҳо дар фосилаи вақти кӯтоҳтари инон ба даст оварда шавад.

Бо дарназардошти сол аз сол зиёд гардидани нақш ва арзиши иттилоот дар ҳамаи соҳаҳои ҷомеа, имрӯзҳо додаҳоро бо нафт низ, ки яке захираи арзишманди табиӣ аст, қиёс мекунанд. Соли 2006, Клайв Ҳамби – риёзидон ва соҳибкори англис дар соҳаи омӯзиши додаҳо ва стратегияҳои тиҷоратии ба муштариён нигаронидашуда зимни маърӯзаи худ дар конференсияи Ассотсиатсияи таблиғгарони миллӣ (шаҳри Орландо, иёлати Флорида, ИМА) аз ***додаҳо*** ҳамчун «***нафти нав***» (*англ.* «Data is a new oil») ном бурдааст [9]: «*Додаҳо нафти нав аст. Он (нафт – Н. Р. С.) арзишманд аст, аммо агар коркард (тоза) нашуда бошад, истифодааш дар воқеъ номумкин аст. Он бояд ба газ, пластик, моддаи кимиёӣ ва ғайра табдил дода шавад, то ки як моводи арзишманд барои пешбурди фаъолияти фоидаовар ба даст ояд; бо қиёс ба ин, додаҳо низ бояд коркард: тақсим ва таҳлил карда шаванд, то ки арзиши худро пайдо кунанд*».

Иттилоотонии саросарии ҷомеа боиси ҳамгироии додаҳои рақамӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёту фаъолияти имрӯза гардидааст. Акнун, додаҳои рақамӣ ҳамчун сарчашмаи муҳимтарин ва ҷузъи комили равандҳои гуногун ба ҳисоб мераванд. Пӯшида нест, ки иттилоот дар ҳаёти инсон ҳамеша нақши муҳимро мебозад. Аз ин рӯ, айни замон, иттилоот ҳамчун категорияи муайянкунандаи рушди кишварҳо ва қувваи пешбарандаи иқтисодиёту сиёсат дониста мешавад. Дар ин маврид, ҳанӯз дар асри XIX (соли 1815) Натан Майер Ротшилд – бонкдор ва тоҷири муваффақи аврупоӣ, асосгузори шохаи англисии сулолаи бонкдорон Ротшилдҳо чунин ибрози ақида карда буд [1]: ***касе соҳиби иттилоот аст, ӯ соҳиби ҷаҳон аст*** (*англ.* Who owns the information, owns the world).

Пешрафти илмӣ, рушди технологияҳои рақамӣ ва рақамисозии додаҳо, татбиқи технологияҳои маҷозисозӣ (*англ.* virtualization) ва воситаҳои худкорсозӣ (*англ.* automation) дар равандҳои гуногун, инчунин боз ҳам васеътар гардидани доираи истифодабарии усул ва воситаҳои технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба он оварда расониданд, ки ҳамасола ҳаҷми додаҳои ҷаҳонӣ бо суръати баланд зиёд шуда истодааст. Тавре аз натиҷаҳои пажӯҳиши ширкати «ТекЮри» (TechJury) бармеояд [6], дар соли 2021 ҳамарӯза 2,5 миллион Терабайт (2,5 квинтиллион = $2{,}5 \times 10^{18}$ байт) додаҳои нав таҳия ва тавлид карда шуда, ҳаҷми солонаи додаҳои ҷаҳонӣ 79 Зеттабайтро (1 Зеттабайт = $2^{70}$ байт – *Н.Р.С.*) ташкил дод. Тибқи гузориши ширкати Demand Sage [13] бошад, дар соли 2023 ҳаҷми якрӯзаи додаҳои нави пайдошаванда ба 328,77 миллион Терабайт (аз 131 маротиба зиёдтар нисбат ба ду соли пеш) баробар буда, интизор меравад, ки дар охири сол ҳаҷми солонаи додаҳои ҷаҳонӣ ба 120 Зеттабайт баробар хоҳад шуд.

Соли 2008, Клиффорд Линч дар мақолаи худ [11] ҳамагуна массивҳои додаҳои ҳаҷмашон беш аз 150 Гигабайтро ба «додаҳои калон» мансуб донистааст. Тавре аз

пажӯҳишҳои ба падидаи «додаҳои калон» бармеояд, аз соли 2010 инҷониб, дар афзоиши ҳаҷми додаҳои ҷаҳонӣ вобастагии экспоненсиалӣ дида мешавад. Масалан, чуноне аз пажӯҳишҳои ширкати Statistia бармеояд [14], дар солҳои 2010, 2015 ва 2020 ҳаҷми солонаи додаҳои ҷаҳонӣ, мувофиқан 2 Зеттабайт, 15,5 Зеттабайт ва 64,2 Зеттабайтро ташкил додаанд; дар асоси пешгӯӣ, соли 2025 ин нишондод ба 181 Зеттабайт баробар хоҳад шуд (ниг. ба расми 1).

Сарчашмаҳои асосии додаҳои калонро, асосан, шабакаи Интернет (сомонаҳо, порталҳо, шабакаҳои иҷтимоӣ, воситаҳои ахбори омма, форумҳо, мағозаҳои бархат), интернети ашёҳо, махзанҳои абрӣ, шабакаҳои корпоративӣ, бойгониҳои файлӣ, манбаҳои додаҳо, додаҳои маҳворавӣ, дастгоҳҳои ҳушманд, таҷҳизоти мобилӣ, камераҳои назоратӣ, таҷҳизоти овозию тасвирӣ (аудио ва видео), асбобҳои чекунӣ, пойгоҳҳои обуҳавошиносӣ, маълумоти омории соҳаҳои гуногун, додаҳои таҷрибавии аз пажӯҳишҳои илмӣ бадастмеомада (масалан, ташхисҳои тиббӣ, мушоҳидаҳои астрономӣ, тадқиқотҳои зилзиласанҷӣ, иктишофи сарватҳои зеризаминӣ) ва ғайра ташкил медиҳанд.

Ширкати Domo, ки бо омӯзиш, таҳлил ва аёнисозии додаҳо (*англ.* data visualization) машғул аст, шурӯъ аз соли 2013, ҳамасола маводи иттилоотӣ-графикӣ (инфографика; *англ.* infographic)-ро бо номи «Додаҳои ҳамешабедор» (*англ.* Data Never Sleeps) таҳия мекунад, ки он маълумоти омориро дар бораи рӯйдодҳои олами рақамӣ, ки дар ҳар **як дақиқаи интернетӣ** рух медиҳанд, дар бар мегирад. Зимни шиносоӣ бо шумораи 10-уми ин мавод, ки ба соли 2022 бахшида шудааст [8], аён мегардад, ки дар соли 2022, масалан рӯйдодҳои зерин дар ҳар дақиқаи интернетӣ рух додаанд: дар низоми ҷустуҷӯии Google 5,9 миллион дархост анҷом дода шудааст; тариқи низомҳои почтаи электронӣ 231,4 миллион мактуби электронӣ ирсол гардидааст; дар шабакаи иҷтимоии FaceBook 1,7 миллион мавод мубодила карда шудааст; дар махзани YouTube маводи видеоии баробар ба 500 соат ҷой дода шудааст; тавассути платформаи Zoom дар речаи бархат 104,6 ҳазор соат барои иштирок дар ҷаласа ва вохӯриҳои фосилавӣ сарф карда шудааст. Албатта, чунин ҳолат боиси боз ҳам зиёд шудани ҳаҷми додаҳои рақамӣ дар миқёси ҷаҳон мегардад. Таҳлили шумораҳои ин мавод (аз 1-ум то 10-ум: аз соли 2013 то соли 2022) аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ҳамасола афзоиши босуръати ҳаҷм ва гуногунии додаҳо бидуни ягон нишонаи сустшавӣ ҷой дорад.




**Расми 1**. *Ҳолати афзоиши солонаи ҳаҷми додаҳои ҷаҳонӣ*

Дар робита ба ҳолати ҷойдошта оид ба афзоиши босуръати ҳаҷми додаҳои электронӣ набояд мушкилоти воқеиеро фаромӯш сохт, ки он ба имкониятҳои имрӯзаи ширкату муассисаҳо алоқаманд аст. Зеро, аксари онҳо имконияти пурраи сохторисозӣ ва таҳлили ҳамаи он додаҳои ҷамъоварӣ мекардаашонро надоранд. Ин боиси он мегардад, ки ҳаҷми додаҳои сохторинашуда ҳамасола зиёд шуда меравад. **Додаҳои сохторинашуда** (*англ.* unstructured data) *ба ягон модели додаҳои қаблан муайянгардида мувофиқат накарда, инчунин аз рӯйи шакл ва мазмун низ фарқ мекунанд.* Пажӯҳишгарони додаҳои калон дар он нуқтаи назаранд, ки дар соли 2022 ҳиссаи додаҳои коркарднашуда нисбат ба ҳаҷми умумии додаҳои ҷамъшуда беш аз 90%-ро ташкил додааст. Ҳамзамон, баъзе коршиносони соҳа ҳатто иқрор мекунанд, ки додаҳои сохторишуда ҳамагӣ ба 1%–7% ҳаҷми додаҳои ҷаҳониро ташкил медиҳанд. Ҳиссаи боқимондаи додаҳо танҳо дар махзанҳои иттилоотӣ ва серверҳои ширкатҳо нигаҳдорӣ

мешаванду халос [4]. Сабаби асосии ҷой доштани чунин ҳолат дар он аст, ки суръати рушди имкониятҳои техникӣ ва роҳу усулҳои коркарди додаҳо нисбат ба суръати афзоиши додаҳо ба маротиб кам аст. Аз ин рӯ, чунин вазъ то замоне боқӣ хоҳад монд, ки усулҳои комилан нави коркард ва таҳлили маҷмӯаҳои калони додаҳои сохторинашуда таҳия нагарданд.

Натиҷаҳои вусъатёбии доираи татбиқи воситаҳои технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар ҳама самтҳои ҳаёт ва фаъолияти ҷомеа ба он оварда расонид, ки сол аз сол фазои истифодабарии додаҳои калон низ бештар аз пештар густариш меёбад. Имрӯзҳо, татбиқи додаҳои калон дар соҳаҳои зерин баръало ба назар мерасад: телекоммуникатсия, интернети ашёҳо, саноат, энергетика, хоҷагидорӣ, бонкдорӣ, молия, суғурта, тиҷорат, савдо, бозори амволи ғайриманқул, таблиғот (реклама), ҳамлу нақл, идораи давлатӣ, амният, илм, маориф, тиб, варзиш ва ғайра. Додаҳои калон барои таҳлили омилҳои аҳамиятнок ҷиҳати қабул кардани қарорҳои дахлдор дар ҳама соҳаҳо нақши муҳимро мебозанд, масалан, илм, тиҷорат ва идоракунии давлатӣ. Ҳамзамон, додаҳои калон дар ҳалли масъалаҳои мубрами сатҳи ҷаҳонӣ, ба монанди мубориза бо тағйирёбии иқлим, пешгирӣ ва рафъи бемориҳо ва мусоидат ба идораи босамар барои рушди иқтисодӣ кӯмак мерасонанд.

Дар ин зимн, афзоиши босуръати ҳаҷми додаҳо, густариши иқтисодиёти рақамӣ, ҷидду ҷаҳди бештари ширкатҳо дар баландбардории сарамаранокии равандҳои тиҷоратӣ ва қабули қарорҳои марбута ба зиёдшавии талаботи ҷомеаи муосир ба мутахассисони кор бо додаҳо оварда расонид.

Ҳоло, дар миқёси ҷаҳонӣ нисбат ба афзоиши талабот ба мутахассисони кор бо додаҳо тамоюли назаррас дида мешавад. На танҳо зиёдшавии миқдории кормандон, балки афзоиши эҳтиёҷ ба касбу ихтисосҳои комилан нави ба коркард ва таҳлили додаҳо алоқаманд низ ҷой дорад. Тавре аз гузориши Форуми ҷаҳонии иқтисодӣ «Касбҳои оянда: имкониятҳои харитасозӣ дар иқтисодиёти нав» бармеояд [15], ба сегонаи аввали касбҳои бонуфуз чунин касбҳо (аз рӯйи камшавии мавқеашон) дохил мешаванд, ки ҳамоно талабот ба онҳо дар ҳоли афзоиш аст: якум, мутахассис оид ба коркард ва таҳлили додаҳо; дуюм, мутахассис оид ба зеҳни сунъӣ ва омӯзиши мошинӣ; сеюм, мутахассис оид ба додаҳои калон.

Вобаста ба масъалаи омодасозии кадрҳои ватанӣ аз рӯйи самтҳои марбут ба коркард ва таҳлили додаҳо, инҷониб дар ҷаласаи ифтитоҳии конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ «Саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамбастагӣ бо эълон шудани “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф”» (Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, 18 ноябри соли 2022) зимни маърӯзаи худ дар мавзӯи «Роҷеъ ба тақозои замони муосир ба кадрҳои босалоҳият дар самти коркард ва таҳлили додаҳои калон» мубрамияти масъалаи ташкил кардани як қатор ихтисосҳои нави ба соҳаи додаҳои калон алоқамандро дар зинаҳои таҳсилоти бакалавриат ва магистратура асоснок карда, барои дар навбати аввал ташкил кардани ихтисоси «Додашиносӣ» пешниҳод ироа намуда буд. Таъкид кардан бамаврид аст, ки истилоҳи «додашиносӣ» бори нахуст дар фазои забони тоҷикӣ аз ҷониби маърӯзачӣ (инҷониб) маҳз дар ҳамин конференсия ҳамчун ифодагари гунаи тоҷикии «илм оид ба додаҳо» (*англ.* Data Science) истифода бурда шудааст.

Ҳадафҳои амалӣ ва уҳдадориҳои вазифавии мутахассиси додашинос ба кашф кардани қонуниятҳои дар додаҳо ҷойдошта ва дар ин замина ба даст овардани донишҳо нигаронида шудааст [2]. Маъмулан, бо мақсади баён кардани салоҳиятҳои барои соҳаи додашиносӣ зарурӣ аз диаграммаи Венн истифода мебаранд. Дар он (ниг. ба расми 2) салоҳиятҳое, ки аз мутахассиси додашинос талаб карда мешаванд, дар буриши салоҳиятҳои марбут ба маҳоратҳои касбии соҳавӣ (*англ.* substantive expertise), таҷрибаи амалии алгоритмсозӣ ва барноманависӣ (*англ.* hacking skills) ва донишҳои омори риёзӣ (*англ.* math and statistics knowledge) ҷойгир шудаанд [7].

Таҳлили нақшаи қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли таҳсили 2023-2024 [5] аз рӯйи зинаи таҳсилоти бакалавриат нишон медиҳад, ки дар сатҳи ҷумҳурӣ аз рӯйи танҳо як ихтисоси мансуб ба сегонаи аввали касбҳои бонуфузи миқёси ҷаҳонӣ (ниг. ба боло) ва марбут ба самти таҳлил ва коркарди додаҳо қабули донишҷӯён ба баъзе донишгоҳу донишкадаҳо (ва филиалҳои онҳо) ба роҳ монда шудааст: ихтисоси 1-40 03 01 – «Зеҳни сунъӣ» дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (ва филиалҳои он дар шаҳрҳои Хуҷанд ва Левакант), Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд, Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб ва Донишкадаи кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистон.




**Расми 2**. *Диаграммаи Венн оид ба додашиносӣ*

Аз ҷумла, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон аз соли таҳсили 2022-2023 қабули донишҷӯёнро ба зинаи таҳсилоти бакалавриат аз рӯйи ихтисоси 1-40 03 01 – «Зеҳни сунъӣ» (дар заминаи кафедраи барномасозӣ ва муҳандисии компютерии факултети технологияҳои иттилоотӣ ва интеллекти сунъӣ) ба роҳ мондааст. Дар ҳоли ҳозир (нимсолаи якуми соли таҳсили 2023-2024), аз рӯйи ихтисос мазкур 26 донишҷӯ дар соли якум ва 18 донишҷӯ дар соли дуюм таҳсил карда истодаанд. Барномаи таълимии ихтисос ба ташаккул ва рушди маҷмӯи салоҳиятҳои муайяни донишҷӯён равона гардидааст, ки онҳо донишҳои назариявӣ ва малакаю маҳорати амалиро дар самтҳои таҳлили системавӣ, масъалагузорӣ, дарки вижагиҳои алгоритмҳо, формаликунонии иттилоот ва донишҳо, барномасозӣ, коркарди хатоҳо, пешгирии ҳолатҳои истисноӣ ва дурустсозии барномаҳо дар системаҳои барномавии мураккаб, ташкили равандҳои истеҳсолу истифода ва таҷдиди низомҳои зеҳнии таъинoташон гуногун, роҳандозии тадқиқотҳои таҷрибавӣ ва ғайраро фаро мегиранд.

Ҳамин тариқ, таъкид кардан ба маврид аст, ба инобати воқеияти имрӯза, ки дар он раванди гузариш ба ҷомеаи иттилоотӣ ба таври фаъол дар ҷараён буда, таҳия ва тавлиди додаҳои рақамӣ босуръат дар ҳоли афзоиш ҳастанд ва ниёз ба омӯзиш, коркард ва таҳлили саривақтии онҳо ба масхалаи мубрами сатҳи ҷаҳонӣ табдил ёфтааст, мавҷудияти танҳо як ихтисос дар низоми таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонад қонеъкунанда бошад. Барои ҳамқадами замон будан, ташкил кардани ихтисосҳои дигари дахлдори марбут ба равияҳои «Додашиносӣ», «Коркарди зеҳнии додаҳо», «Таҳлил, тафсир ва аёнисозии додаҳо», «Технологияҳои додаҳои калон», «Муҳандисии додаҳо», «Омӯзиши мошинӣ», «Менеҷменти додаҳо» ва монанди инҳо амри воқеист.

Масъалаҳои марбут ба ихтисос ва равияҳои зикршуда, аз қабили вижагиҳо, ҳадаф ва вазифаҳо, талабот ба омодасозии мутахассисон, сохтори намунавии барномаҳои таълимӣ, доираи мавзӯъҳои фанҳои таълимӣ, ташаккул ва рушди маҷмӯи салоҳиятҳо, талабот ба нерӯи кадрӣ ва заминаҳои моддию техникии муассисаҳои таълимӣ ва ғайра дар мақолаҳои минбаъда мавриди баррасӣ қарор дода хоҳанд шуд.

## АДАБИЁТ

1. Берков, О. (4 февраля 2019). Nathan Mayer Rothschild: He who owns the information, owns the world // ЧЕСЛАВ ПАСТЮК: эксперт по финансам. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://chaslaupiastsiuk.com/en/nathan-mayer-rothschild (дата обращения: 14.08.2023).

2. Грас, Д. Data Science. Наука о данных с нуля : Пер. с англ. – 2-е изд., перераб. и доп. – СПб.: БХВ-Петербург, 2021. – 416 с.

3. Ищенко, М. В. Информация как экономический ресурс и её использование в системе высшего профессионального образования : Дис. ... канд. экон. наук. – Омск, 2005. – 202 с.

4. Пять впечатляющих цифр о больших данных за 2022 год (19 декабря 2022). [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://vc.ru/future/562963-pyat-vpechatlyayushchih-cifr-o-bolshih-dannyh-za-2022-god (дата обращения: 23.08.2023)

5. Феҳристи комбинатсияҳои ихтисосҳо (дар асоси нақшаи қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли таҳсили 2023-2024 дар заминаи таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфи 11-ум), ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ). Гурӯҳи ихтисосҳои 1-ум – «Табиӣ ва техникӣ» // Сомонаи расмии Маркази миллии

тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. – Речаи дастрасӣ: https://ntc.tj/images/Downloads/cluster_11_1-2023.pdf (санаи муроҷиат: 20.09.2023).
6. Bulao, J. (January 5, 2023). How Much Data Is Created Every Day in 2022? [Electronic resource]. – Access mode: https://techjury.net/blog/how-much-data-is-created-every-day (access date: 10.01.2023).
7. Conway, D. (September 30, 2010). The Data Science Venn Diagram. Drew Conway. [Electronic resource]. – Access mode: http://drewconway.com/zia/2013/3/26/the-data-science-venn-diagram (access date: 26.10.2022).
8. Data Never Sleeps 10.0 / Domo Business Cloud. [Electronic resource]. – Access mode: https://www.domo.com/data-never-sleeps (access date: 22.08.2023).
9. Humby, C. (November 3, 2006). Data is the New Oil / C. Humby, M. Palmer. [Electronic resource]. – Access mode: https://ana.blogs.com/maestros/2006/11/data_is_the_new.html (access date: 08.01.2023).
10. Laney, D. (February 6, 2001). 3D Data Management: Controlling Data Volume, Velocity, and Variety. META Group Application Delivery Strategies, file No 949. [Electronic resource]. – Access mode: https://studylib.net/doc/8647594/3d-data-management--controlling-data-volume--velocity--an... (access date: 05.01.2023).
11. Lynch, C. Big data: how do your data grow? // Nature. 2008, No 455 (7209), p. 28-29.
12. McKinsey Global Institute. Big data: The next frontier for innovation, competition, and productivity, June 2011. [Electronic resource]. – Access mode: https://www.mckinsey.com/capabilities/mckinsey-digital/our-insights/big-data-the-next-frontier-for-innovation (access date: 03.01.2023).
13. Shewale, R. (September 2, 2023). 65 Big Data Statistics 2023 (Facts, Trends & More). [Electronic resource]. – Access mode: https://www.demandsage.com/big-data-statistics (access date: 29.09.2023).
14. Taylor, P. (September 8, 2022). Amount of data created, consumed, and stored 2010-2020, with forecasts to 2025. [Electronic resource]. – Access mode: https://www.statista.com/statistics/871513/worldwide-data-created (access date: May 15, 2023).
15. The Future of Jobs Report 2020 (October 2020) / World Economic Forum. [Electronic resource]. – Access mode: https:// www3.weforum.org/docs/WEF_Future_of_Jobs_2020.pdf (access date: 20.09.2023).

УДК 371 388

## МЕТОДИКАИ ТАШКИЛ ВА ГУЗАРОНИДАНИ КОРҲОИ ЛАБОРАТОРӢ АЗ ФАННИ МЕТОДҲОИ АДАДӢ ДАР МИСОЛИ МАВЗӮИ ТАТБИҚИ ФОРМУЛАИ КВАДРАТУРИИ УМУМИШУДАИ ТРАПЕТСИЯҲО

***АБДУКАРИМОВ Маҳмадсалим Файзуллоевич*** *– доктори илмҳои физикаю математика, дотсенти кафедраи математикаи ҳисоббарорӣ ва механикаи факултети механикаю математикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.* ***E-mail:*** *mahmadsalim_86@mail.ru,* ***тел.:*** *(+992) 919 96 24 44*

***БАРОТОВ Раҷабалӣ Тагоймуродович*** *– муаллими калони кафедраи математикаи ҳисоббарорӣ ва механикаи факултети механикаю математикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17,* ***тел.:*** *(+992) 988 74 74 77*

Дар соҳаи методикаи таълими ин ё он фан масъалаҳои муҳиме, аз қабили фаъолгардонӣ, ба таври шаффоф баҳо додан ба сатҳи дониш, робитаи байнифаннӣ вуҷуд доранд, ки вобаста ба ҳар як фан тадқиқи хоси худро талаб менамоянд. Тавре медонем, дар таълими шохаҳои алоҳидаи фанни математика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ навъҳои гуногуни дарс, аз қабили лексионӣ, амалӣ, лабораторӣ истифода карда мешаванд. Масъалаи ташкил ва гузаронидани корҳои лабораторӣ яке аз масъалаҳои муҳими соҳаи методикаи таълим ба ҳисоб меравад. Ин масъала ҳангоми таълими фанни методҳои ададӣ муҳимтар ва дар айни ҳол мураккаб арзёбӣ мегардад.

Мураккабии он пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки ҳалли масъалаҳои амалӣ бо ёрии методҳои ададӣ ҳисоббарориҳои ниҳоят калонҳаҷмро дар бар мегиранд. Дар мақолаи мазкур дар мисоли як кори лабораторӣи мушаххас масъалаи методикаи гузаронидани корҳои лабораторӣ аз фанни методҳои ададӣ бо ёрии забонҳои барномасозии компютерӣ мавриди омӯзиш қарор дода мешавад. Қайд кардан ба маврид аст, ки мақолаи мазкур давоми мантиқии мақолаҳои пештар чопкардаи муаллифон ба ҳисоб меравад, ки рӯйхати онҳо дар охири мақола оварда шудааст.

***Вожаҳои асосӣ:*** *кори лабораторӣ, методҳои ададӣ, алгоритм, барномасозии компютерӣ, формулаи умумикардашудаи трапетсияҳо, маҳорат, малака, формулаи тақрибӣ, робитаи байнифаннӣ, ба таври шаффоф баҳогузорӣ, фаъолгардонӣ.*

## МЕТОДЫ ОРГАНИЗАЦИИ И ПРОВЕДЕНИЯ ЛАБОРАТОРНОЙ РАБОТЫ ПО ПРЕДМЕТУ ЧИСЛЕННЫХ МЕТОДОВ НА ПРИМЕРЕ ПРЕДМЕТА ПРИМЕНЕНИЯ ОБОБЩЕННОЙ КВАДРАТИЧНОЙ ФОРМУЛЫ ТРАПЕЦИИ

***АБДУКАРИМОВ Махмадсалим Файзуллоевич*** *– доктор физико-математических наук, доцент кафедры вычислительной математики и механики механико-математического факультета Таджикского национального университета, г. Душанбе, пр. 17.* ***E-mail:*** *mahmadsalim_86@mail.ru,* ***тел.:*** *(+992) 919 96 24 44*

***БАРОТОВ Раджабали Тагоймуродович*** *– старший преподаватель кафедры вычислительной математики и механики механико-математического факультета Таджикского национального университета, г. Душанбе, 17,* ***тел.:*** *(+992) 988 74 74 77*

В области методики преподавания того или иного предмета есть важные вопросы, такие как активизация, прозрачная оценка уровня знаний, межпредметная связь, которые требуют своего исследования в зависимости от каждого предмета. Как известно, при преподавании отдельных разделов математики в учреждениях высшего профессионального образования используются различные виды занятий, такие как лекционные, практические, лабораторные. Вопрос организации и проведения лабораторных работ является одним из важнейших вопросов в области методики обучения. Этот вопрос становится более важным и одновременно и сложным при преподавании предмета численных методов.

Его сложность прежде всего проявляется в том, что решение практических задач с помощью численных методов требует чрезвычайно больших вычислений. В данной статье на примере одной конкретной лабораторной работы рассматривается вопрос о методике проведения лабораторных работ по предмету численных методов с помощью языков компьютерного программирования.Следует отметить, что данная статья является логическим продолжением ранее опубликованных статей авторов, список которых приведен в конце статьи.

***Ключевые слова:*** *лабораторная работа, численные методы, алгортим, компьютерное программирование, обобщённая квадратурная формула трапеций, умение, навыки, приближённая формула, межпредметная связь, прозрачная оценка, активация.*

## METHODS OF ORGANIZING AND CONDUCTING LABORATORY WORK ON THE SUBJECT OF NUMERICAL METHODS ON THE EXAMPLE OF THE SUBJECT OF APPLICATION OF GENERALIZED QUADRATIC TRAPEZIOUS FORMULAS

***ABDUKARIMOV Makhmadsalim Faizulloevich*** *– Doctor of Physical and Mathematical Sciences, Associate Professor of the Department of Computational Mathematics and Mechanics of the Faculty of Mechanics and Mathematics of the Tajik National University, Dushanbe city, 17.* ***E-mail:*** *mahmadsalim_86@mail.ru,* ***phone:*** *(+992) 919 96 24 44*

***BAROTOV Rajabali Tagoymurodovich*** *– senior lecturer at the Department of Computational Mathematics and Mechanics of the Faculty of Mechanics and Mathematics of the Tajik National University,* Dushanbe city, 17, ***phone:*** *(+992) 988 74 74 77*

In the field of teaching methods of a particular subject, there are important issues, such as activation, transparent assessment of the level of knowledge, interdisciplinary communication, which require their own research depending on each subject. As you know, when teaching certain sections of mathematics in institutions of higher professional education, various types of classes are used, such as lectures, practical, laboratory. The issue of organizing and conducting laboratory work is one of the most important issues in the field of teaching methods. This question becomes more important and at the same time complex when teaching the subject of numerical methods. Its complexity is primarily manifested in the fact that the solution of practical problems using numerical methods requires extremely large calculations. In this article, using the example of one specific laboratory work, the question of the methodology for conducting laboratory work on the subject of numerical methods using computer programming languages is considered. It should be noted that this article is a logical continuation of previously published articles by the authors, a list of which is given at the end of the article..

***Keywords:*** *laboratory work, numerical methods, algorithm, computer programming, generalized quadrature trapezoid formula, ability, skills, approximate formula, interdisciplinary connection, transparent assessment, activation.*

Масъалаҳои бисёри математикие ҳастанд, ки аниқ ҳал кардани онҳо аз имкон берун аст. Масалан, дар ҳолати умумӣ ёфтани ҳалли муодилаи алгебравии дараҷааш аз 4 боло, ҳисоб кардани қимати интеграли муайян, ёфтани ҳалли муодилаҳои гуногуни дифференсиалӣ ва интегралӣ аз ҷумлаи ҳамин гуна масъалаҳо ҳастанд. Аз ин сабаб, ба мо лозим меояд, ки ҳалли ададӣ ва ё тақрибии ин гуна масъалаҳоро ҷустуҷӯ намоем. Шохаи алоҳидаи илми математика бо номи Методҳои ададӣ ба коркарди методҳои ададӣ ва тақрибӣ-аналитикии ҳалли масъалаҳои математикӣ бахшида шудааст. Ин шохаи илми математика, ки нисбатан ҷавон аст, вобаста ба замон дар рушду такомул мебошад. Илова бар ин, он сабаби пайдоиш ва рушду инкишофи дигар шохаҳои илми муосир, ки ба информатика алоқамандии бештар доранд, гардидааст.

Тавре огаҳӣ дорем, дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ фанни математика шартан ба шохаҳои зерин ҷудо карда шудааст: математикаи элементарӣ, алгебраи олӣ, таҳлили математикӣ, геометрияи аналитикӣ, муодилаҳои дифференсиалӣ, методҳои ададӣ, методҳои оптимизатсионӣ ва ғайра. Барои таълими ҳар яке аз ин шохаҳои илми математика намудҳои гуногуни таълим, ба мисли лексия, машғулияти амалӣ ва корҳои лабораторӣ дар назар гирифта шудааст.

Ташкил ва гузаронидани корҳои лабораторӣ аз Методҳои ададӣ дар раванди азхудкунии ин фан нақши муҳим мебозад ва илова бар ин яке аз воситаҳои муҳими васеъ гардидани сатҳи дониши математикии донишҷӯён маҳсуб меёбад. Воқеан, корҳои лабораторӣ ба донишҷӯ имкон фароҳам меоранд, ки ӯ маҳорат ва малакаи дар амал татбиқ кардани дониши назариявии гирифтаашро рушд диҳад. Аз ин ҷиҳат, корҳои лабораторӣ аз фанни методҳои ададӣ бояд дар сатҳи зарурӣ ташкил ва гузаронида шаванд, то ки самаранокии таълими ин фан дар раванди таълим бештар эҳсос карда шавад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки ба масъалаи методикаи таълими фанни математика чӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва чӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, корҳои олимон ва мутахассисони зиёди хориҷию ватанӣ бахшида шудаанд, ки мо бо овардани корҳои [1-6] маҳдуд мешавем. Тазаккур медиҳем, ки мақолаи мазкурро давоми мантиқии мақолаҳои [7-10] ҳисоб кардан мумкин аст.

Чун корҳои пештара, дар ин мақола низ мо дар мисоли як кори лабораторӣи мушаххас доир ба методикаи ташкил ва гузаронидани корҳои лабораторӣ аз фанни методҳои ададӣ бо ёрии забонҳои барномасозӣ суҳбат мекунем.

**Мавзуи кори лабораторӣ.** Татбиқи формулаи квадратурии умумикардашудаи трапетсияҳо дар масъалаи тақрибӣ ҳисоб кардани суммаҳо.

**Мақсади кори лабораторӣ.** Мақсади кори лабораторӣ аз татбиқкарда тавонистани формулаи квадратурии умумикардашудаи трапетсияҳо дар масъалаи тақрибӣ ҳисоб кардани баъзе суммаҳои охирнок иборат мебошад.

**Гузориши масъала.** Суммаи охирноки зерин дода шудааст:

$$S_n = \sum_{k=1}^{n} \frac{1}{k^2} = \frac{1}{1^2} + \frac{1}{2^2} + \frac{1}{3^2} + \ldots + \frac{1}{n^2}.$$

**Т А Л А Б И 1:**

**1.** Бо ёрии формулаи квадратурии умумикардашудаи трапетсияҳо, барои ҳисоби суммаи додашуда формулаи тақрибӣ ҳосил намоед;

**2.** Барои $n$=1,3,5 қиматҳои суммаро бевосита, инчунин аз рӯйи формулаи тақрибии ҳосилшуда ҳисоб намуда, натиҷаҳои мувофиқро муқоиса кунед.

**Т А Л А Б И 2:**

**3.** Алгоритм ва барномаи ҳисоби суммаи додашударо бевосита, аз рӯйи формулаи тақрибӣ, инчунин хатои мутлақ ва нисбии қиматҳои мувофиқи суммаро дар ин ё он забони барномасозӣ тартиб диҳед.

**4.** Натиҷаи кори барномаро барои якчанд қиматҳои $n$ чоп намоед.

**Маълумоти мухтасари назариявӣ**

– пайдарпайии усулҳои иҷрои пурраи корҳои озмоишии виртуалӣ ва компютерӣ, ки ба омӯзиши моделҳои назариявӣ дар курси «Термодинамика» нигаронида шудааст: дар поёни кор дар аввали семестр; мутобиқ кардани усули анъанавӣ дар давоми семестр; иҷрои мустақилонаи корҳое, ки ба барномаи таълимӣ дар нимаи дуюми семестр дохил карда нашудаанд.

Барои мисол мо дар факултети табии-риёзи кори озмоишии виртуалиро тариқи моделсозии компютерӣ аз қисми термодинамика оиди мавзӯи “Санҷиши таҷрибавии қонуни Геё-Люссак” дар курсҳои дуюм дида баромадем.

Назарияи кори озмоишии виртуалӣ чунин аст.

Равандеро, киҳангоми доимӣ будани фишор P ҷараён мегирад, раванди изобарӣ меноман. Ҳолати газ ҳангоми раванди изобарӣ бо қонуни Гей-Люссак шарҳ дода мешавад. Ин қонунро чунин шарҳ медиҳанд.

Ҳангоми доимӣ будани фишор ва қимати бетағйири массаи газ ,нисбати ҳаҷми газ бар температураи мутлақи он доимӣ мемонад:

$$\frac{V}{T} = const$$

Ин қонун барои ду ҳолатчунин наишта мешавад.

$$\frac{V_1}{T_1} = \frac{V_2}{T_2}$$

Графики раванди изобарӣ дар диаграмаи равзанаи кори озмоишии виртуалӣ оварда шудааст. Хатҳои дар равзана нишондодашуда изобараҳо ном дорад.

Мақсад: таҳқиқи раванди изобарӣ. Баровардани хулосаи даркорӣ дар бораи иҷрои кори озмоиши виртуалии конуни Гей-Люссак.

Таҷҳизот: зарфи ченкунанда бо поршен, сӯзишворӣ, термометр.

Рафти кори озмоишии виртуалӣ.

1) Равзанаи кори озмоишии виртуалиро мекушоем[4]:




Расми 1.Равзанаи кори озмоишии виртуалии қонуни Гей-Люссак[4]

2) Дар равзанаи кори озмоишии виртуалӣ равандҳои изобарӣ, изохорӣ ва изотермӣ дида баромада мешавад. Дар ин кори озмоишӣ мо танҳо модели раванди изобарии Гей-Люссакро интихоб кардаем. Дар равзана графикҳои равандҳои термодинамикӣ оварда шудааст. Ҳангоми иваз намудани қимати параметрҳои термодинамикӣ дар графикҳо тағйирот дида мешавад.

3) Қиматҳои ибтидоии ҳаҷми $V_0$ ва ҳарорати $t_0$-ро интихоб мекунем.

4) Бо ёрии тугмаи «оғоз» газро гарм мекунем.

5) Қиматҳои ниҳоии ҳаҷми V ва ҳарорати t-ро интихоб мекунем.

6) Ҳароратро аз ҷадвали Цельсий ба ҷадвали мутлақ табдил диҳед: $T = t + 273$.

7) Иҷрои қонуни Гей-Люссакро тафтиш мекунем:




Расми 2.Равзанаи кори озмоишии виртуалии қонуни Гей-Люссак[4]




Расми 3.Равзанаи кори озмоишии виртуалии қонуни Гей-Люссак[4]




Расми 4.Равзанаи кори озмоишии виртуалии қонуни Гей-Люссак[4]

Дар ин равзанаи кори озмоишӣ ҳолати интиҳоии система ҳангоми ҳаҷм $V=1дм^3$ нишон дода шудааст(расми4)




Расми 5.Равзанаи кори озмоишии виртуалии қонуни Гей-Люссак[4]

Дар ин равзанаи кори озмоишӣ ҳолати интиҳоии системаи термодинамикӣ ҳангоми $T=600^0K$ ба таври графики нишон дода шудааст(расми5)

$\frac{V_1}{T_1}=\frac{V_2}{T_2}$ $\frac{V_1}{V_1}=\frac{T_1}{T_2}$

7) Таносуби ҳаҷмҳо ва ҳароратҳоро то садяки наздиктарин муайян карда мешавад.

8) Натиҷаоро ба ҷадвали 1 ворид мекунем:

| Ҳаҷми ибтидоӣ $V_0$, л | Ҳаҷми ниҳоӣ V, л | Ҳарорати ибтидоӣ $t_0$, $^0C$ | Ҳарорати ниҳоӣ t, $^0C$ | Ҳарорати ибтидоӣ $T_0$, К | Ҳарорати ниҳоӣ T, К | $\frac{V_0}{V}$ | $\frac{T_0}{T}$ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 л | 1л | $7^0C$ | $327^0C$ | $300^0K$ | $600^0K$ | 1 | 0,5 |

**1)** Натиҷаҳои дар ду сутуни охирини ҷадвал сабтшударо бо назардошти хатои мутлақ муқоиса мекунем:

$$\frac{V_0}{V}\pm 0{,}02 = или \neq \frac{T_0}{T}\pm 0{,}01$$

1.02≠0.51

Ба тадқиқоти таҷрибаи озмоишии виртуалӣ гурӯҳи донишҷӯёни курси 2-юм, ки. ҳаҷми умумии интихоб 12 нафарро ташкил дод. Базаи таҷрибавӣ кафедраи «Физика ва география» буд. Барои интихоби гурӯҳҳои таҷрибавӣ ва назоратӣ маълумот дар бораи он гирифтан лозим буд, ки фаъолияти донишҷӯён, самти он, инчунин муайян кардани категорияҳои шахсон, шавқу ҳаваси хондан чигуна аст, донишҷӯён шавқу ҳавас ба моделҳои компютерӣ доранд. Бо ин мақсад дар худи аввали соли таҳсил мувофиқи тадқиқотҳои психологӣ, ки ба ташкили

раванди таълиму тарбия вобаста аст ба сифатҳои гуногуни индивидуалии донишҷӯён, ба имкониятҳои гуногун диққат додан лозим аст.

Мақсади барномаи компютерӣ омӯзиши хусусиятҳои ҳавасмандии таълимӣ мебошад, ки фаъолияти донишҷӯёни курси дуюм бо ҷудо кардани гурӯҳҳои назоратию таҷрибавӣ барои тадқиқоти минбаъдаи самарабахш ва чорабиниҳое, ки ба инкишоф додани маҳорат нигаронида шудаанд, фаъолияти худомӯзии донишҷӯёни мактабҳои олиро дар доираи комплекси корҳои озмоиш, яъне моделсозии компютерӣ аз фанни «Физика» дида мебароянд.

Мақсади барномаи компютериро ба таври зайл ифода кардан мумкин аст.

1. Муайян намудани ангезаҳои пешбарандаи фаъолияти таълимии хонандагон ва донишҷӯён;

2. Муқаррар намудани робитаи ҳавасмандгардонии фаъолияти таълимии хонандагон ва донишҷӯён ва самти касбияти онҳо;

3. Муқаррар намудани робитаи ҳавасмандгардонии фаъолияти таълимии хонандагон ва донишҷӯён ва инчунин самти шахсияти онҳо;

4. Муқаррар намудани робитаи ҳавасмандгардонии фаъолияти таълимии хонандагон ва донишҷӯён ва самти маҳорати техникии онҳо;

5. Интихоби гурӯҳҳои назоратӣ ва таҷрибавӣ барои таҳқиқоти минбаъдаи самаранокии фаъолияти педагоги.

Усулҳои истифодашуда дар ҷадвал оварда шудаанд[3].

**Ҷадвали 1.**

| Методика | Мақсад |
|---|---|
| № 1 «Омӯзиши мотивҳои фаъолияти таълимӣ донишҷӯён» (А.А. Реан, В.А. Якунин)<br>№ 2 «Ҳавасмандӣ барои таҳсил дар донишгоҳ» (Т.И. Ильина) | Муайян кардани ҳавасмандкунии интихобӣ (дар тамоми намуна)<br><br>Омӯзиши ҳавасмандкунӣ барои таҳсил дар донишгоҳ |

Дар рафти тадқиқот бо истифода аз методологияи «Омӯзиши ангезаҳои тарбиявӣ фаъолияти донишҷӯён» (А.А. Реан, В.А. Якунин) ба донишҷӯ рӯйхати сабабҳо дар фаъолияти таълимӣ пешниҳод карда мешавад.

Дар фаъолияти таълимӣ донишҷӯ аз 16 ангезаи ба ӯ лозим метавонад 5 ангезаи муҳимтаринро интихоб кунад ва ҳангоми интихоб ҷои аввалро дар фаъолияти донишҷӯён дар соҳаи ҳавасмандгардонии таълим ишғол мекунанд.

Дар методологияи «Ҳавасмандгардонии таҳсил дар донишгоҳ» (Т.И.Ильина) се зина мавҷуд аст: «дастгирии дониш»; «маҳорати касбӣ»; "гирифтани диплом" .Дар рафти таҷриба саволномае, ки аз 50 пункт иборат аст, истифода мешавад. Донишҷӯ баёнотро бодиққат хонда ва розӣ будан ва ё норозигии худро дар пешниҳод қайд мекунад. Натиҷаҳои тадқиқот, бо усули № 1 «Омӯзиши ангезаҳои фаъолияти таълимии хонандагон» ва № 2 ба даст оварда шудаанд, «ҳавасмандкунӣ барои таҳсил дар донишгоҳ» дар ду гурӯҳ таҳлил ва муқоиса карда мешавад.

Таҳлили натиҷаҳо нишон дод, ки сарфи назар аз баъзе фарқиятҳо дар ҳар ду гӯруҳ ҳамон мақсадҳо гузошта шудааст. Ҳамин тариқ, ин гурӯҳҳо наздиканд, ки ба яке аз онҳо имкон медиҳад ба сифати назорат (факултети табии-риёзӣ) ва дуюм чун таҷрибавӣ (факултаи муҳандисӣ) барои тадқиқоти минбаъда самаранокии фаъолиятҳое, ки ба ташаккули малакаҳои худомӯзӣ дар донишҷӯёни донишгоҳ ба амал меояд дида баромада шавад.

Ҳангоми оғоз намудани таҷриба, мо бояд мақсад ва вазифаҳои онро бодиққат фикр карда оиди натиҷаҳои пешбинишуда барномаи тадқиқоти тартиб диҳем. Мақсад аз ин таҷрибаи педагогӣ тартиб додани методикаи гузаронидани озмоишгоҳи виртуалии компютерӣ мебошад, ки барои баланд бардоштани самаранокии омӯзиши ҳодисаю равандҳои назариявӣ дар курсҳои физикаи гармо дар донишгоҳҳо ба роҳ монда мешавад. Тахмин карда мешавад, ки самаранокии таълими донишҷӯён ва хонандагон, маводҳои назариявии курси «Физикаи гармо», ҳавасмандии таълимӣ хоҳад буд, ки агар дар синфхонаи озмоишӣ, омӯхтани моделхои назариявии физикӣ таҳия ва истифодаи мунтазами корҳои

озмоишии виртуалии барномаҳои компютерӣ ба роҳ монда шавад, он гоҳ татбиқи консепсияи даврии таъминот бо маводи назариявӣ дар асоси фаъолияти мустақилонаи фаъоли ҷустуҷӯии донишҷӯён пурра амалӣ мешавад.

Барои иҷроиши ин консепсия вазифаҳои зеринро иҷро кардан зарур аст:

– ҷорӣ намудани маҷмӯи корҳои озмоиши алоқаманд ба моделсозии компютерӣ, ки бо роҳи зина ба зина омӯхтани маводи назариявӣ дар раванди иҷрои кор замима эҷод мекунад;

– таҳияи методологияи мустақилона оиди зина ба зина ба даст овардани дониши касбӣ ҳангоми гузаронидани корҳои озмоишии виртуалии компютерӣ;

– таҳияи нақшаи гузаронидани корҳои озмоишии ҳақиқӣ ва иваз намудани онҳо ба корҳои озмоишии виртуалии компютерӣ;

– санҷиши самаранокии методологияи таҳияшуда ҳангоми таҷрибаи педагогӣ.

Мутобиқи мақсад ва вазифаҳои тадқиқот, марҳилаҳои зерин муайян карда шуданд: Таҷрибаи педагогӣ

1. Муайян кардани дараҷаи омодагии хонандагон ба иҷрои корҳои озмоишии виртуалӣ ва дарки моделсозии компютерӣ;

2. Омӯзиши таъсири объективии корҳои озмоишии виртуалӣ бо ташаккул додани дониши назариявии донишҷӯён дар курси «Физикаи гармо»;

3. Муайян намудани имконияти вобастагии байни сатхи дониши назариявии донишчуён ва фоидабахшии корҳои озмоишии виртуалӣ дар алоқаманди ба семинарҳои озмоишӣ.

Муайян кардани дараҷаи омодагии донишҷӯён ва хонандагон ба иҷрои корҳои озмоишии виртуалӣ ва дарки компютер ва баҳо додан ба сатҳи саводнокии компютерии онҳо ва коркарди статистикии натиҷахои тадқиқ дар мавриди ноил шудан ба натиҷаҳои назаррас.

Мувофики пурсиши байни донишҷӯёни курси дуюм, 75% пурсидашудагон бо системаи оператсионии Windows шинос буданд ва таҷриба доштанд. 25% донишҷӯён, мувофиқи баҳодиҳии субъективии худ, малакаҳои компютериро дар сатҳи корбар доранд, 75% худро корбарони бомаҳорат мешуморанд ва. Дар бораи донистани барномаҳои стандартии гуногун ва бастаҳои математикӣ 75% -и донишҷӯён изҳори донистанро кардаанд, 75% донишҷӯёни курси дуюм ба компютер шавқу ҳаваси зиёд доштанд, 25% донишҷӯён ҳамеша имконияти кор бо компютери худро доранд ва танҳо 2% хонандагон имкони мустақилона дар компютер кор карданро надоранд. Ин донишҷӯён барои такмил додани донишҳои компютерии худ ба маркази маркази информатсионии компютерии факултетҳо фиристода шуданд. Маълумоти ба даст овардашуда ба мо имкон дод, ки хулосаҳои зерин барем:

– донишҷӯёни курси дуюм таҷрибаи кофии кор дар компютер, аз ҷиҳати техникӣ ва аз ҷиҳати равонӣ ба истифодаи барномаҳои махсуси таълимӣ омода мебошанд;

– таҳкурсии ояндадор барои таҳияи ин воситаҳои компютерӣ Системаи оператсионии Windows мебошад.

Таҳлили дастовардҳои муосири кори озмоишии виртуалии компютерӣ имкон дод, ки онҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо кунем: корҳое, ки ба такрористеҳсолкунии таҷрибаҳои ҳақиқии физикӣ нигаронида шудаанд ва корҳое, ки ба омӯзиши моделҳои назариявии ва виртуалии физикӣ нигаронида шудаанд (моделиронии компютерӣ ва кори озмоишӣ). Ҳангоми иҷрои кори озмоишии виртуалии компютерӣ ба омӯзиш, моделҳои назариявӣ (инчунин ҳангоми иҷрои кори озмоишии виртуалии компютерӣ, ки воқеияти таҷрибаи физикиро дубора такрор мекунанд), методологияи гузарондани таҷрибаҳои ҳаҷмашон калон ба асос гирифта шудааст.

Дар ин ҷо пурра азхуд намудани маводҳои назариявӣ шарти зарурии кор бо барномаи компютерӣ мебошад. Дар натиҷа, иҷрои кори озмоишии виртуалии барномаи компютерӣ тасвири назарияи омӯхташударо дар бар мегирад.

Хусусиятҳои азхудкунии маводи назариявӣ ҳангоми иҷрои санҷишҳои компютерӣ кори озмоишии моделсозӣ иборат аз он аст, ки маводи назариявӣ дар тамоми кори озмоишӣ омухта мешавад. Асоси сохтани чунин консепсия, мафҳуми пай дар пай омӯхтани материали назариявӣ мебошад. Барои ин микдори кофии корхои озмоишӣ кор карда баромадашуда, ҷорӣ карда шудаанд. Дар бораи кафедраи физика аз фанни «Физикаи гармо» қайд кардан зарур аст, ки кафедра 18 корҳои озмоишии виртуалии компютерӣ, 2/3 маводи назариявии курси «Термодинамика»-ро дарбар мегирад.

Дар асоси консепсияи тартибдода, комплекси 18 кори озмоишии виртуалии моделсозии компютерӣ дар курси «Термодинамика», ки пурра маҷмуи воситаҳои таълимӣ мебошад, ба роҳ монда мешавад. Хусусияти фарққунандаи ин комплекс ин аст, ки мавҷудияти маводҳои

дараҷаҳои гуногуни мураккаб, ки ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки фарқиятҳои асосиро миёни корҳои озмоишии ҳақиқӣ ва виртуалӣ ислоҳ намоянд.

Пас аз анҷом додани кори корҳои озмоишии виртуалии модесозии компютерӣ 75% донишҷӯён материали назариявиро, ки асар ба он асос ёфтааст, пурра фаҳмида гирифт ва онро тасдиқ мекунанд. Таҷриба равшан нишон дод, ки шавқу рағбати донишҷӯён ба иҷрои корҳои озмоишии виртуалии моделҳои компютерӣ зиёд шудааст.Бояд қайд намуд, ки донишҷӯёне, ки кори озмоишии виртуалиро гузаронидаанд дар самтҳои гуногун фоизҳои гуногунро ташкил медиҳанд: хеле шавқовар — 23 фоиз; ҷолиб - 57%; наонқадар ҷолиб - 17%; шавқовар - 2% ва дилгиркунанда - 1%. Сарфи назар аз он, ки донишҷӯёни зиёд (75%)-ро ташкил медоданд.

Дар давраи пурсиш аллакай зиёда аз ду кори озмоишии виртуалӣ ба анҷом расида буд, ки аксарияти мутлақи онҳо (71%) мехоҳанд боз як озмоишгоҳи компютерӣ ташкил кунем.

Санҷиши таъсири иҷрои корҳои озмоишии виртуалӣ ба азхудкунии мавод

Аз рӯи мавзуъҳои алоҳида донишҷӯён аз рӯи маводи як мавзуъ санҷида шуданд.

Барои таҷриба мавзуи «Термодинамика» интихоб карда шуд. Марҳилаи аввали санҷиш баъд аз хондани маводи лексия аз рӯи мавзуъ гузаронда шуд. Дуюм санҷиши назоратӣ пас аз анҷоми корҳои озмоишии виртуалӣ гузаронида шуд (дар охири семестр). Аз рӯи натиҷаҳои зинаи якуми назоратӣ (санҷиш) мо метавонем дар бораи ҳисоби миёна хулоса барем, ки дараҷаи азхудкунии лексияю маводҳои амалӣ ба 59 фоизи донишҷӯён рост меояд.

Баҳоҳои «хуб» ва «аъло» ба зиёда аз 45% -и донишҷӯён дар имтиҳони баҳодиҳи рост меояд. Дар асоси натиҷаҳои гузаронидани санҷиши дуюм) мо метавонем хулоса барорем, ки мавзуе, ки донишҷӯён ба дараҷаи кифоя азхуд кардаанд. 68 фоизи донишҷӯён баҳои «хуб» ва "аъло"-ро соҳиб шудаанд.

Гуфтаҳои болоро ҷамъбаст намуда, ба чунин хулоса омадан мумкин аст: нишондиҳандаҳои сифати тайёрии донишҷӯён дар санҷиши назоратии дуюм аз нишондихандаҳои сифатии маводи азхудшуда мувофиқи санҷиши назорати аввал фарқкунанда мебошад.

Дар асоси натиҷаҳои санҷиш дар оғози семестр ва имтиҳон, дар охири семестр, омӯхтани таъсири озмоишгоҳи виртуалии компютерӣ ба ташаккули дониши назариявии донишҷӯён дар курси «Термодинамика» ба роҳ монда шуд. Назорати таҷрибавии гурӯҳҳо дар ибтидои семестр, натиҷаҳои оморӣ баробарро дар санҷиш нишон доданд.

Баъд донишҷӯёни гурӯҳи назоратӣ танҳо корҳои озмоишии ҳақиқиро иҷро карданд (10 нафар) ва донишҷӯёни гурӯҳи таҷрибавӣ дар баробари гурҳҳи донишҷӯёни иҷрои кори озмоишии ҳақиқиро анҷомдода, 3—5 кори озмоишии виртуалии модели компютериро иҷро карданд (9 нафар).

Дар натиҷа, баланд бардоштани баҳои имтиҳонӣ дар гурӯҳи таҷрибавиро нисбат ба гурӯҳи назоратӣ аҳамиятнок ҳисоб кардан мумкин нест. Ин аз он сабаб аст, ки самаранокии таълими назариявӣ на танҳо ба иҷрои корҳои озмоишии виртуалии моделсозии компютерй вобаста аст. Лексияҳо ва дарсҳои амалӣ ҳам дар гурӯҳи назорат ва ҳам дар гурӯҳи таҷрибавӣ ба таври анъанавӣ гузаронида шуданд. Моделҳои компютерӣ яъне озмоишгоҳҳои виртуалӣ дар раванди таълим имкон медиҳад, ки шартҳои зеринро иҷро намуда шавқу ҳаваси донишҷӯён ва хонандагонро нисбати корҳои озмоишии виртуалӣ зиёд мекунад.

– маҷмӯи корҳои озмоишии виртуалӣ таъсис дода шудааст, ки ба фанҳои техники ва табиӣ алоқаманд мебошанд.

-консепсияи тартибдодашудаи тадриҷан азхуд намудани маводҳои назариявиро дар бар мегирад;

– пайдарпаии санҷишҳои озмоишгоҳҳои виртуалии моделсозии компютерӣ дар озмоишгоҳҳои донишгоҳ муайян карда шудааст;

— тартиби ивази кори озмоишии ҳақиқӣ ва корҳои озмоишии виртуалӣ муайян карда шудааст.

Таҳқиқотҳо ба мо имкон дод, ки хулосаҳои зеринро барем:

– консепсияи педагогии пешниҳодшудаи гузаронидани моделиронии компютерии корҳои озмоишии виртуалӣ ба ташаккули фаъолияти маърифатии донишҷӯён дар сатҳи баланди назариявӣ мусоидат мекунад;

– санҷиши таҷрибавии гипотеза дар бораи таъсири мусбати корҳои озмоишии виртуалии моделсозии компютерӣ аз рӯи натиҷаи омухтани маводҳои назариявии курси термодинамика аз рӯи маводҳои хеле калони статистикӣ гузаронда шуд ва натиҷаи мусбат дод.

Дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда, мо метавонем хулоса барорем, ки самаранокии азхудкунии дониши донишҷӯён дар донишгоҳҳои техникӣ аз рӯи маводҳои назариявӣ дар курсҳои термолдинамика бо истифода аз озмоишгоҳҳои виртуалӣ, имкон медиҳад, ки маводҳои назариявӣ ба пураги аз худ карда шавад.

Истифодаи компютер ҳамчун қисми технологияи иттилоотӣ ба инкишофи озмоишгоҳҳои виртуалӣ дар сохтани моделҳои компютерии равандҳои термодинамикӣ таъсири калон мерасонад. Мақсади асосие, ки бо ёрии кори озмоишии виртуалӣ дар равандҳои термодинамикӣ ба амал бароварда шудааст, бояд ташаккули маҳорати омӯхтани моделҳои назариявӣ ва гайра ба назар гирифта шуда, барои аз худ намудани маводҳои назариявии фанхои дахлдори таълимӣ равона карда шавад.

Аз ин рӯ, барои таҷрибаи физикӣ барқарор кардани шароитҳои идеалие, ки дар назария тавсиф шудаанд, душвор аст ва на ҳамеша такягоҳи ташаккули маҳорати таҷрибавӣ мегардад.

## АДАБИЁТ


1. Богданов, О.В., Ревинская, О.Г., Филимонов, С.С. Компьютерные лабораторные работы как один из способов развития интереса к изучению физики // Материалы X Всероссийской научно-практической конференции «Инновационные процессы в высшей школе», Краснодар, 23-26 сентября 2004 г. – Краснодар, 2004. – С. 98-99.

2. Вербицкий, А.А. Активное обучение в высшей школе: контекстный подход.– М.: Высшая школа, 2005.

3. Выготский, Л.С. Педагогическая психология. – М.: Педагогика, 2007.

4. http://mediadidaktika.ru/mod/page/view.php?id=345

5. Кавтрев, А.Ф. Компьютерные модели в школьном курсе физики / А.Ф. Кавтрев // Журнал "Компьютерные инструменты в образовании". – СПб.: Информатизация образования, 1998. – С. 41-47.

6. Гергова, И.Ж. Виртуальные лабораторные работы как форма самостоятельной работы студентов / И.Ж. Гергова, М.А. Коцева, А.Х. Ципинова, Э.Х. Шериева, И.К. Азизов // Современные наукоемкие технологии. – 2017. – № 1. – С. 94-98;

7. Савельев, Н.В. Курс общей физики. Книга 4. Волны. Оптика. / Н.В. Савельев. – М.: АСТ, Астрель, 2007. – 256 с.

8. Иродов, И.Е. Волновые процессы. Основные законы / И.Е. Иродов. – М.: БИНОМ. Лаборатория знаний, 2010. – 264 с.

9. Сивухин, Д.В. Общий курс физики. Т.4. Оптика. / Д.В. Сивухин. - М.: Физматлит, МИФИ, 2006. - 792 с.

10. Зисман, Г.А. Курс общей физики. Т.3. Оптика. Физика атомов и молекул. Физика атомного ядра и микрочастиц. / Г.А. Зисман, О.М. Тодес. - СПб., М., Краснодар: «Лань», 2007. - 512 с.

11. Фриш, С.Э. Курс общей физики. Т.3. Оптика. Атомная физика. / С.Э. Фриш, А.В. Тиморева. - СПб., М., Краснодар: «Лань», 2009. - 656 с.

12. Детлаф, А.А. Курс физики. / А.А. Детлаф, Б.М. Яворский. - М: Академия, 2009. - 720 с.

13. Трофимов, Т.И. Курс физики / Т.И. Трофимов. – М: Издательский центр «Академия», 2010. – 560 с.

14. Ландсберг, Г.С. Оптика / Г.С. Ландсберг. – М: Физматлит, 2010. – 848 с.

15. Введение в физический практикум. Обработка результатов измерений: учебное пособие для заочного отделения / Б.Б. Болотов, В.В. Благовещенский, В.В. Кашмет, Н.Г. Москвин. – СПб., 2009. – 15 с.

16. Трофимова, Т.И. Курс физики: учебное пособие для вузов / Т.И. Трофимова. – 11-е изд., стер. – М.: Издательский центр «Академия», 2006. – 560 с.

## АБЗОРИ БОСИФАТИ ПЕДАГОГӢ АЗ ФАННИ ФИЗИКА

***ШЕРМАТОВ Д. С.*** *– доктори илмхои физикаю математика, профессор, мудири кафедраи физикаи тиббию биологӣ бо асосҳои информатикаи Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи А. Сино, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 139.* ***E-mail:*** *erkin_sermatov@list.ru,* ***тел.:*** *(+992) 919 04 49 48*

***ИСТАМОВ Фарҳод Хоҷамқулович*** *– номзади илмҳои физикаю математика, дотсенти кафедраи методикаи таълими физикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.* ***E-mail:*** *istamov@list.ru,* ***тел.:*** *(+992) 93 182 83 88*

***ХУСРАВБЕКОВ Лоиқ Давлатбекович*** *– ассистенти кафедраи физикаи тиббӣ ва биологии асосҳои информатикаи Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи А. Сино, аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 139.* ***E-mail:*** *loik.khusrawbekov.1977@mail.ru,* ***тел.:*** *(+992)93 569 63 76*

***АХМЕДОВА Зебинисо Партововна*** *– омӯзгори калони Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.* ***E-mail:*** *habibullo-n@yandex.ru,* ***тел.:*** *(+992) 93 182 83 88*

Дар мақола таҳлили хусусиятҳои психометрии супоришҳои тестӣ баррасӣ карда мешавад. Коэффисиенти душворӣ ва қобилияти дифференсиалии супоришҳои тестӣ дар асоси назарияи классикии тестҳо муайян карда шудаанд. Дар асоси маълумоти бадастомада асбобе таҳия карда шудааст, ки метавонад барои баҳодиҳии дониши хонандагони синфи 11-и муассисаҳои таҳсилоти умумӣ истифода шавад. Қайд карда мешавад, ки донишу малакаи хонандагонро танҳо бо истифода аз абзори босифати ченкунӣ арзёбӣ кардан мумкин аст.

***Вожаҳои асосӣ:*** *таҳиягарон, супоришҳои тестӣ, сифати санҷиш, ченакҳои педагогӣ, асбоби андозагирӣ, донишҷӯён, дониш ва маҳорат*

## КАЧЕСТВЕННЫЙ ПЕДАГОГИЧЕСКИЙ ИНСТРУМЕНТ ПО ФИЗИКЕ

***ШЕРМАТОВ Д. С.*** *– доктор физико-математических наук, профессор,* заведующий *кафедры медицинской и биологической физики с основами информатики* ТГМУ им. А.Сино, *г. Душанбе, Рудаки, 139.* ***E-mail:*** *erkin_sermatov@list.ru,* ***тел.:*** *(+992) 919 04 49 48*

***ИСТАМОВ Фарход Ходжамкулович*** *– кандидат физико-математических наук, доцент кафедры методики преподавания физики Таджикский национальный университет, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17.* ***E-mail:*** *istamov@list.ru,* ***тел.:*** *(+992) 93 182 83 88*

***ХУСРАВБЕКОВ Лоик Давлатбекович*** *– ассистент кафедры медицинской и биологической физики с основами информатики ТГМУ им. А. Сино, отличник образования и науки Республики Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 139.* ***E-mail:*** *loik.khusrawbekov.1977@mail.ru,* ***тел.:*** *(+992)93 569 63 76*

***АХМЕДОВА Зебинисо Партововна*** *– старший преподаватель Института технологий и инновационного менеджмента в г. Куляб, г. Душанбе, проспект Рудаки 17.* ***E-mail:*** *habibullo-n@yandex.ru,* ***тел.:*** *(+992) 93 182 83 88*

В статье рассматривается анализ психометрических характеристик тестовых заданий. Выявлены коэффициент трудности и дифференцирующая способность тестовых заданий на основе классической теории тестов. По полученным данным разработан инструмент, которую можно применить для оценивание знаний учащихся 11-ого класса общеобразовательных учреждений. Отмечено, что знания и умения учащихся можно оценить лишь с помощью качественного инструмента измерения.

***Ключевые слова:*** разработчики, тестовые задания, качество теста, педагогические измерения, инструмент измерения, учащиеся, знание и умение

# THE QUALITATIVE PEDAGOGICAL TOOL OF PHYSICS

***KHUSRAWEKOV Loik Dawlatbekovich*** *– excellence of education and science of the Republic of Tajikistan, assistant of the Department of medical and biological physics with bases of Informatics TSMU named after A. Sino, Dushanbe, Rudaki Avenue, 139.* ***E-mail:*** *loik.khusrawbekov.1977@mail.ru,* ***phone****: (+992) 93 569 63 76*

***SHERMATOV D. S.*** *– doctor of physico-mathematical Sciences, professor. Head of the Department of medical and biological physics with bases of Informatics TSMU named after A. Sino, Dushanbe, Rudaki, Avenue, 139.* ***E-mail:*** *erkin_sermatov@list.ru,* ***phone****: (+992) 919 04 49*

***ISTAMOV F.Kh.*** *– Candidate of Physics and Mathematics, Associate Professor of the Department of Teaching Methods of the Tajik National University, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.* ***E-mail:*** *istamov@list.ru,* ***phone****: (+992) 93 182 83 88*

***AKHMEDOVA Zebiniso Partovna*** *– senior lecturer at the Institute of Technology and Innovative Management in Kulob, Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17.* ***E-mail:*** *habibullo-n@yandex.ru,* ***phone****: (+992) 93 182 83 88*

In the article considered the analyzes of psychometric characteristics of test items. Defined the coefficient of difficulty and differentiating ability of test items to use the classical tests theory. According to gained date was develop the tool, which could be applicate for assessment of level of knowledge of 11 grade students of comprehensive schools. It is noticed that knowledge and skills of students can be estimated only by qualitative tool of measurement.

***Keywords:*** Developers, test items, quality of the test, pedagogical measurements, measurement tool, students, knowledge and skill.

Барои тахия намудани абзори босифати педагогӣ (тести педагогӣ) [1] зарур аст, ки назарияи санҷишҳои педагогӣ, методҳои математика-оморӣ ва психометриро истифода намуд, то ки мувофиқ будани тест ба талаботҳои сифатро муайян кард [2].

Дар мақола абзори педагогии босифат барои дар оянда истифода намудан дар арзёбии дониши хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (МТМУ) аз фанни физика пешниҳод шудааст, ки дар асоси таҳлили хусусиятҳои асосии психометрии саволу масъалаҳои тест (СМТ) ба монанди дараҷаи душворӣ (difficulty, p-value) ва қобилияти тафриқавии СМТ (discriminatory power, $p_{dis}$) тахия гардид [3].

Қайд кардан зарур аст, ки барои тахия намудани абзори босифати педагогӣ мо дар таҳқиқотамон шаш варианти тесте, ки дар имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии (МТОК) Тоҷикистон дар соли 2019 истифода шуданд, татбиқ кардем [4].

Дараҷаи дуворӣ ва қобилияти тафриқавии СМТ дар асоси назарияи классикии тестҳо (Classical Test Theory (CTT)) муайян шуданд [5].

Душвории оморӣ имкон медиҳад, ки тахиягар ҷойи савол ва ё масъаларо дар тест муайян кунад. Агар СМТ-ро аксарияти озмудашавандагон дуруст ҳал кунанд, онро ҳамчун саволи нисбатан осон дар аввали тест ҷой дода, агар СМТ-ро миқдори ками озмудшавангон дуруст ҳал кунанд, онро ҳамчун саволи нисбатан душвор дар охири тест ҷойгир мекунанд. Агар дараҷаи душвории саволу масъалаҳо миёна бошад, онвақт омӯзгор ва ё тахиягар метавонад саволу масъаларо дар тест тибқи тартиби барномаи таълими аз рӯйи бобҳо ва мавзӯъҳо ҷойгир кард. Агар дараҷаи душвории СМТ гуногун бошад, онҳоро бо тартиби зиёдшавии дараҷаи душворӣ ҷойгир бояд намуд. Аз нуқтаи назари тестшиносӣ барои тестҳои меъёрии мақсаднок агар коэффитсиенти душвории саволу масъала аз 0,2 кам ва ё аз 0,8 зиёд бошад, ингуна саволу масъалаҳоро ба тести ниҳоӣ ворид кардан мумкин нест [6].

Дар ҷавдали 1 натиҷаҳои озмудашавандагон аз рӯйи дараҷаи душвории СМТ оварда шудаанд.

***Ҷавдали 1. Коэффитсиенти душвории СМТ***

| № СМТ | Вариант 1 | Вариант 2 | Вариант 3 | Вариант 4 | Вариант 5 | Вариант 6 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Коэффитсиенти душворӣ, % | | | | | |
| **1** | 0,37 | 0,40 | 0,50 | 0,49 | 0,32 | 0,66 |
| **2** | 0,37 | 0,49 | 0,51 | 0,36 | 0,50 | 0,34 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 3 | 0,37 | 0,32 | 0,33 | 0,53 | 0,38 | 0,38 |
| 4 | 0,19 | 0,16 | 0,23 | 0,41 | 0,68 | 0,26 |
| 5 | 0,35 | 0,40 | 0,31 | 0,37 | 0,36 | 0,51 |
| 6 | 0,37 | 0,09 | 0,31 | 0,29 | 0,24 | 0,20 |
| 7 | 0,42 | 0,30 | 0,41 | 0,40 | 0,46 | 0,16 |
| 8 | 0,41 | 0,40 | 0,74 | 0,41 | 0,43 | 0,36 |
| 9 | 0,49 | 0,44 | 0,24 | 0,44 | 0,26 | 0,34 |
| 10 | 0,13 | 0,36 | 0,46 | 0,47 | 0,28 | 0,48 |
| 11 | 0,41 | 0,35 | 0,25 | 0,37 | 0,27 | 0,42 |
| 12 | 0,36 | 0,24 | 0,40 | 0,29 | 0,21 | 0,17 |
| 13 | 0,43 | 0,49 | 0,25 | 0,49 | 0,53 | 0,46 |
| 14 | 0,38 | 0,57 | 0,40 | 0,47 | 0,27 | 0,48 |
| 15 | 0,35 | 0,21 | 0,35 | 0,33 | 0,29 | 0,30 |
| 16 | 0,45 | 0,29 | 0,48 | 0,32 | 0,41 | 0,41 |
| 17 | 0,52 | 0,26 | 0,27 | 0,32 | 0,21 | 0,45 |
| 18 | 0,10 | 0,10 | 0,30 | 0,46 | 0,20 | 0,38 |
| 19 | 0,34 | 0,04 | 0,12 | 0,23 | 0,21 | 0,53 |
| 20 | 0,10 | 0,05 | 0,15 | 0,36 | 0,49 | 0,38 |
| 21 | 0,05 | 0,02 | 0,03 | 0,05 | 0,04 | 0,21 |
| 22 | 0,21 | 0,24 | 0,36 | 0,23 | 0,14 | 0,28 |

Аз рӯйи нишондодҳои ҷавдали 1 ба тести ниҳоӣ саволу масъалаҳои бо ранги сиёҳ ҷудокардашуда ворид мешаванд, чунки дараҷаи душвориашон ба талаботҳои тестшиносӣ ҷавобгӯ аст.

Яке аз хусусиятҳои муҳими дигари психометрии СМТ ин қобилияти тафриқавӣ ё худ қувваи дискриминативии (discriminatory power) саволу ва ё масъалаи дар тест воридшуда мебошад [7]. Қобилияти тафриқавӣ ин қобилияти савол ва ё масъала барои ҷудо намудани хонандагон вобаста ба дараҷаи дониши онҳо мебошад.

Қобилияти тафриқавии баланд хусусияти муҳими саволи хуб мебошад, ва он меъёри боэътибории (validity) савол ва ё масъаларо муайян мекунад. Аз ин сабаб дар тести хуби меъёрӣ бояд танҳо саволу масъалаҳои қобилияти тафриқавиашон баланд ворид карда шаванд.

Дар ҷадвали 2 қобилияти тафриқавии ҳамаи СМТ дар шаш варианти озмудашуда оварда шудаанд.

***Ҷавдали 2. Қобилияти тафриқавии СМТ***

| № СМТ | Вариант 1 | Вариант 2 | Вариант 3 | Вариант 4 | Вариант 5 | Вариант 6 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Нишондиҳандаи дискриминативӣ, % | | | | | |
| 1 | 0,49 | 0,66 | 0,27 | 0,72 | 0,45 | 0,59 |
| 2 | 0,60 | 0,55 | 0,24 | 0,76 | 0,71 | 0,62 |
| 3 | 0,68 | 0,46 | 0,33 | 0,73 | 0,68 | 0,73 |
| 4 | 0,24 | 0,22 | 0,14 | 0,48 | 0,43 | 0,34 |
| 5 | 0,47 | 0,31 | 0,62 | 0,45 | 0,47 | 0,62 |
| 6 | 0,57 | 0,01 | 0,60 | 0,66 | 0,23 | 0,54 |
| 7 | 0,25 | 0,27 | 0,31 | 0,39 | 0,36 | 0,39 |
| 8 | 0,71 | 0,53 | 0,60 | 0,68 | 0,55 | 0,59 |
| 9 | 0,53 | 0,61 | 0,70 | 0,55 | 0,55 | 0,61 |
| 10 | 0,06 | 0,37 | 0,69 | 0,10 | 0,31 | 0,52 |
| 11 | 0,49 | 0,55 | 0,54 | 0,62 | 0,42 | 0,57 |
| 12 | 0,13 | 0,21 | 0,55 | 0,39 | 0,36 | 0,16 |
| 13 | 0,48 | 0,38 | 0,58 | 0,00 | 0,34 | 0,42 |
| 14 | 0,37 | 0,51 | 0,73 | 0,37 | 0,43 | 0,42 |
| 15 | 0,49 | 0,33 | 0,38 | 0,54 | 0,42 | 0,39 |
| 16 | 0,41 | 0,54 | 0,41 | 0,39 | 0,40 | 0,44 |
| 17 | 0,46 | 0,42 | 0,44 | 0,40 | 0,39 | 0,53 |
| 18 | 0,42 | 0,41 | 0,28 | 0,87 | 0,69 | 0,86 |
| 19 | 0,69 | 0,17 | 0,41 | 0,74 | 0,74 | 0,80 |
| 20 | 0,40 | 0,25 | 0,52 | 0,58 | 0,88 | 0,92 |
| 21 | 0,15 | 0,09 | 0,27 | 0,19 | 0,18 | 0,32 |
| 22 | 0,32 | 0,73 | 0,24 | 0,58 | 0,26 | 0,61 |

Ба ақидаи мутахассисон (Клайн ва дигарон.) [6] ба сифати қимати критикӣ 0,2 қабул шудааст, барои ҳамин ҳамаи СМТ-ро, ки қимати ададии қобилияти тафриқавии барои онҳо аз 0,2 камтар аст ($r_{pbis} < 0,2$) ба тести ниҳоӣ ворид кардан мумкин нест.

Аз рӯйи нишондодҳои ҷавдалҳои 1 ва 2 тест аз фанни физика аз 22 СМТ-и навъҳои гуногун иборат мебошад [8, 9, 10]: СМТ №1-№12 бо интихоби як ҷавоби дуруст, СМТ №13-№17 барои муайян кардани мувофиқат ва СМТ №18-№22 – навъи кушода мебошанд. Барои СМТ навъи мувофиқат қимати миёнаи коэффитсиенти душворӣ ва нишондиҳандаи дискриминативӣ муайян карда шуд.

Аз рӯйи нишондодҳои ҷадвали 1 ва 2 саволу масъалаҳое, ки бо ранг ҷудо карда шудаанд, дар варианти ниҳоии тест, барои арзёбии дараҷаи дониш, малака ва маҳорати хонандагони синфи 11-и МТМУ-и Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст, чунки муаллифон вобаста ба ду хусусияти муҳими психометрӣ – дараҷаи душворӣ ва қобилияти тафриқавӣ ин саволу масъалаҳоро интихоб намуданд.

Дар ҷадвлаи 3 саволу масъалаҳои интихобшуда вобаста ба дараҷаи душворӣ ва қобилияти тафриқавии онҳо оварда шуд

***Ҷадвали 3. Нишондиҳандаҳои душворӣ ва қувваи дискриминативии СМТ***

| № СМТ | Коэфит-сиенти душворӣ | Коэффит-сиенти дискрими-нативӣ | № СМТ | Коэфит-сиенти душворӣ | Коэффит-сиенти дискрими-нативӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| **1** | 0,66 | 0,59 | **12** | 0,40 | 0,55 |
| **2** | 0,51 | 0,24 | **13** | 0,53 | 0,34 |
| **3** | 0,53 | 0,73 | **14** | 0,57 | 0,51 |
| **4** | 0,68 | 0,43 | **15** | 0,35 | 0,38 |
| **5** | 0,51 | 0,62 | **16** | 0,48 | 0,41 |
| **6** | 0,37 | 0,57 | **17** | 0,52 | 0,46 |
| **7** | 0,46 | 0,36 | **18** | 0,46 | 0,87 |
| **8** | 0,74 | 0,60 | **19** | 0,53 | 0,80 |
| **9** | 0,49 | 0,53 | **20** | 0,49 | 0,88 |
| **10** | 0,48 | 0,52 | **21** | 0,21 | 0,32 |
| **11** | 0,42 | 0,57 | **22** | 0,36 | 0,24 |

Дар расми 1 шарҳи графикии алоқамандии коэффитсиентҳои душворӣ ва дискриминативии СМТ оварда шудааст.




***Расми 1. Шарҳи графикии коэффитсиентҳои душворӣ ва дискриминативии СМТ***

Мувофиқи нишондодҳои ҷавдали 3 ва расми 1 дар варианти ниҳоии тест саволу масъалаҳое ворид шуданд, ки қобилияти тафриқавии онҳо ба талаботи тестшиносӣ ҷавобгӯ аст, яъне саволу масъалаҳое, ворид мешаванд, ки қимати нишондиҳандаи дискриминатвии онҳо аз 0,2 зиёд аст, ва саволу масъалаҳое ворид шуданд, ки қимати дараҷаи душвории онҳо низ миёна аст, яъне саволу

масъалаҳои душвор, ки дараҷаи душвории онҳо дар ҳудуди аз **0 – 0,2%**, ва саволу масъалаҳои осон, ки дараҷаи душвории онҳо дар ҳудуди аз **0,8 – 1%** мехобанд, ворид нашуданд.

Чуноне, ки аз расми 1 дида мешавад, саволу масъалаҳои дараҷаи душвориашон миёна, аз ҷумла №3, №18, №19, №20 хонадагони аълохон ва сустхонро ҷудо кардан метавонанд, чунки қобилияти тафриқавии ин СМТ баланд аст. Дараҷаи душвории саволу масъалаҳои №2, №13 ва №7 низ миёна аст, лекин қобилияти тафриқавии онҳо нисбатан пасттар аст. Саволи №8 нисбатан осонтар аст, вале қобилияти тафриқавии хуб дорад. Яъне қобилияти хуби чудо намудани хонандагони аълохон ва сустхонро дорад. Аз таҷриба ва аз рӯйи нуқтаи назари тестшиносон қобилияти тафриқавии саволу масъалаҳои душвор бояд назар қобилияти тафриқавии саволу масъалаҳои нисбатан осонтар баландтар бошад. Лекин ба фикри муалифон омилҳое вуҷуд доранд, ки ба ин таъсири манфӣ мерасонанд. Омили асосӣ ин интихоби дистракторҳо дар саволу масъалаҳои тест мебошад.

Дар асоси таҳлилҳои психометрӣ ва оморӣ абзори зерин барои арзёбии дониши хонанадагони синфи 11 аз фанни физика таҳия гардид:

1

Моҳ ҳангоми давр задан дар гирди Замин дар t = 6 соат масофаи S = 21 600 км-ро тай мекунад. Суръати хаттии Моҳро ёбед.

A) 3,6 км/ст
B) 360 км/ст
C) 3600 км/ст
D) 36 км/ст

2

Завраки муҳаррикдори массааш m = 200 кг дапр кӯл бо шитоби $a$ = 2 м/с$^2$ ҳаракат мекунад. Қувваи кашиши муҳаррики завракро ёбед. Қувваи муқовимати обро ба эътибор нагиред.

A) 202 Н
B) 198 Н
C) 100 Н
D) 400 Н

3

Маълумоти ҷадвалро истифода бурда, энергияи потенсиалии шоҳинро нисбат ба Замин муайян кунед.

A) 63 Ҷ
B) 20 Ҷ
C) 1 500 Ҷ
D) 80 Ҷ

| Паранда | Шитоби афтиши озод g, м/с$^2$ | масса m, кг | Баландии парвоз h, м |
|---|---|---|---|
| Уқоб | 10 | 10 | 200 |
| Шоҳин | 10 | 3 | 50 |

4

Самти қувваи вазниниро, ки ба саққои дар моеъ ғӯтидаистода (ниг. ба расм) таъсир мекунад, нишон диҳед.

A) F2
B) F1
C) F3
D) F4




5

Меъёри борбардории лифт 3 т мебошад. Оё бо ин лифт бори пӯлодини ҳаҷмаш 1 м$^3$-ро бардоштан мумкин аст? Зичии пӯлодро 7 800 кг/м$^3$ қабул кунед.

A) не, массаи бор 3 900 кг
B) не, массаи бор 7 800 кг
C) не, массаи бор 2 300 кг
D) ҳа, массаи бор 10 800 кг

6

Зарфи даҳонакаш маҳкам m = 14 кг газ дорад. Агар миқдори моддаи газ ν = 500 мол бошад, массаи молярии газ чӣ қадар аст?

A) 0,028 кг/мол
B) 0,0486 кг/мол
C) 0,0514 кг/мол
D) 0,0357 кг/мол

7

Агар дар раванди изобарӣ ҳангоми гарм кардан ба оксиген миқдори гармии Q = 600 Ҷ дода бошанд, оксиген ба муқобили қувваҳои беруна чӣ қадар корро иҷро кард? Тағйирёбии энергияи дохилии газ $\Delta U$ = 400 Ҷ буд.

A) – 200 Ҷ
B) 1 000 Ҷ
C) –1 000 Ҷ
D) 200 Ҷ

8

Агар муқовимати электрии мӯяки тафсониши лампаи рӯйимизӣ R = 55 Ом ва қувваи чараёни ба он мувофиқ I = 4 А бошад, лампаро ба шабакаи шиддаташ чӣ қадар пайваст кардан мумкин аст (ниг. ба расм)?




A) 13,75 В
B) 51 В
C) 59 В
D) 220 В

9

Калонкунии хаттии линза Г = 4 мебошад. Агар андозаи хаттии предмет h = 6 см бошад, андозаи хаттии тасвир предмет дар ин линза чӣ қадар хоҳад шуд?

A) 1,5 см
B) 2 см
C) 24 см
D) 10 см

10

Ҳангоми аз ядро хориҷ шудани алфа-зарра $^4_2He$ рақами тартибии элемент чӣ гуна тағйир меёбад?

A) 2 воҳид кам мешавад.
B) 4 воҳид зиёд мешавад.
C) 2 воҳид зиёд мешавад.
D) 4 воҳид кам мешавад.

11

Дар лавҳаи алюминӣ фотоэффект бо басомади хурдтарини афканишот $\nu = 1\cdot10^{12}$ Ҳс ва энергияи камтарини квантҳо $E = 6{,}63\cdot10^{-22}$ Ҷ ба амал меояд. Аз рӯйи ин додашудагиҳо қимати ададии доимии Планкро ҳисоб кунед.

A) $6{,}63\cdot10^{34}$ Ҷ·с
B) $66{,}3\cdot10^{-34}$ Ҷ·с
C) $66{,}3\cdot10^{34}$ Ҷ·с
D) $6{,}63\cdot10^{-34}$ Ҷ·с

12

Ҳангоми аз ядрои полоний $^{210}_{84}Po$ хориҷ шудани протон $^{1}_{1}P$ кадом элемент ҳосил мешавад?

A) $^{206}_{82}Pb$

B) $^{210}_{85}At$

C) $^{209}_{83}Bi$

D) $^{210}_{84}Po$

13

Мувофиқати воҳиди ченак ва бузургии физикиро муайян кунед:

| | | | |
|---|---|---|---|
| A) | ҷоул | 1) | кор |
| B) | килограмм | 2) | фишор |
| C) | паскал | 3) | тавонӣ |
| D) | ватт | 4) | масса |
| | | 5) | қувва |

14

Дар расм графикҳои (A, B, C, D) вобастагии ҳарорати гудозиш аз вақт барои баъзе моддаҳо нишон дода шудааст. Маълумоти ҷадвалро истифода бурда, мувофиқати график ва моддаи ба он мувофиқро муайян кунед:

| Модда | Ҳарорати гудозиш t, °C |
|---|---|
| Нуқра | 962 |
| Тилло | 1 064 |
| Чӯян | 1 200 |
| Пӯлод | 1 500 |
| Оҳан | 1 539 |




1) пӯлод
2) чӯян
3) тилло
4) нукра
5) Оҳан

15

Мувофиқати формула ва бузургии физикиро муайян кунед:

| | | | |
|---|---|---|---|
| A) | $A = \frac{U^2}{R}\Delta t$ | 1) | тавонии ҷараёни электрӣ дар ноқил |
| B) | $Q = I^2 R\Delta t$ | 2) | миқдори гармии аз ноқили ҷараёндор хориҷшаванда |
| C) | $\varepsilon = \frac{I}{(R+r)}$ | 3) | ҚЭҲ (қувваи электроҳаракатдиҳанда) |
| D) | $P = I^2 R$ | 4) | кори ҷараёни электрӣ дар ноқил |
| | | 5) | дарозшавии нисбии ноқил |

16

Схемаи пайвасти зарфи электролитӣ нишон дода шудааст. Мувофиқати асбобҳои бо ҳарфҳои A, B, C ва D ишорашуда ва номҳои онҳоро муайян кунед:

1) амперметр
2) батарей
3) электроди катод
4) электроди анод
5) волтметр




17

Дар расм графики вобастагии тағйирёбии ҳарорати об аз вақт нишон дода шудааст. Мувофиқати қитъа ва ҳолати обро дар ин қитъа муайян кунед:




| | | | |
|---|---|---|---|
| A) | AB | 1) | яхкардагӣ |
| B) | FG | 2) | ҷӯшидагӣ |
| C) | EF | 3) | ширгарм |
| D) | BC | 4) | хунук |
| | | 5) | гарм |

18

Таҳти таъсири зарбаи футболбоз тӯб (ниг. ба расм) соҳиби чӣ қадар импулс мегардад?




Ҷавоб: ☐☐☐☐ кг·м/с

19

Дар зарфҳои якхелаи даҳонакашон маҳкам дар шароити мӯътадил миқдори баробари газҳо мавҷуданд. Вазни зарфи газдори дуюм аз вазни зарфи газдори якум чанд маротиба зиёдтар аст? Ҷавобро бо рақам нависед.




Ҷавоб: ☐☐☐☐

20

Тавоноии максималии обгармкунак P = 2 200 Вт мебошад. Агар элементи гармкунандаи обгармкунак ба ҷараёни электрии қуввааш I = 10 A мувофиқ бошад, шиддати кории обгармкунак чӣ қадар аст?

Ҷавоб: ☐☐☐☐ В

21

Дар радиоприёмник даври лаппиши яке аз ҳудудҳои кӯтоҳмавҷ ба $T = 1 \cdot 10^{-7}$с баробар аст.

Басомади мавҷи электромагнитиро ёбед.

Ҷавоб: ☐☐☐☐ МҲс

22

Муқовимати умумии лампаҳои дар занҷири электрӣ пайвастбударо муайян кунед (ниг. ба расм).




Ҷавоб: ☐☐☐☐ Ом

Санҷиши педагогиро метавон танҳо бо абзори босифат гузаронд, то ки дараҷаи дониши хонандагон шаффоф ва объективона арзёбӣ гардад. Тести таҳиягардидаро на танҳо метавон барои арзёбии дониш, маҳорат ва малакаи хонандагони синфҳои 11 МТМУ-и Тоҷикистон балки дар давлатҳои дигар низ истифода нумуд, чунки абзори таҳиягардида дар асоси талаботҳо ва меъёрҳои байналмилалии тестшиносӣ таҳия гардидааст. Бо ин тест омӯзгорон метавонанд дониши хонандагонро дар доираи ҳамаи бобҳои физикаи мактабӣ арзёбӣ кунанд.

Дониш, маҳорат ва малакаи хонандагони муассисаҳои таълимиро танҳо бо обзори босифати педагогӣ арзёбӣ бояд намуд.

**АДАБИЁТ**

1. Майоров, А. Н. Тесты школьных достижений: конструирование, проведение, использование. СПб.: Образование и культура, 1996.

2. Челышкова, М. Б. Разработка педагогических тестов на основе современных математических моделей. М.: МИСИС, 1995.

3. Хусравбеков, Л.Д., Шерматов Д.С. Оценивание различных трудностей тестовых заданий по физике. Физика в школе РФ. - №1. 2019. С. 62-68.

4. Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Физика. Маҷмӯъаи саволу масъалаҳои тест. – Душанбе, 2019. 112 с.

5. Crocker, L., Algina J. Introduction to Classical and Modern Test Theory. Univ. of Florida. HBJCP, 1986.420-424.

6. Клайн, П. Введение в психометрическое программирование: Справочное руководство по конструированию тестов. Киев, 1994.

7. Примбетова, Г.С., Искакова А.М. Психометрический анализ результатов тестирования в рамках внешней оценки учебных достижений в 2014 году. Журнал. Качество образования в Евразии. 51-64 с.

8. Аванесов, В. С. Композиция тестовых заданий. М.: Ассоциация инженеров-педагогов, 1996.

9. Поддубная, Л. М., Татур А. О., Челышкова М. Б. Задания в тестовой форме для автоматизированного контроля знаний студентов. М.: МИФИ, 1995.

10. Gronlund, N. E. How To Construct Achievement Test. N.J.: Prentice Hall, 1998.

## БА ТАВАҶҶУҲИ МУАЛЛИФОН

Дар маҷаллаи «Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон» мақолаҳои олимони соҳаи педагогика, устодони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, мушовирон, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва унвонҷӯёни ватанию хориҷӣ ба табъ расонида мешаванд.

Ба хотири беҳбуди фаъолияти маҷаллаи «Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон» зарур медонем, ки мақолаҳо ба шакли зерин ба идораи маҷалла пешниҳод карда шаванд: ҳатман бо хулосаи мухтасар (резюме) ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ, мақола дорои сарлавҳа бошад, маълумоти мухтасар дар бораи муаллиф (ному насаб, унвони илмӣ, вазифа ва ҷойи кор), шарҳ - номгӯи мақола ва адабиёти истифодашуда ба шакли хаттӣ ва электронӣ (дар диск ё флешка) ва як нусха мақола ба таври чопи принтерӣ пешниҳод карда шавад.

Маводи мақола ҳаматарафа санҷида шуда бошад.

Мақола бояд ба шакли компютерии Times New Roman Tj – 14 таҳия шавад.

Андозаи коғаз: А - 4. Ҳошия: аз боло ва поён – 2, 5 см., тарафи чап – 3 см., рост – 1,5 см., андозаи ҳуруф – 14, фосилаи байни сатрҳо: 1,0.

Мақолаҳо дар давоми сол қабул карда мешаванд. Ба мақола шарҳи мухтасари муҳтаво ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ илова карда мешавад. Шарҳи мухтасари муҳтаво дар оғоз ва адабиёти истифодашуда дар охири мақола оварда мешавад.

Ҳайати таҳририя ҳақ дорад мақоларо бо назардошти талаботи маҷалла қабул ва кӯтоҳ кунад ва ё рад намояд. Мақолаҳое, ки пештар дар дигар нашрияҳо ба табъ расидаанд, қабул карда намешаванд. Дастхатҳо барои тақриз арзёбӣ мешаванд ва муаллиф дар мавриди зарурат ба муҳтавои он ошно мегардад.

Ба мақолаҳои унвонҷӯёну аспирантон тавсияи роҳбарони илмиашон зарур аст.

## К СВЕДЕНИЮ АВТОРОВ

В научном журнале «Вестник Академии образования Таджикистана» печатаются статьи учёных педагогов, преподавателей ВУЗ-ов, методистов, учителей средних общеобразовательных учреждений, аспирантов, местных и зарубежных соискателей, содержащие результаты исследований по педагогическим наукам.

При отправке статьи в редколлегию авторам необходимо соблюдать следующие правила: размер статьи не должен превышать 10 страниц компьютерного текста, включая текст, таблицы, библиографию, рисунки и тексты аннотаций на таджикском, русском, и английском языках.

Для подготовки статьи должен использоваться текстовый редактор Microsoft Word. Одновременно с распечаткой статьи сдается электронная версия. Рукопись должна быть отпечатана на компьютере (шрифт Times New Roman Tj 14, формат А-4, интервал одинарный, поля: верхнее и нижнее -2,5 см, левое-3 см, правое -1,5 см;), все листы статьи должны быть пронумерованы.

Сверху страницы по центру листа указывается название статьи, ниже через один интервал инициалы и фамилии автора (авторов). Ниже название организации, адрес. Далее через строку следует основной текст.

К статье прилагается резюме на таджикском, русском и английском языках с указанием названия статьи. Текст резюме приводится в начале статьи, список использованной литературы в конце.

Редколлегия оставляет за собой право производить сокращения и редакционные изменения статьи. Статьи, не отвечающие настоящим правилам, редколлегией не принимаются.

Статьи аспирантов и соискателей принимаются с рекомендациями научных руководителей.

## NOTES FOR THE AUTHORS

The scientific journal «Bulletin of the Academy of Education of Tajikistan» publishes articles by scientific educators, university professors, methodologists, teachers of educational institutions, graduate students of local and foreign applicants containing the results of research on pedagogical sciences.

When submitting articles to editorial board the following rules should be observed: the size of the article should not exceed 10 pages of computer text, including texts, tables, bibliography, drawings and annotation texts in Tajik, Russian and English.

For the preparation of the article should be used the text editor Microsoft Word.

An electronic version remains simultaneously with the printout of the article. The manuscript must be printed on a computer font Times New Roman TJ 14, format A-4 single spacing, upper and lower margins 2,5 sm, left 3 sm, right 1,5 sm and all the pages should be paginate.

At the top of the page in the center of the sheet is the title of the article, below after one interval the initials and surname of the author. Below is the name of the organization and address.

The main text follows through the given line. The article offers a summary in Tajik, Russian and English with title of article. The text of the summary is given at the beginning of the article, list of references at the end.

Editorial board reserves the right to make reductions and editorial changes to the article.

Articles do not comply with these rules are not accepted.

Articles of graduate students and applicants are accepted with the recommendations of supervisors.

**ПАЁМИ АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН / Маҷаллаи илмӣ, маърифатӣ ва таълимию методӣ. – Душанбе, 2023. - № 3 (48). – 178 с.**

Сармуҳаррир: Саломиён М.Қ.
Муовини сармуҳаррир: Каримзода М.Б.
Котиби масъул: Муҳиддинзода Б.
Муҳаррири матни тоҷикӣ: Гулмадов Ф.
Муҳаррири матни русӣ: Ҷонмаҳмадова Г.Ш.
Муҳаррири матни англисӣ: Абдуллозода М.И.
Муҳаррири техникӣ: Муҳиддинзода Б.
Саҳифабанд: Ҳайдаров Р.

**Муассис: Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

---

**ВЕСТНИК АКАДЕМИИ ОБРАЗОВАНИЯ ТАДЖИКИСТАНА / Научно-просветительский и учебно-методический журнал, 2023. - № 3 (48). – 178 с.**

Главный редактор: Саломиён М.К.
Зам. главного редактора: Каримзода М.Б.
Ответственный секретарь: Мухиддинзода Б.
Редактор таджикского текста: Гулмадов Ф.
Редактор русского текста: Джонмахмадова Г.Ш.
Редактор английского текста: Абдуллозода М.И.
Технический редактор: Мухиддинзода Б.
Верстка: Хайдаров Р.

**Учридитель: Академия образования Таджикистана**

---

**BULLETIN OF ACADEMY OF EDUCATION OF TAJIKISTAN/ Scientific-educational and metodical Journal, 2023. - № 3 (48). – 178.**

Chief Editor: Salomiyn M.Q.
Deputy Chief Editor: Karimzoda M.B.
Executive Secretary: Muhiddinzoda B.
Tajik Text Editor: Gulmadov F.
Russian Text Editor: Djanmakhmadova G.Sh.
English Text Editor: Abdullozoda M.I.
Technical Editor: Muhiddinzoda B.
Verska: Haidarov R.

**Founder: The Academy of Education of Tajikistan**

---

*Ба матбаа 13.10.2023 супорида шуд. Ба чоп 27.07.2023 имзо шуд.*
*Когази офсетӣ. Андозаи 60х84 1/8 ҷузъи ч. ш. 15,5. Теъдод 100 нусха. Супориши №14*
*Дар матбааи «Таъминот-55 », кӯчаи А. Навоӣ, 13 чоп шудааст.*

---

*Сдано в печать 13.10.2023. Подписано к печати 27.07.2023. Печать офсетная.*
*Формат 60х84 1/8 Условно-печатный лист - 15,5. Тираж - 100. Заказ № 14 .*
*Издательство «Таъминот-55», 7734024, улица А. Навои, 13*

---

*Download in Print 13.10.2023. Posted on 27.07.2023. Offset printing.*
*Size 60x84 1/8 Printer's sheet - 15,5. Edition - 100. Assignment № 14.*
*Publishing office "Taminot-55", 7734024, 13 A. Navoi Str.*